Тибқи маълумотҳои оморӣ айни ҳол 768 миллион нафар аҳолии сайёра обро аз сарчашмаҳои хатарнок истеъмол намуда, тақрибан барои 2,5 миллиард сокинони сайёра шароити аввалияи санитарӣ дастрас нест. Мувофиқи пешгӯиву арзёбиҳо коршиносон дар соли 2030 тақрибан 50 фоизи аҳолии ҷаҳон ба мушкилоти норасоии об дучор омада, то соли 2050 камбуди об шиддати бештар пайдо хоҳад кард.

Тоҷикистон кишварест, ки наваду се фоизи қаламрави онро кӯҳсори релефаш мураккаб ташкил дода, селу обхезиҳо ҳамасола ба иқтисоди кишвар зарари калон мерасонанд ва дар баъзе ҳолатҳо, мутаассифона боиси ҳалокати одамон мегарданд. Масалан, фақат тайи 5 соли охир талафи умумӣ аз обхезӣ дар Тоҷикистон зиёда аз 600 миллион доллари амрикоиро ташкил кардааст.

Аз таҳлили ин факту рақамҳо бармеояд, ки имрӯз таъмини мардум бо оби ошомидании тоза ва пешгирии офатҳои марбут ба об аз мушкилоти муҳими ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, ҳаллу фасли марбут ба он дар мадди аввали таваҷҷуҳ қарор дорад. Аз ин ҷост, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаббусҳои Тоҷикистонро вобаста ба об дастгирӣ кард ва дар ин самт чорабиниҳои муҳими сатҳи давлативу минтақавӣ ва байналмилалӣ доир гардиданд, ки бевосита дар ҳалли қисме аз мушкилоти норасоии об ва дастрасӣ ба масоили беҳдоштӣ ба об мусоидат кард.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон дар чорабинии сатҳи баланд зери унвони “Дар роҳи татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” иброз доштанд, ки “Таҷрибаи андухтаи мо дар раванди татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015” собит кард, ки ин қабил даҳсолаҳо метавонанд ҷиҳати мусоидат ба татбиқи вазифаю ҳадафҳо дар соҳаи рушд василаи басо судманд бошанд. Бинобар ин,

зимни пешниҳоди ташаббуси худ оид ба даҳсолаи навбатӣ мо дар назар доштем, ки дар рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 аҳдофи марбут ба захираҳои об дар назди мо вазифаҳои бениҳоят муҳимму фарогирро мегузорад ва татбиқи онҳо андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Аз рӯи маълумотҳои дар даст доштаамон сатҳи таъмини аҳолӣ бо обӣ ошомиданӣ дар соли 2020 ба 67 % расонда шуд, ҳоло он ки ин рақам дар соли 2012 48% ташкил медод. Дар соли 2016 аз ҳисоби ҳама сарчашмаҳо 216 миллион сомонӣ маблағ баҳри беҳтар кардани сатҳи таъминоти аҳолӣ бо оби ошомиданӣ сарф шудааст. Умуман дар доираи барномаи таъмини аҳолии кишвар бо оби тоза барои солҳои 2008-2020 корҳои назаррас анҷом дода шудаанд, ки ин ҳама сарчашма мегирад аз ташаббусҳои обии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Даҳсолаи навбатӣ бошад имкони хубест барои идомаи корҳо дар самти беҳсозии сатҳу сифати таъмини аҳолӣ бо оби тоза анҷом додани он ҳадафу мақсадҳое, ки дар доираи даҳсолаи қаблӣ вобаста ба мушкилот иҷро нагардиданд. Зеро об захираи бузургест, ки воқеияти он ҷаҳону зиндагониро таровату зебоӣ ва сарсабзиву озодагӣ мебахшад. Яке аз масъалаҳои ниҳоят муҳими экологӣ, ки имрӯз мавриди омӯзиш ва баррасии ҷомеъаи ҷаҳонӣ қарор дорад, ин сифати об ва таъмини аҳолӣ ба оби ошомиданӣ мебошад. Аз замоне, ки одамон дар назди манбаҳои об маскан гирифтанд, ифлосшавии обҳо ба вуқуъ пайваста истодааст.

Ифлосшавии обҳои табии дар натиҷаи фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, хоҷагӣ, рӯзғордорӣ партофтани партовҳо, садамаҳо ва дигар омилҳо ба вуҷуд меоянд, ки на танҳо ба вазъи экологии минтақа, балки ба саломатии аҳолӣ таъсири зиёновар мерасонад.

Ин раванд ҷомеаро водор месозад, ки пайваста барои гирифтани пеши роҳи ифлосшавии об кӯшиш ба харҷ диҳанд. Тоза нигоҳ доштани об ва муқаддас шуморидани он, қимат донистани ҳар қатраи ин муъҷизаи бузург қарзи ҳар як инсони асил аст, зеро ки об на танҳо сарчашмаи ҳайёт инчунин манбаи ободӣ, балки нуру рушнои ва маҳсули шодиҳои олами мебошад. Об ҳаст, ободӣ ҳаст мегӯянд. Гулу гиёҳ аз об рангу бӯй, таровату пояндагӣ мегиранд.

Аз нӯшидани оби ба меъёрҳои санитарию гигенӣ номуносиб беш аз 5 миллион нафар одамон вафот мекунанд ва 3 миллион оламиён ба бемориҳои мухталиф гирифтор мешаванд. Сол то сол дар кураи замин ҳаҷми обҳои ошомиданӣ коҳиш меёбад ва захираҳои об нисбатан кам мегардад.

Бо иқдому пешниҳоди Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон аз ҷониби Маҷмуаи Умумии СММ 22-декабри соли 2016 эълон шудани “Даҳсолаи байналмиллалии амал”, “Об барои рушди устувор, 2018-2028” барои мардуми соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси фараҳу сарфарозӣ ва саодат аст.

Мо - тоҷикистониён аз сероб будани сарзамини бузургамон бояд бифахрем. Модоме, ки асоси зиндагии ҳамаи мавҷудоти олам обро медонем, пас вазифадорем, ин маъхази бузургонро чун асоси ҳастӣ, чароғи равшанидиҳанда, созгори дунёи ҳастӣ эҳтиром намоем, тозаву озода нигоҳ дорем ва нагузорем, ки нохалафе ин муъҷизаи бузургро ифлос гардонад, ба он партовҳо партоянд ё ягон амали носазое нисбати он раво бинанд.

Соли 2001 Созмони Милали Муттаҳид ҳисоботеро пешниҳод кард, ки дар он хулосаи иқлимшиносони бисёр кишварҳо дар бораи ояндаи иқлими сайёра дарҷ ёфта буд.

Мувофиқи хулосаи олимон иқлими сайёраи мо оянда наздик ба ҳисоби миёна аз 1,5 то 5,8 дараҷа гарм хоҳад шуд. То ин дараҷа гармшавии иқлим боиси обшавии босуръати пиряхҳо, омадани сел, обхезиву тӯфон ва дигар офатҳои табиӣ мегардад.

Имрӯз нишонаҳои тағйирёбии иқлим барои ғайримутахассис ҳам аён аст. Сол то сол зимистон гарму кӯтоҳ шуда, баҳор барвакт фаро мерасад. Баҳор камбориш меояду тобистон ғайричашмдошт борони сел меборад ё ин ки мисли моҳи ноябри соли 2024 дар фасли тирамоҳ раъду барқ мешавад.

Имрӯзҳо дар суратӣ шиддат гирифтани масоили нарасидани об ва тағйир ёфтани иқлим, ки ба захираҳои оби тоза зиёда аз 20% таъсири манфӣ мерасонад, масъалаҳои таъминоти аҳолӣ бо об ва рушди соҳаҳои иқтисодиёт, ки ба об вобаста мебошанд, торафт ҷиддитар мегардад.

Ҳалли масъалаҳои номатлуби тағйирёбии иқлим ба рушди бахшҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ва таҳлилёбии сохторҳои дахлдор дар сатҳи миллӣ, мавқеи дониш ва малакаҳои миллӣ дар раванди мутобиқгардонӣ ба тағйирёбии иқлим, инчунин мавқеъ ва саҳми занон дар амалигардонии стратегия оид ба рӯзгори устувор дар шароити тағйирёбии иқлим ва муҳити зист нигаронида шудааст.

Агар ба истифодабарии об дар соҳаҳои иқтисодиёт назар афканем, сол то сол дар соҳаҳои кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, шикор ва моҳипарварӣ сарфи об зиёд шуда истодааст.

**Ҷадвали 1. Истифодабарии об дар соҳаҳои иқтисодиёти ҶТ (тибқи таснифоти байналхалқии намуди фаъолияти иқтисодӣ)**

| Номгӯи соҳаҳои иқтисодиёт | 2000 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ: об бо мақсадҳои гуногун истифода шудааст, млн.м.мукааб аз он ҷумла: | 12609 | 8844 | 8913 | 8749 | 7988 | 9774 | 10602 |
| Кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, шикор ва моҳипарварӣ | 8559 | 7231 | 7840 | 7094 | 5186 | 7378 | 7954 |
| Аз он ҷумла: барои обёрӣ дар соҳаи кишоварзӣ | 8459 | 6826 | 7264 | 6792 | 5128 | 7378 | 7954 |
| Саноати истихроҷ, коркард, истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ, об ва гармӣ | 341 | 350 | 364 | 339 | 2084 | 1610 | - |
| Аз он ҷумла дар соҳаи истеҳсол ва тақсими неруи барқ | 208 | 230 | 280 | 257 | 1831 | 1610 | 1730 |
| Хоҷагии хонавода | 299 | 330 | 386 | 326 | 576 | 786 | 912 |
| Дигар намуди фаъолияти иқтисодӣ | 170 | 430 | 143 | 355 | 142 | - | - |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллифон аз рӯи маълумотҳои Вазоратҳои энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи оморӣ.

Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки соли 2018 назар ба соли 2017 1,186 маротиба ва дар соли 2019 1,32 об зиёд гирифта шудааст, истифодаи об дар обёри бошад 1,438 ва 1,55 маротиба зиёд мебошад.

Сабаби асосии он ду се ҳосили зироатҳои кишоварзӣ ҷамъ нашудани хоҷагидорон, ва зиёд шудани шоликорӣ ва ҳавзҳои парвариши моҳӣ дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ мебошад. Аз тарафи дигар, бисёр обҳои ба хоҷагиҳо додашуда самаранок истифода намешаванд, чунки мошину механизмҳои мелиоративӣ ва кандану боркунонии шабакаҳои обёри кофӣ нестанд.

Барои корҳои сохтмонӣ ва азхудкунии беҳдошти заминҳо, мошину механизмҳои мелиоративӣ васеъ истифода бурда мешаванд, чунки барои сохтмони комплексҳои мелиоративӣ бо назардошти нишондодҳои техникию иқтисодӣ механизмҳои лозима интихоб карда мешаванд. Дар вақти гузаронидани корҳои мелиоративӣ маҷмуи механизмҳо оид ба кандан, кофтан, тоза ва ҳамвор кардани шабакаҳои дохили хоҷагӣ истифода бурда мешаванд.

Аз сабаби нарасидани мошину механизмҳои мелиоративӣ ҳаҷми корҳо ба як гектар замини корам амалишуда дар соли 1995 аз 26,8 $м^3$ дар соли 2019 ба 5,32$м^3$ коҳиш ёфта аст. Омилҳои зикршуда ба он оварда расонид, ки корҳои ҳамворкунӣ, тоза кардани заҳбуру заҳкашҳо, шабакаҳои обёри камшуда, миқдори обёрӣ аз меъёр зиёд сарф карда шуда, инчунин ҳолати мелиоративии заминҳо, шуршавӣ, ботлоқшавӣ ва дигар масоил зиёд шуда истодаанд.

Аз тарафи дигар баланд бардоштани самарабахши истифода бурдани захираҳои обию заминӣ дар Ҷумҳури ба коркард ва татбиқи технологияи инноватсиони обёрии захиракунанда ҷоринашуда лозим аст, то ки дар оянда истифодабарии об ба миқдори 25% кам карда мешавад. Ҳалли ин масъала барои шароити Тоҷикистон, ки нисбатан ба об истифодабарӣ ҳадди муайян 11,1 $м^3$ муқарар гардида шудааст, аҳамияти калон дорад, ғайр аз ин технологияи иноватсионӣ обёрии боронӣ ва обёрии қатрагии дохилихокӣ истифода бурда шавад.

Аммо дар шароити иқтисодии бозаргонӣ мо бояд низоми хароҷотҳоро дар корхонаҳои обрасонӣ чун дифференсиалӣ бояд аввалиндараҷа аз минтақаҳои оббардори мошин ва корҳои таъмиру нигоҳубини шабакаҳои байнихоҷагӣ гузаронем. Чунки нархгузорӣ дар вақти додани оби равон дар асосӣ қарори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2018 №62 муайян карда шудааст, ки он дар ҷадвали 2 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 2. Нархгузории ба об ва барқ барои дастгоҳҳои обкашӣ дар солҳои 2002-2018 (ҶТ)**

| № Б/Т | Нархи 1$м^3$ миёнаи об ки аз сарчашмаҳо гирифта мешавад, сом | Солҳо | Нархи қувваи барқ барои як квт.с. обёрии мошинӣ(дирам) | Санаҳои қабул кардани нархнома |
|---|---|---|---|---|
| 1. | 0,093 | 2001-2005 | 1,0 | Аз 01.04.2002 то 01.10.2005 |
| 2. | 1,2 | 2005-2010 | 1,94-5,7 | Аз 01.03.2005 то 01.10.2010 |
| 3. | 1,55 | 2011-2015 | 5,7-7,3 | Аз 01.10.2001 то 01.04.2012 |
| 4. | 2,55 | 2016 | 9,5 | Аз 01.10.2016 то 30.03.2018 |
| 5. | 2,0 | 2018-2020 | 12,8 | Аз 30.03.2018 то ҳозир |

Дар асоси омӯхтани хараҷотҳои нархгузорӣ дар корҳои таъмин намудани об, аз қабул намудани нархи дифференсиалии обтаъминкунӣ вобаста аст, барои ҳамин нишондодҳои зеринро қабул кардем:

1. Моҳонаи асосӣ ва иловагии коргарон бо назардошти баланд намудани моҳонаи минималӣ аз 1-уми сентябри соли 2018 ба 25%, ва зиёд шудани миқдори моҳонаи коргарони ҳақиқӣ на кам аз минималӣ.

2. Ба хароҷотҳо дигар нишондодҳои зеринро қабул намудем:

а) таъмири ҷории системаҳои обёрии давлатӣ;

б) хароҷотҳои таъмири шабакаҳо аз рӯи ҳисоботҳои оморӣ ва меъёрҳо барои муайян намудани хароҷот барои истифодабарии системаҳои мелиоративӣ, ба таъмири ҷории стансияҳои насосӣ хароҷот барои таъмири насосу – иқтидорҳои гидромеханикӣ ва таҷҳизотҳои энергетикӣ;

в) хароҷотҳо барои нигоҳ доштани коркунони идоракунии корхона ва ба корҳои илмию тадқиқотӣ;

г) хароҷотҳо барои нигоҳ доштани шабакаҳои байниноҳиявӣ;

д) хароҷотҳо оид ба нигоҳубин намудан ва истифодабарии пойгоҳҳои обкашӣ, инчунин харҷ барои қувваи барқ ва сӯзишворию равғанҳои молиданӣ;

е) хароҷотҳо оид ба нигоҳубин ва истифодабарии чоҳҳои вертикалии дренажӣ;

ж) гузаронидан ба буҷа (аз ҳисоби андоз);

з) ҳамаи хароҷотҳо барои таъмири капиталӣ, инчунин оид ба пойгоҳҳои обкашӣ;

и) харидани таҷҳизодҳо ва қисмҳои эҳтиётӣ;

к) гузаронидани маблағҳо барои фарсудашавӣ ва барқарор намудани нархи фондҳои асосӣ.

Хароҷотҳои минималӣ оид ба муайян намудани ҳаққи хизмати обрасонии ҶТ дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Таҳлили ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки сарфаи қувваи барқ ва хароҷотҳои маводҳои сӯзишворӣ зиёда аз 50% хароҷотҳоро ташкил медиҳад ва пардохти буҷавӣ ҳамагӣ 20-22%-и хароҷотҳоро ташкил мекунад, ки сабаби нарасидани маблағгузорӣ мешавад.

Нархномаи ҳаққи хизматрасонии об аз таҳлили дифференсиалӣ таъмин намудани шабакаҳои обёрии заминҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешаванд. Бо сабаби нарасидани маблағ (баъд аз 01.10) истифодабарии қувваи барқ дар дастгоҳҳои обкашӣ маҳдуд карда мешавад. Агар ин ҳолат давом ёбат, яхобмонӣ ва барқароршавии намнокшавии заминро таъмин кардан мушкил мегардад.

**Ҷадвали 3. Фоизи хароҷотҳои минималӣ оид ба муайян намудани ҳаққи хизмати обрасонӣ**

| № Б/Т | Номгӯи хароҷотҳо | Фоизи нишондодҳо |
|---|---|---|
| 1. | Таъмири иншоотҳо | 35,4 |
| 2. | Музди меҳнат | 31,2 |
| 3. | ФҲИА | 7,8 |
| 4. | Фоизи хӯрдашавӣ (342,5x0,016) | 3,8 |
| 5. | Барқ ва сӯзишворӣ | 18,8 |
| | Ҷамъи хароҷотҳо: | 100 |

Қайд кардан зарур аст, ки дар оянда нархи барқ мувофиқи пешгуфтор то 2,9-4,0 дирам ба 1м³ об дар давоми сол пешбинишуда дар фасли зимистон то 12,8- 13,0 дирам муайян карда мешавад.

Дар ин давра хизмати обрасонӣ аз ҳисоби хароҷотҳои барқу сӯзишворӣ ва дастрас намудани қисмҳои эҳтиётӣ то 45-50% зиёд мешавад, ки сабаби болоравии ҳаққи хизматрасонӣ ба обрасонӣ мешавад.

Аммо дар ҳар як (АИО) ассотсиатсияҳои истифодабарии об ҳаққи хизматрасонии ҳар хел аст ва дар асоси ҳуқуқу уҳдадории тарафҳо гузаронида мешавад. Шартнома дар ду нусха мешавад, ки баробари қонуни доранд, тартиб дода шуда, ба имзо расидааст ва як нусхаги ба обдиҳанда ва обгиранда супорида мешавад.

Мо таҳлили ҳаққи хизматрасониро дар ноҳияи Ваҳдат дида баромадем ва муайян намудем, ки аз 40 сомон то 76 сомон шуда истодааст. Дар ноҳияи Рӯдакӣ бошад, аз 30 сомон то 87 сомон ва дар Ҳисор аз то 66 сомонӣ дар (АИО) нархгузорӣ мекунанд.

**Хулоса ва пешниҳодҳо**

1. Сарфаи об барои обёрии зироатҳои кишоварзӣ дар оянда зиёд мешавад.
2. Ҳаққи арзиши дифференсиалӣ барои хизмати обрасонӣ дар асосӣ рӯйпӯш намудани хароҷотҳои дақиқ барои истеҳсолот ва истифодабарандагони системаи обрасонӣ дар оянда пешниҳод карда шавад.
3. Арзиши барқ аз соли 2001 то ҳозир мувофиқи банди 2 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин ҷониб 6 маротиба афзуд. Нархи об бошад фақат 2 маротиба афзуд.
4. Барои сари вақт иҷро намудани корҳои мелиоративӣ, парки мошину – механизмҳои мелиоративии ҷумҳуриро пурзӯр намудан лозим аст.
5. Дар солҳои наздик харид намудани дастгоҳҳои обкашии пуриқтидорро ба нақша гирифтан лозим аст.

**Адабиёт:**


1. Низоми илмии пешбурди соҳаи кишоварзии Тоҷикистон «Матбуот», Душанбе: - 2009.
2. Послание Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона парламенту Республики Таджикистан от 22 декабря 2017 года.
3. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017.
4. Методика расчёта тарифов на услуги по водоснабжению и отведению стоков для предприятий водоканализации Республики Таджикистан, Душанбе: 2012.- С. 5-25.
5. Ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2019-2020 - 19с.
6. Тохиров И.Г., Купайи Г.Д. Водные ресурсы Республики Таджикистан - Душанбе: 1998.

# НАҚШИ ИННОВАТСИЯ ДАР ТАРАҚҚИЁТИ ИҚТИСОДИЁТИ ХОҶАГИИ ХАЛҚ

**Бегмуродов С.Ш., Асоева Ф.У.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Аҳамияти инноватсияҳо дар ташкили раванди ҳамкории бахшҳои воқеӣ ва молиявии хоҷагии халқ мувофиқи мақсади умумии фаъолияти низоми алоқаи байниҳамдигарии соҳаҳои таҳқиқшаванда (таъмини рушди иқтисодии хоҷагии халқ) дар ақидаҳои назариявии олимони гуногун баён гардидаанд.

Ин мушкилот аз охири солҳои 30-юми асри ХХ дар маркази диққати тадқиқотчиёни намуди интенсивии рушди иқтисодиёти хоҷагии халқ буд.

Ҳамин тариқ, назарияи инноватсионӣ, ки онро иқтисодшиноси австриягӣ Й.Шумпетер дар “Назарияи рушди иқтисодӣ” (1911) ва “Сиклҳои иқтисодӣ” (1939) таҳия кардааст, алоқамандии байни равандҳои ташкили инноватсияро дар соҳаҳои воқеию молиявӣ ва сиклҳои Н. Кондратев, К. Жюглар и Ҷ. Китчин инъикос мекунад. Дар он замон ақидаҳои илмии ӯ эътироф нашуданд. Идеяи асосии Й.Шумпетер аз он иборат аст, ки “... дар низоми робитаҳои байни бахшҳои воқеӣ ва молиявии иқтисодиёти миллӣ дигаргуниҳо ба таври мунтазами эндогенӣ “бо ташаббуси худӣ” ба вуҷуд меоянд. Дар ин ҳолат субъектони асосии ин раванд соҳибкороне мебошанд, ки пешравии инноватсиониро дар ҳолати оромӣ ва мувозинат ҷорӣ менамоянд, ки муттасилии гардиши давриро муайян мекунад”. Дар баробари андозагирии пешравии инноватсионӣ дар шароити навъҳои гуногуни низомҳои иқтисодӣ Й.Шумпетер қайд мекунад, ки навовариҳое, ки субъектҳои бахши воқеӣ ворид мекунанд, бо дараҷаи муайяни таваккал, даст кашидан аз кӯҳна ба хотири татбиқи имкониятҳои нави номаълум, ҷойгиркунии воситаҳои гуногуни истеҳсолот алоқаманданд. Фаъолияти инноватсионии субъектҳои бахши воқеӣ боиси ҳамкорӣ ва ташкили ҳамкории мутақобила бо субъектҳои зербахши қарзӣ оид ба ҷустуҷӯи манбаъҳои маблағгузорӣ мегардад. Соҳибкорон чунин мешуморанд, ки тамоми омилҳои истеҳсолот ба татбиқи маҷмуи нави самараноктарин равона карда мешаванд, то фоида ба ҳадди аксар расонида шавад. Ин ба ҷорӣ намудани таклифҳои ратсионализаторӣ мусоидат мекунад. Дар ин маврид аввал вайрон шудани мувозинат дар низоми алоқаи байниҳамдигарии соҳаҳои таҳқиқшаванда ва муттасилии муомилоти сармоя, аз байн рафтани усулҳои куҳнашудаи истеҳсолот дар сектори воқеӣ ба амал меояд ва дар ниҳояти кор муомилоти нави такмилёфтаи сармоя ташаккул меёбад ва мувозинат дар сатҳи нави рақобати иқтисодӣ дар сатҳи нав барқарор мегардад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар вақтҳои охир рушди иқтисодӣ дар кишварҳои пешрафта на танҳо аз ҳисоби омилҳои экстенсивию интенсивии истеҳсолот ба даст оварда мешавад, балки фаъолияти инноватсионӣ низ таъсири назаррас дорад. Истифодаи техника, технология ва шаклҳои ташкили меҳнат дар ҷараёни истеҳсолот на танҳо имконият медиҳанд, ки маҳсулоти нав истеҳсол карда, рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ баланд карда шавад, балки ба кори тамоми хоҷагии халқ ҳам таъсири калон мерасонад. Инноватсияҳо як воҳиди фаъол дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа гардидаанд. Ҷаҳони муосирро бе навовариҳое, ки аллакай амалӣ гардидаанд ва маъмул гаштаанд ва ҳам бе навовариҳои оянда, ки ба таҳаввулоти минбаъда мусоидат мекунанд, тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аксари олимон ба ин боваранд, ки инноватсия қувваи асосии пешбарандаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шудааст. Фаъолияти инноватсионӣ ҷомеаи ҷаҳониро ба зинаи нави баланди рушд расонида истодааст.

Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Тайван ва Сингапур пешсафони эътирофшудаи инноватсия мебошанд, ки дар бахшҳои гуногуни иқтисодӣ нишондиҳандаҳои баландро ноил гардидаанд.

Ҷопон дар соҳаи технологияҳои баланд ва саноат мавқеи пешсафиро ишғол мекунад. Мамлакат бо комёбиҳои худ дар соҳаи автомобилсозӣ, робототехника ва электроника машҳур аст. Аз соли 2021 Ҷопон пайваста дар Индекси глобалии инноватсия дар ҷои 13-ум қарор дорад.

Кореяи Ҷанубӣ дар соҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ, электроника ва телекоммуникатсия натиҷаҳои назаррас нишон медиҳад. Дар соли 2023, кишвар дар Индекси инноватсионии Bloomberg дар ҷои аввал меистод. Дар ним аср пас аз ҷанги Корея, ин кишвар тавонист ба як давлати пешсаф мубаддал гардад.

Тайван бо саҳми худ дар истеҳсоли нимноқилҳо ва электроника маълум аст. Дар соли 2024 содироти Тайван 388,49 миллиард долларро ташкил дод, ки қисми зиёди онро микросхемаҳои интегралӣ ва таҷҳизоти компютерӣ ташкил медиҳад. Истеҳсоли мукаммали наночипҳо махсусан ҷолиби диққат аст, ки бе он тараққӣ додани электроникаи ҳозиразамон имконнопазир аст. Дар айни замон, то 95% тамоми наночипҳо аз ҷониби ширкати Тайвании TSMC истеҳсол карда мешаванд.

Сингапур дар соҳаи биотехнология, дорусозӣ ва технологияҳои молиявӣ бартарӣ дорад. Дар соли 2024, кишвар дар Индекси глобалии инноватсия дар ҷои 8-ум қарор гирифт, ки тавоноии онро дар муҳити институтсионалӣ, инфрасохтор ва рушди сармояи инсонӣ инъикос мекунад.

Мафҳуми “инноватсия” амалан дар ҳама ҷо истифода мешавад ва ҳам дар сатҳи маишӣ ва ҳам дар сатҳи касбӣ, аз ҷумла дар сатҳи сарони давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва ғайра. Навоварӣ метавонад натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ, ки дар шакли моли нав ё такмилёфта ба бозор ворид карда шавад, раванди нав ё такмилёфтаи технологӣ, ки дар масъалаҳои амалӣ истифода мешавад, истифодаи равишҳои нав дар идоракунии кадрҳо ва сохтори корхона фаҳмида мешавад.

Вазифаҳое, ки инноватсия дар доираи тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ иҷро мекунад хело зиёданд; Тамоми самти онҳоро фаро гирифтан ғайриимкон аст.

Инноватсияҳо мусоидат мекунанд ба:

- рушди иқтисодии кишвар дар давраи дарозмуддат;
- ташкили соҳаҳои нави иқтисодиёт;
- ташкили фазои ягонаи бозор;
- ҳавасмандгардонии рақобат ва баланд бардоштани рақобатпазирии шахс, ташкилот, кишвар;
- мустаҳкам намудани қобилияти мудофиавии мамлакат, амнияти иқтисодӣ ва озуқаворӣи он ва ғайра;
- таҳия ва такмили заминаи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои зеҳнӣ;
- гирифтани фоидаи тиҷоратӣ;
- афзоиши ҳиссаи бозор, васеъ намудани доираи харидорони эҳтимолӣ, забт кардани сегментҳои нави бозор, устувор ва мустаҳкам намудани мавқеъ дар бозор;
- кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ бо истифода аз технологияҳои камсарф, ки барои кам кардани истеъмоли об, энергия ва ғайра имкон медиҳанд;
- беҳтар намудани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда;
- зиёд шудани шумораи кадрҳои ихтисоснок;
- қонеъгардонии талаботи одамон;
- баландшавии дараҷаи зиндагонии аҳолӣ;

- ташаккули инсон ҳамчун шахсият.

Бояд қайд кард, ки “... бинобар хусусияти хоси ҳар як инноватсия дар соҳа, намуди фаъолият, минтақа ва ғайра барои ҳар як навоварии мушаххас маҷмуи инфиродии вазифаҳои иҷромешудаи онро тасаввур кардан лозим аст”[19].

Нақши инноватсияҳоро дар ҷаҳони муосир баҳо додан душвор аст. Инноватсия ҳам вазифаи иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоиро иҷро карда, тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифта, масъалаҳои шахсиро низ, дастрас мекунад. Бинобар ин, дар ояндаи дарозмуҳлат афзоиши минбаъдаи иқтисодиёт бо роҳи интенсивии тараққиёт бе фаъолияти инноватсионӣ имконнопазир аст.

**Адабиёт:**

1. Й. Шумпетер. Теория развития экономики. - М.: Прогресс, 2002. - 355 с.
2. Жданова, О. А. Роль инноваций в современной экономике / О. А. Жданова. - Текст: непосредственный // Экономика, управление, финансы: материалы I Междунар. науч. конф. (г. Пермь, июнь 2011 г.). - Пермь : Меркурий, 2011. - С. 38-40.
3. Japan ranking in the Global Innovation Index 2024.

## ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАРҲИЛАҲО ВА ТАМОЮЛҲОИ АСОСӢ

**Ғозиев М.Н.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Ҷаҳони имрӯзаро падидаҳои нав фаро гирифтаанд, ки таҳти назар қарор додани онҳо барои пешравии давлату миллат ниҳоят муҳим мебошад. Яке аз ин падидаҳои нав иқтисоди рақамӣ мебошад. Зери мафҳуми “иқтисоди рақамӣ” фаъолияти иқтисодӣ дар асоси технологияҳои рақамии марбут ба тиҷорати электронии рақамӣ, хизматрасониҳои рақамӣ, тақвияти истеҳсолоти рақамӣ дар назар дошта мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки рақамикунонии иқтисодиёт ва ҷомеа хеле муҳим буда такя ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ яке аз омилҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад. Инчунин иқтисоди рақамӣ имкон медиҳад, ки амалиётҳои молиявӣ, савдо ва муомилот бо суръати баланд ва бо хароҷотҳои камтар анҷом дода шуда, барои таҳкими тамоюли содиротиро шароит фароҳам оварад.

Истилоҳи “иқтисоди рақамӣ” (Digital Economy) нахустин маротиба солҳои 90-уми асри гузашта дар Ҷопон ба вуҷуд омадааст. Бо мурури замон ин вожа дар ҷаҳони Ғарб, ба хусус ба Аврупо роиҷ гардид ва баъдтар ҳамчун илми ҷудогона омӯхта шудааст. Асосҳои консептуалии иқтисодиёти рақамӣ бори нахуст аз тарафи олими канадагӣ Дон Тапскотт дар кори илмии ӯ бо унвони “Иқтисоди рақамӣ” таҳия гаштааст. Аз рӯи ақидаи Дон Тапскотт, ба сифати хусусияти

[19] Жданова, О. А. Роль инноваций в современной экономике / О. А. Жданова. - Текст : непосредственный // Экономика, управление, финансы : материалы I Междунар. науч. конф. (г. Пермь, июнь 2011 г.). - Пермь : Меркурий, 2011. - С. 38-40.

асосии иқтисодиёти рақамӣ ташаккули шакли рақамӣ ва ё электронии пешниҳод ва интиқоли иттилоот, ки барои аксари маълумоти мавҷуда хос аст, баромад мекунад [9].

Тибқи андешаи олимон мафҳуми “иқтисоди рақамӣ” дар адабиёти илмӣ ва гардиши корӣ зиёда аз 25 сол пеш пайдо шудааст [5, саҳ. 38]. Аксари олимони ватанӣ ва хориҷӣ ин мафҳумро бо категорияҳои “иқтисоди иттилоотӣ”, “иқтисоди шабакавӣ", “интернет-иқтисод” ва “иқтисоди электронӣ” баробар медонанд (расми 1). Баъзан, ин категорияҳо бо мақсади нишон додани падидаҳои нав дар иқтисод ҳамчун ҳаммаъно баррасӣ мегардад, ки бо пайдоиш ва ташаккули шабакаи иттилоотии ҷаҳонӣ, паҳншавии васеи компютерҳо, таҳия ва такмили доимии таъминоти барномавӣ, татбиқи технологияҳои рақамӣ ва ғайраҳо алоқаманд мебошанд.

Дар заминаи масъалаи мазкур олими амрикоӣ Томас Месенборг 3 нуктаи муҳимро зикр кардааст [8]:

1) Иқтисоди электронии саноатӣ (E-business infrastructure) – компютерӣ, телефонӣ ва ғ.).
2) Иқтисоди электронии онлайн (раванди доштани алоқа бо ширкат, созмон ва дигар сохторҳои давлатӣ, хусусӣ ва ғайрдавлатӣ ва ғ.).
3) Иқтисоди электронии молу маҳсулот (фурӯши китобҳои электронӣ, либос, хӯрока ва ғ.).




**Расми 1. Категорияҳои нав дар иқтисодиёти муосир**
**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои омӯхташуда**

Бояд қайд намуд, ки ҳар як категория ё мафҳумҳои дар боло зикргардида, моҳияти иқтисоди рақамиро ба таври гуногун ва аз нуқтаи назари гуногун шарҳ медиҳад, ки ҳамчун унсури алоҳидаи он баромад мекунад. Масалан, иқтисоди рақамиро Асанов Р.К. ҳамчун: “...иқтисоде, ки дар асоси истеҳсоли молҳои электронӣ ва сервисҳои сохторҳои тиҷоратии баландтехнологӣ ва фурӯши ин маҳсулот тавассути тиҷорати электронӣ ба роҳ монда шудааст” баён мекунад [1, саҳ. 143].

Аз нуқтаи назари Красильникова Е.В. бошад мафҳуми интернет-иқтисод ин – “...фаъолияте, ки асоси онро муносибатҳои иқтисодӣ байни одамон дар соҳаи ташкил, тақсимот, интиқол ва истеъмоли захираҳои иттилоотӣ тавассути истифодаи шабакаи Интернет ташкил мекунад”, мебошад [3, саҳ. 32].

Макаров В.Л. дар таҳқиқотҳои худ мафҳуми иқтисоди иттилоотиро шарҳ медиҳад, ки онро ҳамчун иқтисоде, ки “...дар он ҳиссаи зиёди ММД бо фаъолияти вобаста ба истеҳсол, коркард, ҳифз ва паҳнкунии иттилоот таъмин карда мешавад. Ин иқтисодест, ки дар рушди ҳамаи соҳаҳои асосии он нақши асосиро воситаҳои техникии электронию иттилоотии алоқа мебозанд” муаррифӣ мекунад [6].

Дар таҳқиқотҳои худ вобаста рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Лутфуллоев М.Д. моҳияти иқтисоди рақамиро ба таври васеъ чунин шарҳ медиҳад: “...Иқтисоди рақамӣ – тамоюли ҷории рушд, сатҳи нави ташкили на фақат муносибатҳои иқтисодӣ, балки ҳаёти ҷомеа, истеҳсолот ва ғайра мебошад, ки ба ҷузъи таркибии ҳамаи кишварҳо табдил ёфтааст” [4, саҳ. 20].

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ низ дар муайян кардани моҳияти иқтисоди рақамӣ андешаи умумӣ ва ягона вуҷуд надорад. Ин мафҳум категорияи бисёрҷабҳа буда он ҳамчун як шабакаи умумиҷаҳонии фаъолияти иқтисодӣ, муомилотӣ, тиҷоратӣ ва ҳамкории касбӣ мебошад, ки бо технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дастрасӣ ёфтааст. Онро дар шакли мухтассар ҳамчун иқтисоди дар асоси технологияҳои рақамӣ асосёфта тавсиф кардан мумкин аст.

Дар ин замина *иқтисоди рақамиро метавон ҳамчун фаъолияти хоҷагидорие тавсиф намуд, ки дар он маълумоти рақамӣ омили асосии истеҳсолот ба шумор рафта, коркарди ҳаҷми калон ва истифодаи натиҷаҳои таҳлили онҳо дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии идоракунӣ метавонад самаранокии намудҳои гуногуни истеҳсолот, технологияҳо, таҷҳизот, нигоҳдорӣ, фурӯш, таҳвили молҳо ва хидматҳоро дар бар гирад*.

Даҳсолаҳои охир дар ҷаҳон гузариши шадид аз иқтисоди анъанавӣ, ки пайдоишаш ҳанӯз бо инқилоби саноатӣ алоқаманд буд, ба иқтисоди рақамӣ мушоҳида мешавад (расми 2). Иқтисоди рақамӣ гузаришро аз инқилоби сеюми саноатӣ ба инқилоби чоруми саноатӣ инъикос мекунад. Инқилоби сеюми саноатӣ, ки баъзан онро инқилоби рақамӣ низ меноманд ба тағйироте, ки дар охири асри XX ҳангоми гузариш аз дастгоҳҳои электронии аналогӣ ва механикӣ ба технологияи рақамӣ ба амал омадаанд, ишора мекунад. Инқилоби чоруми саноатӣ дар инқилоби рақамӣ асос ёфтааст. Чунин шароит ба ташкилотҳо имкон медиҳад, ки беҳтар ва бештар кор кунанд, корҳоро ба тарзи дигар анҷом диҳанд. Ҷорикунии ҳамаҷонибаи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла технологияҳои пешқадам бояд асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва рушди рақобатнокии байналмилалии кишвар гардад.




**Расми 2. Марҳилаи инқилоби саноатӣ ва татбиқи технологияи рақамӣ**
**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои омӯхташуда**

Тоҷикистони муосири имрӯзаро марҳилаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ фаро гирифта истодааст, ки таҳти назорат ва идора қарор додани онҳо барои рушди давлату миллат, корхонаву ташкилотҳо ва оилаҳо низ бениҳоят муҳим мебошад. Тоҷикистон ҳамчун субъекти иқтисоди ҷаҳонӣ дар ин равандҳо ширкат меварзад, ки раванди мазкур дар ташаккули бахшҳои иқтисодию иттилоотӣ, аз ҷумла иқтисоди рақамӣ ба назар мерасад.

Татбиқи иқтисоди рақамӣ марҳила ба марҳила дар мадди назари давлату Ҳукумат буда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ дастуру супоришҳои мушахас медиҳанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Паёми хеш 28 декабри соли 2024 супориш доданд, ки: "...дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад [7]:

Якум, такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ.

Дуюм, то шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот.

Сеюм, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ.

Чорум, рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ.

Панҷум, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ.

Шашум, андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот.

Ҳафтум, ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ".

Вазифаи гузариш ба идоракунии электронӣ (ё ба ибораи дигар Ҳукумати электронӣ) дар назди мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тули зиёда аз 15 сол гузошта шудааст. Дар ин муддат як қатор ҳуҷҷатҳои консептуалӣ ва барномавӣ қабул карда шуданд, ки дар байни онҳо инҳоро қайд кардан зарур аст:

- Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642.
- Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2012-2020), ки аз ҷониби Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 2011 таҳти № 6431 тасдиқ шудааст.
- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" аз 22 июни соли 2023 – №586
- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003, №1174 "Дар бораи стратегияи давлатии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон".

Дар "Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" гузариши муттасили марҳила ба марҳиларо ба амалисозии дурнамои табодули рақамӣ дар ҷумҳурӣ пешбинӣ менамояд. Дар аввал се марҳила то соли 2040 ба нақша гирифта мешавад. Марҳилаи якум то соли 2025, марҳилаи дуюм то соли 2030 ва марҳилаи сеюм то соли 2040. Ҳамаи марҳилаҳо оид ба амалисозии табодули рақамӣ инчунин дар доираи лоиҳаи Digital CASA амалӣ карда мешаванд [2].

Ҳадафҳои Консепсия аз фароҳам овардани шароити мусоидаткунанда барои дигаргуншавии соҳаҳои фаъолияти инсон таҳти таъсири технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла рушди ҷомеаи иттилоотӣ, гузариш ба расонидани хизматрасониҳои давлатии рақамӣ ва ҳукумати рақамӣ, ҳамаҷониба ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ ва дар натиҷа тезонидани суръати рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ, баланд бардоштани ракобатнокии ҷумҳурӣ, афзоиши иловагии ММД-и миллӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ аз ҳисоби истифодаи технологияҳои рақамӣ дарояндаи миёнамуҳлат то соли 2040, инчунин фароҳам овардани шароит барои гузариши давра ба давраи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳи куллан нави рушд, ки ташкили иқтисодиёти рақамии ояндаро таъмин менамояд, иборат мебошад.

**Ҷадвали 1.**
**Ташаббусҳои калидии марҳилаи якуми табодули рақамӣ дар ҶТ то соли 2025**

| № | Ташаббусҳо |
|---|---|
| 1. | Таҳкими асосҳои ғайрирақамӣ ва муайян кардани ташаббусҳои калидӣ ва лоиҳаҳо бо самаранокии пайдарҳамӣ |
| 2. | Тайёр намудани кадрҳои соҳибтахассус |
| 3. | Таъсиси модели идоракунии табодули рақамӣ |
| 4. | Муайян кардани нишондиҳандаҳои калидии мақсадноки дастовардҳои табодули рақамӣ |
| 5. | Таъминоти иттилоотӣ равшаннамоии табодули рақамӣ |
| 7. | Экосистемаи табодули рақамӣ |
| 8. | Маблағгузорӣ ва буҷет |

**Сарчашма:** Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” – Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2019, №642

Дар марҳилаи якум Нақшаи амал оид ба ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ таҳия карда шуда, он дар давраҳои кутоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат амалӣ карда мешавад. Нақшаи амал ба инъикоси дурнамои умумии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии муосири рақамӣ (марҳилаи аввал аз як то се сол) барои пешниҳоди на кам аз панҷ хизматрасонии электронии пилотӣ тариқи портали хизматрасониҳои давлатӣ равона карда мешавад. Амалишавии портали хизматрасониҳои давлатӣ ҳамчун принсипи “равзанаи ягона” барои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ хизмат мекунад. Хизматрасонии электронии мақомоти давлатӣ пеш аз ҳама дар чаҳорчӯбаи эҷод ва рушди системаҳои иттилоотии идоравӣ амалӣ мегардад.

**Ҷадвали 2. Марҳилаи дуюми табодули рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2026-2030)**

| № | Ташаббусҳо |
|---|---|
| 1. | Таъмини дастрасии фарохмавҷ, амнияти иттилоотӣ, кибербехатарӣ ва технологияҳои абрӣ |
| 2. | Таъсиси дата-марказҳо, платформаҳо ва рушди хизматрасонии рақамӣ |
| 3. | Таъминоти иттилоотӣ, Маркази таҷрибаи пешқадам ва инноватсияҳо |
| 4. | Оғози лоиҳаҳои пилотӣ |

**Сарчашма:** Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” – Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2019, №642

Дар марҳилаи дуюми табодули рақамӣ дар давраи солҳои 2026-2030 Консепсия рушди минбаъдаи асосҳои рақамӣ дар ҷумҳурӣ бо роҳи оғози лоиҳаҳои калони инфрасохторӣ оид ба таҳкими инфрасохтори минтақавии алоқаи рақамӣ барои таъмини дастрасии фарохмавҷӣ ва мобилӣ ба интернет дар тамоми ҳудуди Тоҷикистон, аз ҷумла ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, маҳалҳои аҳолинишини деҳот ва душвордастрасро пешбинӣ менамояд. Ба ғайр аз ин оғози лоиҳаҳои ба баланд бардоштани амнияти инфрасохтори рақамӣ, рушд ва фарогирии шабакаи давлатии G-Cloud нигаронидашуда ба нақша гирифта мешавад. Ҳамзамон таъсиси дата-марказҳо, платформаҳо, инчунин лоиҳаҳо оид ба хизматрасониҳои давлатии рақамии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ мутобиқ ба меъёрҳо ва талаботи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз мешавад.

Бо назардошти ҳадафҳои дар Консепсияи иқтисоди рақамӣ дарҷ гардида ва бо мақсади ташаккули иқтисодиёти рақамӣ дар шароити муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи ташаккул ва рушди иқтисоди рақамиро иловатан дар ду марҳила чунин пешниҳод менамоем:

**1. Марҳалаи якум: Рақамисозии бахшҳои калидӣ (2025–2027)**

а) Хизматрасониҳои давлатӣ

- Пурра онлайн кардани хизматрасониҳои муҳим (андоз, бақайдгирии соҳибкорӣ, шиноснома, иҷозатномаҳо).
- Эҷоди "ID рақамии миллӣ" барои шаҳрвандон.

б) Молия ва савдо

- Дастгирии стартапҳо ва платформаҳои пардохтҳои мобилӣ.
- Барномаи махсус барои рушди e-commerce ва fintech.
- Ташвиқи истифодаи системаҳои ғайринақдӣ дар бозорҳо ва тиҷорати хурд.

в) Саноати рақамӣ ва кишоварзӣ

**2. Марҳалаи дуюм: Иқтисоди рақамӣ ҳамчун пояи рушд (2027–2030)**

а) Инноватсия ва стартапҳо

- Бунёди технопаркҳо ва марказҳои инноватсионӣ дар минтақаҳо.
- Шарикӣ бо ширкатҳои байналмилалӣ барои ворид кардани таҷрибаи пешрафта.

б) Экспорт ва рақобатпазирӣ

- Содироти маҳсулоти рақамӣ (мисли нармафзор, хидматҳои IT).
- Эҷоди бренди "Digital Tajikistan" барои ҷалби сармоягузорон ва корфармоёни хориҷӣ.

в) Муҳоҷирати рақамӣ ва бозори кор

- Имконият додан ба шаҳрвандони хориҷӣ барои фаъолият дар соҳаи рақамӣ тавассути барномаҳои e-residency.
- Эҷоди ҷойҳои нави корӣ дар бахши IT, онлайн хизматрасонӣ ва таҳлилгарии додаҳо.
- Ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар кишоварзӣ (smart farming, дронҳо, сенсорҳо).
- Ташкили платформаҳо барои фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба таври онлайн.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи татбиқи марҳилаҳои мазкур иқтисодиёти рақамӣ ба ҷузъи ҷудонопазири ҳамаи бахшҳои ҳаёти ҷомеа табдил ёфта, ҳамчун сарчашмаи муҳими рушди иқтисоди миллӣ ва равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоии давлат мегардад. Барои он, ки иқтисоди рақамӣ ба манфиати умум хизмат намояд, он бояд ҳамаҷониба дар ҳамаи самтҳо истифода бурда шавад.

**Адабиёт:**

1. Асанов Р.К. Формирование концепции «цифровой экономики» в современной науке / Р.К. Асанов // Социал.-экон. науки и гуманитар. исслед. - 2016. - № 15. - С. 143-148.
2. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" – Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2019, №642
3. Красильникова, Е. В. Системные признаки интернет-экономики / Е. В. Красильникова // Изв. Саратов. ун-та. Серия: Экономика. Управление. Право. - 2011. - № 1. - С. 32-37.
4. Лутфуллоев М.Д. Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд) / М.Д. Лутфуллоев // дисс. Барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) – Душанбе, 2022. С. 19-20.
5. Маймина Э.В. Особенности и тенденции развитии цифровой экономики [Текст] / Э.В. Маймина, Т.А. Пузыня // Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. - 2017. - №. 6(67). - С. 37-43.
6. Макаров, В. Л. Справочник экономического инструментария / В. Л. Макаров, Н. Е. Христолюбова, Е. Г. Яковенко. - М. : Экономика, 2003.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2024 шаҳри Душанбе [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: www.president.tj.
8. Шозиёева Г.П. Иқтисодиёти рақамӣ ва ҷомеаи муосир // мақолаи илмӣ. Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://osiyoavrupo.tj/ru/post/i-tisodijoti-ra-am-va-omeai-muosir
9. Tapscott D. The Digital Economy: Promise and Peril in the Age of Networked Intelligence [Text] / D. Tapscott. - McGraw- Hill, 1994.

# СИСТЕМА ПОКАЗАТЕЛЕЙ ФОРМИРОВАНИЯ И ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИННОВАЦИОННОГО ПОТЕНЦИАЛА

**Дарингов К.П.**
**Технологический университет Таджикистана**

На современном этапе инновационное развитие национальной экономики отнесено к числу высших приоритетов государственной политики Республики Таджикистан. Такое развитие требует выработки и реализации механизмов максимально быстрого превращения новых знаний в наукоемкие технологии и интеграции их в основные сферы деятельности общества. В отечественном экспорте преобладают не высокотехнологичные продукты, а импортируются, наоборот, технологичное оборудование и другие наукоемкие товары и услуги, что создает угрозу инновационной безопасности для Республики Таджикистан [5].

Правительством Таджикистана обозначены масштабные, и вместе с тем реальные ориентиры, на которые должна выйти экономика страны к 2030 г.

Основной задачей «Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период 2030 г » предполагает создание основ инновационного развития экономики страны, прежде всего на базе проведения реформы в системе образования и подготовки кадров [1].

Целью НСР РТ является процесс формирования эффективно действующей инновационной системы, повышение технико-технологического уровня, обеспечение конкурентоспособности производства выходу инновационной продукции на внутренний и внешний рынки, росту импорт замещения, ускорению социально-развития национальной экономики и достижению национальных стратегических целей.

Очевидно, что решение этих задач возможно только при сохранении и наращивании инновационного потенциала РТ и грамотным управлением процессами формирования данного потенциала. На данном этапе настоящего исследования проводится анализ влияния инновационного потенциала на социально-экономическое развитие и дается оценка эффективности его использования.

Инновационный потенциал РТ, доставшийся в наследство от бывшего СССР, прошел тяжелейшие времена 1990-х гг. Разрушительная гражданская война и либеральные рыночные реформы привели к сильному сокращению и резким деформациям инновационного сектора РТ. Незначительное преодоление спада производства и последующий постепенный экономический рост это продолжение неуклонной технологического инновационной деградации. Рост национальной экономики происходил в основном за счет экспортно-ориентированного сырьевого сектора.

В условиях переходной экономики всё большее распространение и актуализацию получает концепция инновационного развития национальной экономики основанного на управлении процессами формирования и эффективного использовании инновационного потенциала. Инновационное развитие базируется на развитии предпринимательской инициативы в сфере рыночной, научно-технической и организационно-экономической деятельности. Его предпосылками являются современный этап научно-технической революции и глобализация экономики на основе инновационного потенциала, которая резко обострила конкуренцию между фирмами разной национальной принадлежности.

Приоритетные направления инновационного развития реализуются в основном за счёт эффективного управляющего воздействия и внутреннего инновационного потенциала. Безусловно, все эти мероприятия направлены на эффективность функционирования инновационной сферы. Однако, в условиях не разработанности общих подходов к определению результативности проводимых мероприятий в инновационной сфере, они остаются несовершёнными. Следовательно, эффективность инновационных преобразований напрямую зависит от существующих индивидуальных особенностей, тенденций, закономерностей и менталитета которые сложились в национальной экономики.

Анализ факторов и условий развития социально-экономических систем с учётом инновационного потенциала позволяют решать следующие проблемы:

- нахождение наиболее благоприятных факторов эффективного функционирования национальной экономики;
- выработка институтов инновационного развития национальной экономики;
- определение взаимосвязей и иерархии факторов инновационного развития;
- установление оптимальности критериев научного результата и вложенных средств (т.е. максимальный выход при минимальных затратах или выбор наиболее экономически выгодного сочетания критериев);

- адекватная реакция национальной экономики на интеграционные воздействия факторов инновационного развития.

Игнорирование, неприятие или объективные причины невозможности первостепенного решения поставленных задач порождают целый ряд объективных и субъективных препятствий для эффективного развития национальной экономики в контексте управления процессами формирования инновационного потенциала:

1) Объективные трудности по определению унифицированных факторов, связанных с отсутствием универсальной «формулы» инновационного развития, применяемой к любой национальной экономике;

2) Существующие недостатки по разработке инновационных программ, связанных с отсутствием или недостатком объективной статистической информации по которым можно произвести соответствующие корректировки;

3) Наличие дефицита менеджмента технологий инновационной сферы, которая снижать эффективность инновационной деятельности на 15 - 20 %;

4) Недостаточно обоснованное разделение полномочий на государственном уровне в вопросах управления инновационным развитием;

5) Объективные факторы инновационной системы (недостаток экономических и управленческих знаний персонала, недостаточное финансирование, бессистемность данных об инновационных ресурсах т.д.).

Таким образом, отсутствие единой унифицированной процедуры оценки, связанной с объективными факторами и тенденциями инновационной сферы, которая учитывало бы нехватку статданных, не позволяют оценить в полной мере перспективы инновационного развития и, следовательно, выявления вектора применения инновационного потенциала . Анализ и исследования этой проблематики производят или по отдельным показателям, или имеют обобщённый характер (по основным вопросам инновационного развития).

Таким образом, наиболее перспективными становятся те исследования, которые направлены на выявление факторов, определяющих эффективность национальной экономики по итогам инновационной деятельности на основе инновационного потенциала этих систем.

Уровень инновационной национальной экономики формируется в результате взаимодействия многих факторов, где ведущую роль занимает инновационный потенциал. Считается общепринятым, что множественность факторов, влияющих на создание инновационной среды, может быть сведено к четырём блокам: - социально-экономическим условия развития национальной экономики, инновационному потенциалу, человеческому и управленческому потенциалу.

В этом контексте предложен ряд методических подходов по разработке интегральных показателей инновационного развития: нормированный интенсивный показатель, территориальный показатель, мировой показатель. Однако, сложность определения этих факторов заключается в тех моментах, а именно:

- Во-первых, в их многомерности;

- Во-вторых, в трудности нахождения значимых факторов воздействия;

- В-третьих, в объективной оценке этих факторов;

- В-четвёртых, в учёте динамики социально-экономической системы в связи с протекающими изменениями внешней и внутренней среды социально экономической деятельности национальной экономики.

Все существующие факторы инновационного развития РТ в условиях трансформации национальной экономики представляют собой экономические ресурсы, и они как структурные элементы участвуют во внутрихозяйственном обороте в национальной экономики. В этом контексте приводится классификация факторов, влияющих на инновационное развитие национальной экономики РТ, полученная методом многокритериального деления на блоки, предполагающие разделение данных факторов по принадлежности к способу воздействия на объект исследования.

Данная факторная классификация осуществлена на основе концепции управления национальной экономикой в целом. Проведённое исследование позволило выявить ограниченность источников финансирования инновационной деятельности в РТ. Несформированность рынка инновации усиливает «давление» прямо заинтересованных групп в сохранении конфигурации традиционной экономики, а сращивание их с многослойной бюрократией становится непреодолимым барьером на пути инновационного развития национальной экономики.

**Литература:**


1. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года.
2. Азгальдов Г. К вопросу о термине «Инновация»-//Труды Лаборатории В.Н.Лившица Москва.: ЦЕМИ, - 2009.
3. Кузык Б.Н., Яковец Ю.В. Россия-2050: стратегия инновационного прорыва. Москва-экономика. - 2004.
4. Новохатсий В.В. Определение и классификации инновационных систем // Инновационное экономика. - 2004. - №9.
5. Пулодова Х.Ш. Особенности организации инновационного предпринимательства в Республики Таджикистан как условие повышения инновационного потенциала. Материалы I международного научно практической конференции «Стратегии развития предпринимательства в современных условиях». ФБГОУ ВО «Санкт-Петербургский Государственный экономический университет». Общероссийская Общественная Организация «Деловая Россия» Посвящается Дню Российской науки.26-27 января 2017г.: Изд-во СПбГЭУ, Санкт-Петербург. - 2017.


## КАМ КАРДАНИ ХАРОҶОТҲОИ НАҚЛИЁТӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ


**Маҷидов Ф. А.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**


Зиёд кардани самара ва устувории иктисодии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ба ҳам пайвастани бисёр ҷиҳатҳои функсионалии фаъолияти онро талаб мекунад, ки яке аз онҳо таъминоти моддию техникӣ мебошад. Рушди ҳамлу нақли муассир ва камхарҷ як ҷузъи калидии барқарор кардани робитаҳои устувории занҷири таъминот байни корхонаҳои кишоварзӣ, марказҳои логистикӣ (анбор) ва истеъмолкунандагон мебошад.

Маҳдудиятҳои инфрасохторӣ барои рушди устувори кишоварзӣ аз ҳисоби хароҷоти нақлиёт хатарҳои зиёд эҷод менамояд ва ин боиси паст шудани ҳосилнокии кишоварзӣ мегардад. Ҳатто дар кишварҳои мутараққӣ, логистика дар бахши кишоварзӣ нав рушд карда истодааст, сарфи назар аз ин, тадқиқоти зиёде ба истифодаи логистика дар комплекси агросаноатӣ бахшида шудаанд, аммо бисёре аз муаллифон логистикаро ҳамчун логистикаи корхонаи кишоварзӣ мефаҳманд. Кашондан ва нигоҳ доштани маҳсулот, яъне дар тадқиқот парадигмаи функсионалии логистика бар равиши ҳамгирошудаи логистика бартарӣ дорад. Баруйхатгирӣ ва нақлиёт самтҳои асосии функсионалӣ мебошанд, ки дар маркази тадқиқоти муосир оид ба логистикаи кишоварзӣ қарор доранд, зеро яке аз роҳҳои самараноки баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ ин кам кардани ҳама гуна хароҷоти ба арзиши маҳсулот ё хизматрасонии корхонаи кишоварзӣ мебошад. Ҳар як корхонаи кишоварзӣ хароҷоти логистикиеро дар бар мегирад, ки ҳиссаи он дар сохтори хароҷот метавонад 5 - 50% бошад. Чунин доираи калон ба дурии гуногуни корхонаи кишоварзӣ аз манбаъҳои таъминот ва нуқтаҳои тақсимоти маҳсулот, инчунин хароҷоти гуногуни логистикӣ ҳангоми тавлиди худи маҳсулот ё хидмат дар давраи технологии истеҳсолот вобаста аст.

Мақсади мақола омӯзиши моҳият ва таснифи хароҷоти логистикӣ, инчунин усулҳои арзёбии таъсири логистика ба фаъолияти корхонаи кишоварзӣ ва устувории иқтисодии он мебошад.

Гипотеза аз фарзияи зерин иборат аст: барои таъмини эътимоднокӣ ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ такмили сохтории ташкили хизматрасонии логистикӣ дар асоси ташаккули системавии он ва татбиқи равиши методологӣ ба фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ зарур аст. баҳодиҳии сатҳи хизматрасонии логистикӣ.

Навоварии илмии тадқиқот дар ба низом даровардан ва таҳияи муқаррарот ва тавсияҳои назариявӣ, методӣ, ташкилию методӣ ва тавсияҳо дар соҳаи ташкили хизматрасонии логистикӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ мебошад.

Фаъолияти логистикии корхонаи кишоварзиро бо нақшаи "анбор — нақлиёт — истеҳсолот" ифода кардан мумкин аст. Ин самтҳои функсионалии логистика махсусан ба корхонаҳои истеҳсолие, ки сикли технологиро амалӣ мекунанд, хосанд. Нақлиёт яке аз омилҳои муҳимест, ки ба самаранокии соҳибкорӣ таъсир мерасонад, зеро мавҷудияти инфрасохтори роҳ ва хизматрасонии нақлиёт ҳаракатро зиёд ва истеҳсолро ҳавасманд мегардонад. Эл Бузекри, М. Элхазания ва Э.Х.А. нақлиётро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи занҷири таъминот, ки ба рушди иқтисодии корхона мусоидат мекунад, таъкид мекунад. К. Рантасила, Л. Оҷала ва Ҷ.А. Гонсалес ва дигарон инчунин бар ин назаранд, ки хароҷоти нақлиётӣ яке аз омилҳои асосии ба рақобатпазирии корхона таъсиркунанда мебошад. Тараққиёти системаҳои нақлиёт ба истеҳсолот ва таъминоти моддию техникӣ таъсири мусбат расонда бошад ҳам, барои бисёр соҳаҳо хароҷоти иловагӣ ба вуҷуд меоварад. Афзоиши сарборӣ ба шабакаҳои нақлиётӣ мушкилоти эътимоднокӣ, қобилияти инфрасохтори мавҷудаи нақлиётро барои интиқоли ҳараёни бештари маҳсулот ба вуҷуд меорад, ки дар коҳиши хароҷоти воҳид инъикос меёбад. Идоракунии хароҷоти логистикӣ махсусан дар соҳаи кишоварзӣ муҳим аст. Хароҷоти баланди логистикӣ яке аз омилҳои асосии рақобатпазир будани корхонаҳои кишоварзӣ, бахусус корхонаҳои хурду миёнаро дар бозор бозмедорад.

Чун дар сикли технологии корхонаи истеҳсолӣ, хароҷоти таъминоти моддӣ - техникии корхонаи кишоварзӣ асосан дар комплекси анборҳо, ки захираҳои сӯзишворӣ

ва равғанҳои молиданиро дар бар мегирад, мутамарказ шудааст. Оптимизатсияи захираҳои сӯзишворӣ ҷанбаи муҳими идоракунии самараноки сӯзишворӣ мебошад. Хароҷоти сӯзишворӣ одатан аз ҳама хароҷоти нақлиёт баландтар аст.

Сабабҳои асосии ҷузъи муҳими хароҷот ҳисоб ёфтани сӯзишворӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад инҳоянд:

- Сарфи сузишвории мошину воситаҳои махсуси хочагии қишлоқ нисбат ба мошини миёнаи тиҷоратӣ зиёд аст.

- Корхонаҳои кишоварзӣ бояд дар фасли зимистон аз сабаби мавсимӣ будани корҳои кишоварзӣ захираҳои зиёди сӯзишворӣ эҷод ва захира кунанд.

- Хароҷоти сӯзишворӣ дар муқоиса бо дигар намудҳо аз ҳисоби афзоиши доимии хароҷоти неруи барқ ва норасоии энергия дар мавсими талабот зиёд (баҳор - тирамоҳ) ҳассостарин мебошанд.

Кам кардани хароҷоти сузишворӣ бештар ба зиёд шудани фоидаи умумии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, арзон кардани арзиши аслии маҳсулоти дорои харочоти доимӣ ва васеъ намудани майдони бозор мусоидат мекунад, ин имкон медиҳад, ки шумораи бештари корхонаҳои хоҷагии қишлоқ маҳаллӣ кунонида шавад.

Хароҷоти логистикӣ аз сабаби масофаи дури нақлиёт ва инфрасохтори сусти нақлиёт ва нигоҳдорӣ афзоиш меёбад. Ҳам ҳаҷм ва ҳам ҳамгироии амудӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ дар вокуниш ба нокомиҳои бозор ва инфрасохтор кӯмак мекунанд, аммо дар муҳити тақсимоти ҳиссаи хароҷоти нақлиёт барои як воҳиди маҳсулот меафзояд.

Идоракунии арзиши сӯзишворӣ дар занҷирҳои озуқаворӣ бо сабабҳои зиёд диққати бештар дода мешавад, аммо сабаби асосии он набудани усулҳои ягонаи омӯзиши идоракунии хароҷоти сӯзишворӣ дар корхонаи кишоварзӣ мебошад. Қисмҳои хароҷоти сӯзишворӣ ба қадри кофӣ стандартизатсия карда нашудаанд, бинобар ин натиҷаҳоро муқоиса кардан мумкин нест. Мушкилоти иловагӣ аз мушкилоти марбут ба ҷамъоварии иттилооти шаффоф, мураккабии ташкили таъминоти логистикӣ ва ҳисобҳои хароҷот бо назардошти меъёрҳои гуногуни истеъмоли сӯзишворӣ барои намудҳои гуногуни нақлиёти дар ҳамлу нақл иштирокдошта иборатанд.

Аз ин рӯ, методологияҳои мавҷудаи баҳодиҳии хароҷоти логистикӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз сабаби гуногунии моддаҳои хароҷот ва мураккабии муносибатҳо дар системаи логистикӣ хеле каманд.

Ҳангоми оптимизатсияи хароҷоти сӯзишворӣ, тағирёбии модели арзиши сӯзишворӣ ва логистикӣ бо се омил пешакӣ муайян карда мешавад:

1) Ноустувории нархи сӯзишворӣ;

2) Тағйироти динамикии арзиши аутсорсинги логистика (интиқол аз молрасон ба корхонаи кишоварзӣ);

3) Истифодаи истеъмоли сӯзишворӣ аз ҷониби корхонаҳои кишоварзӣ дар марҳилаҳои гуногуни сикли истеҳсолӣ.

Бисёр тадқиқотҳо мураккабии муносибатҳои байни омилҳои динамикӣ бо истифода аз модели "Миқдори фармоиши иқтисодӣ" (EOQ) барои ҳисоб кардани хароҷоти сӯзишворӣ ва логистикиро баррасӣ карданд. Ф.В. Харрис яке аз аввалин кӯшишҳоро барои баррасии муомилоти байни арзиши муқаррарии фармоиш ва арзиши китоб анҷом дод.

Илова бар ин, бо назардошти динамикаи бозори сӯзишворӣ, ба назар гирифтани пешгӯиҳои арзиши сӯзишворӣ дар давраи солона бо истифода аз тамоюл - арзиши

миёнаи як литр сӯзишвории автомобилӣ дар давраи солона оқилона аст. Дар ин сурат танзими давлатии нархи сузишворӣ дар давраи кишт ва ҷамъоварии зироатҳои асосии хоҷагии қишлокро ба назар гирифтан лозим аст.

Идоракунии хароҷоти логистикии корхонаи кишоварзӣ ва истифодаи соддатарин моделҳо дар тарҳрезии логистикии равандҳои корхонаҳои кишоварзӣ ба корхона имкон медиҳад, ки чунин бартариҳоро ба даст орад, ба монанди бартарии рақобат дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ки аз ҳисоби кам кардани арзиши фаъолияти амалиётӣ ташаккул меёбад. Ба ташаккули арзиши гумрукии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ таъсир мерасонанд; пешгирии хатарҳои таъминоти моддӣ, ки ҳангоми нигоҳ доштани захираҳои зиёдатии (ғайриоптималӣ) сӯзишвории автомобилӣ ба вуҷуд меоянд; татбиқи бомуваффақияти барномаҳои воридотивазкунӣ дар шароити маҳдуди захираҳои қарзӣ.

Азбаски таъминоти самараноки логистика як шарти ҳатмӣ барои рақобати корхонаҳои кишоварзӣ дар бозори имрӯза мегардад, фаҳмидани самаранокии иқтисодии ҳамлу нақл ҷолиб аст. Дар робита ба кам кардани хароҷоти логистика, баланд бардоштани ҳосилнокии истеҳсолкунандагони зироат ва беҳтар намудани дастрасӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ, рушди шабакаҳои нақлиёт ва беҳтар намудани фаъолияти нақлиёт дар занҷирҳои озуқаворӣ ниҳоят муҳим буда, тадқиқоти минбаъдаро тақозо мекунад.

**Адабиёт:**


1. Эгамбердиев О.Б., Шоназарова Н.Б. Анализ методов оценки конкурентоспособности транспортных предприятий // Достижения науки и образования, 2019. № 12 (53). С. 25-26.
2. Калачева К.О. Классификация логистических затрат // Инновационная наука, 2015.№ 9. - С. 157-159.
3. Белозерцева Н.П., Локша А.В., Петрова Н.И. Методы оптимизации логистических затрат // АНИ: экономика и управление, - 2017. № 4 (21). - С.50-53.
4. Кенжаева Б.О. Инновационная логистика в системе управления пассажирскими перевозками // Достижения науки и образования, - 2019. № 7 (48). - С. 8-9.
5. Фаъолияти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023. Сомонаи www. mintrans.tj.
6. Самтҳои асосии фаъолияти Вазорати кишоварзии Тоҷикистон дар соли 2023. Сомонаи www.moa.tj.
7. Садриддинов С.С. Нақши соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ. – Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӮи «Масоили иҷтимоӣ-иқтисодии ташаккули шакли инноватсионии иқтисод ва баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (27-28 октябри соли 2017). - С .275-282.

# ХУСУСИЯТҲОИ БАҲИСОБГИРИИ АНДОЗ АЗ ДАРОМАДИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

**Мизробов С.С.**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ, таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд дар самти баҳисобгирии андозҳо, муайян намудани манбаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ, дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқии ба танзимдароварандаи он, инчунин дуруст роҳандозӣ намудани татбиқи амалии он бисёр муҳим арзёбӣ мегардад.

Барои ҷорӣ намудани сиёсати самараноки молиявӣ, мақомотҳои молия ва андоз механизми баҳисобгирии андозҳоро бояд тавре роҳандозӣ намоянд, ки татбиқи амалии он воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро ба тамоми сатҳҳои буҷетӣ таъмин карда тавонад. Дар навбати худ, меъёрҳои дақиқ ва мукаммали қонунгузории андоз, ки муносибатҳои мақомоти андоз ва андозсупорандагонро танзим менамоянд шарт ва заминаи асосии таъмини самаранокии баҳисобгири андоз мебошад [4].

Гузариш ба иқтисоди рақамӣ, аз ҷумла дар шакли электронӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои мақомоти андоз ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки ба тақвияти рақамикунонии иқтисодиёт ва бештар намудани хизматрасониҳои электронӣ равона гардидааст, яке аз масъалаҳои мубрами иқтисодиёт баҳисоб меравад[1, 215]. Татбиқи технологияҳои имрӯза ва коркарди маълумот ҳам барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт ва тавсеаи қобилият бо мақсади ҳамгироии он ба системаи глобалии хоҷагидорӣ ва ҳам барои баланд бардоштани самаранокии пойгоҳи идоракунии давлатӣ дар ҳама сатҳҳои ҳокимият, ба бахшҳои муниципалӣ ва ғайридавлатии иқтисодиёт аҳамияти асосӣ дорад [5, 64]

Мушкилоти танзими андоз дар шароити рақамикунонӣ ҳамчун омили афзоиши самаранокии иқтисодиёт барои бисёр кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосири рушди ҷомеа хеле муҳим боқӣ мемонанд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки заминаи барномавии хизматрасониҳои электронӣ, дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд буда, мақомот дорои барномаи махсуси компютерии "Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз", ки иборат аз 70 адад модул мебошад, хизматрасониҳои мухталифи электрониро амалӣ намуда истодааст [3].

Қонунгузории андоз ва баҳисобгирии андозҳо содда, шаффоф ва осонии пардохти андозҳо махсусан андоз аз даромади шахсони воқеиро бояд дар он сатҳе таъмин карда тавонанд, ки бо роҳи канораҷӯӣ аз ҳисоб ва пардохти андоз аз даромад андозсупорандагон манфиатҷӯй набошанд ва барои онҳо чунин кирдорҳо номуносиб ва ғайри қобили қабул бошад.

Шаҳрвандон саркашӣ аз пардохти даромад ва ғайриқонунӣ машғул гардидан ба фаъолияти соҳибкориро ҳамчун хиёнат ба ватан ва бемасъулиятӣ дар иҷрои қарзи шаҳрвандии худ дар назди ҷомеа эҳсос ва дарк намоянд.

Ҳамзамон объект, манба ва меъёри андоз аз даромад бояд ба имконияти воқеии андозсупоранда мутобиқ буда, ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ё худшуғлварзӣ таъсири мусбӣ расонад. Афзоиши буҷети давлатӣ набояд бо роҳи зиёд кардани гаронии андоз ба аҳолӣ, балки аз ҳисоби вусъат додани заминаи андозбандӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории хусусӣ, махсусан соҳибкории хурду миёна, маҳдуд намудани доираи

фаъолияти иқтисоди пинҳонӣ, беҳтар ба роҳ мондани баҳисобгирии андозсупорандагон ва объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд анҷом дода шавад [5, 82].

Мутобиқи моддаи 181-уми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти андозбандии андоз аз даромад, даромади андозбандишавандаи андозсупоранда дар давраи ҳисоботӣ, сарфи назар аз маҳал ва усули пардохт мебошад. Даромади умумии андозсупорандагонро Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даромадҳои зерин ҷудо намудааст [2]:

1. даромаде, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ мегардад;
2. даромаде, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ карда намешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки баҳисобгирии андоз аз даромади шахсони воқеие, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ мегардад дар муҳлатҳои муайяншуда амалӣ мегардад. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон агентҳои андозро уҳдадор менамояд, ки пеш аз пардохти музди меҳнат ва дигар пардохтҳо ба шахсони воқеӣ бояд маблағи андоз аз даромади шахсони воқеиро нигоҳ дошта ба буҷет пардохт намоянд. Аммо даромади шахсони воқеие, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ карда намешавад мушкилотҳо вуҷуд дорад. Шахсони воқеӣ бояд дар ин самт даромадҳои худро мустақилона дуруст баҳисоб гирифта, ба буҷет пардохт намоянд. Лекин на ҳамаи шахсони воқеӣ ин гуна масъулияти баҳисобгирӣ ва пардохти андозро ба уҳда доранд.

Инчунин дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, ки ҳама намуди даромад ва подошпулиҳо дар шакли пулӣ, моддӣ ва ғайримоддии ба манфиати андозсупоранда пардохтшаванда, инчунин манфиатҳои дигари гирифтаи андозсупоранда, даромади умумии воқеӣ дониста мешаванд, аз ҷумла [2]:

- даромадҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ;
- даромадҳо дар шакли музди меҳнат;
- ҳама гуна даромадҳои дигар аз фаъолияте, ки кори кироя ё фаъолияти соҳибкорӣ намебошад.

Даромади умумӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ-ҳама гуна даромад, подошпулӣ ва манфиатҳое мебошад, ки андозсупоранда дар шакли пулӣ, моддӣ ва ғайримоддӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ гирифтааст. Шахсони воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд бояд ҳамаи даромадҳои худро дуруст ва саривақт баҳисоб гирифта ба мақомоти андоз ҳисоботи андоз аз доромадро дар муҳлатҳои муайяннамуда пешниҳод намоянд. Аммо на ҳамаи андозсупорандагон оид баҳисобгирии андоз аз даромад масъулиятнок мебошанд.

Даромад дар шакли музди меҳнат-ин ҳама гуна пардохтҳо, подошпулӣ, мукофотпулӣ ё манфиатҳо, аз ҷумла дар шакли пулӣ, моддӣ ва ғайримоддӣ (аз рӯи маҳдудияти молу ашё ва андозаи дар қонунгузорӣ муқарраршуда) мебошад, ки корманд аз корфармо дар доираи муносибатҳои меҳнатӣ (мутобиқи шартномаи меҳнатӣ ва ё бе он) гирифтааст, новобаста ба шакл ва маҳалли пардохт, гирифтааст.

Даромади зерини андозсупоранда аз фаъолияте, ки ба кори кироя ё фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нест, даромади ғайрисоҳибкории андозсупоранда дониста мешавад, аз ҷумла даромад дар шакли фоизҳо, даромад аз амонат ва пасандозҳои бонкдории исломӣ, суди саҳмияҳо, даромадҳо дар шакли роялтӣ ва ҳама гуна манфиат ва даромадҳо, ба истиснои даромад дар шакли музди меҳнат ва (ё) даромад аз фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки шахси воқеӣ гирифтааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон агентҳои андоз уҳдадоранд, ки андозро аз манбаъҳои пардохт нигоҳ доранд, ба истиснои пардохтҳое, ки даромадгирандаи онҳо аз андозбандӣ озод

мебошад. Инчунин агентҳои андоз барои ситонидан ва ба буҷет гузаронидани андоз аз даромади шахсони воқеӣ масъул мебошанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки механизмҳои андоз ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сохтори истеҳсолоти ҷамъиятӣ, тақсимоти он имкониятҳои калони таъсиррасониро доранд.

Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, махсусан давлатҳои қитъаи Аврупо ва Амрико, ки садсолаҳо дар низоми иқтисоди бозорӣ қарор доранд ва тамоюлу тазодҳои зиёдро дар сиёсати андозӣ тай намудаанд, дар самти баҳисобгирии андозҳо хеле баланд мебошад[6].

Ба сатҳи баланди самаранокии баҳисобгирии андозҳо ноил гардидани қитъаи Аврупо ва Амрико, пеш аз ҳама, натиҷаҳои корҳои ташвиқотию фаҳмондадиҳӣ, мунтазам гузаронидани ташвиқотҳо оид ба пешгирии фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ мебошад. Дар зеҳни шаҳрвандон фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ, яъне иқтисоди пинҳонӣ ҳамчун хиёнат ва ҷинояти нобахшиданӣ ба давлат ва пардохти андозҳо ҳамчун қарзи шаҳрвандӣ дар назди ҷомеа ҳисобида шудааст.

Усулҳои асосии низоми баҳисобгири андоз аз даромад дар ИМА ба тарзи ихтиёрӣ ва сари вақт пардохт намудани андозу боҷҳо асос ёфта, бе татбиқи чораҳои маъмурӣ, соҳибкорон маблағҳои андозии худро пардохт менамоянд [7].

Дар Тоҷикистон дараҷаи ихтиёран иҷро намудани уҳдадориҳои андоз аз даромади шахсони воқеӣ нокифоя мебошад. Масъалаҳое, ки ба андоз аз даромад алоқамандӣ доранд, бисёр доманадоранд ва ҳалли онҳо метавонад ба низоми андозбандӣ, риояи қонунгузории андоз ва афзоиши ҷаъми воридот таъсири назарраси мусбӣ расонад.

Бо мақсади бартараф намудани баъзе самтҳои баҳисобгирии андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва чораҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиву норасоиҳои дар ин самт мавҷудбуда, маълумотдиҳанда пешниҳод менамояд:

1. Бартараф намудани шуғли ғайрирасмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зеро қисми зиёди кору хизматрасониҳое, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ амалӣ карда мешаванд, ба расимят даровarda нашудаанд. Яъне, фаъолияти онҳо дар ягон мақомоти давлатӣ қайд нашудааст, ки ин таъсири бениҳоят манфӣ мерасонад ба иҷроиши буҷети давлатӣ.
2. Аз тарафи мақомотҳои андоз, молия ва Бонки милии Тоҷикистон таҳия намудани механизми баҳисобгирии даромадҳое, ки шахсони воқеӣ фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамоянд ва дар ин замина муайян намудани манбаъҳои иловагӣ доир ба андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва усулҳои пардохти он ба буҷет.
3. Ҳавасманд кардани андозсупорандагон (шахсони воқеӣ) оиди пешниҳод намудани эломияи андоз аз даромад оиди даромади солона.

Рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сиёсати молиявии аз ҷиҳати илмӣ асоснок, аз ҷумла сиёсати давлатии андоз вобаста аст. Буҷети давлатӣ дар системаи молиявии ҷумҳурӣ мавқеи асосиро ишғол намуда, ба нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии мамлакат таъсири калон мерасонад. Инчунин ба рушди устувори иқтисодиёти мамлакат фаъолияти самараноки мақомоти андоз, такмили дониши иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, ки аз фаъолияти самараноки онҳо таъмини қисми даромади буҷети давлатӣ вобастааст, тақозо менамояд, ки кормандони мақомоти андоз дониши касбиашонро пайваста дар самти рақамикунонии иқтисодиёт такмил диҳанд.

Инчунин бояд усулҳои замонавии корбариро дар асоси технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ истифода намуд, фаъолиятро дар асоси қонунгузорӣ бояд ба роҳ монд, дар доираи рушди рақамикунонии соҳа, истифодаи дуруст ва самараноки Низоми муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо ва модулҳои компютериро ҳам аз ҷониби кормандони соҳаи андоз ва ҳам

андозсупорандагон таъмин ва дар иҷрои уҳдадориҳои хизматию мансабӣ масъулияти бештарро бояд эҳсос намуд. Ин технологияҳои мошинҳои назоратию назоратӣ ба интернет пайваст шуда, маълумотро бе ташрифи нозири андоз ба мақомоти андоз интиқол медиҳанд.

**Адабиёт:**


1. Касирова Ф. Д. Основы автоматизации системы налогообложения // Таджикистан и современный мир №2(74) 2021, - С. 214-223.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2022.
3. Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: https://andoz.tj/docs/ozmun/AssistentProekt_RUS.pdf
4. Цифровизация - передовой способ налогового администрирования. Народная газета. Печатный орган Правительства Республики Таджикистан. URL: http://www.narodnaya.tj/index. дата обращения 15.03.2025.
5. Исматов Ф.Х. Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт. // Дисертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе. - 2024. - С.189.
6. Yakita A. Effects of capital taxation on economies with different demographic changes: short term versus long term // Journal of Population Economics. - 2014. - № 1. - p. 257 273. – doi: 10.1007/s00148-013-0480-x.
7. Pinto O.M. Tax Factors affecting International Competitiveness: Canada vs. United States Perspective // International Journal of Business. - 2016. - № 12. - p. 1-10.


## СОХРАНЕНИЕ ЛЕДНИКОВ ТАДЖИКИСТАНА В КОНТЕКСТЕ ОБЪЯВЛЕНИЯ 2025 ГОДА МЕЖДУНАРОДНЫМ ГОДОМ ЗАЩИТЫ ЛЕДНИКОВ

**Нажмидинов Б.З.**
**Технологический университет Таджикистана**

Как известно, глобальное изменение климата как одна из проблем современности, прежде всего, оказывает отрицательное влияние на состояние ледников, ресурсов снега и воды. В условиях усиливающегося глобального потепления большую озабоченность вызывает вопрос чрезмерного таяния ледников и снежных покровов в зонах формирования водных ресурсов.

В Послании Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли от 21 декабря 2021 года было подчеркнуто: «За последние несколько десятилетий исчезла почти треть общего объёма ледников нашей страны, из которых формируются более 60 процентов водных ресурсов Центрально-Азиатского региона.

Мировым сообществом поддержана очередная инициатива Лидера нации Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона об объявлении 2025 года Международным годом защиты ледников.

В декабре 2022 года Генеральная Ассамблея Организации Объединенных Наций единогласно приняла на своей 77-й сессии Резолюцию «2025 год - Международный год защиты ледников», выдвинутую Республикой Таджикистан.

Очередную инициативу Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона поддержали 153 государства-члена этой организации. Принятие такой важной и полезной для современного мирового сообщества Резолюции стало предметом гордости всех таджиков мира.

На основе этой Резолюции 21 марта было объявлено Международным Днем защиты ледников, а 2025 год - Международным годом защиты ледников, а также было ратифицировано решение создать при ООН Международный целевой фонд по защите ледников и в 2025 году провести Международную конференцию по защите ледников в городе Душанбе.

В рамках данной Конференции будут разработаны и утверждены стратегия, дорожная карта и другие международные документы по реализации необходимых совместных мероприятий, направленных на решение вопросов предупреждения интенсивного таяния ледников, их защиту и рациональное использование как основного источника чистой питьевой воды на международном и региональном уровнях.

Весьма значительна роль ледников в эволюции Земного шара и человечества. Развитие географической среды Земного шара определяется равновесием тепла и влажности, которое напрямую зависит от процесса формирования и таяния ледников.

Ледники влияют на климат Земли, когда температура воздуха падает, и количество осадков увеличивается. Поэтому необходимо, чтобы человечество не допускало таяния ледников. В случае таяния ледников среднегодовая температура Земли может повыситься и негативно повлиять на жизнь человечества. Более того, ледники являются основным источником питьевой воды и составляют единственный запас пресной воды на планете. Эта реальность чрезвычайно важна не только для населения Земли, но и для животных и растений. Ледники создают новые реки, без которых невозможно развитие растениеводства и обеспечение человечества продовольствием.

В последние десятилетия в мире наблюдается рост среднего температурного баланса. Это явление связано с «парниковым эффектом», что связано с загрязнением воздуха. Результатом всего этого является таяние ледников и значительное сокращение их площади.

Сегодня во всем мире ледники стремительно сокращаются. Подсчитано, что к 2100 году половина горных ледников в мире исчезнет. Около 1,5-2 миллиардов человек, живущих в разных странах Азии, Европы и Америки, испытывают нехватку воды, а реки, исходящие от ледников, высыхают. В то же время уровень морей, океанов повышается, а земли у берегов затопляются. И это катастрофическое явление пагубно сказывается на урожаях и жизни людей. То есть, таяние ледников ставит человечество лицом к лицу с ростом глобальных экологических проблем.

Таяние ледников может представлять прямую угрозу для нормального поддержания искусственных водоёмов, гидроэлектростанций, посевных полей, населенных пунктов, поскольку увеличение количества воды в обороте может привести к указанным последствиям.

Охрана ледников, могут способствовать экологической стабильности будущих поколений населения Таджикистана и даже региона. Поэтому необходимо активизировать вопросы внешних связей по улучшению современного состояния ледниковых ресурсов в стране, изучению, сохранению и охране ледников.

Очевидно, что водные ресурсы играют ключевую роль в адаптации и устойчивости к последствиям изменения климата. В этом контексте Таджикистан, как активный член лидеров водно-климатической коалиции, прилагает усилия для интеграции вопросов погоды и климата в мировую повестку дня.

В связи с этим, Лидер нации, Президент Республики уважаемый Эмомали Рахмон на церемонии открытия Четвёртого водного саммита стран Азиатско-Тихоокеанского региона (город Душанбе, в виртуальном режиме) 23 апреля 2022 года подчеркнул, что Таджикистан также под влиянием последствий изменения климата за последние несколько десятилетий потерял более одной тысячи ледников и ежегодно страдает от многочисленных наводнений, засухи и истощения, связанных с этим процессом.

Следует отметить, что все цели нашей страны направлены на экологическую устойчивость планеты носят более прогрессивный характер. То есть, все меры и мероприятия, инициированные Республикой Таджикистан в области охраны окружающей среды, охватывают среднесрочную и долгосрочную перспективы этого сектора.

Из-за потепления климата во многих регионах происходит неожиданное и с угрожающей скоростью таяние ледников, которые являются источником питьевой воды. Согласно наблюдениями учёными РТ, за последние пятьдесят лет на Памирских горах, которые являются природными сокровищами пресной воды, запасы ледников сократились в два раза. Если это состояние останется неизменным, представить последствия этого пагубного явления, не составит особого труда.

Наряду с этим, по мнению экспертов по метеорологии, изменение климата происходит за счет изменения движения скоплений воздуха и атмосферных потоков, в том числе утечки вредного углекислого газа. Изменение уже наблюдается в течение нескольких десятилетий. Например, в 60-х годах, которые считаются самыми снежными, в Таджикистане выпало больше снега и дождя, чем обычно. Стоит отметить, что только после длительного периода, то есть в 2008 году, такое событие повторилось.

Из-за изменения климата ледники тают «на глазах» в разных частях планеты. Часть из них сосредоточена в Таджикистане. Прогнозируется, что уже к концу века около половины из 215 тысяч ледников исчезнут с лица Земли. Поэтому, по данной мировой проблеме постоянно выражает озабоченность Президент Таджикистана Эмомали Рахмон, приведя в пример Памирские горы, где скорость таяния вершины ледника составляет 16 метров в год.

Согласно данным, из 14 тысяч ледников, зарегистрированных в нашей стране, за последние 40 лет растаяло более тысячи ледников, а самый большой ледник в мире на суше – Федченко (переименован в 2025году в Ванчкух), расположенный в нашей стране, сократился на 16 кубических километров по объему и на 45 квадратных километров по площади и этот процесс активно продолжается в последние годы.



В связи с этим Правительство Таджикистана приняло Государственную программу изучения и сохранения ледников на период до 2030 года. С целью отслеживания этих процессов и принятия мер по их адаптации Правительство Таджикистана создало Центр изучения ледников при Национальной академии наук. Стоит отметить, что площадь ледников составляет 8% территории страны и обеспечивают водой порядка 60% водных ресурсов Средней Азии. Самым крупным является ледник Федченко (Ванчкух), площадь которого достигает 700 км², а длина составляет 77 километров.

Вторым по величине считается ледник Грумм-Гржимайло, его площадь равна почти 143 км², длина - 37 километров. Оба ледника расположены в Горно-Бадахшанской автономной области Таджикистана.

Таджикистан отличается высокой степенью уязвимости к таким потрясениям, вызываемым изменением климата, как засухи, наводнения, оползни и т.д. Предполагается, что к 2050 году до одной трети ледников в Центральной Азии полностью исчезнет, что резко повысит риск внезапных наводнений от прорыва ледниковых озёр. Ледники Таджикистана к 2050 году могут потерять половину своего объёма.

Следует отметить, что значительная часть водных ресурсов Центральной Азии сосредоточена именно в Таджикистане. Таким образом, таяние ледников в этой стране представляет огромную угрозу для всего региона в целом.

Таким образом, мы видим, что Таджикистан является одной из наиболее уязвимых к изменениям климата стран в регионе Центральной Азии. Исходя из этого, происходящие в стране климатические изменения представляют серьезную угрозу для всей Центральной Азии в целом. Сокращение площади ледников, из которых питаются основные реки, снабжающие нашу страну и весь Центрально-Азиатский регион, может поставить под угрозу всю энергетическую промышленность и сельское хозяйство этих стран. Для того, чтобы изменить текущую ситуацию необходимо активнее консолидировать усилия на региональном уровне. В противном случае, если температура будет повышаться в том же темпе, к концу столетия регион станет одной самых горячих точек на планете.

**Литература:**

1. Главное управление по гидрометеорологии и наблюдениям за природной средой Министерства охраны природы РТ.
2. Народная газета. 18.11.2022. Душанбе. Издательство Шарки Озод.

## ФОРМИРОВАНИЕ СХЕМЫ РАЗМЕЩЕНИЯ РОЗНИЧНЫХ ТОРГОВЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

**Раджабова Ф.Х.**
**Технологический университет Таджикистана**

В настоящее время формирование схемы размещения розничных торговых предприятий считается важным направлением торгового обслуживания населения. Во-первых, местоположение предприятий розничного торговли и другие субъектов потребительского рынка определяет потенциальное количество клиентов и оборот. Во-вторых, в зависимости от

места стоимость получения прав на строительство и аренду земли может различаться в несколько раз, а также, размещение торговых точек влияет на его имидж и имидж марки всей торговой сети. Если арендная плата и стоимость получения прав на строительство известны заранее, то оборот можно только прогнозировать. Поэтому прогнозирование оборота является центральной и наиболее сложной процедурой при выборе местоположения[20].

Исследовав уровень и динамику развития розничной торговли, мы разработали несколько стратегических направлений по насыщению потребительских рынков городов и районов Республики Таджикистан. Одним из важных условий обеспечения эффективности деятельности системы розничной торговли, является рациональная расстановка розничных магазинов на территории определенного города, района или населенного пункта. Таким образом, при планировании размещения розничных торговых точек по городу необходимо учитывать несколько важных факторов, например,

1. Планировка города и расселение населения по районам города. Проведение зонирования районов города на промышленный район, спальный район, торговый район, бизнес центры, административный район, культурный центр, район спортивных комплексов, также плотность населения на квадратный километр в будничные и выходные дни недели.

2. Фактор обеспечения района транспортом. В том числе, уровень развития транспортной инфраструктуры территории, интенсивность транспортных потоков. Уровень обеспечение развития общественным транспортом и частных транспортных средств. Размещение автостоянок, стоянок для маршрутного таки, автобусных и троллейбусных остановок.

3. Социальное направление. То есть, важное значение для покупателей имеет сокращение затрат времени на покупки и посещение торговых точек, обеспечение высокого уровня обслуживания клиентов, и обеспечение комфорта для покупателей.

4. Экономическое направление. Рациональное использование имеющихся финансовых и экономических ресурсов. Также, устойчивое развитие розничной торговли и достижение максимальных доходов.

Достижение эффективного уровня размещения розничных торговых точек необходимо решать с учетом имеющей структуры магазина. Уровень экономической эффективности должен включать ассортиментную специализацию каждого отдельно взятого магазина и её роли в общей системе розничной торговли района или города. При решении проблем по насыщении потребительских рынков, важное значение имеет размещении объектов розничной торговли на основе принципов равномерного размещения или ступенчатого размещения магазинов. Под равномерным размещением магазинов имеется в виду расположение розничных торговых сетей равномерно по районам города. При этом важное значение имеет плотность населения в определенном районе города. Данный принцип можно использовать по отношению к продовольственным или к товарам повседневного пользования. В основном, такие магазины имеют постоянных покупателей.

Размещение розничных торговых точек по групповой характеристике основывается на территориальном сближении торговых точек с аналогичным ассортиментом. Например, небольшие торговые точки по продаже основных продовольственных товаров, это хлеб, сахар, молоко, мясо, овощи и фрукты, и так далее. Таким образом, групповое размещение

---

[20] Методы выбора местоположения торговой точки// "Маркетинг в России и за рубежом" №6. 2005.- С.32-41.

продовольственных магазинов, дает возможность экономить время клиентов на покупку необходимых товаров.

Следующим направлением насыщения потребительских рынков Таджикистана с помощью розничной торговли, является ступенчатое размещение торговых точек. Данное направление основано на специализации и формировании ассортимента предлагаемой продукции магазинами. Например, предложение широкого ассортимента продукции, или же предложение специфических товаров редкого спроса. Характерной особенностью данного предложения является обеспечение максимально улучшенных условий покупателям, путем максимального приближения торговых точек к месту жительства или месту работы. Например, широкий ассортимент кондитерских изделий обеспечивается в размещенном на центральной улице города, а конфеты и шоколады реализуются в торговых центрах.

Установлено, что создаются как бы две ступени обслуживания. При этом магазины, торгующие товарами повседневного спроса, имеют небольшой радиус обслуживания, когда как магазины, торгующие максимально широким ассортиментом товаров или только товарами периодического и редкого спроса, имеют значительно больший радиус обслуживания. Поэтому, систему розничной торговли города можно разделить на две большие группы, которые имеют между собой взаимосвязь. Например, магазины розничной торговли районного значения и общегородского значения.

Исходя из выше изложенного, магазины розничной торговли местного значения в большей степени обеспечивают население основными товарами продовольственного и непродовольственного характера, которые необходимы в каждодневной жизни. Что обеспечивает минимальный расход времени для покупок. Обычно магазины такой характеристики размещаются в спальных районах города, в микрорайонах, в жилых комплексах. Данные магазины располагаются с учётом остановок общественного транспорта и основных направлений пешеходных потоков, и обслуживают они население в пределах пешеходной доступности. Главным требованием к магазинам городского значения является предоставление населению максимального выбора товаров и услуг, удовлетворяющих разнообразные запросы и отвечающих вкусам людей.

**Литература:**

1. Абдусамадов Г.С. Переход к рынку: социально-экономические аспекты. - Душанбе, 2013.
2. Авилочкина О.В. Иванова О.А. и др. Российская торговая энциклопедия М. - 2015. - С.15.
3. Господарчук Г. Г. Развитие регионов на основе финансовой интеграции. – М.: Финансы и статистика, 2006. - 288 с.
4. Джамшедов М.Д., Хабибов С.Х., Факиров Х.Н. Рынок потребительских товаров Республики Таджикистан: теория и практика, оценка состояния, государственное регулирование и перспективы развития. Издательство «Ирфон». Душанбе 2013. -342с (С. 33-35).

Карх Д. А. Экономическая и социальная эффективность услуг розничной торговли. Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора экономических наук. Екатеринбург – 2010. -39с.

5. https://znaytovar.ru/new2800.html

6. https://skillbox.ru/media/marketing/chto-takoe-internetmarketing-zachem-on-nuzhen-biznesu-i-skolko-na-nyem-mozhno-zarabotat/.

## ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ ҲАМЧУН ЗАМИНА БАРОИ РУШДИ РАҚАМИКУНОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Собирҷонов А.С., Ҳасанов А. Р.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Рушди низоми молиявӣ дар шароити муосир нишон медиҳад, ки маҳз фарогирии молиявӣ заминаи рушди системаҳои муосир аз қабили рақамикунонӣ, дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва коҳиши камбизоатӣ, инчунин нобаробарии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ин кишварҳо хизмат мекунад.

Мубрамияти мақолаи пешниҳодшуда бо васеъ гардидани дастрасии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба захираҳои молиявӣ, ки ба рушди устувори фарогири иқтисодӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандон имкон медиҳад, вобаста аст.

Дар низоми молиявии замони нав, тавре ки мо медонем, хазинаи байналмилалии асъор ба густариши дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, ҷалби аҳолӣ ба фаъолияти иқтисодӣ, афзоиши шуғл ва системаҳои миллии иқтисодӣ диққат медиҳад.[21]

Мақсади асосии мақолаи мо истифодаи самараноки хизматрасониҳои молиявӣ ва дастрасии он барои ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва баланд бардоштани шаффофият ва эътимоднокии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи рақамикунонӣ мебошад.

Дар ин замина мо вазифаҳои асосии мақоларо муайян кардем:

- дастрасии аҳолиро ба захираҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи рақамикунонӣ ошкор намояд;
- омӯзиши тавонмандсозии иқтисодии одамон;
- сохтори наверо пешниҳод намояд, ки дастрасии аҳолиро ба захираи молиявӣ фароҳам орад.

**Нововарии илмӣ**

Механизми татбиқи фарогирии молиявӣ ҳамчун асоси дастрасии аҳолӣ ба захираҳои молиявӣ.

Мафҳуми "фарогир"(инклюзивный) ҳамчун истилоҳ дар ИМА солҳои ҳафтод ҳамчун рушди соҳаи иҷтимоии кишвар ва беҳтар кардани вазъи бештари шаҳрвандон пайдо шудааст.[22] Пас аз ба охир расидани буҳрони солҳои 2007-2008 истилоҳи фарогирӣ ё "инклюзивӣ" ба соҳаи

---

[21] IMF. Global Financial Stability Report: Lovel for Longer. [Электронный ресурс] – Режим доступа: https:// www.imf.org/en/Publicftions/GFSR/Issues/2019/10/01/global-financial-stability-report-october-2019. (дата обращения: 22.11.2022)

[22] Ianchovichina E. Inclusive Growth Analytics. Framework and Application. /E. Ianchovichina, S. Lundstrom // The world Bank. -2009.- Policy Research Working Paper 4851. –pp. 1-42.

иқтисодӣ гузашт ва рушди махсус пайдо кард[23]. Мувофиқи маълумоти бонки ҷаҳонӣ, фарогирии молиявӣ бо дастрасии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба маҳсулот ва хидматҳои молиявӣ бо сатҳи эҳтиёҷоти онҳо ва муайян кардани шумораи чунин маҳсулот ва хидматҳо алоқаманд аст, ки асоси онро рақамикунонӣ ташкил мекунад. Дар тадқиқоти Худ М. Кокорович-Жукан менависад, ки фарогирии молиявӣ дастрасии истеъмолкунандагон ба хидматҳои молиявӣ мебошад.[24]

**Ҷадвали 1. Тақсимоти нуқтаҳои дастрасии молиявӣ аз рӯи минтақа ба 100000 аҳолӣ дар соли 2020**

| Минтақаҳо | Филиалҳо | Марказҳои хизматрасонии бонкӣ | POS-терминалҳо | Терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои додани пули нақд | Банкоматҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| Душанбе | 6,2 | 26,4 | 241,4 | 36,2 | 41,4 |
| НТҶ | 2,6 | 14,4 | 8,7 | 16,9 | 9 |
| Хатлон | 3,3 | 13,6 | 7,4 | 15,0 | 8,6 |
| Сугд | 4 | 18,4 | 38,9 | 21,5 | 14,1 |
| ВМКБ | 9 | 22,9 | 71,7 | 42,3 | 14,7 |

**Сарчашма:** Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, БМТ (2020).

Мутаассифона, то имрӯз аксари ҷанбаҳои фарогирии молиявӣ аз ҷониби олимон пурра ошкор карда нашудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли Соли 2022 стратегияи миллии фарогирии молиявии ҶТ барои солҳои 2022-2026 қабул гардид. Стратегияи мазкур дар бораи аҳамияти фарогирии молиявии асри XXI ҳамчун воситаи муосир барои дастрасӣ ба хидматҳои молиявӣ сухан ронда мешавад. Мо дар мақолаи хеш ҷадвали 1.-ро овардем, ки фарогирии молиявиро дар ҶТ нишон медиҳад.

Бояд қайд кард, ки ба хизматрасониҳои асосӣ ва расмии молиявӣ, аз қабили пасандозҳо, қарзҳо, пардохтҳо, интиқоли пул, суғурта ва сармоягузорӣ, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ҳалли мушкилоти диверсификатсияи иқтисодиёт, баланд бардоштани самаранокии сиёсати пулию қарзӣ, андоз ва буҷет, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва суботи молиявӣ мусоидат мекунанд. Ҷаҳони муосир моро ба роҳи нав мебарад, ки аз мо талаб мекунад, ки ба ҳама тағйирот омода бошем. Маҳз захираҳои молиявии аҳолӣ ва истифодаи самараноки он ҳамаро ба ҳайрат овард, ки амиқ андеша кунанд. Барои ин, саводнокии молиявии аҳолӣ нақши калидӣ дорад. Огоҳ будан аз дониши молиявӣ барои аҳолӣ истифодаи захираҳои молиявиро осонтар мекунад. Ва аз ин рӯ, барои таҳияи Стратегияи таълими молиявӣ заминаи мустаҳкам мавҷуд аст, алалхусус уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ ва омодагии бахши хусусӣ. Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар соли 2016 стратегияи Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ кард.[25]

Хизматрасониҳои асосии молиявие, ки истеъмолкунандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

---

[23] Луцив Б. FINTEX в системе финансовой инклюзивности. /Б.Луцив //Свит финансов. -2008.-№4 (57).-С. 110-120

[24] Kokorović Jukan M. Comparative analysis of financial inclusion in developing regions around the world. / M. Kokorović Jukan, A. Softić // Journal of Economics and Busines. – 2016. – № 14 (2).

[25] Национальная стратегия финансовой инклюзивности Республики Таджикистан на 2022-2026 годы. С. 72.

зуд-зуд истифода мебаранд, хизматрасониҳои бонкӣ дар ҷои аввал меистанд. Аз соли 2000 то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди босуботи иқтисодӣ ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ мушоҳида мешавад. Афзоиши воқеии ММД дар солҳои 2010-2020 ба ҳисоби миёна 7,1 фоизро ташкил дод. Низоми бонкии кишвар ва нақши он боз ҳам муҳимтар мегардад. Бонкҳо инчунин дар инқилоби технологӣ, дар равандҳои ҳамгироӣ ва дар соҳаи хизматрасониҳои молиявӣ, коммуникатсионӣ ва таълимӣ фаъолона иштирок мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 65 адад шумораи ташкилотҳои молиявии ШТМ, аз ҷумла 16 бонк (15 бонки анъанавӣ ва 1 бонки исломӣ) ва 48 ташкилоти маблағгузории хурд (минбаъд ТМХ) (22 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 ташкилоти қарзии хурд ва 23 фонди қарзии хурд) фаъолият мекарданд. Бо вуҷуди коҳиши ночизи ТМХ, шумораи филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ дар давоми 2024 сол 8 адад нисбати соли 2020 кам шуд, ба 1928 адад расид. Ҳамчунин дар ҳамон сол дар дастрасии аҳолӣ ба инфрасохтори хизматрасониҳои молиявӣ ба натиҷаҳои нисбатан баланд ноил шуд, аз ҷумла ба 100000 аҳолии калонсол 32,1 воҳиди ТМХ (бо назардошти ҷузъу томҳои сохтории ТМХ) рост меояд. Дар сатҳи ҷумҳуриявӣ зичии ҷойгиршавии ТМХ дар 100 километри мураббаъ 1,4 ададро ташкил медиҳад. Ба ҳар 100 000 аҳолии калонсол 21 банкомат, 91 терминал, аз ҷумла 30 терминали додани пули нақд рост меояд.

Асоси рушди воситаҳои нави хизматрасониҳои пардохтӣ, аз қабили пулҳои электронӣ ва фаъолияти агентҳои бонкии пардохтӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ" буд, ки соли 2017 ба иҷро расид. Қонун барои афзоиши хизматрасониҳои рақамӣ ва пардохтҳо муҳити мусоид фароҳам овард. Барои таъмини рушди фарогирии молиявӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, истифодаи васеи ҳамёнҳои электронӣ ва заминаи зарурии ҳуқуқӣ барои соҳибкорон зарур мебошад. То моҳи декабри соли 2024 12 ташкилоти молиявию қарзӣ гардиши воситаҳои электрониро тавассути 1708,6 ҳазор адад ҳамёнҳои электронӣ ба маблағи тақрибан 543,1 миллион сомонӣ таъмин менамояд. Аз соли 2019 операторони алоқаи мобилӣ инчунин инфрасохтори зарурии пардохтро барои қабули пардохтҳои ғайринақдӣ барои молҳо ва хидматҳо тавассути ҳамёнҳои электронӣ дар доираи қонунгузории амалкунанда дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои молиявию қарзӣ амалӣ мекунанд. Инчунин, бо мақсади рушди хизматрасонии бонкии фосилавӣ ва зиёд кардани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдии ташкилотҳои молиявию қарзӣ Q- рамз муқаррар карда мешавад. Барои чунин гардиши воситаҳои электронӣ дастрасии аҳолӣ ба интернет зарур ҳисобида мешавад.

Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ (data.worldbank.org) танҳо 22 фоизи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба интернет дастрасӣ доранд. Тибқи Иттилои Telegeography, танҳо 2,9 фоизи хонаводаҳои кишвар ба интернети кабелӣ дастрасӣ доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сабаби паст будани нишондиҳандаҳо нисбат ба дигар кишварҳо дар ҷои охирин қарор дорад. Бо мақсади рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ тамоми имкониятҳо истифода шуда, чораҳои зарурӣ андешида шуданд. Аз замони аввалин таҳқиқоти глобалии Бонки Ҷаҳонӣ оид ба дастрасии молиявӣ (2011 сол) то имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб ҳамаи нишондиҳандаҳои истифода ба пешрафти назаррас ноил гардидааст. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҳам имкониятҳои кофӣ барои афзоиш дар ин самт мавҷуданд, зеро баъзе нишондиҳандаҳои истифодабарӣ ҳанӯз аз нишондиҳандаҳои миёнаи минтақавӣ дар сатҳи даромади миёна пасттаранд.

Соли 2011 ин нишондиҳанда 517,6 миллион сомонӣ ё 8,0 фоизро ташкил дода, аз ин маблағҳо 1254,7 миллион сомонӣ ба ноҳияҳои кӯҳӣ (дурдаст) дода шудааст. Соли 2011 аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 8,0 фоиз ба занон рост меояд ва маблағи он 520,7 миллион

сомониро ташкил дод.

Дар истифодаи хидматҳои асосии молиявӣ, сарфи назар аз пешрафти назаррас, гуногунии аксари ин маҳсулот мушоҳида карда намешавад: - маҳсулоти қарзӣ, ки дар бозор мавҷуданд, ба доираи нисбатан васеи самтҳо, аз ҷумла рушди корхона, фаъолияти кишоварзӣ, истеъмол равона карда шудаанд (масалан, қарзҳои хариди мошин, қарзҳои экспресс, қарзҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, хароҷоти тиббӣ, хароҷоти таҳсилот, қарзҳо барои хариди молҳои истеъмолӣ дар қисмҳо ва ғ.). Маҳсулоти қарзии Бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ асосан маҷмуи шабеҳи фарқиятҳоро дар андозаи қарзҳо, ки одатан дар бонкҳо калонтаранд, таъмин мекунанд. Бонкҳо инчунин майл доранд, ки доираи васеи маҳсулоти дуюмдараҷа (вариантҳои маҳсулоти асосии қарзӣ) пешниҳод кунанд ва дар муқоиса бо ташкилотҳои қарзӣ ба коҳиши бозор камтар манфиат доранд.

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ баъзе мушкилот дорад, ки дар зер нишон дода шудаанд:

1) дар қисми дастрасии ҷисмонӣ: фаъолияти нокифояи шабакаи терминалҳо ва банкоматҳо; фарогирии нобаробари минтақаҳо бо нуқтаҳои дастрасии ҷисмонӣ; шабакаи нокифояи агенти пардохтии бонкӣ;

2) дар қисми танзим: - барои дастгирии устувори рушди молияи рақамӣ ва дастрасии молиявӣ, заминаи меъёрию ҳуқуқӣ такмил ва тақвияти минбаъдаро талаб мекунад;

3) дар қисми инфрасохтори молиявии ҳамкорӣ: мутобиқати нокифояи банкоматҳо ва терминалҳо бо кортҳои пардохтии бонкӣ; хусусияти таъсиси маркази коркард; набудани ҳамгироии байнибонкӣ (пардохтҳо тавассути рамзҳои QR, ҳамёнҳои электронӣ, амалиётҳо байни шахсони воқеӣ( P2P);

4) дар қисми интернет ва инфрасохтори мобилӣ: - тақсимоти маҳдуди интернет, арзиши баланд, суръати паст, тақсимоти нобаробари минтақавӣ

5) Вусъатбахшии рақамикунонӣ дар ҳамаи амалиётҳо.

**Адабиёт:**


1. IMF. Global Financial Stability Report: Lovel for Longer. [Электронный ресурс] – Режим доступа: https:// www.imf.org/en/Publicftions/GFSR/Issues/2019/10/01/global-financial-stability-report-october-2019. (дата обращения: 22.11.2022)
2. Ianchovichina E. Inclusive Growth Analytics. Framework and Application. /E. Ianchovichina, S. Lundstrom // The world Bank. -2009.- Policy Research Working Paper 4851. –pp. 1-42.
3. Луцив Б. FINTEX в системе финансовой инклюзивности. /Б.Луцив //Свит финансов. - 2008.-№4 (57).-С. 110-120
4. The World Bank. Inclusion At-A-Glance. [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://www.worldbank.org/en/topic/financialinclusion. (дата обращения: 24.11.2022)
5. Kokorović Jukan M. Comparative analysis of financial inclusion in developing regions around the world. / M. Kokorović Jukan, A. Softić // Journal of Economics and Busines. – 2016. – № 14 (2).
6. Шихалиева Д.С. Финансовая инклюзия как тренд развития экономики в условиях цифровизации. Ученые записи Российской академии предпринимательства. 2022;21(1):61-65. https://doi.org/10.24182/2073-6258-2022-21-1-61-65 (дата обращения: 28.11.2022)
7. Patwardhan A. Financial Inclusion in the Digital Age. [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://www.sciencedirect.com/science/ article/pii/B978012810441500004X. (дата обращения: 28.11.2022)

8. Национальная стратегия финансовой инклюзивности Республики Таджикистан на 2022-2026 годы. - С. 72.

## РАҚАМИКУНОНИИ ИСТЕҲСОЛОТ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАМОЮЛҲОИ РУШД

**Соҳибназарзода З. Т.**
**ДДҲБСТ**

Дар ҳоли ҳозир иқтисоддонҳо, коршиносон ва сиёсатмадорони ватаниву хориҷӣ рақамикунониро тамоюли асосии рушди иқтисодии кишвар ва ҷамъият меноманд. Рақамикунонӣ як раванди мушаххасест, ки ба муттаҳид кардани ҷанбаҳои гуногуни инноватсионӣ ва технологӣ нигаронида шудааст. Усулҳои рақамӣ ва технологияҳо дар тамоми соҳаҳои фаъолият, ки маънои васеъи "иқтисоди рақамӣ" – ро дорад, раванди табдили рақамӣ ва фарогир мебошад.

Дар таърихи 28 декабри соли 2024 Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ – мақоми олии қонунгузори мамлакат "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" баргузор гардид, ки дар он Пешвои миллат иброз намуданд, ки дар соли 2025-ум доир ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ташаккули "иқтисоди сабз", рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тадбирҳои мушаххас андешида шаванд. [1,]:

Вобаста ба ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рақамикунонӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ мутахассисон ва олимони ватанӣ корбари намудаистодаанд.

Раванди иттилооттикунонӣ ба ҷанбаҳои гуногун (аз ҷумла иттилоот), инчунин намудҳои пешниҳоди маълумот дахл дорад. Лекин рақамикунонӣ бо худ маънои махсус дошта, назар ба раванди иттилоотикунонии иҷтимоӣ хеле васеътар мебошад, ки дар охири асри гузашта аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ омӯхта шуда буд. Албатта, усулҳо, техника ва технологияҳои иттилоотии мавҷудбуда низ метавонанд дар рақамисозӣ истифода бурда шаванд, лекин онҳо бояд аввал навсозӣ ва ба талаботи имрӯзаи муосир ҷавобгӯ карда шаванд.

Ҷанбаҳои назариявии табдилдиҳии рақамии истеҳсолот ва технологияҳои иттилоотӣ:

Консепсияи рақамисозӣ бо истифодаи технологияҳои инноватсионии рақамӣ аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ зич алоқаманд аст. Ба ақидаи мутахассисон технологияҳои рақамӣ ба истеҳсолот такони мусбӣ медиҳанд [2, с. 240]:

- нишондиҳандаҳои истеҳсолот аз ҳисоби сари вакт ва хушсифат гузарондани маҳсулот меафзояд;
- раванди хусусиятҳои истеҳсолӣ - техникӣ ба таври доимӣ тағйир мeёбанд;
- самаранокӣ дар идоракунии истеҳсолот сатҳи рақобатпазирии корхонаро баланд мебардорад, ки дар навбати худ боиси баланд шудани сатҳи фоидаи он мегардад.

- таъмини фарогирии иттилоот дар тамоми марҳилаҳои давраи ҳаёт махсулоте, ки корхонаи технологӣ истеҳсол мекунад, ки қобилияти самарабахши доираи васеи ҳалли проблемаҳоро медиҳад.

Бояд гуфт, ки дар баробари ин дараҷаи вобастагии истеҳсолот аз технологияҳои рақамии татбиқшаванда ба таври назаррас меафзояд, инчунин чӣ гуна дар корхона роботизатсия/автоматикунонии равандҳои истеҳсоли маҳсулот ба роҳ монда мешавад, рақамикунонии корхонаҳо дар раванди истеҳсолот дар шароити муосир хеле зарурӣ буда барои тараққиёти минбаъдаи он таъсири манфӣ расонида метавонад. Нокомӣ ё хато дар модели классикӣ ва надоштани дониши техникӣ дар раванди идоракунии корхонаҳо бидуни истифодаи технологияҳои рақамӣ мушкилоти бештареро ба бор меорад. Ба ин муносибат зарур аст назоратро аз болои карорҳое, ки дар соҳаҳои ташкилоту истеҳсолоти рақамӣ қабул карда мешаванд, пурзӯр кунанд. Омилҳои рақамӣ барои корхонаҳо хеле муҳим шуда истодаанд, нобарории онҳо кори онро тамоман фалаҷ карда метавонад. Ин ҳолати рақамикунонии саноат то андозае ба тезонидани қабули муттаҳидшавӣ дар масъалаҳо мусоидат менамояд. Татбиқи амалии ин технология ба менеҷерҳо имкон медиҳад, ки тиҷорати худро тағйир диҳанд. Ин раванд бо 2 тарзи асосӣ нишон дода мешавад .

1.Таъсиси корхона:

- имконияти муттаҳидсозии технологияҳои иттилоотӣ ва амалиётӣ;
- мониторинг дар вақти воқеӣ;
- ҳамгирой ба шакли рақамӣ.

2. Истифодаи технологияи махсустаҳияшудаи технологияҳои иттилоотӣ:

- имкони ҷойгиркунӣ дар муддати кӯтоҳтарин;
- зуд ба даст овардани фоида;
- ҳаракат ва рушди доимӣ;
2. При определении конкурентоспособности товара учитываются два критерия: себестоимость производства и реализации товара, а также уровень его качества.

При одинаковом уровне качества товаров-конкурентов более конкурентоспособным является тот, у кого ниже себестоимость. В этих условиях предприятия должны обращать внимание не только на уровень качества выпускаемой продукции, но и на издержки её производства и реализации

3. Сопоставление товаров-конкурентов с учётом их технического уровня и продажной цены осуществляется по следующей схеме:

1) Средний индекс конкурентоспособности по стоимостным показателям рассчитывается по формуле:

Ip= (Piб/Pi)/n

где Pi, Piб - значение i-го показателя базового и анализируемого изделия; n-количество i-ых показателей.

2) Индекс структурной оптимальности рассчитывается по формуле:

Lo=lyб,

где lyб- структурная оптимальность анализируемого изделия, рассчитываемая по формуле:

ly=(ymin/ymax)/n,

где ymin, ymax минимальный и максимальный удельный вес показателей.

3) Комплексный стоимостной показатель рассчитывается по формуле:

Ik=√ Ip*Io

4) Интегральный индекс конкурентоспособности рассчитывается по формуле:

Luнm=√ Ic*Ik

5) Средний индекс конкурентоспособности по экспертным оценкам рассчитывается по формуле:

Ic= (Bi / Biб) / n,

где Bi / Biб значение i-го показателя базового и анализируемого изделия

n- количество i-ых показателей.

В общем, для повышения конкурентоспособности продукции на предприятии необходимо следовать следующим рекомендациям:

1. Улучшить качество продукции за счёт системы TQM.

2. Применять СТИС-рекламу личные продажи PR для успешного продвижения продукции.

3. Обеспечение приоритетности на рынке за счёт технико-экономических и качественных показателей продукции.

4. Учитывать требования покупателей к изменению качества и характеристик продукции.

5. Выявлять и использовать потенциальные качества продукции для повышения конкурентоспособности по сравнению с аналогами.

6. Анализировать преимущества и недостатки товаров-аналогов конкурентов и использовать эти результаты для поддержания конкурентоспособности выпускаемой продукции.

7. Изучать и анализировать мероприятия конкурентов по повышению конкурентоспособности и разрабатывать контрмер, дающий преимущества предприятию.

8. Расширять модификации продукции за счёт улучшения их характеристик (дизайн, надёжность, функциональная полнота, экономичность в эксплуатации и т.д.).

9. Выявлять ценовые преимущества конкурентов и их компенсацию (виды скидок, сроки и объем гарантии, сервис и т.п.).

10. Расширять сферы применения (в том числе проектных).

11. Расширять диапазон условий работы (эксплуатации) продукции.

12. Дифференцировать продукцию с учётом предпочтений показателей (по качеству, цене, характеристикам и др).

13. Воздействовать непосредственно на покупателя путём создания временного дефицита новых и более совершенных товаров, ведение активной рекламной компании, создание предпочтительных экономических условий продаж.

14. Разработать стратегию по снижению или избегать коммерческого риска.

15. Внедрять в производство более новое и совершенное оборудование и технологии.

16. Повышать качество рабочей силы за счёт: повышения квалификации, ротации, переобучения, получения вторых профессий.....

17. Использовать новые информационные технологии, интернет.

## Заключение

Исходя из проведённого анализа по исследуемой теме, можно сделать следующие выводы и предложить следующие мероприятия:

1. Под конкурентоспособностью товара понимают неку, относительную интегральную характеристику, отражающую его отличия от товара-конкурента и, соответственно, определяющую его привлекательность в глазах потребителя.

2. Факторы, определяющие конкурентоспособность товаров и услуг:

1) качество товаров и услуг;

2) цена товаров и услуг;

3)уровень квалификации персонала и менеджмента;

4)технологический уровень производства;

5)доступность источников финансирования.

3. Конкурентоспособность более полно раскрывается через систему показателей, среди которых выделяются:

1)качественные показатели конкурентоспособности характеризуют свойства товара, благодаря которым он удовлетворяет конкретную потребность,

2)экономические показатели конкурентоспособности характеризуют суммарные затраты потребителя на удовлетворение его потребности посредством данного товара.

4. Одним из основных методов повышения конкуренто-способности продукции на предприятии является известность фирмы реклама.

Электронная реклама придаёт всей рекламной деятельности новое измерение: с помощью Интернет вы получаете возможность передавать свои рекламные объявления на компьютеры целевых групп потребителей в режиме реального времени.

5. Для повышения конкурентоспособности предприятия нужно совершенствовать технико-технологическую организацию производства на предприятии.

6. Необходимо снизить цены на изделие. Одним из способов снижения цены на продукцию является применение скидок. Использование скидок обусловлено рядом причин: усиление спроса в период его спада, помогает управлять конечной продажной ценой, стимулирует клиентов к приобретению больших партий.

Также необходимо снижать энергозатраты на производство, путём более экономичного использования и модификации оборудования, что снизит потребление электроэнергии.

7. Необходимо улучшить качество продукции за счёт системы TQM.

**Литература:**

1. Акулич И.А. Маркетниг. Учебник. Мн.: Выш. шк., 2000. 58 с.

2. Амблер Т. Практический маркетинг / Пер. с англ. Под общей ред. Ю.Н. Каптуренского. СПб: Издательство «Питер», 2003. с. 211-217

3. Багиев Г.Л. и др. Маркетинг: Учебник для вузов / Г.Л. Багиев, В.М. Тарасевич, Х. Ани; Под общ. ред. Г.Л. Ба гнев, «Изд-во «Экономика», 2001 г.С. 246-258.

4. Белоусова С.Н., Белоусов А.Г. М 25 Маркетинг. Ростов на Дону: «Феникс», с. 2001 с. 103-104.

5. Попов Е.В. продвижение товаров и услуг: МОСКВА «ФИНАНСЫ И СТАТИСТИКА» 1999, 60-70

6. Блайт Дж. Основы маркетинга: Пер. со 2 го англ. над. К.: Знания Пресс, 2003. С. 115-130.

7. Данько Т.П. Управление маркетингом. Учебник. Изд. 2-е, перераб. и доп. М.: ИНФРА. М., 2001. С. 120-123

8. А.И. Ильин. Экономика предприятия: М.: Новое знание», 2003, 677 с.

9. Дурович А.П. 184 Маркетинг и предпринимательской деятельности. Мн.: НПЖ «Финансы, учёт, аудит», 1997

## РАҚОБАТИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ

**Ҳасанов А.Р.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Рақамикунонӣ дар ҷаҳони муосир яке аз омилҳои асосии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад ва он низоми бонкиро низ дар канор нагузошт. Вай дар бахши муосири бонкӣ нақши бузург дорад, зеро самаранокӣ, амният ва қулайии амалиёти бонкиро барои муштариён таъмин мекунад. Моҳияти истифодаи рақамикунонӣ дар автоматикунонӣ ва муносибгардонии ҷараёнҳои бонкӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон ва афзоиши фоидаи бонк дар маҷмуъ зоҳир мегардад.

Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти бонкӣ қарорҳои бонкро оид ба такмил додани корҳои минбаъда ва вусъати маҳсулот ва хизматрасонӣ куллан тағйир медиҳад, инчунин роҳҳои нави тараққиётро мекушояд ва бо ҳамин васила ба сатҳи нав гузаштани бахши бонкии иқтисодиётро таъмин менамояд.

Рақамикунонии фаъолияти бонкӣ қадами муҳим дар тараққиёти иқтисодиёти ҳозиразамон гардид. Ташкилотҳои қарзӣ технологияҳои рақамиро дар фаъолияти худ ҷорӣ менамоянд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад муваффақ ва рақобатпазир бошанд.

Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1991 пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар заминаи панҷ бонки калони давлатӣ ташаккул ёфт ва дар замони муосир қисми асосии ҷудонашавандаи бахши молиявӣ буда, барои амалӣ намудани сиёсати пулию қарзӣ ва иқтисодии кишвар нақши муҳим мебозад.

Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дусатҳа буда, аз сатҳи болоӣ - Бонки миллии Тоҷикистон ва сатҳи поёнӣ - ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла, бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, инчунин ташкилотҳои маблағгузории хурде, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон дар кишвар фаъолият мекунанд, иборат мебошанд.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” яке аз ҳадафҳои асосии Бонки миллии Тоҷикистон таъмини устувории низоми бонкии давлат мебошад [2].

Аз ин рӯ, Бонки миллии Тоҷикистон дорои ҳуқуқи истисноии танзим ва назорати ташкилотҳои қарзии молиявӣ буда, дар доираи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ”, “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ва дигар қонунҳои соҳавӣ бо мақсади нигоҳдории суботи низоми бонкӣ ва низоми пардохт, ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон ва қарздеҳон, танзим ва назорати ташкилотҳои қарзии молиявӣ фаъолияташро ба роҳ мондааст.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2024 дар маҷмуъ 65 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 15 адад бонки анъанавӣ, 1 адад бонки исломӣ, 1 адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 22 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 адад ташкилоти қарзии хурд ва 23 адад фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд [6].

Дар шароити муосир бозори хизматрасониҳои бонкӣ, аз як тараф, ҳамчун воситаи ба амал баровардани дигаргунисозиҳои иқтисодӣ бошад, аз тарафи дигар - нишондиҳандаи онҳо мебошад. Ин нақши дугонагии ӯ бо он алоқаманд аст, ки банкҳо дар иктисодиёт ҷойгоҳи махсус доранд. Низоми бонкиро метавон бо "системаи гардиши хун" муқоиса кард, ки он қобилияти фаъолиятии иқтисодиётро таъмин мекунад. То он даме, ки хун ҳаракат мекунад, ҷисм зинда аст, баробари аз ҳаракат мондани хун ҷисм мемирад. Аз кори мураттаби бонкҳо ҷараёни такрористеҳсолкунӣ дар умум вобаста аст, зеро ки бонкҳо пасандозҳои аҳолӣ, корхонаҳо ва давлатро сафарбар мекунанд ва ба сармоя табдил медиҳанд. Онҳо дар ҷараёнҳои инноватсионӣ иштирок мекунанд, гузаронандагони сиёсати пулию қарзии давлат мебошанд. Тавассути миёнаравии бонкҳо ва ҳамкории онҳо бо дигар миёнаравони молиявӣ давлат табирҳои зиддисиклӣ ва зиддибуҳрониро амалӣ менамояд. Ба ғайр аз ин, бонкҳо асоси механизми пардохт ва ҳисоббаробаркуниро ташкил медиҳанд: тавассути онҳо ҳисоббаробаркунӣ байни контрагентҳо амалӣ мешавад ва гардиши мунтазами пулҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ таъмин мегардад. Онҳо захираҳои пулиро аз нав тақсим мекунанд, воситаҳои пардохтро эҷод мекунанд, хизматҳои итиилоотиву машваратӣ ва ғайраро мерасонанд.

Ҳамин тариқ, фаъолияти самараноки иқтисодиёти муосир бе низоми солими бонкӣ ғайриимкон аст. Илова бар ин, барои кори муътадил ва зиёда аз ин рушди иқтисодиёт фақат як ҳаракати "хун" кифоя нест, бояд пуршавии система дар ҳаҷми зарурӣ бошад, инчунин риояи тобоварии лаҳзаҳои сохтории муайян бояд бошад: як қисми пул дар ҳисоббаробаркуниҳо, қисми дигараш  дар дасти аҳолӣ, хазинаи корхонаҳо ва дар захираҳо бояд бошанд. Ва агар звеноҳои гуногуни системаҳои бонкӣ бо мушкилоти ҷиддӣ дар фаъолияти худ рӯ ба рӯ шавад, ин метавонад ба бӯҳрон ё ҳатто фалаҷии тамоми иқтисодиёт оварда расонад. Дар ин маврид бояд қайд кард, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои асосии молиявӣ, ҳаҷми амалиёти гузарондашуда ва гуногуншаклии хизматрасониҳои молиявӣ ба мизоҷон, бахши бонкии Тоҷикистон аз сатҳи рушди тиҷорати бонкӣ дар хориҷа ва хусусан дар мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ қафо мондааст,

Бо вуҷуди мавҷудияти мушкилоти зиёд, бонкҳои Тоҷикистон айни замон бисёрии намудҳои маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкиро азхуд кардаанд. Дар бобати такмили намудҳои хизматрасониҳои асосӣ, ҷорӣ намудани хизматрасонҳои нав фаъолона кор бурда истодаанд.

Гарчанде проблемаҳои рақобат умуман дар адабиёти иқтисодӣ хеле васеъ шарҳ дода шуда бошад ҳам, рақобат дар соҳаи бонкдорӣ нисбат ба рақобат дар бозори анъанавии молу хизматрасониҳо камтар омӯхта ва тавсиф шудааст. Тадқиқи масъалаҳои рақобати бонкӣ аз сабаби хусусиятнокии худ як қатор ҷиҳатҳои муҳимми назариявӣ ва амалии  ин падидаи иқтисодиро дахл накарда, асосан характери фрагментариро (нопуррагиро) дорад. Масалан, масъалаҳои баҳодиҳии сатҳи рақобати бонкӣ, моҳият, инчунин шакл ва омилҳои танзими давлатии рақобати бонкӣ суст коркард шудаанд. Дар адабиёти илмӣ усулҳои омӯзиши рақобат дар соҳаи бонкдорӣ боз ҳам камтар баррасӣ ва омилҳои рақобат комилан якхела муайян карда шудаанд. Дар аксари тадқиқотҳо, масалан аз ҷониби муаллифон, ба монанди А.А., Хандруева А.А., Коробова Г.Г ва дигарон, рақобат ҳамчун раванди динамикии рақибӣ байни бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ, ки дар рафти он онҳо кӯшиш мекунанд, ки дар бозори қарз ва хизматрасониҳои бонкӣ мавқеи мустаҳкамро барои худ таъмин намоянд, муайян карда шудааст [5]. Муаллифони дигар рақобати бонкиро ҳамчун омили ҳавасмандкунандае, ки рақибонро маҷбур мекунад доираи хизматрасонии бонкии худро васеъ кунанд, сифати маҳсулоти бонкиро беҳтар намоянд, нархи ин маҳсулотро ба танзим даророанд, бонкҳоро ба гузаштан ба усулҳои самараноки фаъолият ҳавасманд мекунанд, муайян кардаанд. Масалан,

Самсонова Е.К., Гаджиева А.А. ва Тавасиев А.М. ин равишҳоро ба ҳам мепайвандад ва рақобати бонкиро ҳамчун раванди иқтисодии муносибати мутақобила ва рақибӣ байни ташкилотҳои қарзӣ ва дигар иштирокчиёни бозори молиявӣ, ки дар рафти он онҳо мекӯшанд барои худ мавқеи мустаҳкамро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти гуногуни муштариён ва ба ҳадди аксар расонидани фоида нишон медиҳанд [7,8]. Мо низ чунин таърифи рақобати бонкиро тарафдорӣ менамоем.

Рақобати бонкӣ дорои хусусиятҳои хосест, ки онро аз рақобат дар саноат ва дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ фарқ мекунонад. Хизматрасониҳои бонкӣ аналогҳои берунии рақобатпазир надоранд, бинобар ин, рақобати байни соҳавӣ танҳо тавассути гузаштани сармоя амалӣ мешавад. Инчунин бояд дар назар дошт, ки шиддати рақобат дар бахши бонкӣ бештар аст, зеро дар ин ҷо як қатор монеаҳои воридшавӣ, ки барои дигар соҳаҳо хосанд вуҷуд надорад.

Бозори хизматрасониҳои бонкӣ - ин як олигополияи тафриқашуда мебошад, ки аз ҷониби давлат дастгирӣ карда мешавад, барои ҳамкорӣ, ҳамгирой ва ба ҳам мувофиқа кунондани сиёсати бозории ташкилотҳои қарзии гуногун, вусъати соҳаи минтақавӣ ва миллии фаъолияти бонкҳо имкониятҳои бештар медиҳад [6].

Ҳамаи афзалиятҳои рақобатии эҳтимолии гуногун ва бинобар ин омилҳои рақобатпазирии бонкро аз нуқтаи назари муштарӣ шартан ба ду гуруҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1) Афзалиятҳое, ки бо хароҷоти паст алоқаманданд ва он имкон медиҳад хизматрасониро бо нархҳо ва тарифҳои нисбатан муфид барои мизоҷон пешниҳод карда шаванд.

2) Афзалиятҳое, ки бо тафриқа шудани хизматрасониҳо алоқаманданд (ки ин дар навбати худ имкон медиҳад, ки ба паст кардани нарху тарифҳо аз ҷониби рақибон, ҳатто дар ҳолати устувории нисбии нархҳо ба хидматрасониҳои худӣ, мукобилат нишон дода шавад). Агар омилҳои ракобатпазирии бонкро аз нуқтаи назари нишондиҳандаҳое, ки ҳолати онҳоро инъикос мекунанд баррасӣ кунем, пас гурӯҳҳои муайянро, ки дар ҷадвали 1 оварда шудаанд ташаккул додан мумкин аст.

**Ҷадвали 1. Таснифи омилҳои рақобатпазирии хизматрасониҳои бонкӣ [9]**

| Омилҳои рақобатпазирии хизматрасониҳои бонкӣ | | |
|---|---|---|
| **Молиявӣ** | **Кормандони бонк** | **Хизматрасониҳои бонк** |
| • Менеҷменти молиявӣ<br>• Эътимоднокии ҳолат<br>• Самаранокии фаъолият | • Менеҷменти кадрӣ;<br>• Тахассус ва таҷрибаи кормандон<br>• Шумораи муносиб<br>• Бодиққатии кормандон | • Сифати хизматҳои расонидашаванда<br>• Номгуи васеъи хизматрасониҳо<br>• Дастрасии ҳудудии филиалҳо |

Дар асоси ҳамаи гуфтаҳои дар боло овардашуда, мо метавонем хулоса барорем, ки омилҳои рақобатпазирӣ ба се самти асосӣ гурӯҳбандӣ мешаванд: молиявӣ, ки беҳбудии молиявии бонкро инъикос мекунанд; кормандони бонк, яъне аз тавсифи сифатӣ ва миқдории онҳо; хидматрасониҳои бонк: қулай будани онҳо, қобилияти қонеъгардонии ниёзҳои муштариён.

Ҳар яке аз омилҳои дар боло овардашудаи рақобатпазирии бонк метавонад бартарии асосии рақобатии он гарданд. Ҳамаи ин омилҳо ба ҳам алоқаманд ва аз якдигар вобастаанд: бе кормандони ихтисосманд ва ҳавасманд мавқеи мустаҳкам пайдо кардан дар бозор, таъмини устувории молиявӣ ва даромаднокии фаъолияти ташкилоти қарзӣ, фоидаи пешбинишудаи бонкиро гирифтан номумкин аст. Бе доштани имконоти молиявӣ ҷалби мутахассисони соҳибихтисос, сифати баланди қарорҳои идоракуниро таъмин кардан ва иҷрои вазифаҳои зарурии иҷроиявӣ душвор аст. Дар бораи рушди рақобат дар бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаминро гуфтан лозим аст, ки дар ин ҷо аз аввал шароитҳои хусусии оғозӣ вуҷуд дошт.

Аз соли 2005 сар карда дар бозори қарзӣ талабот ба қарзҳои истеъмолӣ зиёд шуд. Мутобиқан пешниҳоди маҳсулоти қарзӣ низ зиёд шуд. Дар ин давра ташкилотҳои маблағгузории хурд, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд рушд карданд ва афзалиятҳои онҳо нисбат ба бонкҳои калон дар ин буд: зудамалӣ дар қабули қарорҳо, таваҷҷуҳ ба ҷойҳои холии бозор, сарфакунӣ дар хароҷот. Ҳамаи ин имкон дод, ки ин ташкилотҳо ҳиссаи хубро дар бозори қарз ишғол намоянд.

Чи тавре, ки маълумотҳои дар ҷадвали 2 овардашуда нишон медиҳанд, дар бозори қарзӣ ҶСК "Бонки Эсхата", КВД БА ҶТ "Амонатбонк" ва ҶСК "Ориёнбонк" пешсаф мебошанд. Дар бозори амонатҳо бошад пешсаф КВД БА ҶТ "Амонатбонк" мебошад. Нигоҳдорӣ ва ҷойгиркунии он ҳамчун ташкилоте, ки аз ҷониби давлат назорат карда мешавад, тавзеҳи асосии мавқеъи инҳисории он дар бозори амонатҳо мебошад. КВД БА ҶТ "Амонатбонк" 27,0 %-и бозори амонатҳоро ишғол мекунад [10,С.33; 11] . Бартарии асосии афзалияти рақобатии он - шабакаи калони филиалҳо ва имиҷи бонки боэътимод, ки ин омили муҳими интихоби бонк барои кушодани пасандозҳо барои чунин гурӯҳи мақсаднок ба монанди нафақахӯрон, кормандони муассисаҳои буҷетӣ, ки гурӯҳи асосии амонатгузоронро ташкил медиҳанд. “Амонатбонк” инчунин ба таври анъанавӣ ба ташкилотҳои буҷетӣ хизмат мерасонад, ки кормандони онҳо қисми асосии мизоҷони маошии бонкро ташкил медиҳанд.

Ба ҳолати 01.01.2025 аз рӯйи миқдори дороиҳо пешсаф КВД БА ҶТ "Амонатбонк", баъ аз он ҶСК "Бонки Эсхата" ва ҶСК "Ориёнбонк" мебошанд (ҷадвали 2). Дар ҳамаи ташкилотҳои қарзии номбаргардида зиёдшавии дороиҳо мушоҳида карда мешавад.

Дар шароити вусъат ёфтани рақобат ҳар рӯз инноватсияҳои гуногуни техникӣ ва технологӣ ба вуҷуд меоянд, ки онҳо ҷараёни пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасонии бонкиро суръат мебахшанд, такмил медиҳанд, ки ин ба ҷалби муштариёни нав ва зиёд кардани ҳиссаи ишғолшудаи бозор аз ҷониби бонк кӯмак мекунад. Инноватсияҳои молиявӣ дар шароити муосир дар бозори ватанӣ заруранд, зеро дар бозори бонкии Тоҷикистон шумораи ташкилотҳо ва филиалҳои ташкилотҳои қарзии хориҷӣ, ки метавонанд хизматрасониҳои истисноиро пешниҳод намоянд, метавонанд зиёд шаванд, ки ин рақобати байни ташкилотҳои қарзиро боз ҳам шиддатноктар мегардонад.

**Ҷадвали 2. Дороиҳо, амонатҳо ва қарзҳову иҷораи молиявӣ ва овердрафти бонкҳои тиҷоратии ҶТ дар аввали соли 2025**

| Р/Т | Номгуи бонкҳо | Дороиҳо дар аввали соли 2025, млн.сомонӣ | Амонатҳо дар аввали соли 2025, млн.сомонӣ | Қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт дар аввали соли 2025, млн.сомонӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 8 719,9 | 6 856,6 | 2 655,2 |
| 2 | ҶСК "Бонки Эсхата" | 6 926,7 | 4 148,6 | 3 694,1 |
| 3 | ҶСК "Ориёнбонк" | 5 349,5 | 1 920,6 | 2 125,2 |
| 4 | ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 3 919,0 | 2 655,2 | 715,6 |
| 5 | ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 3 290,1 | 2 094,3 | 133,3 |
| 6 | ҶСП "Спитамен Бонк" | 3 004,7 | 803,2 | 1 278,0 |
| 7 | ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 2 384,1 | 1 847,2 | 959,3 |
| 8 | ҶСК "Алиф Бонк" | 1 769,8 | 1 159,4 | 897,8 |
| 9 | ҶСП Бонки "Арванд" | 1 561,1 | 407,1 | 1 244,6 |
| 10 | ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 1 294,2 | 911,1 | 736,2 |
| 11 | КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 1 096,4 | 367,6 | 545,4 |
| 12 | ҶСП "Актив Бонк" | 555,4 | 224,9 | 109,0 |
| 13 | ҶСК "Тавҳидбонк" | 328,1 | 97,2 | 170,3 |
| 14 | ҶСП "Бонки рушди Тоҷикистон" | 123,0 | 36,6 | 45,5 |
| 15 | Филиали бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ дар ш. Душанбе | 93,3 | 25,7 | 28,6 |

**Манбаъ:** Нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо [11]

Бояд қайд кард, ки яке аз хусусиятҳои муҳими рақобати муосири бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин дар бозор фаъолият намудани ташкилотҳои қарзии хусусӣ аз як тараф, ки ҳадафашон ба даст овардани фоида мебошад ва аз тарафи дигар, ташкилотҳои қарзӣ бо иштироки сармояи давлатӣ, ки фаъолияти онҳо барои тараққӣ додани иқтисодиёт бояд нигаронида шуда бошад ва ба дӯши худ бори дахлдорро бояд гиранд. Аммо дар воқеият бонкҳои давлатӣ низ ҳамон мақсадҳоеро пеш мегиранд, ки бонкҳои тиҷоратӣ доранд ва ҳамчун ташкилотҳои соф ба гирифтани фоида нигаронидашуда амал мекунанд. Бонкҳои давлатӣ амалиётҳои бонкҳои тиҷоратии универсалиро гузаронида бо бонкҳои хусусӣ рақобат мекунанд. Дар баробари ин, онҳо бартариҳои раднашаванда доранд, зеро онҳо ҳамчун пассиви асосӣ маблағҳои буҷети давлатиро истифода мебаранд ва давлат имтиёзҳои калон аз рӯи аҳамияти махсусашон (ҳамчун институтҳои квази-ҷамъиятӣ, ки барои иҷрои вазифаҳои муҳими иҷтимоӣ пешбинӣ шудаанд) мегиранд.

Мо чунин мешуморем, ки доираи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бо иштироки давлат бояд ба вазифаҳои давлат тобеъ карда шавад ва берун аз доираи рақобати муассисаҳои бонкӣ бошанд. Аммо дар ҳолати зарурӣ ҳар як бонки давлатӣ имкон дорад ба сифати бонки классикӣ иштирокчии бозори хизматрасониҳои бонкиро дар асоси озмун барои иҷрои барнома ва лоиҳаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҷалб намояд, ташаккули муносибатҳои рақобатиро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ бидуни рақибии бевосита бо ташкилотҳои қарзии хусусӣ ҳавасманд гардонад.

Таҳлили вазъи бозори бонкӣ нишон медиҳад, ки рақобати асосӣ байни бонкҳо барои захираҳои арзон мебошад. Аҳамияти ҳалкунандаро барои бонкҳо дониш дар бораи роҳҳои ба даст овардани захираҳои арзон ва дарозмуддаттар ё пайваста барқароршаванда дорад. Дар

бобати ҷойгиркунии маблағ бошад, дар ин ҷо дараҷаи рақобат пасттар мебошад ва самтҳои ҷойгиркунии дороиҳо барои ҳамаи бонкҳо тақрибан якхелаанд.

Бақия дар суратҳисобҳои ҳисобӣ қисми муҳими заминаи захиравии бонкҳо ташкил медиҳад, бинобар ин рақобати шадид байни бонкҳо барои муштариёне, ки бақияи калони доимӣ доранд вуҷуд дорад.

Воситаи асосӣ дар ин мубориза - пешниҳоди қарзҳо бо меъёри фоизҳои пасттар нисбат ба рақибон мебошад. Масалан, барои як ширкати калони устувор коркунанда, ки дар фаъолияти худ қарзро доимо истифода мебарад, яке аз омилҳои муҳимтарин ҳангоми қабули қарор дар бораи интиқоли суратҳисобҳо ё як қисми онҳо ба ин ё он банк камаш 2-3 фоиз кам кардани фоизи қарздиҳии аз ҷониби ин бонк мебошад.

Ҳамин тариқ, имкони дастрасӣ ба захираҳои корхонаҳои ғайримолиявӣ ва пасандозҳои хоҷагиҳои хонаводагӣ яке аз омилҳои рақобат мебошад. Ба сифати омили дигари рақобат ин имконияти дастрасӣ ба захираҳои давлатӣ, яъне имкониятҳо оид ба даст овардани бартариҳои рақобатӣ аз ҷониби бонкҳои алоҳида аз ҳисоби истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ ё дигар маблағҳои хусусияти ғайрибозоридошта баррасӣ мешавад.

Вақтҳои охир диққати махсус ба чунин омили рақобатпазирӣ, ки асоси он - неруи захираҳои инсонӣ мебошад, яъне ба иқтидори кадрӣ дода мешавад. Ин бо он алоқаманд аст, ки сарфи назар аз автоматикунонии фаъоли гузаронидани амалиётҳои бонкӣ, аҳамияти омили инсонӣ дар фаъолияти бонкӣ мунтазам меафзояд. Васеъ шудани шабакаи филиалҳо, афзоиши миқдор ва ҳаҷми амалиётҳои бонкӣ, аз худ кардани маҳсулот ва хидматрасониҳои нав, ки бо мураккабиашон фарқ мекунанд, дониши махсус ва баланди хизматчиёни бонкиро талаб мекунанд. Ба кор андохтани неруи кормандон барои худи мавҷудияти ташкилот аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад ва ин сифатҳои коркунони бонк бартариҳои рақобатии бонкро ҳамчун қобилияти кор карда тавонистан дар реҷаи тағйиротҳои доимӣ, бо пешгузарӣ кор кардан, руҳияи тимӣ, қобилияти фикрронии стратегӣ ва мунтазам инкишоф додани донишҳои худ муайян мекунанд.

Дар бораи хусусиятҳои рақобати бонкӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкии Тоҷикистон сухан ронда, ба нуктаҳои зерин бояд диққат дода шавад.

Тафовути баланд байни минтақаҳо аз ҷиҳати таъмин будани онҳо бо хизматрасонии бонкӣ, ки дар умум аз рӯйи ин нишондиҳанда аз сатҳи стандартҳои ҷаҳонӣ ва давлатҳои тараққикарда ақиб мондаем, вазъиятро боз ҳам тезу тунд мегардонад. Дар кишвари мо ба ҳар 100 хазор нафар аҳолӣ ба хисоби миёна 19 воҳидҳои сохтории бонкӣ рост меояд (январи соли 2025) [11]. Барои муқоиса: дар Олмон ин нишондиҳанда ба 61, дар Италия 59, дар ШМА 41 баробар аст.

Танҳо дар ҳолати ба ҳам пайвасткунии оқилонаи муассисаҳои қарзии калони бисёрфилиала ва бонкҳои миёна ва хурди минтақавӣ низоми бонкӣ метавонад рушди иқтисодиёти минтақа ва соҳибкории хурду миёнаро таъмин намояд. Дар оянда бояд тақвияти рақобатро дар бозори бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бо сабаби ҷаҳонишавии рақобати бонкӣ, ки ногузир боиси воридшавии муассисаҳои молиявию қарзии хориҷӣ ба бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди технологияҳои иттилотӣ барои интиқоли иттилоот ва сохтани муҳити ягонаи иттилоотӣ оварда мерасонад интизор шуд .

Барои таъмин кардани рақобатпазирӣ дар шароити ноустувории молиявӣ ба ташкилотҳои қарзӣ зарур аст:

1) Чорабиниҳо ва таблиғотро барои нигоҳдории мизоҷони мавҷуда ва ҷалби мизоҷони нав фаъол гардонанд;

2) Омӯзиши кормандон ва такмили ихтисоси онҳоро мунтазам гузаронанд;

3) Системаи тадбирҳои ҳавасмандгардонии кормандонро ба баланд бардоштани самаранокии кор ва баланд бардоштани масъулияти коркунон ба натиҷаҳои қарорҳои қабулшуда такмил диҳанд;

4) Номгуи хизматрасониро мунтазам васеъ кунанд, сифати хизматрасонӣ ба мизоҷонро баланд бардоранд;

5) Васеъ намудани шабакаи филиалҳо тавассути кушодани нуқтаҳои иловагӣ на фақат дар марказҳои идтисодӣ, инчунин дар минтақаҳое, ки дар онҳо камии ташкилотҳои қарзӣ мушоҳида мешавад ва мизоҷони эҳтимолӣ махсусан ба хизматрасониҳои бонкӣ ниёз доранд;

6) Ба ҳадди аксар кам кардани вақт барои расонидани хизмат сарфшаванда аз ҳисоби татбиқи технологияҳои инноватсионии бонкӣ ва автоматикунонии хизматрасониҳои бонкӣ;

7) Системаи ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилоотро, ки барои қабули қарорҳои молиявии идоракунӣ, ба низом даровардани он ва дастрас шудани он дар вақти лозимӣ заруранд, такмил диҳанд;

8) Базаи техникии бонкро барои кам кардани шумораи нобарориҳо, истифодаи инноватсияҳои гуногун дар таъмини барномавии фаъолияти бонк такмил диҳанд.

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28.12.2024), www.president.tj.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», www.nbt.tj .

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», www.nbt.tj

4. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. /Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642 тасдиқ шудааст www. president.tj.

5. Коробова Г.Г. Банковское дело.М.: Магистр, 2009. 590 с.

6.Роднина А.Ю. Факторы конкуренции на российском рынке банковских услуг:региональный аспект / А.Ю. Роднина // Теоретическая экономика. 2014. №1. С. 40 - 47.

7. Самсонова Е.К. Формирование и развитие конкурентной среды на рынке банковских услуг России: проблемы и перспективы // Финансы и кредит. 2013. № 29. С. 2–7.

8. Тавасиев А.М. Конкуренция в банковском секторе России: учеб. пособие для вузов / А.М. Тавасиев. М.: Юнити-Дана, 2014. – 304 с.

9. Тавасиев А.М. Конкуренция в банковском секторе России: учеб. пособие для вузов / А.М. Тавасиев. М.: Юнити-Дана, 2014. – 304 с.

10. Бюллетени омори бонкӣ. Декабр, 2024 (353) - Душанбе, Бонки миллии Тоҷикистон, 2024. - 158 с.

11. http:// www.nbt.tj

# БАХШИ 5.

# ИХТИРООТУ НАВОВАРӢ – ОМИЛИ АСОСИИ ПЕШБАРАНДАИ ҶОМЕА

# СЕКЦИЯ 5.

# ИЗОБРЕТЕНИЯ И ИННОВАЦИИ – ОСНОВНОЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ ОБЩЕСТВА

# ВИЖАГИҲОИ СЕМАНТИКИИ ВОЖАЮ ИСТИЛОҲОТИ СОХТУМОНУ МЕЪМОРӢ ДАР РОМАНИ ТАЪРИХИИ “КУРУШИ КАБИР”- И БАРОТИ АБДУРАҲМОН

**Акбарова М.Ғ.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

“Забон, дар маҷмуъ, як қисми муҳим ва ба ибораи дигар як бахши нигорандаи таърихи халқи мо буда, оинаест, ки дар он роҳи дуру дарози тайкардаи халқи тоҷик бо ҳама шебу фарози он инъикос ёфтааст” [9, с. 13].

Таркиби луғавии забони тоҷикӣ ғанӣ буда, коркарди интихоби вожа, таркибу ибораҳои асарҳои манзуму мансури удабою уламои классику муосир аз аҳамият орӣ нест. Пажӯҳишгарони соҳаи забоншиносӣ бо донишу малака ва истеъдоди хеш, нигориши асарҳои бадеию таърихиро бо мақсади муносибу мувофиқ мавриди тадқиқ қарор медиҳанд. Ба ин маънӣ забоншиноси тоҷик М.Қосимова дар китоби худ «Таърихи забони адабии тоҷик» қайд менамоянд, ки «Барои пуробуранг шудани матн, назокату латофати сухан ва суханпардозӣ шоирону нависандагон аз тамоми захираи луғавии забон моҳирона истифода бурдаанд». [ 3, с100].

Бо ин мазмун дар нигошти хеш оид ба вожаю истилоҳоти соҳаи сохтумону меъмерӣ аз рӯи асари таърихии “Куруши Кабир”-и Бароти Абдураҳмон рӯи авроқ овардем. Меъёр ва тарзи дурусти истеъмоли ҳар як калима танҳо аз рӯи хусусиятҳои семантикии онҳо муайян мегардад. Дуруст муайян кардани хусусиятҳои муҳими маънои калима яке аз масъалаҳои асосии илми забоншиносӣ дониста мешавад.

Санъати меъмории мардуми тоҷик таърихи хеле куҳан дошта, оид ба ин дар сарчашмаҳои таърихӣ қайду ишораҳо низ вуҷуд доранд: «Таъсири тамаддуни эллинӣ ва фарҳанги юнониён ба Осиёи Миёна роҳ ёфта, қабл аз ҳама дар санъати меъморию шаҳрсозӣ ва ҳайкалтарошӣ мақоми арзанда пайдо мекунад». [8, с. 47].

«Асри XVII низ дар таърихи инкишофи санъати меъморӣ яке аз марҳилаҳои муҳимтарин мебошад. Дар ин давра, санъати меъморӣ ривоҷу равнақ ёфта будааст. Аз ин ёдгориҳои меъмории дар ин давра бунёдёфтаи Самарқанду Бухоро (мадрасаи Шердор, Тиллокории шаҳри Самарқанд, мадрасаи Лаби Ҳавз ва Абдулазизхон дар шаҳри Бухоро) шаҳодат медиҳад». [5, с.42].

Албатта, дар забони тоҷикӣ калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номгӯйи масолеҳи сохтмон хеле зиёд ба назар мерасанд. Дар асар муаллиф ҳангоми тасвири шаҳр, иморатҳо вожаҳои қаср, кӯшк, кӯча, шаҳр, ҳисор, боғ, девор, дарвоза, маъбад, дахма, хайма, айвонҳо, толор, пардасарой калимаю истилоҳоти меъморию сохмониро ба кор бурдааст.

Вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои умумии иншооти меъморӣ дар асар серистеъмоланд. Истеъмоли чунин вожаҳо ҳангоми тасвири иншооти сохтмонӣ корбаст шудаанд.

Калимаҳои мазкур ба монанди хайма, қаср, кушк, маъбад, хона, айвон нисбати дигар калимаҳо зиёдтар мавриди истифода қарор гирифтаанд. Асосан вожаҳои қаср, кӯшк, диж ва ҳисор муродифи якдигаранд, аммо ҳар яке онҳо мувофиқи тақозои услуб корбаст шудаанд. Нависанда мувофиқи талаботи фикр ин гурӯҳи калимаҳоро дар мавридҳои зарурӣ истифода бурда, чун истилоҳоти меъморӣ дар мавридҳои гуногун ба кор бурдааст.

Қаср вожаи арабӣ буда дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ба маънои кох, сарой, кушки подшоҳӣ, бинои олии пурҳашамат ифода ёфтааст. [6,с.662].

у*Дар пешорӯи <u>қасри барҳавои сутункорӣ</u> шохаҳои маҷнунбед пунбаҳои сабз баста, аз насими боди баҳор кокулафшоӣ мекард. Подшоҳи муйсафед Астиаг дар пешайвони <u>қасри сутунҳояш бошадор</u> ба тахти бароҳате такя дода машварат мегузаронд.* [1,с124].

*у*Кӯшк дар фарҳанги забони тоҷикӣ ба маънои иморати бошукуҳ, ки атрофаш боғ ё бешазор ва қаср ифода ёфтааст [6,с.637]. Кӯшк калимаи тоҷикӣ буда, то ба имрӯз дар истеъмол аст вожаи меъморӣ маҳсуб меёбад. Баъзан вожаи қаср низ бо он ҳаммаъно шуда меояд.

Мухталифии ин қабати таркиби лугавӣ дар асар аз як тараф ба дақиқнигарии нависанда вобастагӣ дошта бошад, аз тарафи дигар ба тасвири ҷаҳонбинии ӯ иртибот дорад. Тасвири борикбинонаи иншоот, тарзи шаҳрсозӣ, аз ҷумла усули сохтмонии иморатҳо қисмати асосии тарзи баёни нависалдаро ташкил додааст. Масалан: *Дар канораҳои начандон дури дарёи Яксарт сохтмони шаҳри нав идома меёфт. Ғуломони хастаҳолу коркуфта аз домани куҳ <u>сангҳои бузургро</u> бо ёрии <u>фишангҳою гулачӯбҳои</u> мудаввар ғелонда ба мавзеи сохтмон меоварданд. Дастаи сангтарошҳою пардозгарон <u>тахтасангҳоро</u> ба шакли <u>хиштҳои чаҳоррӯя</u> тарошидаю сайкал дода, ба назди гурӯҳи деворгарон мебурданд. Устоҳои сангчину деворгар ба чанд даста тақсим шуда, ҳар кадом ҳамроҳи шогирдону ёварони худ <u>девори калъаи</u> атрофи шаҳристонро ваҷаб ба ваҷаб мебардоштанд.* [1.с.175].

Вожаҳои хайма, хона, дӯкон, бино, кӯшк калимаҳои умуиистеъмолии тоҷикӣ буда, дар таркиби луғавии забон аз замонҳои қадим маъмуланд. Вожаи хона қариб 5 маротиба бо маънии аслии худ дар мавридҳои гуногун истифода шудааст. Масалан корбасти ин вожа дар қазияи айёми тифлӣ дуздида шудани Куруш истифода шудааст.

*Мандона чашмонашро беихтиёр пӯшонид ва манзараи мудҳише пеши назараш омад. Кати якпаҳлуафтодаи тифл, рахти хоби сарду холӣ ва аз равзанаи кушодаи панҷарабанд шамоли сард барфрезаҳоро ба даруни <u>хона</u> меруфт. Охирин шамъи фурӯзони девор низ аз нафаси тундбод хомӯш гардид ва фиғони модари тифлгумкарда ба фазо печид. Дояи ошуфтаҳол чун ҳайкале дар миёни <u>хона</u> карахт монда мадори ҳарфе гуфтан надошт.* [1.с,40-41]. Маврид ба зикр аст, ки дар асар вожаҳои мураккаби таҳхонаю саисхона низ истифода шудааст, ки дар фарҳанги забони тоҷикӣ ба маъноҳои аспхона ва зербинои хона, хонаи поён, зерхона ифода гардидааст. [7.с,197, 338].

Хайма аслан вожаи арабист. Дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ бо маъноҳҳои чодир, хиргоҳ; хайма задан чодир барпо кардан, чодир шинондан ифода ёфтааст. [7.с,434.]. Дар Ғиёс-ул-луғот калимаи хайма خيمه ва билкаср (яъне хейма) хатост, чаро, ки лафзи арабист. Дар арабӣ ёи маҷҳул ҳеҷ ҷо наёмада, магар бо нудрат дар ҳолати имола (аз "Муайид" ва "Музил" ва "Кашф" ва "Сурурӣ"); ва соҳиби "Баҳори Аҷам" навишта, ки хайма (билфатҳ) ба лафзи задан ва кашидан ва баркардан ва барпо кардан ва насб кардан мустаъмал; ва ба лафзи афгандан ҳам омада. Инчунин вожаи хаймагӣ ҳам бо тафсири мансуб бо хайма, ки сӯзани хаймадӯзӣ бошад; ва ҳам бо маънии шахсе, ки дар хайма бошад; ва ба маънии фишор низ омада (аз Баҳори Аҷам). [2.с,321]. Дар Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ тафсири ин вожа чунин тавзеҳ ёфтааст; хайма خيمه чодир, соябони калон, хиргоҳ; хайма задан хаймаро бар замин устувор кардан, хайма шинонидан. [2.с, 256]. Дар асар ин вожа 23 маротиба дар мавридҳои гуногун истифода шудааст:

1. Хаймаи чупонӣ: *<u>Хаймаи</u> факиронаю намадини чупонӣ дар ин фасли сармо басо гарму бароҳат менамуд. Баногоҳ дари <u>хайма</u> кушода шуду шамоли сарди берун алангаи оташро ларзонида ба самти муқобил бурд.* [1.с,9]. Дар ин қисмат нависанда муродифи ин калима, вожаи хиргоҳ-ро моҳирона истифода намудааст. *Аз <u>хиргоҳи чӯпони</u> асаре намонда, вале тобасанги суфтаю дудхӯрдаи модархондаш ханӯз барҷо буд.* [1.с, 86]. Дар фарҳанги забони

тоҷикӣ калимаи **хиргоҳ خرگاه** хайма, чодир, шомёна; **хиргоҳ задан** чодир барпо кардан, хайма задан ифода ёфтааст. [6. с,454].

2. Хаймаи подшоҳӣ: - *Хуш омадед ба хаймаи шоҳи массагетҳо, ки пеши кӯшкҳои Куруши Кабир басо хоксорона аст! Мо бодиягардон табиатан ба касру кӯшк ва айвонҳои бошукуҳ ниёзе надорем.* [1.с,120 -121].

3. Дар ин бахш нависанда муродифи вожаи хайма, калимаи пардасаройро низ дар асар ба кор бурдааст, ки инро нодида гирифта наметавонем. Маврид ба зикр аст, ки калимаи пардасарой дар фарҳанги забони тоҷикӣ дар ду маврид истифода шудааст; 1. хайма, чодири подшоҳ, саропарда. 2. хаймаи занони подшоҳ ва инчунин боз ба маънои сароянда, мутриб.

4. Чодари подшоҳ: *Куруш дуртар аз хаймаи бузурги Гаубру қароргоҳи аспонро таги чашм намуда, ба хайма расид ва гӯш ба пардасарой ниҳода муддате ором гирифт.* [1.с,66].

5. Хаймаи занон подшоҳ: *Аз паси пардасаройи пашмибофти хайма Сипаргапис ноаён берун омад. Чашмони моломоли хашму ғазабаш дар нимторикӣ чун чашми гурги кинадоре медурахшид.* [1.с,254] .*Ӯ дар остони бошишгоҳаш аз асп фуромада, гумону андешаҳои парешоне дар дил вориди хайма гардид.* [1.с,125]. Маврид ба зикр аст, ки дар мисолҳои зерин вожаи бошишгоҳ ва қароргоҳ низ истифода ёфтааст, ки муродифи калимаҳои истиқоматгоҳ, маскан, манзил, ҳавлию айвон мебошанд, ки ин ҳам ба маҳорати забондонии нависанда дарак медиҳад.

Кор фармуда шудани вожаи сарой дар асар ҷолиби диққат аст. Аслан ин вожа дар фарҳанги забони тоҷикӣ дар панҷ маврид истифода шудааст: **сарой سرای** 1.хона, манзил. 2.қаср, дарбор, ҷои нишасти шоҳон. 3.корвонсарой. 4.тиҷоратгоҳ; **сарои пила**, **сарои сандуқ**. 5.ҷои бастани аспу хар. [6. с, 221].

*Толори баланду нимторики маъбад бо зинаҳои мармарину роҳрави барҳавои равоқбандиаш онҳоро сӯи ҳарамсарой хосаи Мардуки олитабор ҳидоят мекард.* [1.с,206]. *Дар ду тарафи зинаҳои қолинпӯши айвони қаср бузургвазир ва сипоҳсолораш Гарпаг, шаҳбону Ариена, духтари нозанинаш Амутида, домодаш Спитам, Атарвони мубад, хоҷасарой ва дигарон аз рӯи мартаба дар пагундаҳо рост меистоданд.* [1.с,19]. *Пойдевори корвонсаройро гузоштем, шоҳам, ба иморати калони нотамом ишора намуд Крез. - Аз рӯи нақша дар бари корвонсарой бозори бузурге месозем, ки аз чаҳор самт дарвозаҳои баланду кандакорӣ дорад.* [1.с,139].

Кор фармуда шудани вожаи сарой дар асар бо калимаҳои ҳарам, хоҷа ва корвон ҷолиби диққат аст. Яке бошишгоҳи занон дар қасри подшоҳӣ, дигаре хизматгор дар ҳарами подшоҳ ва севвумин сарои бузурги дорои меҳмонхона дар шаҳрҳо ва сари роҳҳои корвонгард, ки корвону корвониён дар манзил ифода кардааст.

Калимаи дукон дар асар ба маънои иморати дар дохили бозор ҷойгиршуда ва ба маънои биное барои нишастан, дам гирифтан истеъмол ёфтааст. Масалан: *Хеле хуб! Дар шаҳри тозабунёд нахуст чорсую бозор ва растаҳои савдогарон бояд сохта шавад, Крез. Аз дӯкону гузаргоҳи бозаргонон нишоне намебинам? Андаруни бозор растаҳои савдогарону ҳунармандон ва дӯконҳои хариду фурӯш қатор пешодумбол, ҷойгир мешаванд.* [1.с139] *Норозигию шурӯ ошубҳо дар шаҳр авҷ мегирифт, бенавоёну қарздорон хонаҳои муҳташами дороёну судхӯрон ва дӯконҳои савдогарони беинсофро оташ мезаданд.[1.с,*169]. Бояд қайд намуд, ки калимаи дакон//дукон дар ду шакл ва бо ду маъно мавриди истифода қарор дода шудааст. Дар «Фарҳанги забони точикӣ» он низ бо ду шакл дук(к)он ва дукон ба маънои 1.хонае, ки дар он молу чиз мефурӯшанд. 2.макон, маскан шарҳ ёфтааст. [5.с,398].

Қайд намудан ба маврид аст, ки ин вожа дар асар ба маънои фурӯши аҷнос 3 маротиба ва 1 маротиба дар шакли дакон ба маънои бинои қисми болояш кушода, инчунин барои нишастан, дам гирифтан, суҳбат кардан, истифода гардидааст.

- *Ба сари баъзе нохалафон андешаи хиёнат кардан кайҳо роҳ ёфтааст, - гапи ӯро қувват дод хазинадор. - Чандин тоҷирони бонуфузи хонадони Эгибӣ дар Экбатана ва Пасаргод ҳавлӣ харида, дӯконҳои боҳашамат кушодаанд.* [1.с,172 ].

Калимаҳои ифодакунандаи масолеҳи бинокорӣ асосан қисмати муҳими луғати аслии забони тоҷикиро ташкил медиҳанд ва чун вожаҳои умумиистеъмолӣ маҳсуб меёбанд. Маҷмуи лексикаи ифодакунандаи масолеҳи бинокорӣ, ки нависанда истифода намудааст дар забони имрӯзаи тоҷик (ғайр аз вожаи оҷур) мустаъмал аст. Вазифаи услубии ин калимаҳо дар асар аз он иборат аст, ки тарз ва истифодаи масолеҳи бинокорӣ ва меъмории биноҳои азим дар сохтмони ҳар як шаҳр борикбинона ба риштаи тасвир кашида шавад. Ҳангоми истифодаи чунин вожаҳо бештар калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои сифатӣ корбаст шудаанд: оҷури гили ёзанда, гаҷи устувор, шилми часпаки рустанӣ, мармари сиёҳ, қири тира ва ғайраҳо. Инъикос корбурди усули сохтмонии биноҳо ва иморатҳои таърихии он давраро нависанда ҳарҷониба тасвир намудааст.

Калимаи қир дар фарҳаги тафсириизабони тоҷикӣ ба се маънои ифода ёфтааст: I قير кушокушӣ, куштори ҳамагонӣ; қир кардан куштан, несту нобуд кардан, маргу мири ҳамагонӣ; қир шудан // қир гаштан кушта шудан, несту нобуд шудан. Қир II *ю.*قير 1. моддаи сиёҳранге, ки вақти полудани нафт таҳнишин шуда мемонад ва он, аз ҷумла, дар мумфарш кардани роҳҳо ба кор меравад, қатрони нафт. 2.*маҷ.* сиёҳ. Қир IIIقير кӯҳи пастаки сангрезадор; баландӣ, пушта, адир, теппа. *Қабати нахустини манора аз мармари сиёҳ ва қири тира рукаши мустаҳкаме дошт, ки аз се як ҳиссаи баландии онро фаро мегирифт. Ҳунармандону меъморон болои айвонҳоро бо тахтасангҳои мусаттаҳи яклухт пӯшонида, аз рӯи он як қабат қиру моводи обногузар рехта буданд. Сипас ду қабат хишти пӯхта чида, ба рӯяш гаҷ ловиданд ва аз болои хишту гаҷ барои нигоҳ доштани обу нами як қабат тахтасурб кашиданд.* [1.с,159]. Дар мисолҳои зикршуда калимаи қир ба маънои моддаи равғанмонанди сиёҳ ва часпаке аз нафт ҳосилшударо ифода намуда, барои мустаҳкамию обнагузар шудани деворҳо истифода шудааст.

Вожаи шилм شلم бошад, дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ифодагари моддаи часпаке, ки аз шоху танаш дарахти мева таровида сахт ҷудо мемонад.[6.с,672].

Аз рӯи тасвири нависанда маълум мегардад, ки дар сохтмонҳои шаҳрҳои қадима дар баробари истифода аз масолеҳи бинокории чӯб, тахта, санг, хок, хишт, қир, гаҷ инчунин аз оҷур низ истифода мекардаанд. Аслан калимаи **оҷур** *арабӣ аст* آجور дар фарҳанги забони тоҷикӣ [*муарраби* **огур**] буда, ифодагари хишти пухта мебошад. [6.с,47].

*Оре, шоҳаншоҳ, - бо қаноатмандӣ посух дод Крез. -Дар чидани сангдевор аз омехтаи оҷури гили ёзанда, гаҷи устувор ва шилми часпаки рустанӣ истифода кардем.* [1. с,240].

Муаллиф аз шукуҳу шаҳомати биноҳо ҳарф зада, чирадастӣ ва ҳунармандии меъморони давраи пешро баррасӣ менамояд. Вай аз ҳунари кандакорӣ, сангтарошӣ, хаттотӣ, наққошӣ, гаҷкорӣ ёдрас мешавад.

Дар тасвири номҳои ақсоми тарҳи сохтмонҳо нависанда аз вожаҳои бурҷ, бора, кӯшк, манора, дар, девор, дарвоза ҳам истифода намудааст. Нависанда ҳангоми тасвири ни ё он иморат ба қисми берунии тарз ва шакли сохтмонии онҳо низ аҳамият додааст. Қариб ҳамаи лексикаи ифодакунандаи қисмати берунии биноҳо, ки чун истилоҳоти меъморӣ ҳисоб меёбанд, корбаст шудааст.

*Хуруши ҷанговарон аз бурҷу бора ва тори бому айвонҳои барҳаво боло мегирифт. Крез шикастани дарвоза ва рахназании ҳисори калъаро пай бурда, ҳамроҳи муқаррабон ва размоварони яккачинаш ба калъаи даруни шаҳр паноҳ бурд.* [1.с,108].

Бояд тазаккур дод, ки яке аз вижагиҳои тарзи баёни нависанда дар он аст, ки ҳангоми тасвири манзараҳои сохтмонӣ, навъҳои гуногуни масолеҳи бинокориро аниқ ва дақиқ номбар мекунад. Масалан, бо вожаи санг калимаҳои зиёди корбаст намуда, ибораҳои зиёди тоҷикиро барои ифодаи намудҳои масолеҳи бинокорӣ ва иҷрокунандаи он ба кор бурдааст: тахтасанг, сангфарш, санги мармар, сангу чубу хишт, сангдевор, тобасанг, сангтарош, сангчин барин вожаю ибораҳоро сохтааст, ки то имрӯз бо он маънои пешина дар истеъмоланд.

*Сангтарошони юнонӣ ба тани санг ҷон медаманд. Агар шоҳам хоҳиш дошта бошанд, ҳайкалтароши чирадасте пайкараашро дар санги мармар меофарад.*[1.с,112]. *Асирон кӯчаҳои сангфарши шаҳри Экбатанаро паймуда, ба пешайвони қасри барҳавои Астиаг, ки сутунҳои баланди кандакорӣ дошт, расиданд.*[1.с,22]. *Дақиқае нагузашта ба сари роҳи гулаароба он қадар сангу чубу хишт ва пораҳои яклухти тахтасанг борид, ки гулаароба ночор дар нимароҳ дармонд.*[1.с,107].

Умуман, тасвири ороиш ва тарҳи иморат аз як тараф мушоҳидакории нависандаро нишон диҳад, аз дигар тараф дар як қолаби забонӣ овардани он аз маҳорату истеъдоди нависанда дар тасвири иншооти меъморӣ гувоҳӣ медиҳад. Истифодаи истилоҳоти ифодакунандаи номи умумии иморатро аз ҷихати шакл ба истилоҳоти имрӯза монанд бошанд ҳам, лекин аз ҷихати маъно дар аҳди қадим махсусан дар романи таърихии "Куруши Кабир"- Бароти Абдураҳмон сервазифа буданд. Аз тарафи дигар бояд гуфт, ки тарзу таҳрири вожаю истилоҳоти меъмории шаҳрҳои қадимаи он давра хусусияти хосро доро буданд. Аз ин лиҳоз, истилоҳоти ифодакунандаи номи умумии иморатҳо низ мувофиқи усули сохтмонии меъмории он давра дарҷ гардидааст .

Истилоҳоти масолеҳи ороишӣ дар романи "Куруши Кабир" яке қисмати лексикаи меъмориро дар бар гирифтааст. Дар инъикоси воқеии ашёҳои ороишӣ муаллиф кӯшиш кардааст, ки ҷузъиёти зебу зиннати санъати меъмероиро амиқу дақиқ баён намояд.

Нависанда зимни тасвири вожаҳои ифодагари ақсоми дохили биноҳо калимаҳои сутун, қандил, сақф (шифти хона), дахма, оташдон, манқал, поғунда, зинапоя-ро истифода намудааст. *Ӯ вориди дахмаи сангфарш гашта, дар пешорӯяш алангаи оташи фурӯзонро даруни манқалҳои мисини дар чорпояҳо устувор дида лаҳзае ҳайрон монд.* [1.с,60]**.** Манқал *аслан вожаи арабист* **منقل.** Дар фарҳанги забони тоҷикӣ ифодагари зарфи даҳонфарохи поядор, ки дар он оташ афрухта гарм мешаванд; оташдон. [5.с,749].

*Ба назараш чунин мерасид, ки аз гӯшаи оташдон Сабокати меҳрубону хандонрӯ бо ҳайрат ба истиқболаш мехезаду сару рӯи Аградоди лисоби шоҳона бартанро, ки дар миёни посбонон пеш меояд, модарвор мебӯсад.* [1.с,86].

Бойгарии забон ба гуногунпаҳлуии маъноии калима вобаста буда, «муродиф шудани калимаҳо хусусиятҳои хоси миллии ҳар забон аст» [4.с, 39].

Калимаи сутун ба маънои пояи сангин ё хиште, ки сақфи айвон ва иморатҳои калонро нигоҳ медорад, дар асар омадааст. *Шаҳри Экбатана бо кӯчаҳои васею ҳамвор, қасру иморатҳои баланди айвондор, сутунҳои яққади қатор ва деворҳои мавзуни нижвонҳояш кандакорӣ ақлу ҳуши Аградодро мерабуд.*[1.с,22]. *Ду қабати болоии сутуну зинаайвонҳо аз ғояти ҷафсии дарахтони азим қариб наметофт ва бинанда аз дур мепиндошт, ки боғи дилфиребе дар кафи куҳтеппа муаллақ истодааст. Дар поёни боғ ҳавзи бузурги сунъие сохта буданд, ки поғундаҳои гулобии мармаринаш қасро то сари ҳавз мебурд.* [1.с,248].

Аз эъҷоди насисанда маълум мешавад, ки корбурди алоҳидаи калимаҳои ҳаммаъно мутобиқи тобишҳои маъноӣ ва мавқеи муайян сурат гирифтааст. Вожаи **поғунда** ифодагари ҳар як пои зина, помонакҳои зинапоя. **Зина** ҳар як аз пояи нардбон ё роҳрави байни табақаҳои поину болои иморатҳо, яъне зинапояро ифода намудааст. *Куруш дар зинаҳои мармарини каср аз асп пиёда шуда, аз поғундаҳои оростаю гулпуш боло мебарояд.* [1.с,84]. *Девор тоб хурда баробари қадди одам кушода шуд ва аз нимторикии таҳхона поймонакҳои мармарин намудор гашт.* [1.с,44].

Калимаи қандил 1аслан калимаи юнонӣ буда, ба забони арабӣ гузашта дар асар ба маънои он чароғе, ки дар сақфи хона меовезанд, яъне чароғи овезон истифода шудааст.[5.с,673]. *Дар ҳуҷраи хоксоронаи Камбуҷия қандиле месӯхт ва партави он ба рӯи Аршом, Виштосп, Куруш ва Ойбар афтода аҳён-аҳён меларзид. Симои Камбуҷия ҷиддию хавотиромез буд ва ба қандили фурӯзон нигариста ҳарф мезад.* [1.с,63].

Маврид ба зикр аст, ки нависанда ҳангоми тасвири нақлу ривоятҳои таърихии давраи ба Бобул лашкар кашидани Синоҳериб ба соли 689 то мелод рост меояд, ки аз ҷониби пири муғон дар шаҳристони Афросиёб ба Куруши Кабир гуфта мешавад, аз вожаҳои ин бахш ба таври такрорӣ низ истифода намудааст. *Ӯ амр дод, ки шаҳри Бобулро иморат ба иморат, кӯча ба кӯча ва маҳалла ба маҳалла хароб карда бисӯзонанд. Деворҳои калъаи шаҳр, бурҷҳои мудофиавӣ, қасру кӯшкҳои муҳташамро саросар афтонда, ба дарғоти обёрии миёни Бобулистон, ки рӯдхои Фуроту Даҷларо бо ҷам мепайваст, партофтанд.* [1.с,245].

Нависандаи таърихнигор ҳар як калимаро барои ифодаи мафҳуми хоси он давра ба хубӣ корбаст менамояд.

Вожаи дахма ба гурӯҳи вожаҳои архаистӣ дохил мешавад ва ифодагари хонаи зеризаминӣ барои гузоштани ҷасади мурдагон, гӯрхона, сардоба; ҷои тангу торик аст. Ҳаммаънои он қабр ва оромгоҳ мебошад. *Субҳидам ба ниёиши дахмаи ниёгон рафтанд. Ба сипоси бозгаштани писар намози меҳр мегузоранд.* [1.с,59]. Нависанда дар асар вожаи оромгоҳро ҳам истифода намудааст, ки яке аз маъноҳои он дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ дахма ва макони фавтидагон мебошад. *Оромгоҳи ниёи бузург ва падарсолори хонадони мо Ҳахоманиши некрой! Ин аст дахмаи фарзанди ӯ Чишпиш. Ана ин оромгоҳи падари ман Куруш аст.* [1.с, 61].

Ҳамин тариқ, аз тасвири нависандаи муосири тоҷик маълум мешавад, ки ӯ дар тасвири манзараҳои меъморӣ маҳорати баланди сухангустарӣ дошта, вожаю истилоҳоти соҳаи сохтумону меъмориро бо воҳидхои гуногунмаънои вомвожаҳо рангу бӯи тозае бахшидааст.

**Адабиёт:**


1. Бароти Абдураҳмон. “Куруши Кабир”. Романи таърихӣ. -Душанбе 2006. 418с.
2. Ғиёсуддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи А.Нуров. Ҷ.1. – Душанбе: Адиб, 1987. - 480 с; Ҷ.2., 1988. – 416 с.
3. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 9-10). Қисми 1.-Душанбе,2003.-490с.
4. Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ. - Душанбе Маориф, 1993. 272 с.
5. Ҳалимова, С.Ш. Вожаю истилоҳоти пешаварӣ дар осори Сайидои Насафӣ. – Душанбе: Маориф, 2014. – 152 с.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ. 2010. (нашри дувум), Ҷ.1. – 996 с.; Ҷ.1. – 996 с.
7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ. 2010. (нашри дувум), Ҷ.2. - 996 с.; Ҷ.2. – 1091 с.

8. Эмомалӣ, Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 128 с.

9. Эмомалӣ, Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. -Душанбе, 2016. – 516 с.

# МАФҲУМИ АДАД

**Арбобов М.Қ., Муминова С.Т., Тошов М.**

**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**
**Коллеҷи тибби ғайри давлати н. Рудакӣ;**

Калимаи "**адад**" –вожаи арабӣ буда, ба тоҷикӣ маънои "**шумор**", "**шумора**", "**шумора кардан**" , яъне "**ҳисоб кардан**"-ро дорад. Масалан, ҷумлаи "берун аз шумор" – "аз ҳисоб берун" ва ё "беандоза зиёд" гуфтан аст. Адад – мафҳуми асосии риёзист, ки аз қадимулайём барои шумора кардан, яъне ҳисоб кардан ашё истифода мешуд. Ададро дар риёзиёт асосан бо рақамҳо (1, 2, 3, ...) ва баъзан дар мавриди зарурӣ бо ҳарфҳои лотинӣ (a, b, c, m, n, k,…) низ ишорат мекунанд. Дар илми риёзиёт ададҳоро бо номҳои гуногун раддабандӣ карданд. Яъне ададҳоро мешаванд: ададҳои бутун, касрӣ, мусбат, манфӣ, ҷуфт, тоқ, содда, мураккаб, натуралӣ, гуё(ратсионалӣ), гунг(иратсионалӣ), ҳақиқӣ, комплексӣ, гиперкомплексӣ, трансидентӣ, мафҳум, муқобил, баръакс, мукаммал, алҷабрӣ, квантӣ ва ғайра. Илова бар ин, дар риёзиёт(математика), табииёт (физика) ва кимия ададҳои доимие вуҷуд доранд, кӣ ба шарафи баъзе олимон бахшида шудаанд. Ба монанди: адади Авогадро, адади Волф, адади Непер, адади Пифагор, адади Рейнолдс, адади Фарадей, адади Фибоначчи, адади Мерсен ва гайра. Ҳанӯз донишманди овозадори Юнони қадим Файсоғӯраси Самосӣ гуфта буд, ки "дилхоҳ адад аз маҷмуи ададҳои воҳид ибоарт аст" ва "ҷаҳонро ададҳо идора мекунанд".

Дар ҳамин қарина ёдовар мешавем, кӣ баъди бештар аз 23 асри замони Файсоғӯрас, шоир, файласуф ва табиатшиноси овозадори олмонӣ Юҳанн Волфганг Ҳёте (28.08.1749 – 22.03.1832) дар бораи адаҳо чунин гуфта буд: "ададҳо ҷаҳонро идора намекунанд, аммо нишон медиҳанд, кӣ ҷаҳон чи тавр идора карда мешавад".

## АДАДҲОИ БУТУН

Вожаи "**бутун**" – калимаи арабӣ буда, ба тоҷикӣ маънои "**пушида**", "**пӯшидашавӣ**" " **ба пуррагӣ пӯшида**"-ро дорад. Ҳама гуна адади намуди (+-n), n- адади бутун номида мешавад. Масалан 5, 1, 4, -3, -15, 1000 ва ғайра.

Аз ин рӯ, "адади бутун"-ро ба тоқикӣ "адади пӯшида" ҳам номидан мумкин аст.

## АДАДҲОИ НАТУРАЛӢ

Вожаи "**натуралӣ**" – аз калимаи лотинии "natura" гирифта шуда, маънояш "**табиӣ**"мебошад. Ҳама гуна адади бутуни мусбат адади натуралӣ ном дорад. Масалан: 5, 18, 1, 100 ва ғайра.Ададҳои натуралиро ниёгони мо "ададҳои мутаволӣ" меномиданд. Ин гуна ададҳоро Абӯрайҳони Берунӣ чунин таъриф додааст: " ададҳои табиӣ – онанд, ки аз якӣ кунанд ва зиёдат як-як зиёд ҳамекунанд( яъне аз як оғоз шуда як-як зиёд мешаванд) чун: 1, 2, 3, 4, 5 ва низ онро "ададҳои мутовалӣ" хонанд ай як аз паси дигар". "Мутаволӣ" низ калимаи арабӣ буда , ба тоҷики "пай дар пай" тарҷума мешавад.

Таваҷҷӯҳ! Ҳангоми ҷамъ ва ё зарби ададҳои натуралӣ ба ҳамдигар ҳамеша адади натуралӣ ҳосил мешавад, вале ҳангоми тарҳ ва тақсими ададҳои натураӣ ба ҳамдигар наҳамеша ададҳои ададҳои натуралӣ ҳосил мегарданд.

**АДАДҲОИ МУСБАТ**

Ҳама гуна адади ҳақиқии аз сифр калон адади мусбат номида мешавад. Дар инкишофи назарияи ададҳои бутуни мусбат аз ниёгони мо Умари Хайём, Насриддтнӣ Тусӣ ва Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ саҳми босазо гузоштаанд.

**АДАДҲОИ МАНФӢ**

Ҳама гуна адади ҳақиқии аз сифр хурд адади манфӣ номида мешавад. Масалан -1; -5; -3,7; ва ғайра.

Дар аврупо ададҳои манфиро аз охирҳои асри XII истифода мекарданд, ки он ҳам бошад то асри XVI чунин ададҳоро "мазахраф", "харза" , "бардурӯғ" меҳисобиданд. Зикри ададҳои манфӣ аввалин маротиба

Дар Чини қадим дар асри II п.а.м. дучор меояд, ки дар он ҷо ададҳои манфиро ҳамчун қарз истифода мекарданд. Ниёгони асримиёнагии мо низ ададҳои манфтро ҳамчун қарз истифода мекарданд.

Ҳарчанд бархе аз ниёгони асримиёнагии мо аз решаҳои манфии муодилаҳо огаҳӣ доштанд, бинобар қарз ҳисобиданашон аз он амдан истифода намекарданд.

**АДАДҲОИ ҶУФТ**

Ҳама гуна адади намуди N=2n (n=1.2.3….) адади ҷуфт номида мешавад. Вожаи "ҷуфт" калимаи тоҷикист. Ин гуна ададро ниёгони мо ҳангоми ба забони арабӣ навиштани китобҳояшон адади завҷ мегуфтанд ва дар сурати ба забони тоҷикӣ таълиф карданашон ҳарду калима ҳам "завҷ" ва ҳам "ҷуфт"-ро истифода мекарданд. Масалан, Абӯрайҳони Берунӣ адади ҷуфтро ба забони порсии дарӣ чунин таъриф додааст:"Завҷ ҷуфт бувад ва ин он адад аст, ки ба ду пора монанди якдигар тавон кардан, ай ду ним. Ва аввали ҷуфтҳо ду аства завҷҳои мутаволӣ: 2.4.6.8.10...". Бояд гуфт, ки бархе аз риёзидонони баъзе кишварҳои аврупоӣ, ки сифр (0)-ро низ адади ҷуфт меҳисобанд (баъзеҳо сифрро на ҷуфту на тоқ медонанд), таърифи ададҳои ҷуфтро чунин медонанд . Ҳар гуна адади бутуне, ки ба 2 бе бақия тақсим мешавад , адади ҷуфт номида мешавад . Мисол 2, 4, 6, -2, -4, -6 ва ғайра . Ҳар гуна адади ҷуфтро ба намуди 2m навиштан мумкин аст , ки дар ин ҷо m адади бутун мебошад. Аз руи чунин қоида 0 (нул) адади ҷуфт мебошад. Ҳангоми ҷамъ ва ё тарҳи ду адади ҷуфт ё ду адади тоқ ҷавоб ҳамеша адади ҷуфт ҳосил мешавад. Ҳангоми ҷамъ ва тарҳи як адади ҷуфт ва як адади тоқ ҷавоб ҳамеша адади тоқ ҳосил мешавад. Ҳангоми зарби адади ҷуфт бар адади ҷуфт ҳамеша адади ҷуфт ҳосил мешавад . Ҳангоми зарби адади ҷуфт бар адади тоқ ҳамеша адади ҷавоб ҳамеша адади ҷуфт ҳосил мешавад .Ҳангоми тақсими адади ҷуфт бар адади ҷуфт натиҷа метавонад адади ҷуфт ва тоқи бутун ҳосил шавад . .Ҳангоми тақсими адади тоқ бар адади ҷуфт адади бутун ҳосил кардан мумкин аст. Мавҳуми ададҳои ҷуфту тоқ аз қадим маълуманд. Дар Чин ададҳои ҷуфту тоқро мувофиқан бо мавҳумҳои "ин" "ян" вобаста мекунанд. Дар баъзе кишварҳои Аврупои ғарбӣ шумораи ҷуфт дар дастаи гул рамзи хушбахтӣ мебошад. Дар Руссия микдори ҷуфти гулро танҳо дар мотамҳо истифода мекунанд .

**Ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсими ададҳои ҷуфту тоқ**

Ҷуфт ± ҷуфт = ҷуфт

Ҷуфт ± тоқ = тоқ

тоқ ± ҷуфт = тоқ

тоқ ± тоқ = ҷуфт

Ҷуфт × ҷуфт = ҷуфт

Ҷуфт × тоқ = ҷуфт

тоқ × ҷуфт = ҷуфт

тоқ × тоқ = тоқ

$$\frac{\text{ҷуфт}}{\text{ҷуфт}} = \text{дилхоҳ(ҷуфт ва ё тоқ)}$$

$$\frac{\text{ҷуфт}}{\text{тоқ}} = \text{ҷуфт, агар тоқ бошад)}$$

$$\frac{\text{тоқ}}{\text{ҷуфт}} = \text{ҳеҷ гоҳ адади бутун ҳосил намешавад}$$

$$\frac{\text{тоқ}}{\text{тоқ}} = \text{тоқ агар бутун бошад)}$$

Дар китобҳои дарсии мактабҳои ҳамагонии муосир таълим бо омузиши ададҳои ҷуфт ва тоқ иктифо гардидааст, ҳаммо ниёгони асримиёнагии мо, аз ҷумлма А. Беҳрунӣ, инчунин ададҳои ҷуфту ҷуфт, тоқу тоқ ва ҷуфту тоқро раддабандӣ карданд, ки онро меорем.

**АДАДҲОИ ТОҚ**

Ҳар гуна адади намуди N=2n+1 (n=1,2,3 ...) адади тоқ номида мешавад. Адади тоқро ниёгони мо адади фард низ меномиданд. Ҳарду калима ҳам “тоқ” ва ҳам “фард” арабист. Калимаи “тоқ” ба забони тоҷикӣ маънои “танҳо” ё “ягона”-ро дорад. Тарҷумаи таҳтуллафзаи “фард” ба тоҷикӣ “марди бе зан” яъне “муҷаррад” мебошад. Маълум аст, ки муҷаррад шахси танҳост, яъне тоқ аст. Бино бар таърифи А.Берунӣ: “Фард тоқ бувад ва ин он аст, ки ба ду ним натавон кардан то шикаста бо вай накунӣ ва аввали тоқҳо се аст ва фардҳои мутаволӣ : 3,5,7,9,11....)

**АДАДҲОИ ҶУФТ-ҶУФТ**

Ҳама гуна адади намуди N=2n ҳангоми n>2 будан, (n=2.3.4.5….) адади ҷуфт-ҷуфт номида мешавад. Бино бар таърифи А.Берунӣ :”Завҷу –з-завҷ ин он аст, ки ба ду ним шавад ва нимаи ӯ ба ду ним шавад ва ҳамчунин то ба якӣ расад, чун ҳашт” . Воқеан, 8:2 = 4, 4:2=2 ва ғайра.

**АДАДҲОИ ТОҚ-ТОҚ**

Ҳар гуна адади намуди N= $P_1n_1…P_1N_1$ –ро , ки дар ин ҷо P- ададҳои содда мебошанд , адади тоқ-тоқ номида мешавад. Бино бар таърифи А.Берунӣ:” Фарду-л-фард ин аст ки ӯро ададе фард бишуморад фард бор, чун нӯҳ ки ӯро се ба се бор бишуморад. Ва чун понздаҳ, кӣ панҷи ӯро ба се бор бишуморад ва се ӯро ба панҷ бор бишуморад”.

**АДАДҲОИ ҶУФТУ-ТОҚ**

Ҳар гуна адади намуди N=2(2n+1), ҳангоми n=1.2.3… будан адади ҷуфту тоқ номида мешавад. Бино бар таърифи А.Берунӣ: “Завҷу-л-фард ин он аст, ки як бор ба ду ним шаваду бас. Ва ба якӣ нарасад, чун даҳ”. Воқеан, 10:2=5 ва 5 ба дуб е бақия тақсим намешавад.

**Адабиёт:**

1. Амин Аҳмади Розӣ. Ҳафт иқлим. – чопи Теҳрон, саҳ. 460

2. Баҳром Шермуҳаммадиён. Адабиёти шифоҳии Самарканд // Гоҳномаи мардумгиёҳ, соли аввал, шумораи 1, Душанбе, 1372.

3. Восифӣ, Зайниддин Маҳмуд. Бадое-ул-вақоеъ, тасҳеҳи А.Болдирев, Бунёди фарҳанги Эрон, 1349, ҷилди 1.

4. Ғуломҳусайн Садри Афшор. Кошонӣ ва расадхонаи Самарканд, нашрияи Оштӣ бо риёзиёт, соли саввум, шумораи 1, обони соли 1358.

5. Қурбонӣ, Абулқосим. Кошонинома. таҳқиқ дар аҳвол ва осори Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ риёзидон ва мунаҷҷими бузурги Эрон. - Теҳрон, 1350 (1972), чопи дуюм.

6. Муҳит Таботабоӣ, Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ, маҷаллаи омӯзиш ва парвариш, соли 10, шумораи 3, хурдоди 1319, саҳ. 2.

7. Ҳофизи Абрӯ. Зубдат-ут-таворих. Тасҳеҳи Саидкамоли ҳоҷӣ Саид Ҷаводӣ, Теҳрон, 1372, ҷилди 2.

8. Джамшид Гиясэддинал-Каши. Ключ арифметики трактат об окружности. Перевод с арабского Б.А.Розенфельда, комментарии А.П. Юшкевича и Б.А. Розенфельда. Москва -1956. – С. 244-254.

9. Aydin Sayilli. The observatory in Islam and its plase in the general history of the observatory. – TTKT, 1960. (7), 38.

## ПРИМЕНЕНИЕ ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ ДЛЯ ПОВЫШЕНИЯ ИНДИВИДУАЛИЗАЦИИ ОБУЧЕНИЯ В ЭПОХУ ЦИФРОВИЗАЦИИ

**Атласова Г.А., Хусанова Т.К.**
**Технологический университет Таджикистана**

В современном мире, где технологии проникают во все сферы жизни, образование не остаётся в стороне. Цифровые технологии открывают уникальные возможности для того, чтобы каждый студент мог учиться в своём темпе, получая знания, которые ему действительно нужны.

Компьютерные технологии в современном образовании: естественный шаг развития. Внедрение компьютерных технологий в учебный процесс сегодня - это не просто модная тенденция, а логичное развитие образования. Использование компьютеров позволяет педагогам применять современные методики, направленные на активизацию обучения, реализацию идей развивающего образования и формирование у студентов научного взгляда на мир. Компьютеры помогают раскрыть, сохранить и развить индивидуальные качества каждого студента.

В последние годы школы оснащаются компьютерным оборудованием, и учителя активно проходят обучение по информационно-коммуникационным технологиям. Компьютер позволяет усилить мотивацию учеников. Не только новизна работы с компьютером, которая сама по себе способствует повышению интереса к учебе, но и возможность регулировать предъявление учебных задач по степени трудности, оперативное поощрение правильных решений позитивно сказываются на мотивации. Кроме того, компьютер позволяет полностью устранить одну из важнейших причин отрицательного отношения к учебе - неуспех, обусловленный непониманием, значительными пробелами в знаниях.

Работая на компьютере, ученик получает возможность довести решение задачи до конца, опираясь на необходимую помощь.  Одним из источников мотивации является занимательность. Возможности компьютера здесь неисчерпаемы, и очень важно, чтобы эта

занимательность не стала превалирующим фактором, чтобы она не заслоняла учебные цели. Компьютер позволяет существенно изменить способы управления образовательной деятельностью, погружая учеников в определенную игровую ситуацию, давая им возможность запросить определенную форму помощи, излагая учебный материал с иллюстрациями.

В наше время информация имеет такую же стратегическую ценность, как и традиционные материальные и энергетические ресурсы. «Современные информационные технологии, позволяющие создавать, хранить, перерабатывать информацию и обеспечивать эффективные способы ее представления потребителю, являются мощным инструментом ускорения прогресса во всех сферах общественного развития» [3]. Безусловно, это один из существенных факторов, определяющих конкурентоспособность страны, региона, отрасли и отдельной организации. В своих работах А.В. Петров, доктор педагогических наук, профессор отмечал "Информационные технологии в образовании - это не просто средство обучения, это новая философия образования, основанная на индивидуализации, творчестве и сотрудничестве." [5].

Важная роль в процессе создания и использования информационных технологий принадлежит системе образования, особенно высшей школе как основному источнику квалифицированных, высокоинтеллектуальных кадров и мощной базе фундаментальных и прикладных научных исследований. Специфика системы образования состоит в том, что она является, с одной стороны, потребителем, а с другой - активным производителем информационных технологий. При этом технологии, рожденные в системе образования, используются и далеко за ее пределами. Это позволяет говорить о возможности практической реализации концепции перехода от информатизации образования к информатизации общества.

Для понимания роли информационных технологий в образовании необходимо вникнуть в суть этого понятия. Информационные технологии предназначены для организации и поддержки учебного процесса, расширения возможностей преподавателей, обеспечение его такими средствами, которые позволяют решать не решаемые ранее лингводидактические проблемы: совершенствование организации преподавания, повышение индивидуализации обучения.

Использование информационных технологий открывает широкие возможности в обучении и развитии учащихся, создаёт благоприятные условия усвоения учебного материала. Обилие и разнообразие информации позволяет дифференцировать и адаптировать обучение не только по возрасту, но и учитывая индивидуальные способности каждого. Применение компьютерной техники позволяет сделать занятие привлекательным и по-настоящему современным. В своей статье, кандидат педагогических наук, доцент И. В. Сидорова подчеркнула «Индивидуализация обучения с помощью информационных технологий - это возможность создать для каждого ученика свою уникальную образовательную траекторию, учитывая его интересы, способности и темп обучения." [6].

В каком-то смысле все педагогические технологии (понимаемые как способы) являются информационными, так как учебно-воспитательный процесс всегда сопровождается обменом информацией между педагогом и обучаемым. Но в современном понимании информационная технология обучения - это педагогическая технология, использующая специальные способы, программные и технические средства (кино, аудио- и видео средства, компьютеры, телекоммуникационные сети) для работы с информацией. И суть информатизации образования состоит в создании как для педагогов, так и для учащихся благоприятных условий для свободного доступа к культурной, учебной и научной информации.

Понятие «компьютерная технология обучения», с учётом широких возможностей современных вычислительных средств и компьютерных сетей, часто используется в том же смысле, что и информационные технологии обучения. В то же время применение термина «компьютерная технология» вместо термина «информационная технология» встречает возражения. Они связаны с тем, что информационные технологии могут использовать компьютер как одно из возможных средств. Кроме того, понимание роли компьютера как вычислительной машины стало уже анахронизмом. Поэтому сам термин «компьютерная технология» воспринимается как неудачный, а вот вести речь о компьютерных средствах обучения, компьютерных программах вполне правомерно. Р.С. Козлов, кандидат педагогических наук отметил, что "Компьютерные технологии открывают перед образованием огромные возможности для индивидуализации обучения. Они позволяют сделать обучение более эффективным, интересным и доступным для каждого ученика." [8].

Фактором, определяющим успешное применение современных информационных технологий, является работа самого педагога над научно-методическим обеспечением использования. Это требует решения вполне конкретных вопросов:

- отбор содержания обучения в соответствии с дидактическими свойствами и возможностями средств информационных технологий обучения;
- прогноз возможного воздействия средств информационных технологий обучения на характер мышления и поведение участников образовательного процесса;
- выбор способов сочетания и интеграции средств информационных технологий обучения с традиционными средствами обучения;
- создание соответствующих дидактических условий обучения - формирование учебных групп, организация индивидуальных занятий и самостоятельной работы.

В своей статье С.В. Смирнов, доктор педагогических наук, профессор отметил "Развитие индивидуальности учащихся средствами информационных технологий - это важная задача современного образования. Информационные технологии помогают раскрыть потенциал каждого ученика, развить его творческие способности и самостоятельность." [7].

Но при этом не следует поклоняться возможности компьютеров. Нельзя забывать о том, что передача информации сама по себе еще не обеспечивает передачи знаний, культуры, и поэтому информационные технологии предоставляют педагогам очень эффективные, но вспомогательные средства.

Итак, сформулируем педагогические цели использования информационных технологий обучения. Развитие личности обучаемого, подготовка к самостоятельной продуктивной деятельности в условиях информационного общества, включающая (помимо передачи информации и заложенных в ней знаний):

- развитие конструктивного, алгоритмического мышления благодаря особенностям общения с компьютером;
- развитие творческого мышления за счёт уменьшения доли репродуктивной деятельности;
- развитие коммуникативных способностей на основе выполнения совместных проектов.

Сущность компьютера - в его универсальности, в способности к имитации. Его многоликость и многофункциональность - залог того, что он может удовлетворить множество потребностей. Но при всех своих возможностях компьютер остается средством повышения эффективности человеческой деятельности. Как информационное средство он предназначен для информационного обслуживания потребностей человека. В том, как сделать это

обслуживание наиболее продуктивным именно для учебно-педагогического процесса, и состоит главный вопрос всей многоплановой проблемы совершенствования образования на базе информационных технологий. Успешное его решение будет способствовать повышению качества и степени доступности образования всех уровней - от школы до систем подготовки и переквалификации специалистов, интеграции национальной системы образования в научную, производственную, социально-общественную и культурную информационную инфраструктуру мирового сообщества.

Мы должны всячески способствовать развитию его активности и самостоятельности на всех этапах обучения, чтобы ученик мог принимать учебную задачу, участвовать в выборе средств её решения, осуществлять контроль и самоконтроль, применять в жизненных ситуациях. Занятия с использованием ИКТ становятся привычными для учеников, а для учителей стали нормой работы - это является одним из самых важных результатов инновационной работы. Использование на занятиях мультимедийных презентаций обогащает процесс обучения, позволяют сделать обучение более эффективным, а также способствует творческому развитию учеников. Использовать презентации можно на любом этапе изучения темы и на любом этапе урока.

Использование ИКТ в обучении помогает научить каждого ученика, учитывая разный уровень обучаемости, свойства памяти, усиливает их мотивацию, развивает познавательные процессы, мышление, развивает воображение, фантазию, мышления и внимания.

Использование ИКТ позволяет дифференцировать процесс обучения, например, ученики с более высоким уровнем развития могут при помощи компьютера углублять свои знания, выполняя упражнения повышенной трудности. Замкнутые ученики раскрепощаются во время работы на компьютере, застенчивые - легко общаются в Интернете. Для использования информационных технологий и активного освоения не требуется многолетней дополнительной подготовки.

Систематическое использование ИКТ позволяет: сократить время на составление конспектов занятий, отчетов, анализов; быстро и качественно готовить и тиражировать дидактические пособия, раздаточный материал; создавать задания для проверки и контроля усвоения материала. Иванова Е.Н. кандидат педагогических наук в своей диссертации “ Педагогические условия подготовки будущего учителя к использованию новых информационных технологий” отметила "Компьютерные технологии - это не панацея от всех проблем образования, но это мощный инструмент, который может помочь нам сделать обучение более индивидуальным, эффективным и соответствующим потребностям современного общества." [4].

При разработке методики обучения, необходимо опираться на специфические особенности данного предмета. В силу того, что изучение математики с использованием современной вычислительной техникой позволяет решать многие математические задачи совершенно иными путями, заменяющими отыскание сложных логических соображений весьма несложным программированием и делающими творческую, нестандартную задачу совершенно обычной.

Успех от совместной деятельности учителя и ученика во многом зависит от организации этой деятельности. Известно, что при классной работе более активен учитель, а ученики выполняют более или менее пассивную роль, в то время как наивысшая степень активности появляется при организации самостоятельной работы учеников. Но не любая «самостоятельная работа» является по сути самостоятельной. Успех может принести только та самостоятельная работа, которая очень хорошо подготовлена учителем.

Поэтому очень важно рассмотреть вопрос о том, как подготовить ученика к самостоятельной деятельности и как организовать их самостоятельную работу так, чтобы у них был и интерес к работе, и удовлетворение от результата. Где, когда и как может использовать учитель математики компьютерную технологию? На наш взгляд это:

✓электронная библиотека: она позволяет мгновенно переходить к нужной части текста с помощью содержания, снабженного гипертекстовыми ссылками, создавать закладки, работать параллельно с несколькими текстами, копировать информацию, распечатывать тексты;

✓мультимедийные курсы: они могут быть использованы и в изложении нового материала, и при закреплении, и при контроле, содержат статьи справочного материала, вопросы и ответы, компьютерные диктанты, озвученные анимационные модели, интерактивные таблицы;

✓создание презентаций, публикаций, веб-страниц: при подготовке к занятиям незаменимым помощником преподавателя может оказаться приложение PowerPoint, входящее в состав пакета Microsoft Office., что позволяет нам самостоятельно по собственному сценарию подготовить интерактивное мультимедийное пособие к занятию с минимальными временными затратами;

✓создание тестов: компьютерное тестирование уровня обученности студента и диагностирование параметров его психофизического развития, выдающих результаты с определенной степенью точности;

✓создание обучающих программ;

✓поиск необходимой информации для изучения математики с помощью Internet.

Использование новых информационных технологий в преподавании математики обусловлено не только стремлением к новизне, но и путям успеха в обучении, что также позволяет реализовать личностно - ориентированный подход.

Важнейшим компонентом в системе подготовки конкурентоспособного специалиста является самостоятельная работа студентов, т.к. это необходимое условие формирования потребности в самоорганизации будущего специалиста, способности творчески решать профессиональные задачи, а также способности к постоянному обновлению своих знаний в течение всей трудовой деятельности.

В филиале Технологического университета Таджикистан в городе Исфара преподавателями кафедры информационных технологий и точных наук при выполнении самостоятельной работы или выполнении домашнего задания широко применяется практика презентаций - студент может выбрать любую тему для своей презентации и выразить своё понимание или непонимание, какого либо аспекта, рассматриваемого в презентации; презентация оценивается по следующим критериям: насколько раскрыта тема и вызвала ли интерес у окружающих, насколько профессионально подошел студент к рассматриваемой проблеме, используя при этом все доступные технические средства, такие как видеопроекторы, видеофильмы, компьютерные технологии.

Новые информационные технологии открывают большие возможности расширения образовательных рамок по каждой дисциплине, и математика не является исключением. Однако ведущая роль на уроке остается за учителем, а компьютер является многофункциональным помощником, методическим инструментом наряду с другими средствами обучения.

Внедрение компьютерной технологии в образовательный процесс развивает познавательную активность, позволяет реализовать идеи развивающего обучения, повысить темп занятия, увеличить объем самостоятельной работы учеников, их творческий потенциал.

Существенную помощь компьютер оказывает и в формировании отдельных психических процессов учащихся: памяти, внимания, мышления, что составляет психологическую основу обучения математике. Компьютер выступает в данном случае «ускорителем» этих процессов, компьютерные технологии открывают перед образованием огромные возможности для индивидуализации обучения. Индивидуальный подход к обучению делает его более эффективным и интересным для обучающего, что способствует повышению их мотивации и успеваемости.

Конечно, есть и сложности: нужно, чтобы у всех был доступ к технологиям, чтобы педагоги умели ими пользоваться, чтобы был хороший цифровой контент. Но плюсы от использования цифровых технологий в образовании огромны.

Подытожив статью, можно сказать, что цифровые технологии - это ключ к тому, чтобы каждый обучающий мог получить образование, которое подходит именно ему. Это делает учёбу более эффективной и интересной.

**Литература:**

1. Атласова Г.А. Актуальность исследований по использованию ВНТИ в педагогике (на тадж. языке) (статья)// Вестник Таджикского государственного педагогического университета, № 3.Душанбе, - 2020, - С.124-128.
2. Атласова Г.А. Инновационная производственная практика и повышения качества образовательного процесса (в соавторстве). // Сборник статей «Вопросы педагогики и психологии», XXVI Международная научно- практическая конференция. Научная дискуссия. Вопросы педагогики и психологии № 5.- Москва, 2014.- С.26-31.
3. Атласова Г.А. Исследование и разработка методов увеличения знаний, основанных на использовании новейших информационных технологий; (натадж.яз) (статья)// Материалы международной научно-практической конференции. - Исфара, - 2018, С.75-80.
4. Иванова Е.Н. Педагогические условия подготовки будущего учителя к использованию новых информационных технологий// Диссертация по ВАК РФ 13.00.01, -2020
5. Петров А.В. доктор педагогических наук, профессор//Роль компьютерных технологий в образовательном процессе. (https://www.informio.ru/publications/id2038/Rol-kompyuternyh-tehnologii-v-obrazovatelnom-processe).
6. Сидорова И.В., Черникова Н. Актуальные проблемы инновационной деятельности педагога в свете теории и практики// Мир науки. Педагокика и психология, 2021№2,
7. Смирнов С. Ещё раз о технологиях обучения// Высшее образование в России, 2000. №6.URL: https://cyberleninka.ru/articie/n/easche-raz-o-tehnologiyah-obucheniya
8. Козлов Р.С., Козлова Н.Ш. Использование цифровых технологий в системе образования// Научная известия.2020. №19.
9. Назарзода, Р. С. Базовые компетенции по программированию - требование цифрового века / Р. С. Назарзода // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2021. – No. 4(47). – P. 146-153. – EDN: AHWRAC.
10. Назаров, Р. С. Информатизация как закономерный процесс социально-экономического развития информационного общества / Р. С. Назаров, У. О. Кимсанов // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2009. – № 1(15). – С. 70-75. – EDN: VWDTPJ.

11. Назаров, Р. С. Формирование информационной культуры специалиста – одна из важнейших задач процесса информатизации образования / Р. С. Назаров, Р. Д. Турсунов, У. О. Кимсанов // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2012. – № 1(19). – С. 73-77. – EDN: VXKWIZ.

12. Назарзода, Р. С. Цифровая грамотность – ключевая компетенция преподавателей высших учебных заведений / Р. С. Назарзода // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2022. – No. 4-2(51). – P. 109-117. – EDN WRTEPZ.

13. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования: Учебное пособие для студентов педагогических вузов и системы повышения квалифицированных педагогических кадров / Е.С. Полат, М.Ю, Бухаркина, М.В. Моисеева, А.Е. Петров; Под. Редакцией Е.С. Полат. - М.: Издательский центр «Академия», 2003. - 272 с.

14. Фетисова Н. В. Подготовка педагогов начального образования к формированию обще логических умений у младших школьников по математике: автореферат дис. канд. пед. наук: 13.00.01 -0 общая педагогика, история педагогики [Текст] / Н.В. Фетисова. – Томск.: ТГПУ, 2010. – 23 с., с. 35

15. Фридман Л.М. Теоретические основы методики обучения математике [Текст] / Л.М. Фридман – М.: Флинта, 2008. - 224 с.

16. Педагогические технологии: Учебное пособие для студентов педагогических специальностей / Под общей редакцией В.С. Кукушина. - Серия «Педагогическое образование». - Ростов н /Д: издательский центр «Март». 2002. 320 с.

17. Турик Л.А., Осипова Н.А. Педагогические технологии в теории и практике. Учебное пособие, Ростов-на-Дону, Феникс, 2009,с 243.

18. Шоев Н.Н. Педагогические доминанты воспитательно-образовательные технологий в системе высшего образования. - Душанбе.: Издательстве «Ирфон», 2004, - 304 с.

19. Методические разработки для практических работ по геометрии (на тадж.яз.) (метод. пособие) печатная Атласова Г.А.// ББК 22.151.0, М 34 - Исфара, 2016. - 55стр.

20. Школьная математика (уч. программа) печатная Атласова Г.А.// ББК 22.1, Ш-67,- Исфара: 2019.- 65 стр.

## НАҚШ ВА МАВҚЕИ ЗАНОН ДАР ҲАЁТИ СИЁСИИ ҶОМЕА

**Бобизода Г. Ш.**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ**

Яке аз масъалаҳои ҳалталаби ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеаи демократӣ – ин баланд бардоштани нақши занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад, ки он тавассути механизмҳои татбиқи сиёсати гендерии давлат ба амал бароварда мешавад. Зеро занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа нақши муҳим доранд. Аммо дар марҳилаҳои қаблии рушди ҳаёти ҷамъиятӣ, бахусус дар аҳди қадим ва асрҳои миёна иштироки занон дар равандҳои сиёсӣ бо омилҳои гуногун, аз ҷумла стереотипҳои анъанавӣ, монеаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ маҳдуд буд. Бо тағйирёбии тамоюлҳои ҷаҳонӣ, дар шароити мураккаб гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва афзоиши фаҳмиши

аҳамияти баробарии гендерӣ иштироки занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа яке аз ҷанбаҳои калидии ҷомеаҳои демократии замони муосир гардид. Аз ин рӯ, нақши занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа дар тули таърих мавзуи хеле муҳим маҳсуб меёфт. Маҳз бо шарофати масъалагузориҳои фалсафию назариявӣ дар ин муддат нақш ва мавқеи занон дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ба дигаргунии куллӣ рӯ ба рӯ шудааст. Зеро дар замонҳои қадим занон аксар вақт аз ҳаёти сиёсии ҷомеа маҳрум буданд. Маҳдуд будани ҳуқуқ ва озодиҳои занон барои иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ имкон намедод. Аммо, имрӯз мо шоҳиди тағйироти назаррас дар ин самти ҳаёти иҷтимоӣ ҳастем.

Дар таърихи аксари кишварҳо занон муддати дароз аз ҳаёти сиёсии ҷомеа берун карда шуда буданд. Дар замонҳои қадим, масалан, дар Юнони Қадим, занон ҳуқуқи овоз додан ва иштирок дар корҳои сиёсиро надоштанд [6]. Вазъият дар асри XIX, вақте ки мавҷҳои аввали ҳаракати феминистӣ оғоз ёфт, тағйирпазир гардид. Занон ба талаби баробарҳуқуқӣ ва иштирок дар интихобот шуруъ карданд, ки ин қадами асосӣ барои тағйир додани мавқеи онҳо дар сиёсат буд.

Дар асри XX, алахусус пас аз ҷанги Дуюми ҷаҳонӣ, бисёр давлатҳо ба ислоҳоти қонунҳои интихоботии худ шуруъ карданд. Чунин ислоҳот ба занон имкон дод, ки дар интихобот иштирок кунанд ва дар сатҳи идоракунии маҳаллӣ ва миллӣ вазифаҳои гуногунро ишғол намоянд. Қабули Муоҳидаи байналмилалии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар соли 1966 ва дигар созишномаҳои байналмилалӣ ба беҳтар шудани вазъи занон дар соҳаи сиёсӣ мусоидат кард [3].

Бояд гуфт, ки дар шароити имрӯза занон қисми зиёди аҳолиро намояндагӣ мекунанд ва онҳо дар рушди равандҳои демократӣ нақши муҳим мебозанд. Иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсии кишвар барои ифодаи пурраи манфиатҳои тамоми ҷомеа мусоидат мекунад, гуногунии нуқтаи назарро таъмин менамояд ва дар ташкили системаи самараноки қабули қарорҳо нақши назаррас мебозанд. Тадқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки иштироки занон дар фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва ҳаёти сиёсии ҷомеа ба рушди фарогир ва устувортар оварда мерасонад [7, с.78].

Дар таърихи инсоният намунаҳои барҷастаи занҳои қавииродаи сарвар арзи ҳастӣ намудаанд. Масалан, корнамоиҳои Екатеринаи бузург дар Россияи подшоҳӣ, ё Малика Елизаветаи I дар Англия нишон медиҳанд, ки чӣ гуна занон метавонанд давлатро самаранок идора кунанд ва дар таърих осори барҷаста гузоранд. Дар замони муосир шахсиятҳои сиёсатмадорон ба монанди Ангела Меркел (Олмон), Ҷасинда Ардерн (Зеландияи Нав) ва Камала Харрис (ИМА) иқтидори занонро дар сиёсати ҷаҳонӣ исбот мекунанд [2].

Бо вуҷуди пешрафтҳои ба даст овардашуда занон ҳанӯз ҳам дар роҳи баробарҳуқуқии сиёсӣ бо монеаҳои зиёд рӯ ба рӯ мешаванд. Қолабҳои шахшудаи иҷтимоӣ, анъанаҳои асримиёнагӣ ва баъзан табъиз онҳоро аз иштирок дар ҳаёти сиёсӣ бозмедоранд. Дар бисёр кишварҳои ҷаҳон занон бо маҳдудиятҳои дастрасӣ ба таҳсилот ва иштироки сиёсӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки саҳми онҳоро дар раванди қабули қарорҳо ва татбиқи онҳо бозмедорад.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда имрӯзҳо занон дар ҳаёти сиёсии бисёр кишварҳо мавқеи муҳим доранд. Масалан, дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ намояндагии занон дар парлумонҳо аксар вақт аз 40% зиёд аст. Ин ба шарофати тадбирҳои андешидашудаи ҳамаҷониба, аз ҷумла квотаҳо ва барномаҳои махсуси дастгирии номзадҳои занон имконпазир гардид. Бо вуҷуди ин, дар аксари давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар як қатор кишварҳои пешрафта, занон то ҳол дар сиёсат намояндагии камтар доранд. Тибқи маълумоти Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ, дар соли 2022 сатҳи иштироки занон дар сиёсат ҳамагӣ тақрибан 26% - ро ташкил дод [1, с.25].

Сабабҳои ин падида гуногунанд ва метавонанд бо муносибатҳои фарҳангӣ, фишори иҷтимоӣ ва набудани механизмҳои дастгирии занон алоқаманд бошанд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини ҳалли ин мушкилот пешбурди баробарии гендерӣ, ташаккули сиёсати гендерӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои ҳамаи шаҳрвандон мебошад. Маориф ва маърифат, тағйир додани стереотипҳои ҷамъиятӣ ва тадбирҳои қонунгузорӣ, ки ба дастгирии занон дар сиёсат нигаронида шудаанд, ба василаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои номбаргардида табдил меёбанд. Иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ на танҳо ин соҳаи ҳаёти ҷамъиятиро бо таҷриба ва равишҳои нав ғанӣ мегардонанд, балки барои наслҳои оянда намуна шуда, ҷавононро ба иштироки фаъоли шаҳрвандӣ илҳом мебахшанд. Ҳамин тариқ, дар замони муосир нақши занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа афзоиш ёфта, ҷиҳати ба амал баровардани баробарҳуқуқии гендерӣ ва ба даст овардани ризоияти шаҳрвандӣ тағйироти мусбатро таъмин мекунад.

Баробарии гендерӣ на танҳо масъалаи ҳуқуқи инсон, балки самаранокии иқтисодӣ низ мебошад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки кишварҳое, ки занон дар соҳаи меҳнат ва сиёсат бо мардон баробаранд, нишондиҳандаҳои баландтари рушди иқтисодӣ ва устувориро нишон медиҳанд [5, с.486]. Иштироки занон ба гуногунрангии дурнамои рушд ва қабули қарорҳои ҳамаҷониба мусоидат мекунад ва дар ниҳоят сифати идоракуниро беҳтар месозад. Сиёсатҳое, ки бо назардошти таҷриба ва нуқтаи назари занон қабул карда мешаванд, ба стратегияҳои фарогир ва муассир оварда мерасонанд, ки дар шароити мушкилоти ҷаҳонӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим ва афзоиши нобаробарии иҷтимоӣ муҳиманд. Ҳамин тариқ, шомил кардани занон ба равандҳои сиёсӣ на танҳо намояндагии ҷамъиятиро беҳтар мекунад, балки ба некӯаҳволии умумии ҷомеа мусоидат менамояд.

Ғайр аз ин, тамоюлоти сохтории замони муосир нишон медиҳанд, ки ҳамгироии занон дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ торафт мубрам ва зарууртар мегардад. Сарфи назар аз ҳама монеаҳо, занон на танҳо мавқеъҳои сиёсиро ба даст меоранд, балки навовариҳоеро низ амалӣ мекунанд, ки ба беҳтар кардани меъёрҳо ва равандҳои идоракунии иҷтимоӣ нигаронида шудаанд. Масалан, таваҷҷуҳи зиёд ба масъалаҳои тандурустӣ, маориф ва амнияти иҷтимоӣ одатан бо иштироки занон дар сохторҳои давлатӣ алоқаманд аст. Қобилияти ифода карда тавонистани манфиати ҳамагон ва чунин самти ҳамкории занон бо мардум дар маҷмуъ ба қабули қарорҳои дурандешона дар бораи некӯаҳволии ҷомеа мусоидат мекунад.

Созмонҳои байналмилалӣ низ барои таъмини баробарҳуқуқии занон ва баланд бардоштани нақши онҳо дар ҳаёти сиёсии ҷомеа талош меварзанд. СММ ва дигар институтҳои низоми муносибатҳои байналмилалӣ барномаҳоеро, ки ба афзоиши иштироки занон дар идоракунии сиёсӣ мусоидат мекунанд, фаъолона таблиғ менамоянд [4]. Муколамаи ҷаҳонӣ оид ба таъмини баробарҳуқуқии занон бо ҷалби таваҷҷуҳ ба мушкилоти шадидтарин ва таҳияи стратегияҳои муассир барои ҳалли онҳо мусоидат мекунад. Дастгирии чунин ташаббусҳо дар арсаи байналмилалӣ на танҳо ба дигаргуниҳои миллию минтақавӣ, балки ба тағйироти манзараи сиёсии сатҳи ҷаҳонӣ низ мусоидат мекунад.

Бояд гуфт, ки иштироки сиёсии занон на танҳо ҳалли масъалаи адолати иҷтимоӣ, балки расидан ба сулҳи устувор ва ҷомеаи осоиштаро ҳал мекунанд. Чӣ қадаре ки занон дар идоракунӣ иштирок кунанд, ҳамон қадар ғановати афкор ва ташаббусҳои сиёсию ҷамъиятӣ гуногунранг хоҳад буд. Чунин ҳолат дар ниҳояти кор ба рушди ҳамоҳангии қишрҳои мухталифи ҷомеа оварда мерасонад. Мустаҳкам кардани натиҷаҳои пешрафти гузашта ва расидан ба қуллаҳои навбатии рушду инкишоф аз ҳамаи мо дастгирии фаъол ва эътирофи аҳамияти занон дар сиёсатро талаб мекунад. Танҳо бо муттаҳид кардани кӯшишҳо шароит

фароҳам овардан мумкин аст, ки дар он занон метавонанд иқтидори худро пурра дарк кунанд ва дар рушди иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар саҳми арзанда гузоранд.

Занон дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ низ фаъолона иштирок мекунанд, аммо дар аксари ҳолатҳо намояндагии онҳо маҳдуд аст. Ҳизбҳои сиёсӣ одатан сохторҳои ҳамгуна доранд, ки на ҳамеша гуногунрангии гендериро истиқбол мекунанд. Дар баъзе кишварҳо барои афзоиши намояндагии занон дар сиёсат квотаҳо ҷорӣ карда шуданд. Масалан, дар Аргентина, бо қонуни намояндагии баробарӣ, занон маҷбур мешаванд, ки на камтар аз 30% ҷойҳоро дар интихобот ишғол кунанд [8]. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз мисолҳои муваффақ, дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ҳанӯз ҳам монеаҳо барои пешбурди занон дар сиёсат вуҷуд доранд. Бисёре аз занон бо ғаразнокӣ ва стереотипҳо дучор меоянд, ки онҳоро барои идоракунӣ камтар соҳибихтисос меҳисобанд. Ин боиси он мегардад, ки занон аксар вақт дар сатҳи пасти иерархияи сиёсӣ меистанд.

Маориф дар ташаккули занон ҳамчун сарвар ва роҳбарони оянда нақши муҳим мебозад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи баланди таҳсилоти занон бо иштироки фаъолонаи онҳо дар сиёсат алоқаманд аст. Аҳамияти таҳсилот дар асри ҷаҳонӣ ва дар шароити ҷаҳонишавӣ торафт равшантар мегардад, ки дар он дониш ва малака заминаи асосии ба даст овардани муваффақият мегардад.

Имрӯзҳо бисёр донишгоҳҳо ва муассисаҳои таълимӣ барномаҳоеро пешниҳод мекунанд, ки ба таълими занон дар бораи сифатҳои роҳбарӣ ва стратегияҳои сиёсӣ равона карда шудаанд. Ин барномаҳо барои рушди малака ва эътимод дар занон фаъолона кор карда, имконияти иштироки муваффақонаи онҳоро дар ҳаёти сиёсӣ зиёд мекунанд.

Дар шароити рушди бемайлони илму техника пешрафти технологӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои иштироки сиёсии занон уфуқҳои нав мекушоянд. Тавассути василаҳои иттилоотию иртиботии замони муосир занони фаъол имконият пайдо мекунанд, ки таваҷҷуҳи давлату ҳукуматро ба масъалаҳои нобаробарии гендерӣ ҷалб кунанд. Ин воситаҳо ба занон имкон медиҳанд, ки мустақиман бо интихобкунандагон тамос гиранд, андешаҳои худро баён кунанд ва дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ нақши муассир бозанд. Чунин тарзи фаъолнокии занон дар рушди ниҳодҳои демократии ҷомеа ва ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳамияти бағоят муҳим дорад.

Барои аксари кишварҳои олам намунаҳои бомуваффақияти роҳбарии занон ва иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ хеле муҳим ва афзалиятнок мебошанд. Чунин омил наслҳои нави занонро дар мубориза барои ҳуқуқҳои худ ва иштирок дар корҳои давлатӣ илҳом мебахшанд. Ташаккули ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва роҳнамоии занон на танҳо ба бартараф кардани мушкилоти мавҷуда дар самти баланд бардоштани фаъолнокии сиёсӣ, балки ба афзоиши нақши занон дар мақомоти давлатӣ мусоидат мекунад. Чунин фаъолнокӣ нуфуз ва таъсири онҳоро дар қабул ва татбиқи қарорҳои муҳими сиёсию ҷамъиятӣ тақвият мебахшад.

Дар арсаи байналмилалӣ ҳамкории фаъолонаи байни кишварҳо ҷиҳати таҳияи стратегияҳо ва барои бартараф кардани монеаҳои гендерӣ зарур аст. Давлатҳо, ташкилотҳо ва фаъолон бояд барои табодули таҷрибаҳои беҳтарин ва механизмҳои муваффақонаи афзоиши нақши занон дар ҳаёти сиёсӣ муттаҳид шаванд. Чунин ташаббусҳо метавонанд баргузории форумҳо ва конфронсҳои байналмилалӣ, инчунин ташкили эътилофҳои минтақавию ҷаҳониро дар бар гиранд, ки ба таҳкими баробарҳуқуқӣ ва дастрасӣ ба неъматҳои ҷамъиятӣ равона карда шаванд.

Дар самти фаъолнокии ҷамъиятии занон бо вуҷуди дастовардҳо, монеаҳои зиёде мавҷуданд, ки занонро аз мавқеи фаъол дар сиёсат бозмедоранд. Бартараф кардани ин монеаҳо аз ҷониби ҳукуматҳо, сарпарастон ва дар маҷмуъ аз ҷониби худи ҷомеа саъю талоши

мақсаднокро талаб мекунад. Стереотипҳо дар бораи нақши занон ва тасаввуроти анъанавӣ дар бораи меҳнати мардона ва занона пешрафтро бозмедоранд. Зарурати тағйир додани афкори ҷамъиятӣ ва дарки нақши занон дар сиёсат муҳим аст. Ҷомеа бояд тарзи рафтореро фаъолона тарғиб кунад, ки дар он занон ва мардон метавонанд ба таври баробар иштирок намоянд ва манфиатҳои тамоми табақаҳои аҳолиро намояндагӣ кунанд.

Дар сатҳи миллию маҳаллӣ кӯшишҳо барои таҳияи барномаҳои таълимие, ки ба шикастани стереотипҳо ва тағйир додани меъёрҳои ҷамъиятӣ мусоидат мекунанд, муҳим аст. Занони аз ҷиҳати сиёсӣ фаъол бояд на танҳо аз ҷиҳати фаҳмидани равандҳои қонунгузорӣ, балки инчунин бо дарназардошти қобилияти таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ ва пешбурди маъракаҳои муваффақ ба роҳбарӣ омода бошанд. Ин гуна омодагӣ ба занон имкон медиҳад, ки вазифаҳои баландро бо боварӣ ишғол кунанд ва бо мушкилоти ҳаёти ҷамъиятӣ самаранок мубориза баранд.

Инчунин аҳамияти ҷанбаи психологӣ ва эмотсионалии роҳбарии занонро ба назар гирифтан лозим аст. Барномаҳои дастгирии некӯаҳволии равонии занон дар арсаи сиёсӣ метавонанд дар ҳалли масъалаҳои табъиз ва ғаразнок кӯмак расонанд. Фароҳам овардани муҳите муҳим аст, ки дар он занон метавонанд таҷрибаҳои пешгомро мубодила кунанд ва якдигарро дастгирӣ намоянд ва як ҷомеаи устувори мутамаддинро ташкил диҳанд, ки на танҳо ҳузури устувори занонро дар сиёсат таъмин кунад, балки ба рушду инкишофи касбии онҳо мусоидат намояд.

Татбиқи пайвастаи стратегияҳое, ки барои ноил шудан ба баробарии гендерӣ нигаронида шудаанд, ба равандҳои васеътари иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонанд. Ноил шудан ба ҳамгироии пурраи занон ба низоми сиёсӣ на танҳо як қадам ба сӯи баробарӣ, балки ба сӯи идоракунии муассиртар хоҳад буд, ки дар он гуногунрангии нуқтаи назар ва ниёзҳои аҳолӣ ба назар гирифта мешавад. Дар ниҳояти кор, ин барои ҷомеаи мутамаддин ва шукуфон шароити мусоид фароҳам меорад.

Баланд бардоштани нақши занон дар ҳаёти сиёсӣ аз мо муносибати фаъолро талаб мекунад. Яке аз қадамҳои аввал - ин эҷод ва татбиқи сиёсате мебошад, ки манфиатҳои занонро ба назар мегирад. Ин метавонад ташаббусҳои қонуниро барои дастгирии занон дар муҳити сиесӣ ва инчунин барномаҳое, ки ба рушди малакаҳои роҳбарии онҳо нигаронида шудаанд, дар бар гирад. Маориф ва воситаҳои иттилоърасонӣ муҳимтарин абзорҳое боқӣ мемонанд, ки ба занон имкон медиҳанд орзуҳои сиёсии худро амалӣ кунанд. Сармоягузорӣ ба омӯзиш, барномаҳои дастгирии номзадҳои зан ва рушди шабакаҳои онҳо омилҳои асосии ташаккули занҳои роҳбар дар оянда хоҳанд буд.

Ҳамин тариқ, занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа нақши назаррас доранд ва метавонанд ба қабули қарорҳо таъсири амиқ расонанд. Пешбурди баробарии гендерӣ тавассути бартараф кардани монеаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки иштироки ҷамъиятии онҳоро бозмедоранд, хеле муҳим аст. Сармоягузорӣ ба таҳсилот, технология ва дастгирии занон имкон медиҳад, ки муҳити фарогир ва сиёсӣ фароҳам оварда шавад. Мардон ва занон бояд якҷоя кор кунанд, то боварӣ ҳосил намоянд, ки ҳар як нуқтаи назар дар сиёсат шунида ва ба назар гирифта мешавад. Дар шароити ҷомеаи демократӣ амалӣ намудани чунин иқдомҳо дар ниҳояти кор ба тамоми ҷомеа манфиат меорад.

**Адабиёт:**

1. Женщины в политике: новые подходы к политическому. Феминистский образовательный альманах. Вып. 4. / Ред. Е. М. Иванова и А.Ю. Першай. Прага, 2014. - 98 с.

2. Леди у руля: десять влиятельных женщин-политиков XX-XXI веков - URL: https://tass.ru/mezhdunarodnaya-panorama/3439975 (дата обращения: 25.09.2024 г.).

3. Международный пакт о гражданских и политических правах от 16.12.1966–URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/pactpol.shtml (дата обращения: 15.10.2024 г.).

4. Структура «ООН-женщины» как инструмент защиты прав женщин [Электронный ресурс]. –URL: https://russiancouncil.ru/blogs/laiamp/struktura-oonzhenshchiny-kak-instrument-zashchity-prav-zhenshchin/ (дата обращения: 29.09.2024 г.).

5. Хаджалова, Х. М. Качество человеческого капитала: гендерный аспект / Х. М. Хаджалова, С. Э. Савзиханова // Креативная экономика. – 2018. – Т. 12, № 4. – С. 481-490.

6. Тюрина, Д. С. Правовое положение женщин в Древней Греции / Д. С. Тюрина, Е. Б. Калашникова // Аллея науки. - 2018. - Т. 5. - № 5 (21). - С. 981-984.

7. Царюк, А. Д. Роль и место женщины в современном обществе / А. Д. Царюк // Проектная культура и качество жизни. - 2021. - № 23. - С. 71-82.

8. Шведова, Н. А. Политические партии и гендерное равенство / Н. А. Шведова // Женщина в российском обществе. - 2016. - № 4(81). - С. 21-30.

## САЙРЕ БА ОЛАМИ ТАХАЙЮЛ

**Бобоева Т.Р.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Адабиёти муосири тоҷикӣ, бахусус шеъри имрӯз батадриҷ марҳилаҳои навини ташаккули фикрӣ ва ҳунарии худро тай мекунад. Дар ҳамин замина шоирони тоҷик бо корбандии таҷрибаҳои тоза дар паҳнои навъҳои шеъри имрӯз ҷиҳати камолоти руҳӣ, таҷаддуд дар услуб, навҷӯйӣ дар шеър қадам мебардоранд. Дар ин миён андӯхтаҳои аҳли адаб аз адабиёти куҳан, падидаҳои шеъри имрӯзи ҷаҳон низ истисно нест. Ба таъбири дигар, омезаҳои тафаккури миллӣ, андешаҳои фардӣ бо бардоштҳо аз шеъри муосир, махсусан шеъри ҳамзабонон, дар масири адабиёти имрӯзи тоҷик тавонистааст, ки як ҷараёни пешқадамро эҷод кунад.

Масъалаи пайдоиши тафаккури тоза ва хоса дар шеър, коркарди шаклҳои нави шеърӣ, маъниофарӣ ва тасвирнигорӣ бар мабнои ҳунари шоирӣ, эҳёи баъзе аз андешаҳои ирфонӣ бо вуҷуҳоти навин муҳиммоти хосаи шеъри имрӯзанд. Муҳимтар аз ҳама, шеъри имрӯз шеъри ҳунарӣ аст. Албатта, баррасии масоили умда ва мухталифи шеъри имрӯзи Тоҷикистон таҳқиқоти амиқ ва муҷаддад мехоҳад ва мо наметавонем, ки перомуни ҳамаи ин масоил ин ҷо муфассал ҳарф бизанем. Аз он ки матлаби мо баррасӣ ва таҳқиқи баъзе аз хасоиси умдаи шеъри имрӯз дар симои намояндаи бузург ва сарояндаи насли навини шеъри имрӯз Фарзона мебошад, мо кӯшиш намудем, ки бештар бо масоили маъниофарӣ ва суварнигорӣ дар шеъри Фарзона ибрози назар намоем. Чаро ки ин яке аз вижагии хосаи ҳам шеъри имрӯз ва ҳам шеъри Фарзона маҳсуб мегардад.

Аксари пажӯҳишгарон ва худи шоирон низ бар ин назар ҳастанд, ки дар шеъри нав имконоти васеъ барои тасвирсозӣ ва ибрози тафаккур мавҷуд аст.

Дар шеъри "Номаи фардо", ки дурнамои пешрафтҳои маънавию фикрии инсоният ва фардои зиндагии башарият дар он тафсир мешаванд, бозтоби ин гуна тасвирҳо нуфузи бештар доранд. Ҳатто дар ҷараёни сохтмони ин гуна тасвирҳо ва таркибҳо унсурҳои зиндагии имрӯз ҷилваи рӯшан дорад, ки аз шукӯҳи рӯҳи зиндагии имрӯза паём мерасонанд.

Инак ба гесувони заифам,
ки аз шаҳомати пешин асар надоранд,
Гулбанд мезанам ва меравам
бо чунин сурати музҳик ба асри нав.
Сӯйи фардое, ки хотираи компутерияш
Намедонам чакомаҳои киро ҳифз мекунад.
Сӯйи фардое, ки умедворам
боз дар чашми касе партави самимият,
боз дар ҳалқаи касе асолати мардӣ.
боз дар оинае ҷавҳари аҳуроӣ,
боз дар ҷавҳаре ҳақиқати зебоӣ
тулуи нозанин хоҳад кард. [2, с.384]

Дар ин қитъа ибораҳои «хотираи компютерӣ», «партави самимият», «ҷавҳари аҳуроӣ» ва амсоли ин аз коргоҳи хаёли шоира берун омада, бо омезае ба ҷаҳони имрӯз сурат бастаанд. Дар идомаи ин ҳарфҳо лаҳза-лаҳза фурсатҳое аз зиндагии иҷтимоӣ, парвози мушакҳо дар оғози соли нав ва гузашти лаҳзаҳо дар хиёбони чароғон ба хотири эҷоди шодиҳои маснуъ тафсир мешаванд.

Соат 12. Ҳазорсолаи нав меояд.
Парвози мушакони тилоӣ дар осмони лоҷувард чӣ зебост.
Осмони милиюнсола чу тифле навзод
бар омадани ҳазор соли тоза бепарвост.
Духтароне навсабз
навҷавонии хуррами худро мебаранд
имшаб ба маркази шаҳр.
ба чароғистон,
ба таҷаллизори зебоӣ.
Ҳой дилҳои ранҷур!
Садои омадани фардоро мешунавед? [2, с.384]

Ба назар мерасад, ки бо мутолиаи ин шеър фурсатҳое, ки дар хотироти ҷавонии ҳар нафар инсони имрӯз ҷилваҳое доранд, ба зуҳур мерасанд. Чунин тасвирсозӣ ва баёноти муҳити иҷтимоӣ аз он далолат медиҳад, ки дар шеъри нав бештар фалсафаи иҷтимоъ ва аносири зиндагии воқеӣ дар коргоҳи андеша ва тафаккури шоир маънӣ мебандад ва суханвар мекӯшад, ки дар заминаи ин фалсафаҳои иҷтимоӣ ҳикмат ва нақду назари худро ба аносири рӯзгор шоирона баён кунад.

Воқеиятгароӣ, ки меҳвари афкори фалсафӣ ва иҷтимоии Фарзонаро ба вуҷуд овардааст, дар аксар маврид дар пайи худ мазмунҳои тоза ва навро бо шинохте аз унсурҳои зиндагии имрӯз падидор месозад. Шояд дар мавриди тафсири фалсафию моҳияти зиндагӣ аз Рӯдакӣ то имрӯз шоирон ҳарфҳои зиёде гуфта бошанд, аммо ба назар мерасад, ки ҳар яке дидгоҳ ва бардошти худро дорад. Фарзона ҳам дар ин раҳгузори шинохтанҳо ба андешаи ҷолибе мерасад ва онро бо корбандӣ аз чанд унсури зиндагӣ шарҳ медиҳад.

Фурсатам ҳаст.
Меравам, дасти нозукамро
Дар гардани дурушти дарахте танҳо мегузорам.
Яъне ки ба гӮши зиндагӣ мегӮям,
Ки пас аз зулму хиёнат низ варо боз ҳам сахт дӮст медорам.

Аз шарҳи ин қитъа бармеояд, ки ин ҷо фалсафаи ба гардани дарахти танҳо гузоштани даст ифодаи барору нобарори зиндагӣ аст, ки дар идомаи ду мисраи баъдӣ худи шоир онро мушаххасан тафсир мекунад. Яъне тафсири ӯ аз ин ҳолати зиндагӣ он аст, ки бо ҳама зулму хиёнат дӯстдори зиндагист. Ҳосили ҳамин андешаҳост, ки дар шеъри «Аз лаҳза то ҳамеша» ӯ зиндагиро далели шодӣ маънидод мекунад ва менависад:

Эй далели шодии ман, зиндагӣ,
ГӮ муборакбодии ман, зиндагӣ.
Бебаҳона шод будан метавон,
Як мани дигар кушудан метавон. [2, с.391]

Чунонки зикраш рафт, дар шеъри Фарзона аз муҳимтарин вижагиҳои ҳунарӣ тасвирсозӣ ва таркибофаринӣ аст. Аз шеъри «Кистӣ, эй ки намеоӣ?» метавон ин чанд намунаи таркибҳои шоиронаро берун овард, ки аксаран бо тозагии шеваи таркибсозӣ ва усули баён дар тақвияти ҷанбаи ҳунарии шеър нақши муассире гузоштаанд. Дар ин шумора аз таркибҳои «мардумакҳои сӯгвори шаби чашм», «ҷанозаи мехакҳо», «шаҳодати хуршед», «заволи таманноҳои сабз», «замонаи бемеҳроб» ва амсоли инро ёдовар шудан мумкин аст.

Омадам.
Эй мардумакҳои сӮгвори шаби чашмам,
Сураи фотиҳа бояд хонд бар ҷанозаи мехакҳо
дар андаруни тобути булӮрин,
дар шаҳодати хуршед,
дар заволи таманноҳои сабз.
Дар кунҷи синаам
дилам эҳсоси ятимӣ дорад
ҳисси бегонагиву сардӣ
бо тамоми олам.
Зеро пероҳани замонаи бемеҳроб меҷангад
рӮсабӣ бо Марям. [2, с.428]

Алиризои Қазва муътақид аст, ки барои шеъри хуби сапед ё нав гуфтан шоир бояд аз мактаби шеъри суннатӣ ҳатман гузарад.

Ин ҷиҳат аз ҳар суханвар тақозои онро дорад, ки барои озмудани ҳунари шоирии худ дар анвои мухталифи шеъри суннатӣ ҳиммат гуморад. Фарзона аз муваффақтарин шуаро дар шеъри суннатӣ ҳам маҳсуб мешавад, ки вуҷуди ғазалҳои самимона ва мамлӯ аз таркибҳои шоиронаву маонии баланди ишқиву иҷтимоӣ, фалсафиву ирфонӣ аз ин амр шаҳодат медиҳад. Мутолиаи ғазале, ки ибтидояш бо абёти зайл сурат мегирад, шукӯҳи матолиби ирфониро бо тафаккуре тоза дар қолиби ғазали муосир башорат мерасонад:

Ҷаҳон зи шамси ту анвор чидааст, эй дӯст,
Шарофати ту ба ман ҳам расидааст, эй дӯст.
Туи ягонатаринро дар ин мукаррамгоҳ,
Худо ба шодии мо офаридааст, эй дӯст. [4, с.70]

Ғазалҳои Фарзона бо он ҳама пайванд бо суннатҳои рамзи адабии пешиниён ҳаргиз бӯйи куҳнагӣ намекунанд, балки дар саросари онҳо рӯҳи замони зиндагии шоир нуфуз дорад.

Ин аст, ки вожаҳову мафҳумҳои ифодагари имрӯзи мудернӣ дар шеъри Фарзона пайваста ба зуҳур мерасанд, ки либоси тозаи фикрии ашъори суннатии шоирро рӯнамо мешаванд. Аз ҷумла, дар ғазали зерин ба кор гирифтани вожаи моҳвора намоде аз таҷаллои рӯҳи пешрафтҳои аҳди шоир аст:

Ба ҳазор моҳвора натавон ба шаб зафар кард,
Ту ба боми фикри мо ҳам ду-се моҳвора овар. [4, с.204]

Таркибҳои «боми фикр», «ба шаб зафар кардан» дар ин байт бо тозагии сохтмону аносири худ башорате аз тавлиди ҳумоюни онҳо аз андешагоҳи шоир мерасонанд. Таркибсозӣ ва тасвирофаринӣ аз муҳимтарин падидаҳои ҳунарие ҳастанд, ки ҷиҳати уруҷи мақоми суханварии ашъори шоир нақши муассир гузоштанд. Дар ҳар ғазале ё ашъори чаҳорпора метавон ба теъдоди зиёде аз ин намунаҳо дучор омад, ки вусъати тафаккур ва парвози тахайюли шоирро ба субут мерасонанд. Ба ин порча аз як ғазал мурур мекунем:

Як дона куфр хирмани имон ба бод дод,
Бар одами фирефта шайтон чӣ ёд дод.
Дерест дар муҳосираи зулмати худам,
Зангор омад, оинаро кард бесавод. [4, с.115]

Ин ҷо таркибҳои “як дона куфр”, “хирмани имон”, “хирмани имон ба бод додан”, “муҳосираи зулмати худ”, “оина бесавод кардан” ва амсоли ин пайғом аз андешаҳои баланд ва мақоми ҳунарии шоир дар таркибсозӣ мерасонанд. Нуктаи ҷолиб он аст, ки дар ду байт теъдоди зиёде аз таркибҳо ҷой доранд, ки дар батни ҳар яке тасвирҳои ҷолиб ба зуҳур расидаанд. Ба назар мерасад, ки Фарзона таркибҳои зебои шоиронаи худро дар хидмати тасвирҳои нотакрор мегузорад ва ҳамин ҷиҳат аст, ки дар омезаҳое аз тасвиру таркибҳои шоирона махсусиятҳои ҷолиби сабку салиқа арзи ҳастӣ кардаанд.

Ин махсусият маҳдуд ба ғазалиёти шоир нест, балки зуҳури баҷо ва ҳунармандонаи онро дар рубоиёт ва дубайтиҳои Фарзона низ ба мушоҳида мегирем.

Мазмунҳои фалсафию ахлоқӣ, ки махсусияти аслии рубоӣ дар адабиёти гузаштаи мо будааст ва ин падида бештар дар рубоиёти Умари Хайём ба ҷилва мерасад, бо рӯҳи тоза ва тафаккури нав дар рубоиёти Фарзона идома ёфтааст. Махсусан, фурсати кӯтоҳи умр ва зудгузар будани он, ки борҳо дар шеъри гузаштаи мо таъкид мешавад, дар рубоии Фарзона аз андеша ва дидгоҳи нав маншаъ гирифтааст, ки истифодаи вожаҳои “тақвим”, “бодбарак” ишорат бар ин амр доранд:

Тақвим, ки чашм мезанад, мегузарем,
Абрешими хом метанад мегузарад.
Чун бодбарак риштаи мо дар кафи туст,
Чун теғи ту ришта меканад, мегузарад. [3, с.389]

Шеър дар сайри таҳаввули ҷомеа ва пешрафти ҳама гуна муносибатҳо қодир аст, ки шаклу мазмуни тозаву нав қабул намояд. Ба таъбире дигар, шеър ҳам дар зовияи пешрафтҳо метавонад, ки иртифоъ кунад ва асолати ин гуна муносибатҳоро ба махсусиятҳои худ ифода намояд. Имрӯз вақте сухан дар бораи шеъри нав меравад ва дар атрофи он мабоҳиси мухталиф ва мутазод эҷод мешаванд, мо ба ҳамин гуна матолиб рӯ ба рӯ мешавем. Хоҳу нохоҳ берун аз ихтилофи ин гуна назарот шеъри имрӮз дар вуҷуди худ расолати пешрафтҳои ҷомеаро ифода карда метавонад. Балки шеър ҳосили пешрафтҳост, ки ҷойи баҳси алоҳида аст ва аз назари дигар роҷеъ ба ин масъала солҳои охир дар матбуот шоирон ва мунаққидон назари хешро изҳор доштаанд.

Таваҷҷуҳ ба ашъори солҳои охири Фарзона бозгӯйи он аст, ки дар ростои шеъри нав шоир ҳар чи бештар уруҷ дорад. КӮшишҳои таҷаддуд дар шеъри нав имкон додааст, ки тозатарин

дастовардҳои ҳунариву фикрӣ, қолибҳои тоза дар вусъати ин навъ ашъори Фарзона ба ҷилва оянд. Масалан, дар шеъри "Дар миёни ҳасту нест" вақте мехонем:

Лаҳза ҷамъи лаҳза ҷамъи лаҳза чист?
Зиндагист!
Лаҳза тарҳи лаҳза тарҳи лаҳза чист?
КӮч бастанҳои мо бар нестист. [2, с.483]

Ҳосили андешаҳои шоир дар заминаи шинохти асолати зиндагии инсон дар ҷаҳони омадшуд ифодаи куллии худро пайдо кардааст. Манзур аз ҷамъи лаҳзаҳо зиндагӣ аст, ки аз нигоҳи аввал ифодаи зебои шоирона мебошад. Аз сӯйи дигар, фалсафаи зиндагиро шоир дар заминаи маҷмуъ гардидани фурсатҳои мухталиф мешиносад. Кам шудани ин фурсат бошад, ба сӮйи адам наздик шудани инсонҳоро ифода менамояд.

Аз ин ҷо рӯшан мешавад, ки шоир дар заминаи меъёрҳои хоси инфиродии шинохти зиндагӣ ҷанбаъҳои фалсафии ашъори навини хешро қавӣ гардонидааст, ки аз муҳимтарин мухтасоти шеъри нав маҳсуб мешавад.

Дар ғазалҳои Фарзона низ тозакориҳои зиёде ба ҷилва омадаанд, ки назокати хос, ҷанбаҳои қавии ҳунариро соҳиб мебошанд. Масалан, дар ғазале мехонем:

Бо мани сармасти аршовези мантиқбохта,
Муъҷиза бинмуду ҷоду, ишқ омад, ишқ рафт. [3, с.104]

Таркиби «сармасти аршовези мантиқбохта» ҳам сифатчинӣ аст ва ҳам аз махсусияти барҷастаи таъбирофаринӣ бархӯрдор мебошад. Ба тавре дигар, ибораи «аршовези мантиқбохта» сурати хоси санъати парадоксро ифода кардааст, ки дар шеъри шоирони сабки ҳиндӣ басомади зиёд дорад. Аммо равиши иборасозӣ дар шеъри Фарзона аз тозагии хосе бархурдор мебошад.

Баробари ин дар ғазал ба ҷилва омадани руҳи муосир тозакориҳои шеъри суннатиро дар вусъати ашъори Фарзона таъмин кардааст. Масалан, дар байти дигари ин ғазал мехонем:

Бар ҷавонмардии ӯ нозам, ки бар чашмони ман,
Бирлион бахшиду луълу, ишқ омад, ишқ рафт. [4, с.104]

Таркибҳои хоси шоирона, калимасозии мураккаб дар ғазалиёти Фарзона арзишҳои ҳунарии ашъори суннатии шоирро таъмин намудааст. Масалан, дар ин байт мехонем:

Зи қавми сустунсур мебурад ин солики танҳо,
Маро то худ гароиш деҳ, ало ҳурмузсиришти ман. [4, с.404]

Дар ин байт ибораҳои "қавми сустунсур", таркиби "ҳурмузсиришт" аз ибороти хоси шеъри шоир маҳсуб мешавад, ки бо равиши ба худ хос офарида шудаанд. Махсусан, таъкиди ин нукта муҳим аст, ки шоир кӯшиш дорад аз такрор дурӣ ҷӯяд. Дар ғазали Мавлавӣ ибораи "амраҳони сустаносир" ба таври зайл ифода ёфтааст:

З-ин ҳамраҳони сустаносир дилам гирифт,
Шери Худову Рустами Дастонам орзуст.

Аммо Фарзона бо дурӣ ҷустан аз такрор шакли нави ин ибора «қавми сустунсур»-ро офаридааст, ки дар байти қаблӣ зикраш рафт.

Дар байти дигари яке аз ғазалҳои Фарзона калимаи зебои «мавҷгардон» ва ибораи «чашми дарёӣ» мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки аз коргоҳи андешаҳои шоир бурун омада, ҷилваҳои ҳунарии ашъорашро зебоӣ бахшидаанд:

Мавҷгардон кард дилро чашми дарёии ту,
Бар дили ман то қиёмат бод мавлоии ту. [4, с.415]

Фарзона дар сурудани ғазал маҳорати баланд зоҳир мекунад, ки махсусиятҳои самимиятбахшӣ ба калом, ҷойгузинии маонии нав дар пирояи ғазал ифодаи ҳунари шоирианд.

Имрӯз баъзе мунаққидон бар он андеша ҳам ҳастанд, ки дар қолиби ғазал гуфтани шеър то андозае куҳнагароист ва имрӮз мо ҳарчанд ғазал гӮем, дар пояи шуарои пешин гуфта наметавонем. Вале ғазалиёти ҷаззоб ва тозакориҳо дар шеъри суннатии Фарзона бори дигар собит месозад, ки ҳунари шоирӣ дар ҳама давру замон, бо ҳар қолаб метавонад сухани нав ва шеъри нав биофарад. Масалан, дар ғазале Фарзона мегӮяд:

Кӯшиши лок дар ин нохуни беҳавсала чист,
Нохуни субҳи ҳинобаста нигор аст, биё. [4, с.44]

Дар байти мазкур ҷилваи ашёи давр бозгӯии дамидани руҳи замон дар ғазал аст, ки тозакориҳои шоирро дар шеъри суннатӣ ифода менамояд. Истифодаи ашёи навро дар шеъри Фарзона метавон ҳамчун унсури замони нав ва тозагӯйӣ дар ғазал ба унвони як равиши хоси навгароӣ дар қолиби шеъри суннатӣ номид. Ҷойи дигар дар ҳамин ғазал мефармояд:

Ишқ дар баста ба ман буду кунун аз сари лутф,
Телефун зад ба ману гуфт, ки кор аст, биё. [4, с.44]

Воқеан, шаклсозӣ дар шеъри нави имрӮз мисли ин аст, ки матолиби ҳазор сол дар адабиёти мо ҷойдошта дар қолиби нав гуфта мешавад. Аз сӯйи дигар, ба асри ҷадид кашидани ҳолат ва муносибатҳои ҷории замонаҳо низ дар шеъри Фарзона ба унвони як нигоҳи тоза доштан ба шеър аст. Нуктаи ҷолиб он аст, ки ин матлабро худи Фарзона ҳам дар як ғазали хеш ба зебоӣ тафсир кардааст:

Веростори зиндагии куҳна Ӯ шавад,
Бо сабки нав агар дигаре навгаро шавад.

Пас, ҳунармандтарин шоир он аст, ки ҳама маврид ва ҳолат, бо ҳар шаклу қолиб ҷилваҳои хоси ҳунари хешро дар вусъати калимот ҷой медиҳад, вожаро обистани эҳсос ва самимияти вуҷуди худ мекунад. Шеъри Фарзона саршори ҳамин гуна эҳсоси самимонаи вуҷуди як инсони самимӣ аст ва ҳар нафари хонанда инсони самимиро дар он сӮйи вожаҳо мешиносад.

Ашъори Фарзона дар вусъати хеш ҳунар, мавзуъ ва мундариҷаи олӣ, тафаккури хос, андешаҳои ҷолиб, ирфони ноб ва амсоли инро ғунҷоиш додааст, ки аз ҳузури шахсияти ҳунарии як нафар инсон берун омадаанд. Навгониҳои шакливу мавзуии ашъори Фарзона дар маҷмуъ аз таҷрибаҳои тозаву муваффақонаи Ӯ дар шеъри суннативу муосир дарак медиҳанд. Итминони комил дорем, ки ин қатраҳои пурдури маънӣ бо маҷмуъ шудани худ ҳунар ва шахсияти ин устоди забардасти шеъри имрӮзро то беканораҳо раҳсипор мешаванд.

**Адабиёт:**


1. Фарзона. Ояти ишқ. -Душанбе: Адиб, 1994. -198 саҳ.
2. Фарзона. То бекаронаҳо. –Хуҷанд, 1998. -200 саҳ.
3. Фарзона. Меъроҷи шабнам. –Душанбе: Адиб, 1999. -208 саҳ.
4. Фарзона. Мухри гули мино. –Хуҷанд: Ношир, 2006. - 400 саҳ.
5. Фарзона. Ҳама гул, ҳама тарона. Ҷ.1. – Хуҷанд: Хуросон, 2014. – 504 саҳ.
6. Фарзона. Ҳама гул, ҳама тарона. Ҷ.2. – Хуҷанд: Хуросон, 2014. – 500 саҳ.
7. Фарзона. Девон. Панҷсад ғазали дилангез. –Хуҷанд: Хуросон, 2014. –540 саҳ.
8. Ҷалолиддини Румӣ. Куллиёт. Иборат аз ду ҷилд. –Душанбе: Адиб, 1992. - 890 саҳ.
9. Шафеии Кадканӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ. –Теҳрон: Огоҳ, 1370. - 732 саҳ.
10. Шеърдӯст А. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик. –Душанбе: Адиб, 1997. - 272 с.

# МОТИВАЦИЯ СТУДЕНТОВ К УЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**Вахобова А.А., Нурулоева З.К.**
**Технологического университета Таджикистана**

*«Учение никогда не истощает разум»*

Мотивация к учебной деятельности является наиболее важной задачей для вовлечения и заинтересованности студента при изучении учебных дисциплин. В условиях развития современной экономики и инновационных технологий, очень важно обратить внимание на качество подготовки студентов, как на будущих специалистов в различных сферах деятельности. Им необходимо овладеть множеством компетенций, которые помогут анализировать и находить правильные решения возникших жизненных задач.

В 1900-1910 гг. А. Шопенгауэр в своей статье «Четыре принципа достаточной причины» впервые употребил слово «мотивация». Сегодня этот термин используется в психологической науке для объяснения различных причин поведения как человека, так и животных [4].

Мотивация студентов - это совокупность процессов, средств и методов, побуждающих их к познанию, активному усвоению материалов по дисциплинам, которые они изучают. Исходя из этого, мотивы представляют собой более сложные динамические системы, в которых осуществляется выбор и принятие решений, анализ и оценка выбора [2].

Роль преподавателя в мотивировании студентов стоит на первом месте и ей необходимо уделять должное внимание. Найти универсальную модель для мотивации студентов практически невозможно, и потому необходимо уделить внимание социальному статусу группы, чтобы понять тактику дальнейшей работы с каждым из них.

Студенты, при выборе образовательной дисциплины, не всегда могут объяснить какие именно мотивы ими движут, в большинстве случаев они выбирают дисциплину в солидарность со своими сокурсниками, чтобы работать в более комфортной и безопасной обстановке. Так или иначе, каждый из студентов вберёт в себя столько знаний, на сколько он сам заинтересован во время пребывания и обучения в своём образовательном учреждении.

Безусловно, у каждого преподавателя свои формы и методы мотивации студентов. Кто-то из преподавателей делает акцент на успеваемости студентов и контролирует посещаемость занятий, другой предпочитает такой показатель как успеваемость его подопечных. Однако всем нам известно, что найти универсальную мотивацию для одного студента или на группу студентов нет практической возможности, необходимо быть во взаимодействии как в общем так и в частном порядке.

Каждый студент имеет индивидуальную мотивацию, так и группа студентов может иметь собственную мотивацию, в зависимости от выбранного курса и направления.

Студент, который находится в начале своего студенческого пути перестраивается от школьного обучения к обучению в высшем учебном заведении, и он мотивирован на быструю адаптацию в данной обстановке, соглашаясь на все новые правила и нормы в обучении по более свободному графику. Помощь преподавателя студентам в этой ситуации очень необходима, чтобы этот переход осуществился в более короткие сроки с большей самоотдачей, трудом и упорством. Быстрое адаптирование студентов первокурсников в первое время учёбы зависит от преподавателя, который уделяет большее внимание изучаемым дисциплинам и тому как преподносится учебный материал, конкретно каждым преподавателем в рамках изучаемого курса, усвояемости учебной программы и посещаемость

данных занятий. Студент должен усвоить, то как ему необходимо изучать каждую конкретную дисциплину, от которой зависит его дальнейшая профессиональная деятельность. Студенту необходимо понять, что он может спокойно задавать возникающие у него вопросы своему преподавателю на занятиях, а также отвечать на поставленные вопросы преподавателя без каких-либо ограничений и, по существу.

Другое дело - мотивация студентов, обучающихся на договорной, то бишь платной основе. Им необходимо разъяснить, что если они не будут усердно учиться, выполнять аудиторную и самостоятельную работу, пополнять свои знания, то их плата за обучение не принесёт им никакой пользы, хотя они оформляют кредиты на обучение или же их родители внесли за их обучение не малые денежные средства.

Мотивация может быть представлена в качестве:

1) процесса выбора между различными действиями [3];

2) процесса, регулирующего действие на достижение специфических для данного мотива целевых состояний и поддерживающий эту направленность [1];

3) состояния направленности личности на определённые цели [5].

Б.И. Додонов определил несколько структурных компонентов мотивации личности:

- удовольствие от самой деятельности;
- значимости для личности непосредственного её результата;
- «мотивирующей» силы вознаграждения за деятельность;
- принуждающего давления на личность [4].

Правильная мотивация студента на учебную деятельность, показатель того, что студент получает удовольствие от своих успехов в получении знаний, он удовлетворён качеством преподавания в данном учебном заведении. Плоды его творческой и профессиональной деятельности дают хорошие результаты и рад приобретённым навыкам и умениям в определённых дисциплинах.

В психологии выделяют два вида мотивации:

- внешняя мотивация - побуждающая студентов выполнять нормативы учебной программы из–за обстоятельства, в которых он находится. Например, закончить университет и получить диплом об образовании для предъявления его по месту требования.
- внутренняя мотивация - сильнее внешней. Основываясь на интересах человека, ведёт его к конкретно поставленной цели. Например, досконально изучить инновационные технологии и работать в успешной компании с высокой оплатой труда.

Рассматривая внутренние мотивы в системе учебной мотивации студентов определяют их личное отношение к учебной деятельности, их саморазвитие и самообразование в процессе всего процесса обучения. Внешние мотивы предполагают контроль преподавателей и родителей за учебной деятельностью студентов, что часто приводит к внутреннему возмущению или даже сопротивлению студентов, что в дальнейшем негативно сказывается на всём процессе обучения.

Внутренняя мотивация очень важна для студента во время всего обучения. Правильно мотивированные студенты больше анализируют учебную деятельность, открывают для себя множество ресурсов для получения необходимых знаний и умений, легче переносят возникающие в учебном процессе трудности, радуются приобретённым знаниям и навыкам.

Внутренняя мотивация приходит не сразу, работает очень медленно, но верно, давая долгосрочный эффект.

С внешней мотивацией студентов работать гораздо легче. На старших курсах они не придают ей особого значения, легко могут забросить изучаемый курс.

Однако, студент имеющий сильную внутреннюю мотивацию в начале учебного процесса, в середине обучения может утратить её из-за большого наплыва поступающей информации, или задачи окажутся непосильным трудом, мотивация может быстро угаснуть.

Джон Келлер в своей модели мотивации в обучении разделил мотивацию на несколько категорий. Каждая категория несёт в себе особую нагрузку информации, которую полезно будет рассмотреть в нашей статье.

К первой категории мотивации стоит внимание, которое призвано вызвать у учащегося интерес и любопытство к овладению знаний. Для поддержание которого необходимо на занятиях приводить примеры из реальной жизненной ситуации, понятной каждому студенту. При этом студентам легче будет перенести полученные знания на практику. Активное участие на занятиях дадут возможность вовлечь студента в активный процесс обучения. Новый формат подачи и получения информации формирует у студентов устойчивые коммуникации, новые знания дадут толчок к новым познаниям.

Во второй категории приведена «релевантность», то есть студенты должны понимать, как соотносить полученные знания с реальной жизнью, каких конкретных целей могут достичь ими полученные твёрдые знания, умения и навыки. Определить полезность воспринимаемой информации, как она может им помочь в будущей реальной жизненной ситуации, как выбрать необходимую информацию в потоке ежеминутно пополняющейся новой информации.

В третьей категории говориться о том, что студенты должны верить в то что могут быть успешными в обучении, обязательно справятся со всеми трудностями и конечном итоге достигнут своей цели. Продвигаясь маленькими шагами по тернистому пути знаний они обязательно достигнут успеха в дальнейшей жизни.

Четвёртая категория говорит об «удовлетворении» учащихся от процесса обучения и испытывают гордость от личных достижений в учёбе. Они должны дойти до понимания того, что суть обучения приводит к хорошей дальнейшей профессиональной деятельности. Похвала со стороны преподавателя, поздравления поддерживают уверенность в твёрдых знаниях. Применение полученных знаний, умений и навыков позволят студентам убедиться, что все силы и ресурсы были потрачены не зря.

Каким же образом можно поддержать мотивацию студентов к обучению в самом начале пути и не останавливаться на первом же ответе. Необходимо чётко расставить все приоритеты, что я учусь для того чтобы… И, если цель видна, задача поставлена, тогда в путь. Студент поставивший перед собой понятную цель, закреплённую конкретными доводами обязательно её, достигнет. В каждом студенте в самом начале пути зарождается цель, которая ведёт его через весь студенческий путь, сопровождаемая полётом и падением, подкреплённая конкретными знаниями, навыками и умениями. Реальная цель, с реальными сроками в будущем должна подогревать интерес студентов на перспективы в будущем.

Ориентированность на результат и на процесс одновременно, сделает студенческое обучение более интересным, это правильное планирование учебного процесса, доступный график, расписание занятий и место обучения. Не сдаваться при первых трудностях и неудачах. Находить в себе силы начинать дело с самого начала с позитивным настроем, своевременно корректировать недочёты и упущения, настроится на его удачное и своевременное завершение.

Процесс обучения в вузе проходит более эффективно, если в вузе есть соответствующая образовательная среда, которая является источником развития личности студента, его будущей профессиональной деятельности. Основным психологическим условием, положительно влияющим на развитие мотивации учебной деятельности студентов, является стремление к достижению поставленных целей. В результате правильно продуманной мотивации происходит становление студентов как высокопрофессиональных специалистов, способных к постоянному саморазвитию, самостоятельному мышлению, умению планировать и осуществлять свою профессиональную деятельность. Самореализация - это лучшая мотивация, осознание своих приобретённых способностей, достижение успеха, оценка и награда.

**Литература:**

1. Андреева Г.М. Социальная психология.М.: Наука. - 1994.

2. Балашов А.П. Теория менеджмента: Учебн. пособие. - М.: Вузовский учебник: ИНФРА М, 2014. - 352 с.

3. Буланова-Топоркова М.В. Педагогика и психология высшей школы: учебное пособие. -Ростов н/Д.: Феникс, - 2002.

4. Ильин Е.П. Мотивация и мотивы. СПб.: Питер, - 2004.

5. Реан А.А. Коломинский Я.Л. Социальная педагогическая психология. – СПб.: «Питер», - 2000.

6. theoryandpractice.ru

## ШИНОХТИ ИЛМИИ МУҲАММАД ЗАКРИЁ РОЗӢ АЗ НИГОҲИ МУҲАҚИҚОНИ АВРУПОӢ

**Гулаҳмадов Ш. Н.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Муҳаммад Закриё Розӣ (865-925) яке аз бузургтарин файласуфони асрҳои миёна ба шумор рафта, афкори фалсаии ӯ бой ва рангин аст. Мутафаккир доир ба бахшҳои гуногуни илмҳои тиббӣ, риёзиёт мантиқ, фармакология, андешаҳои пурқимати илмӣ баён намудааст, ки омӯзиши онҳо имрӯз низ аҳмияти хешро гум накардаанд, балки дар замони муосир, ки омӯзиши фанҳои дақиқ яке аз самтҳои асосии таълим дар ҷумҳурии мо муайян гардидааст, боз ҳам рӯзмар аст. Осори илмии ӯро Абурайҳони Берунӣ ҳудуди 238 иборат медонад. Осори машҳури Розӣ: “Ал-ҳаюло ас-сағир ва ал-ҳаюло ал-кабир”, “Фи-з-замон ва-л-макон”, “Ал-лаззат фи-л-одати-ал-мадхал ило-ал-мантиқ”, “Китоб-ул-бурҳон”, “Фи-л-фалсафати-ал-қадими ва кайфият-ул-истидлол”, “Ас-сират-ул-фалсафа”, “Тибби руҳонӣ, “Ал ҳовия” “Тибби Мансурӣ ва ғайраҳо ба ҳисоб рафта ва муҳаққиқони шарқу ғарб ба омӯзиши илмии онҳо даст зада ва афкори илмии Розиро дастраси ҳамагони намудаанд. Дар ин мақола “шинохти илмии Муҳамад Закриёи Розӣ аз нигоҳи муҳаққиқони араб ва ғарб” баррасӣ хоҳад шуд.

Шинохти илмии Муҳаммад Закриё Розӣ дар ду самт фаъолияти вай, ки яке чеҳраи пизишкӣ ва дигаре симои фалсафиаш аз дербоз мавриди омӯзиш қарор гирифта будааст ва то

ба ҳол муҳаққони муосир ба таҳқиқи осори ӯ таваҷҷуҳ доранд. Дар ин нигориш на танҳо раванди таҳқиқи паҳлуҳои фаъолияти фалсафию ҳикмати табъӣ ва низоми фикрию ҷанбаи тиббӣ ӯро, ки муҳаққиқони эронӣ, хориҷӣ ва тоҷик баррасӣ кардаанд таҳлил шуда ва дараҷаи шинохти осору фаъолияти ин олими пуркор то ба андозае рушан карда мешавад.

Нахустин нафаре, ки ба омӯзиши Розӣ даст задааст ин худи ӯст. Ӯ зери таъсир осори "автобиография"-и машҳури Суқрот, ки ҳамчун яке аз пешвоёни улуми фалсафӣ дар замони Розӣ ҳисобида мешуд, як асари ҳасбиҳолиро барои дифои афкори фалсафии худ ба унвони "Сирати фалсафӣ"-ро навиштааст. Инчунин рисолаи "Феҳрест" и осори худро дар пайрави асри "Пинакс"-и (= асарҳои саёҳӣ)и Ҷолинус (Гален), ки яке аз абармадони маъруфи илми тиб дониста мешавад, навишт.

Сипас, Ибни Надим (380 ҳиҷрӣ ) дар китоби худ (Ал-Фахрест) авҳол ва «рӯйхати» осори Ҳаким Райро мухтасар баён кардааст; Нафари дигаре ки ба омӯзиши аҳвол ва осори Розӣ даст задааст Абурайҳони Берунӣ (330 ҳиҷрӣ) буда, дар муқаддимаи "Феҳристи осори худ" "Феҳристи китобҳои Розӣ "-ро оварда ва инчунин ҳаёт ва фаъолияти илмӣ ва талошҳои илмии Розиро шарҳу эзоҳ дода ва дар розишиносии ҷаҳон саҳми босазое гузоштааст.

Пас аз дусад соли реҳлати Розӣ Ҷамолиддини Қифтӣ (646 милодӣ) дар китоби "Таърих ул-ҳукамо" рӯзгор ва осори Ҳаким Розиро омӯхта ва ӯро ба қатори файласуфон шомил кардааст.Шогирди ӯ Ибни Аби Асибиъа (668 милодӣ) дар рисолаи "Таърихи табибон"-и худ (Табақот ал атабо) аҳвол ва осори Розиро бештар ва муфассалтар омӯхтааст.

Ҳамчунин дар он замон муҳаққиқи маъруф "Ибни Халқон" (806-816 ҳиҷрӣ) дар китоби машҳураш "Вафот ал аюон" хеле мухтасар зиндагиномаи он ҳакими "маъруфро хело маҳдуд овардааст.

Аммо дар манотиқи шарқии ҷаҳони ислом бо сабаби турктозиҳо ва тахрибу оташсӯзии китобҳо аз тарафи туркҳо ва муғулҳо ба давраи тиллои тамадуни форсу тоҷик нуқта гузоштанд.

Ба пиндори Розишиносӣ маъруф Парвизи Спитомон сабаби дигар шикасти тамаддуни тиллоӣ ин аз як тараф боло донистани эътиқоди исмоилия, ки ба ваҳдати дин ва ақл боварӣ доштанд (ки он хилофи ақидаи Ҳаким Розӣ буд) ва аз тарафи дигар қудрати доимии пешвоён ва соҳибназарони он мазҳаб, аз қабили Абӯалӣ ибни Сино ва баъдтар Насириддини Тусӣ ба шумор меравад. Бу хусус соҳибназарони он мазҳаб дар мавриди шахсиятҳои маъруфи илму фалсафа, ду нобиғаи бузург – яъне Ҳаким Закариёи Розӣ ва аллома Абурайҳони Берунӣ дидаву дониста сукутро пазируфтаанд. Танҳо дар асри 19 ховаршиноси аврупоӣ донишмандони озод ин фитнаи хоинонаи пайравони исмоилиро шикастанд.[26] Лек ба фикри мо дар ин ҷо панэронизм ва мазҳабгароии Парвизи Спитомон боло рафта ва бадин васила он маҳбубияте, ки Ибни Сино дар олам дорад бо ин фитнаҳои эронпарастони муосир ва мазҳабпарастони муосир ҷаҳони ислом лакнат нахоҳад хурд.

Албатта собиқаи Розишиносӣ дар Аврупо ба давраи асрҳои миёна рост меояд.

Аз солҳои 1095 насрониён ҷангҳои салиброоғоз намуда ба мамолики Шарқ лашкар кашида дар қатори ғаниматҳо олимон, адибон ва осори ҳамзамонон ва пешгузатони мардуми мусулмонро бо худ бурданд. Аз он ҷумла як зумра осори фалсафӣ, тиббии ҳаким, табиби ҳозиқ Закриёи Розиро бо худ бурда ва ба тарҷумаи онҳо пардохтанд. Аввалин тарҷумаҳои осори илмию фалсафии Ар-Розӣ ба забонҳои лотинӣ ва дигар забонҳои аврупоӣ ҳанӯз соли 1279

[26] Парвизи Спитамон. Ҳаким Розӣ. саҳ. 120.

шуруъ гардида ва аввалин китоби машҳури ӯ "Ал ҳовия" мавриди омӯзиш қарор гирифта ва ба лотинӣ тарҷума шуда буд. "Ал ҳовия" дар Италия чор маротиб ба лотинӣ дар асри 15 чоп гардида ва аз солҳои 1486, 1505, 1506, 1509, 1543 боз нашр шудааст. Шуҳрати Розӣ афзоиш ёфта ва таваҷҷуҳ ба мероси илмӣ, тиббӣ ва фалсафии вай бештар гардида ва паҳлуҳои гуногуни ҷаҳонбинии мутафаккир мавриди таҳқиқ қарор гиритфа ва дар як зумра мақолаҳо, асарҳои хурду бузург пайдо шудаанд.

Аввалин китоби Розӣ ки дар Аврупо ба забони лотини тарҷума гардидааст ин "Ал ҳовия" (Фи ал тиб) буда, онро донишманди табиби яҳудитабор Фараҷ бини Салим ((Farragut) соли 1279 ба номи "Continents" дар Ситсилияи Италия ба анҷом расонидааст. Дар тарғиб ва ташвиқи осори тибии Ҳаким Розӣ ва Ибни Сино нақши олими дигари яҳудитабор Авигдур (A Avigdor), ки дар Фронса (1240 милодӣ) сукунат дошт хело ҳам бориз аст бо ташвиқи ӯ тарҷумони машҳур Абраҳам бини Соламон бахшҳо аз осори Розӣ ва Ибни Синоро ба лотини тарҷума карданд. Китоби машҳури Розӣ "Ал-Мансурӣ" , (Liber Almansoris) ро мутарҷими машҳҳур Жерард Кермон соли 1381 ба лотини тарҷума кардааст. Инчунин, китобҳои тиббии « Ат тибб-ул мулукӣ" ((Liber Regius)) ва "Ал-ҷударӣ ва-л-ҳасаба" (Rhazae de Pestilentia) ба лотинӣ тарҷума шуда, аз ҷониби табибон ва донишҷӯёне, ки тибро меомӯхтанд дар Аврупо мавриди истифодаи илмӣ ва омӯзиш қарор гирифтанд.

Баъдан, бо ихтирои саноати полиграфӣ, нашр ва бознашри осори Розӣ дар Аврупо афзоиш меёбад. Асари машҳур "Ал ҳовия" буда нахустин бор соли 1386 (дар Барсико) чоп гардид. Ин китоби машҳури Ҳаким Розӣ тақрибан панҷ маротиба байни солҳои 1388 -1542 дар Аврупо чоп шуд.

Аз асри 15 то асри 16 ҳар кадом аз китобҳи машҳури тиббии Розӣ аз ҳафт то даҳ маротиб ба чоп расидаанд. На танҳо осори зикргардида чоп мешуд, балки вусъати тарҷумаи онҳо ба забонҳои гуногуни Аврупоӣ афзоиш ёфт.

Китобҳои Розӣ тай асрҳои зиёд дар донишгоҳҳои тиббии машҳури Аврупо таълим дода мешуд. Китоби "Ал ҳовия" аз соли 1395 милодӣ яке аз нуҳ китоби асосӣ дар донишгоҳи тиббии Париж таълим дода мешуд. Мақолаи нуҳуми китоби "Ал мансурӣ" и ӯ то поёни асри понздаҳум як бахши барномаи таълимии донишгоҳи Тюбингени Олмон ба ҳисоб мерафт.

Овозаи Ҳаким Розӣ дар аврупо ба ҳадде буд, ки шоири Англис Ҷефрӣ Чосер G.Chaucer 1330-1300 милодӣ) ба номи ӯ (Rasis) "Доктори тиб" як порчаи шеъри сурдааст. Онро яке аз шахсиятҳои барҷаста ва арзандаи илмӣ ёд кардааст. [27] Ҷорҷ Сартон мегӯяд, Буқрот (Гиппократ) муҳимтарин коре, ки анҷом дод, тарзи нигориш ва равиши илмиро дар табобати бемориҳоро ворид кард. пас аз ӯ ин равиш яъне сабти бардоштан ва гирдоварӣ гузориши болинӣ идома наёфт. Саргузаштҳое, ки Ҷолинус нақл кардааст бисёр дарҷаи поёнтаре дорад, Баъд аз Ҷолинус дигар то замони Розӣ чунин равиш мушоҳида намешавад.[28]

Аз сӯйи дигар, Ҳаким Розӣ то садаи 20 дар ҷаҳони илм ҳамчун устоди пизишкон маъруф буд, ки тавонист мероси илмии гузаштаро ба тартиб ва қобили истифода барои донишҷӯён гардонад. Аммо афкори фалсафӣ ва ахлоқии ӯ на он қадар маъмул буданд, то он даме, ки уламои шарқшиноси аврупоӣ ба омӯзиши осор ва афкори илмию фалсафии Абӯрайҳони Берунӣ даст назадаанд. Пас аз шинхоти илмии осори Берунӣ таваҷҷуҳи онҳоро омили бадин

---

[27] Бист гуфтор (доктор Муҳақик), саҳ 175 -176./Файласуфи Рай (щаму), сащ 57,64, 69/ Алсират улфалсафа, муқадима (ҳаму) саҳ 26-27.

[28] Таърихи улум, тарҷумаи Аҳмади Ором, саҳ. 369.

поя расидани ин Ҳакими хирадманд ба худ кашида ва раванди тадрисири ӯро таҳқиқ карда ва дарёфтаанд, ки Берунӣ яке аз шогирдони Розӣ будааст. Пас онҳо ба шинохти илмии Закриёи Розӣ даст заданд.

1. Ат. Рантинг (At Ranting саҳ. 50) аввалин шахсест, ки дар заминаи манобеъи шарқӣ, аз қабили осори “Ибни Аби Асибиъа” ва “Феҳрести китобҳои Розӣ” таҳлили рӯзгор ва осори Розиро ба унвони “Ҳаёт ва осори Розӣ” (Лондон, 1913 милодӣ) дар ҳафтумин ҳамоиши ҷаҳонии пизишкон пешниҳод намудааст.[29]

2. Аввалин шахсе, ки дар китоби худ «Тибби исломӣ» (Э. Г. Браун) Эдвард Браун (Кембридж, 1921) фақат ҷанбаи тиббии осори Ҳаким Розиро баррасӣ кардааст[30]

Жулюс Русско (j. Ruska) шарқшиноси олмонӣ ва муҳаққиқи улуми таббӣ, ки тадқиқотҳои ӯ доир ба кимё / алхимияи Ҳаким Розӣ маъруфанд. Нахустин “пажуҳишҳо дар бораи Розӣ тай солҳои 1922-1924 дар маҷалаҳои Шарқии Олмонӣ нашр гардиданд. Навиштаи Берунӣ ҳамчун манбаъе барои аҳвол ва осори Розӣ” (маҷалаи Оазис/ 1923, саҳ 26 то 50) ки тарҷумаи “Феҳрести китобҳои Розӣ” ро ҳам дар бар дорад, гуфтор “дар бораи вазъи кунунии Розӣ шиносӣ” (1924), ки роҷеъ ба таҳқиқоти ғарбӣ ва масоили марбут ба осори Розист, гуфтор “Кимё / Химияи Розӣ” (маҷалаи ислом, 1929, саҳ 281 то 319) ва табъ ӯ тарҷума ва шарҳи китоби “Сир ул асрор” и Розӣ (маҷалаи Мутолиоти таърихи улуми табия ва тиббӣ, Ҳоядлабраг, 1935, саҳ, 1 то 78 ва 153 то 238: 6, 1937, саҳ 1 то 246), ки ба сурати китоби мустақил ҳам (Берлин, 1955) таҷдиди чоп шудааст. [31]

Профессори риштаи фалсафаи донишгоҳи Амстердами Ҳоланд (T. J. Де Боer) Т. Ҷ. Де Бур (1846-1922 милодӣ) аввалин олими донандаи забони арабӣ, бори аввал ҷанбаҳои афкори фалсафии Ҳаким Розиро баррасӣ карда , мақолаи мукаммалеро бо номи «Тибби руҳонии Розӣ» навишт. Зимни баррасӣ ва нақли хулосае аз китоби мазкур ва бахши китоби “Сирати фалсафӣ” ро омӯхта дар маҷалаи фарҳангистони улуми Ҳоланд/ 1920, саҳ 1 то 17) нашр кард. Дай Боер дар китоби пурарзиши “Таърихи фалсафа дар ислом” (Штутгарт, 1901/1921), ки ба забони англисӣ (Лондон, 1903-1933) тарҷума шудааст ва донишманди мисрӣ Муҳаммад Абдулҳодӣ Боридӣ ба арабӣ (Қоҳира, 1938; Айюб 3, 1957).1377 ҳиҷрӣ) тарҷума кардааст, дар боби аввал (-фалсафаи табиӣ) ва боби саввум (-фалсафаи Пифагор) тавсифи ҳамаҷонибаи ҳикмати фитрӣ ва эҷодии Ҳаким Розиро додааст.[32]

5. Пол Краус (1 Краус), шарқшиноси яҳудтабори Чех (1904-1944 милодӣ дар Прага ба дунё омадааст ва дар Қоҳира вафот кардааст), ки яке аз нобиғаҳои илм, коршиноси фалсафа ва улуми исломӣ ва бузургтарин Розишинос, ки таҳқиқ ва таъбу нашри осори фалсафии он ҳаким, ки ӯро ҳамчун "файласуф" дар олами муосир машҳур кардааст. Розишиносии ҷаҳон бо номи “Краус” сахт алоқаманд аст. Агар донишу фазилати он олими ҷавону боистеъдод шарқшинос намебуд, ҳоло ҷаҳон то бад ин дараҷа аз ҳолу аҳвол , осору андешаҳои Розӣ огоҳ намебуд. Паул пеш аз ҳама ба пажӯҳиш ва чопи осори кимёвии “Ҷобир ибни Ҳайён” (Қоҳира 1935 ) талош варзида аст.Ҳамчунин осори Ибни Муқфа, Ибни Ровандӣ ва Ҳаллоҷро (зиндқаи ислом, хиёнаткори ислом) таҳқиқ ва чоп кардааст. Фаъолияти асосии илмии ӯ дар даҳаи охири умраш розишиносӣ шуд. Аз ҷумла нашри «Феҳрести кутуби “Ал Розӣ»-и Абӯрайҳони Берунӣ

---

[29] *The Life and Works of Rhazes,* Int Cong. Med. (XVII, 1913) London, 1914, pp.

[30] Arabian Medicine (Lectures delivered in 1919 and 1920), Cambridge, 1921 pp・ 43-53

[31] ISIS, *5, 1923, pp・26-50/* Archivio di storia della scienzo, *1924, 5, pp. 335-347,* ISLAM, 22, H9J Quillen U. Studien Z, Gesch. D. Nature W・U. Med, *4, 1935, pp, 1-87; 6, 1937, pp. 1-246.*

[32] Geschicht der Philosophic im Islam, *Stuttgart, 1901/1921. //* The History of Philosophy in Islam, *tr. by E. R. Jones, London, 1903/1933.*

(Порис, 1936 милодӣ) ва эсиколедияҳои илмӣ ба забонҳои аврупоӣ нигаронида шуда буд, вале шоҳасари ӯ таълиф ва нашри «Рисолаи фалсафӣ»-и Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ (Ал-Қоҳира, 1939) ба ҳисоб меравад. Ҷилди аввали китобро нашр кард[33], вале ҷилди дуюми китоб нашр нашуд. (Ҳамчунон дар шакли дастхат боқӣ монд) Зоҳиран, Павл Краус як аз қурбониёни миллатгароии олмонист, вале ба таври мармуз дар чиҳсолагӣ дар Қоҳира даст ба худкушӣ задааст.

6 Сулаймон Пайнес (С. Пайнес), пажӯҳишгари олмонӣ дар таърихи илму фалсафаи даврони исломӣ, шӯҳрати ӯ бештар ба китоби "Заррагарои (атомизм) исломӣ" (Берлин, 1993) вобаста аст, ки дидгоҳи атомии Ҳаким Розиро дар бар мегирад; Ин китоб инчунин аз ҷониби профессор Муҳаммад Абдулҳодӣ Абуррайда бо унвони «мазҳаби ал зарра андар ал муслимин ва алоқа би мазҳаби ал юнон вал ҳинд» (ва осори фалсафии Муҳаммад ибни Закриёи Розӣ) (Қоҳира, 1345 ҳиҷрӣ/1946 милодӣ), ба забони арабӣ тарҷума шудааст. Дар он маълумотҳо доир ба рисолаи "Уттуирт асил" дар бораи Отто Йертсел" дар бораи маншагирии эътиқод ба қисми ҷудонашаванда, ки хоси мактаби ҳиндӣ дода шудааст. Пенис мақолоти шавқовар дар заминаи таърихи илми даврони исломи навишта, аммо дар заминаи Розишиносӣ ҳам бо шодравон Крус дар навиштани гуфтори "Розӣ" дар دائرة المعارف اسلام (Давраи маъорифи исломӣ) ҳам муаллиф буд (1936). Инчунин дар бораи шукуки Розӣ бар дар Ҷолинус (Гален) дар ҳафтумин конфронси байналмилалии таърихи илм, 1953) суханрони кардааст.[34]

7. Макс Мейерҳоф ((M. Meyerhof)), яке аз бузургтарин табиби чашми ҷаҳон ва муаррихи барҷастаи тибби исломӣ (1874, 1945), профессори таърихи тиб дар донишгоҳҳои Аврупо буд. Аммо мисли Пувел Краус дар Қоҳира сукунат карда ва пажӯҳиш машғул буд. Осори сершумори ӯ, ки дар бораи Ҳаким табиби Рай буда, яке аз онҳо «Мушоҳидот" (Сӣ ва сегонаи) болинии Розӣ» (Оизис, 1935), «Фалсафаи Ҳаким Розӣ» (Фарҳанги исломӣ, 1931) ва ишораҳои дигар доир ба китоби « التراث اليونانى» فى الحضارة الاسلاميه، (Алтрос алюнонӣ" фи ал алҳизорат ул исломия" 1930) мебошад.[35]

8. М.Гаудефрой-Демомбинес (M. Gaudefroy-Demombynes) фаронсавӣ, профессори забон ва таърих ва адабиёти арабӣ зодаи Париж, ки рисолаи "Розӣ файласуф"-ро ба асоси осори охир (дар маҷаллаи "Таърихи динҳо", 1971) навиштааст.[36]

9 Артур Арберри (A, Arberry) англис, ки китоби «Тибби руҳонӣ»-и Розй (1950)-ро ба забони инглисй тарҷума кардааст, шарҳи муфиде ба бахши "Сирати фалсафӣ" и Ҳакими Рай додааст. Илова бар ин, Арберри дар китоби "Ваҳй ва ақл дар ислом" (1952) ҳам перомуни инкори "ваҳй" ва исботи "ақл дар ислом" тибқи назари Розӣ ба таври дақиқ баррасӣ кардааст.[37]

---

[33] Raziana I, *Orientalia*, N. s., t. 5, 1935, pp. 35-56; II, pp، 300-334, 358-378./ *Epitre de Beruni repertoire des ouvrages* de M.b.z. ar-Razi, paris, 1936./ Opera Philosophica (Fragmentaque quae supersunt), I, Cahire, 1939

[34] Beitrag zur Islamischen Atomenlehre. First Encyclopaedia of Islam *(1913-1936), Brill, 1987, vol. VI, pp. 1134-1136./* Inter. Cong, on the Hist, of Science, *VII. 1953, pp. 480-487./* Dictionary of Scientific Biography, *New York, 1980, vol. 11 (Pi-Ru), pp. 323-326.*

[35] ISIS. 23, 1935,, pp. 321-356. Islamic Culture, 15, 1941, pp. 45-58,

[36] *Revue de L[J]Histoire des Religions,. , ١٥٦٦ 124, 1941, саҳ. 142 то 190*

[37] The Spiritual Physicks of Rhazes, London, 1950,/ Revelation and Reason in Islam, London, 1952

10 Асосгузори маъруфи таърихи илм (1956) (Г. Сартон) Ҷорҷ Сартон Вай нимаи дувуми асри IX милодӣ (нимаи дуюми садаи сеюми ҳиҷрӣ)-ро дар таърихи илм «асри Розӣ» номида, шарҳи мухтасар ва муфиде дар бораи ҷанбаи илмии Ҳаким Рай навиштааст.[38]

11 С. Элгуд (C. Elgood), муаррихи англис ва муаррихи маъруфи «Тиби Эрон» (1892-1970 милодӣ), ки дар бобҳои 1, 6 ва 7-и китобаш доир ба донишҳои тибби Розӣ ва осори тиббии ӯ баҳсҳо кардааст.[39]

12. П. Ҳ. Шод (Пур Ҳармзон) ки тезисе “Закриёи Розӣ файласуфи модӣгаро ва дарҳрии Ирон” аз у дар маҷалаи “Масоили фалсафӣ” Шуравӣ (1958) чоп шуда аст.[40]

13 Алберт Заки Искандар (A.Z. Iskandar) Олими таърихи тиб ва шаҳрванди Миср, ки асосан ба омӯзиши дастнависҳои тиббии арабӣ машғул буд, рисолаеро ба номи «Баррасии навиштаҳои пизишкии Розӣ» (9/1955) нигошта буд;[41] ҳамчунин феҳрасти дастхатҳое, ки ба илми тибб таалуқ доштаро дар китобхонаи "Хуш омадед"-и Лондон (Welcome to London) ро низ мураттаб кардааст ва бори нахуст ошкоро ба Абуалӣ Сино туҳмат зада ва иброз медорад, ки Абуалии Сино китоби ал-Ҳовияӣ Ҳаким Розиро дар навиштани китобҳои худ ба хусус "Ал - қонун фи-т-ибб"-аш бе нишондодани маъхаз нусхабардорӣ карда ва ба плагиат даст задааст.

14 Р.Волзер, (R. Walzer) донишманди олмонӣ табор, ки устоди кафедраи фалсафаи юнонӣ ва исломии Донишгоҳи Оксфорд буд, ки боби дуюми қисми сеюм аз фасли аввали китоби “Юнонӣ дар арабӣ”-и дар бахши Фалсафаи исломӣ (1942) доир ба фалсафаи Ҳаким Розӣ маълумотҳои муфиде додааст, ки аз барҷастатарин ҷустуҷӯҳо дар ин хусус аст. Профессор Валзер кӯшиш кардааст нишон диҳад, ки Розӣ яке аз пайравони «навафлутони»ст.[42]

15 Ҳенри Корбин (Ҳ. Корбин) франвсавӣ, эроншиноси номдор ва устоди ҳикмат ва ирфони Эронии даврони исломӣ, ки дар боби "фалсафаи Ҳаким Розӣ" дар китоби “Таърихи фалсафаи исломӣ” хеш бо забони шево назари дақиқ дидгоҳи Розиро таҳлил кардааст [43]; Бояд гуфт, ки профессор Корбин ин китобро дар ҳамкорий бо профессори эронӣ доктор Сайид Ҳусейн Наср ва профессори араб доктор Усмон Баҳӣ навиштаанд, ки ҳам ба форсӣ (аз ҷониби Асдуллоҳ Мубаширӣ) ва ҳам ба арабӣ (аз ҷониби Носир Марва) тарҷума шудааст.

16 Абдурраҳмони Бадавии Мисрӣ, донишманди маъруфи ҳикматпеша ва профессори фалсафаи донишгоҳи Қоҳира, боби бисту дуюми китоби “Таърихи фалсафаи ислом” (таҳияи М. М. Шариф) инчунин дар бораи “Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ” аз ва нуқтаи назари фалсафии ӯро ба баҳс кашидааст.[44]

17, Мухаммад Фахрӣ (M, Fakhry), ки тай нигориши «даҳумин садаи тафсири арабии ҷаҳоншиносии Афлотун" (1968) дар боби таъсири ҷаҳоншиносии Афлотун бар афкори гетишиносии Ҳаким Роҳӣ ҷустуҷӯ ба анҷом расонидааст. [45]

18. Л. Е. Гудман *(L. E. Goodman)* донишманди шарқшиносон, ки дар бораи ҷанбаҳои фалсафии Ҳаким Розӣ чандин мақолаҳои муҳиме навиштааст: 1. « Ахлоқи эпикурии Розӣ»

---

[38] Introduction to the history of Sciences Vol. I, baltimort, 1927, Pp 609 -610.

[39] A Medical History of Persia and the Eastern Caliphate, 1951, pp 201-208, 237-240.

[40] Vopros i Filosofii, Moscow, 1958, No. 6, pp, 77-82.

[41] A Study of ar—Razi s medical writings (With selected texts and English translations), Oxford, 1959,

[42] Greek into Arabic (Essays on Islamic Philosophy), Oxford, 1963, pp, 15-23,

[43] Histoire dela Philosophic Islamique, Paris, 1964, pp, 194-201,

[44] *A History of Muslim Philosophy,* ed, & intr, by M. M. Sharit; Wiesbaden, 1963, V, I, pp, 434-450.

[45] (In) Journal of the history of Philosophy, 6, 1968, pp. 15-22.

(1971), ки гузоришест дар бораи муқоисаи ҳикмати эпикурӣ ва ҳикмати Розӣ мебошад, 2. “Маърифат ул руҳ”-и Розӣ (1972), ки дар бораи “қатраи нафс” ва амали он дар фалсафаи Розӣ, 3- Афсона дар бораи зуҳури нафс аз назари Розӣ (1975). Дар он шарҳи таълимоти нафс ва вазифаи он тибқи дидгоҳи фалсафии Розӣ баррасӣ гардидааст, 4, Нигориш ҷой «Розй» (1994), ки дар он аҳвол, осор ва андешаҳои Закими Рай тавсиф шудааст, 5- Нигориши муфиде андар тавсифи вазъи ҳол ва вусъати андешаи Розӣ (1996).[46]

19. Ф.Розентал (F. Rosenthal), донишманди исломшиноси шӯҳратманд, ки дар китоби “Мероси куҳан дар ислом” (1975) оид ба масъалаи «лаззат ва дард» тибқи дидгоҳи Ҳаким Розӣ, дар бораи “нафс” ва қисмҳои он дар афкори Розӣ, ки зери таъсири ҷаҳонбинии фалсафии юнонист ва дар бораи масъалаҳои тиббӣ ва мундариҷаи “Ал ҳовия” баҳс кардааст.[47]

20 Ҷ. Л. Кремер (J. L. Kraemer), ки дар китоби пурқимати “Инсонгарӣ дар навзойи ислом” (Эҳёи фарҳангӣ дар аҳди оли Бувиа (احیای فرهنکی در عهد آلبویه) ) махсусан дар боби дуввум (Маҳофили фалсафӣ) аз шогирдони мактаби инсонгароии Ҳаким Розӣ ҳарф мезанад. Дар боби зер (Таҳқиқи инсондӯстӣ дар даврони Буиён) перомуни шахсияти фалсафии Розӣ сухан ронада, ӯро "машъал"и ақлгарои дар ин паҳно медонад. Китоби дигари Ҷ.Л. Кремер (ки ба форсӣ тарҷума шудааст) "Фалсафа дар даврони наҳзат (ренесанс)и исломӣ" (Абу Сулаймони Соҷистонӣ ва маҷлиси ӯ), гарчӣ пас аз Ҳаким Розӣ яке аз файласуфони соҳиб мактаб будааст мақулоти асосии фалсафӣ ва суботи шаҳрвандиашро ҷо ҷое ифшо намудааст.[48]

**Адабиёт:**


1. Парвизи Спитамон. Ҳаким Розӣ. саҳ. 120.
2. Бист гуфтор (доктор Муҳақиқ), саҳ 175 -176./Файласуфи Рай (щаму), сащ 57,64, 69/ Алсират улфалсафа, муқадима (ҳаму) саҳ 26-27.
3. Таърихи улум, тарҷумаи Аҳмади Ором, саҳ. 369.
4. The Life and Works of Rhazes, Int Cong. Med. (XVII, 1913) London, 1914, pp.
5. Arabian Medicine (Lectures delivered in 1919 and 1920), Cambridge, 1921 pp٠ 43-53
6. ISIS, 5, 1923, pp٠ 26-50/ Archivio di storia della scienzo, 1924, 5, pp. 335-347,\ ISLAM, 22, H9J Quillen U. Studien Z, Gesch. D. Nature W٠U. Med, 4, 1935, pp, 1-87; 6, 1937, pp. 1-246.
7. Geschicht der Philosophic im Islam, Stuttgart, 1901/1921. // The History of Philosophy in Islam, tr. by E. R. Jones, London, 1903/1933.
8. Raziana I, Orientalia, N. s., t. 5, 1935, pp. 35-56; II, pp٠ 300-334, 358-378./ Epitre de Beruni repertoire des ouvrages de M.b.z. ar-Razi, paris, 1936./ Opera Philosophica (Fragmentaque quae supersunt), I, Cahire, 1939
9. Beitrag zur Islamischen Atomenlehre. First Encyclopaedia of Islam (1913-1936), Brill, 1987, vol. VI, pp. 1134-1136./ Inter. Cong, on the Hist, of Science, VII. 1953, pp. 480-487./ Dictionary of Scientific Biography, New York, 1980, vol. 11 (Pi-Ru), pp. 323-326.
10. ISIS. 23, 1935,, pp. 321-356. Islamic Culture, 15, 1941, pp. 45-58,
11. Revue de L'Histoire des Religions,. , ٦٦٥١ 124, 1941, саҳ. 142 то 190


[46] *Studio, Islamica. 34, , pp. 5-قر(١.؛ Philosophical Forum, 4,. pp..4 Essays in Islamic Philosophy and Science, ed. G.* 1975, PP- 25-40./ *Encyclopaedia of Islam*, new edn., vol. VII (1994), pp. 474-477./ *History of Islamic Philosophy*, ed. s. H. Nasr & o. Lean an, London, Routledge, 1996, ch. 13, pp. 198-215.

[47] *The Classical Heritage in Islam,* London, 1975, pp. 103-106, 182-83, 266 67,277.

[48] *Humanism in the Renaissance of Islam* (The Cultural Revival during the Buyid

12. The Spiritual Physicks of Rhazes, London, 1950,/ Revelation and Reason in Islam, London, 1952
13. Introduction to the history of Sciences Vol. I, baltimort, 1927, Pp 609 -610.
14. A Medical History of Persia and the Eastern Caliphate, 1951, pp 201-208, 237-240.
15. Vopros i Filosofii, Moscow, 1958, No. 6, pp, 77-82.
16. A Study of ar—Razi s medical writings (With selected texts and English translations), Oxford, 1959,
17. Greek into Arabic (Essays on Islamic Philosophy), Oxford, 1963, pp, 15-23,
18. Histoire dela Philosophic Islamique, Paris, 1964, pp, 194-201,
19. A History of Muslim Philosophy, ed, & intr, by M. M. Sharit; Wiesbaden, 1963, V, I, pp, 434-450.
20. (In) Journal of the history of Philosophy, 6, 1968, pp. 15-22.
21. Studio, Islamica. 34, , pp. 5-ش(١.؛ Philosophical Forum, 4,. pp..4 Essays in Islamic Philosophy and Science, ed. G. 1975, PP- 25-40./ Encyclopaedia of Islam, new edn., vol. VII (1994), pp. 474-477./ History of Islamic Philosophy, ed. s. H. Nasr & o. Lean an, London, Routledge, 1996, ch. 13, pp. 198-215.
22. The Classical Heritage in Islam, London, 1975, pp. 103-106, 182-83, 266 67,277.
23. Humanism in the Renaissance of Islam (The Cultural Revival during the Buyid

# ТАФОВУТИ МЕТОДОҲОИ ТАЪЛИМИ МАДРАСАҲОИ БУХОРОИ ШАРИФ АЗ МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМИ ДОНИШГОҲОИ ҒАРБӢ ДАР РИСОЛАИ “МУНОЗИРА” – АБДУРАУФИ ФИТРАТ

**Гулаҳмадов Ш.Н.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Фитрат (тахаллус; тахаллуси нахустинаш Миҷмар; ном ва насабаш Абдурауф Абдураҳмонов; 1886, Бухоро – 1937, Тошкент), нависанда ва олими тоҷик. Проф. (1924). Дар мадрасаи Мири араби Бухоро ва институти Истанбул хондааст. Роҳбари ҳаракати ҷадидӣ ва яке аз сарварони ҷамъияти адабии “Чиғатой гурунги” (“Суҳбати аҳли Чиғатой”) буд. Аъзои партияи комунистии Бухоро (1918 - 1924). Нозири маорифи халқи РХСБ (1921) , ҷонишини раиси Шурои нозирони халқ (1922), аъзои Бюрои сиёсии Партияи комунистии Бухоро буд. Дар Институти забонҳои шарқии Лазареви Москва (1923-1924), Институти давлатии тадқиқоти илмии РСС Ӯзбекистон (1926), академияи педагогии Самарқанд, дорулмуаллимини Бухоро ва Тошканд кор кардааст. Фитрат дар инкишофи насри бадеии то револютсионии тоҷик фаъолона иштирок доштю дар соҳаи назм ба саромадони адабиёти классикӣ пайравӣ мекард. Як муддат ӯ дар зери таъсири ҳаракати пантуркистӣ роҳи хаторо пеш гирифт. Пас аз соли 1925 роҳи дурусти эҷодиро интихоб кард. Дар инқилоби мадании Тоҷикистону Ӯзбекистон иштирок намуд. Фитрат осорашро ба забонҳои тоҷикӣ (“Мунозира”, 1909, “Сайҳа”, 1911; “Баёноти сайёҳи ҳинд”, 1911-1912; “Роҳбари наҷот”, 1915; “Шӯриши Восеъ”, 1927; “Аморати Бухоро”, 1930 ва ғ.) ва ӯзбекӣ (“Муҳаббати самимӣ”, 1919; “Қиёмат”, 1923; “Ошӯбгарони Ҳинд”, 1920; “Абулфайзхон”, 1924) таълиф кардааст. Роҷеъ ба назм, аз ҷумла вазни арӯз, инчунин оид ба

Ҳофизи Ӯбаҳӣ ва Сайфии Исфарангӣ ва дигарон саромадони адабиёти тоҷику ӯзбек тадқиқот дорад. Дар эҷодиёти Фитрат ихтилофи зиёде ба назар мерасад. Масалан, агар дар "Миръоти хайр-ул-башар" ном достони тоҷикиаш ғояи диниро тарғиб карда бошад, дар повести "Қиёмат" бар зидди он баромадааст.

Абдурауфи Фитрат ҳамчун маорифпарвар дар аксари асрҳояш ба яке аз масъалаҳои мубрами на танҳо асри Х1Х балки масъалаи мубарами замони муосир масъалаи омӯзиш ва парвариши толибилмони мардуми Бухорои Шариф буда, дар асараш "Мунозира" ин масъаларо тибқи муколамаи ду зиёӣ як зиёии фарангӣ ( шояд, ки англис бошад) ва як зоир, ки азми зиёрати хонаи Худоро дораду дар Бухоро мударис ва айни замон касби илм мекард, баррасӣ менамояд.

Абдурауфи Фитрат ба хонандагони ин китобча мурочиат карда иброз менамояд, ки "агар муҳаббате ба дин, ба Ватан, ба мол, ба ҷон, ба авлоди худ доред, агар чораи истихлоси дин, ривоҷи шариат, ободии Ватан, осудагии авлод, бақои номи некро мехоҳед, илоҷи Шумо аввал касби маориф аст. Мустаъидонро барои таҳсил ба пойтахти хилофати исломӣ фиристонед: номустаъидонро дар Бухоро ба кушоди макотиби мунтазама ионат намоед" [1. с. 3]. Сабаби ба илм талош карданро ӯ пеш аз ҳама дар "иштибоҳкорӣ ва фасодангезии баъзе хоинони миллат" дида чизи дигар нест, аз ин рӯ "ба тасвири афкору тавсеи маорифи миллати аз по фитодаи худ иқдоме кун" [1. с.3 ]. Ин нигоштаҳои Фитрат то ба ҳол актулӣ буда ва он вазеъ, ки имрӯз дар кишвари мо ба чашм мерасад шабоҳати Бухорои Шарифро дорад. Дар воқеъ оӯзиш ва тайёр кардани мутахассисони ҳирфи яке аз масъалаҳои мубрами Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки дар ин ҷодда бояд тамоми ниҳодҳои маориф ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳо ва воистаҳои нави омӯзиш ва парваришро дарёбад.

Дар "Мунозира" шиносоии ду зиёӣ тариқи муколама сурат гирифта пас аз шиносоӣ "фарангӣ" аз чигуна ҷой будани Бухоро оғоз менамояд. Бухороро Шариф муариф менамояд. Азбаски фаранги дониши васеъ дошт, тавсифи чунин барояш писанд наомада, бо истеҳзо сабаби Шарифии Бухоро аз баракати зиёдати улум аст ё ба ҷихати касрати меваҷот? пурсон мешавад. Мударис дар ҷавоб ҳар якеро дар алоҳидагӣ омили шариф будани Бухоро меҳисобад, ки ҷавобу фарангтро қонеъ намекунад ва илмро вай омили шариф будан эълон мекунад.

**Олимон шарафи Бухорои шариф**

Фарангӣ илм ва олимонро яке аз омилҳои аосии пешрафти ҷомеа меҳисобад. Аз мударис пурсон мешавад, ки аҳолии "Бухоро чанд аст"? Азбаски барномаҳои таълими мадориси Бухоро ниҳоят хароб буданд дар ҷавоби ин савол мударис музтар монда иброз мекунад, ки "Ман як одами корнок будам. Маро чи ки кучаҳои Бухороро гашта, одамҳои ӯро шумурда бошам" . Аз ин ҷавоби мударис фарангӣ боз ҳам дар таҷҷуб мешавад ва саволи "магар дар мулки шумо ҷуғрофиё намехонанд?" ро мегузорад. Мударис бори аввал, ки илми ҷуғрофиёро шунида ва андеша ронд, ки шояд ин китоби ҳикоёт бошад ва ҷавоб мегардонад, ки "кай дастам холӣ шудааст, ки ин тавр китобҳои ҳикоятро хонда бошам." Ба андешаи мударис чунин китобҳо агар дар Бухоробошанд ҳам дар хонаи бойҳост ва онҳо ба қиссахонӣ ҳавас доранд" [1. с. 5].

Фарангӣ аз ин ҷавоби мударис боз ҳам таҷубзатар мешаваду иброз менамояд, ки “ҷуғрофиё китоби ҳикоят нест. Илмест, ки дорои чанд қисм аст.... як кисми он ки истатистик (статистик) меноманд, нуфуси ҳар мамлакатро баён мекунад.

Баъдан ӯ иброз мекунад, ки дар “Бухорои собиқа 10 милион нуфуз дошт, ки алъон 8 миллнони он ба тасарруфи рус рафта, 2 миллион ё камтари он боқист. Аз он ҷумла 70 ҳазор нафар дар даруни шаҳранд, дигарҳои он ба атроф. Ва аз мударис пурсон мешавад, ки “бифармоед ин 2 милион одам ҳамагӣ олиманд ё на?

Саволи гузоштаи фарангӣ мударисро дар ҳайрат гузошта иброз мекунад, ки “ҳамагӣ олим будан мумкин нест. Агар ҳама олим шаванд корҳои дигар маътал мемонд.”

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки сафи олимон дар “Бухорои Шариф” ниҳоят ҳам кам буда ва дар он табақаҳои зерини синфи “то чор, гурӯҳе сарроф, фирқае чойфурӯш, баъзе машкоб, муште гадо, дастае бекор, ҷамоае аҳли илм” зиндагӣ мекарданд. Аз ҷавбоҳои мударис муаллим маълум мегардад, ки 70 ҳазор нафар низ бист қисм ва як қисми онҳо аҳли илм бошанд”. Фарангӣ дар меёбад, ки Бухоро бо ном шариф буда мардуми “бечора..... аз илм, ки иззи дунё ва шарафи охират аст, ин ҳама маҳрум мондаанд”. Дар воқеъ Фитрат бар ҳақ қайд мекунад, ки зиндагии беилм, ки ҳосилаш ҳазор гуна зиллат аст, ( мардум Г.Ш. ) чи хаз мебурда бошанд? Ин саволи риторикӣ на танҳо хоси замони Фитрат аст, балки то ба имрӯз аҳмияташонро гум накардааст. Ба хусус дар кишвари мо, ки имрӯз кулли ҷавонон дар макотиби олӣ таҳсил менамоянду аммо ками дар ками онҳо мутахасиси ҳирфӣ мегарданд, дигарон бошад бо дипломи макотиби олӣ роҳ ба сӯи муҳоҷират баста ба ҳайси ҳамол кор мекунанд.

Ҷаҳони имрӯза тавассути илм чунон пеш рафта аст, ки тафсирро намехоҳад, аммо 100 сол пеш мудариси бухороӣ бар он андешае буд, ки агар аксаран олим бошад, пас корҳои дигарро кӣ мекарда бошад? Чуноне ки бархе аз ҷавонони мо низ чунин мепиндоранд. Ҳоло он ки кореро ки як кашфиёти илмӣ дар ҳаёти инсон иҷро менамояд, чандсадҳазор одам иҷро карда наметавонад.

Фарнагӣ иброз мекунад, ки “ин ақидаи шумо ва ҳамватанонатон ботил аст, агар таълими улум сабаби харобии дунё ва маъталии корҳо мешуд, пайғамбар ба хабари ҳикматасари “утлуб-ул-илма ва лав бис-сини”, “утлуб- ул-илма минал маҳди иллал лаҳади”, “ал-илму иззу-д- дунё ва шараф-ул-охирати” умуми уммати худро ба таҳсили илм даъват намекард.” [1. с.7 ] Вай идома дода менигорад, ки “шумо тоифаи муслимин аз маонии Куръон ва ҳадис зиёда дур шудед. Ба андешаи фарангӣ “алфози Қуръонро ҳазрати ҳакими азал ба тавассути малики бузургвор бекора” нафиристода аст” [1. с. 8]

Фаранги рушди аврупоро аз баракати “Қуръон ва ҳадисҳои пайғамбар шумурда ва иброз менамояд, ки бадин ин “тараққиёти фавқулодда расидем” шумо ба воситаи ғафлат аз адоми саодатаноми Қуръон ва **ма**зоммини ҳикматоини ахбор ба ҳазизи танозуллоти ҳолия афтодед.”

Ба андешаи фарангӣ “агар 200 сол пеш .... ҳазор нафар мусулмон ба ҳикматҳои Қуръонӣ.... огаҳӣ медоштанд, ҳоло 18 мамолики исломӣ аз даст намерафту балки “дастгоҳи тараққиётеро, ки ба мо мебинед ва тааҷҷуб мекунед, бешӯбҳа мо дар шумо медидем.” Дар воқеъ аксари мардуми мусулмон то ба имрӯз Қуръон, аҳодис ва дигар илмҳое, ки дар асрҳои пешин аз тарафи мутафаккирони мусулмон эҷод гардиданд куркурона хонда ва чӣ тавре, ки Фитрат иброз менамояд “алфози Қуръонро ба рӯҳи падарони худ” мебахшанд. Ҳоло он ки “Қуръон на танҳо панд, ахлоқ, балки илм ҳам ҳаст.

**Таҳсили илм ва сохтори таълим дар мадрасаҳои Бухорои Шариф**

Фитрат аз забони фарангӣ таҳсили илмро аз тарзи таҳсили макотиби Бухорои Шариф оғоз карда ва суол мегузорад, ки "толибилмони шумо чи гуна ва аз кадом илм таҳсил мекунанд? Дар раванди ҷавоб мудариси бухорой иброз менамояд, ки вақте ки бача мактабро тамом кард...... аз шунидани номи мактаб фарангӣ дар таҷҷуб монда ва мепурсад, ки мактаб чист? Ва бача дар он ҷо чӣ мекунад ва чанд сол мемонад? Мударис аз ин сулои гузоштаи фарангӣ дар ғазаб шуда ва ӯро мардуми мактабнодида ва хеле беақл мешуморад. Пас мударис мактабро чунин тасвир мекунад "мактаб ҷоест дорои як нафар муаллим, ки мактабдораш мегуянд. Бачаҳо дар он ҷо 7 сол то 10 сол мемонанд, то хат ва саводи заруре бароранд. Баъд аз он бо хоҳиши худ дар мадраса рафта ифтитоҳи дарс мекунанд». Аз нигоштаҳои Фитрат маълум мегардад, ки толибилмон дар мадрасаҳои Бухоро 20 соли ҳаёташонро сарф карда дар як сол ҳамагӣ 6 моҳ пурра дарс хонда ва 6 моҳи дигар барои дарёфти маблағ пай кор мешаванд. Қариб ба ҳамин монанд баъзе донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамоянд, ки на дониши назарявӣ ва на дониши амалии воқеӣ намегиранд.

Барои мардуми ғарб пули иловагӣ ин гуноҳи азим шумурда мешавад, аз ин рӯ "ифтитоҳе, ки мударис иброз менамояд барои марди фарангӣ аҷибу ғариб менамуд. Аз забони мударис Фитрат ба ин савол ҷавоб менигорад, ки "китоби дар соли дуюм таҳсилшаванда ( ро толиб илм (Г- Ш.) бояд ифтитоҳ кунанд. Дар он вақт аз ҳар кас ба қадри ҳол, масалан аз 20 танга ило (то Г- Ш.) 500 танга ҷамъ намуда, ба ҳазрати устод мебаранд. Ғайр аз ифтитоҳ устодон боз муҳр пулӣ низ аз толибилмон меситонданд. Чуноне ки дар Мунозира овардашуда аст "Вазифаи охунд, ки шахси аввали уламои мост, 25 ҳазор танга вақти муқаррар (гардида аст Г- Ш.), агар олим хуб бошад аз муҳр ҳам 10 ҳазор танга мегирад." Ситонидани 10 ҳазор тангаи муҳр пулӣ барои фарнгӣ хело ҳам аҷим менамояд ва суол менамояд, ки Ин чӣ маънӣ дошт? Муҳр дар мамлакати шумо чи гуна пул медиҳад?. Дар Бухори шариф қозикалон касеро ки лоиқ медонист ба он муҳр медод. Фарангӣ чунин мепиндорад, ки қозикалон шахсони арзандаро муҳр медиҳад. Мударис иброз менамояд, ки муштабеҳ фаҳмидед. Ҳар касро лоиқ донанд, на ҳар касе, ки лаёқат дорад.

Азбаски Фитрат таълимдидаи Иниститути Туркия буд ва он ҷо устодон аз давлат барои корашон музд мегирифтанд ин пулгирии мударисинро иштибоҳ медонад. Магар имрӯз дар донишгоҳҳои олии Ҷумҳури чунин нест ғайр аз он маоше, ки давлат муқарар карда аст, бархе аз устодон магар ришва намегиранд. Ҳоло он ки аксари онҳо пайрави аз мазҳаби Ҳанафианд, ҳоло он ки Имоми бузург ришва ва ришваситониро аз дидгоҳи Расул (а) баррасӣ намуда иброз менамояд, ки «Расул(а) оиди ришва чунин мегӯяд: «Лаънатуллоҳи алар-роши вал мурташи ва манн ямши байнароши валмрташи) (Лаънати Худо аст бар ришвадиҳанда ва ришвагиранда ва касе, ки миёни онҳо корсозӣ мекунад) [2. с.44]. Магар имрӯзҳо дар баъзе мактабҳои таҳсилоти миёнаи махсус, коллеҷҳо, донишкадаҳо ва донишгоҳо муҳрпулӣ вуҷуд надорад? Оё тамоми муҳрбадастон лоиқанд?

Аз муколамаи байни фарангӣ ва мударис бармеояд, ки дар мадориси Бухорои Шариф тай 20 соли таҳсил 20 китоб аз қабили:

Соли аввал, "Аввали илм", "Бидон".

Соли дуюм, "Муъзн", "Занҷонӣ".

Соли сеюм, "Қофия".

Соли ҷорум, аз Шарҳи Ҷомӣ "Ал-марфуот..."

Соли панҷум, "Алмаҷғурот..." Шарҳи мазкур.

Соли шашум, «"Ал-мансубот..." Шарҳи мазкур.

Соли ҳафтум, “Алмабниёт” Шарҳи мазкур.

Соли ҳаштум, “Ҳамд баҳси исм”. Шарҳи мазкур.

Соли нуҳум, Аз ҳошияи Қутбӣ “Ва раттабтуҳу ало муқаддима...”.

Соли даҳум, “Ҳамди ақоид”.

Соли ёздаҳум, “Баъд...” аз “Ақоид”.

Соли дувоздаҳум, “Самаво”, аз “Ақоид”.

Соли сенздаҳум, “Ҳақоиқ-ул-ашё...” аз “Ақоид”.

Соли чаҳордаҳум, “Ҳамди таҳзиб”.

Соли понздаҳум, “Таърифи илм” аз “Таҳзиб”.

Соли шонздаҳум, “Алҳикмату истикмолу нафси” аз “Ҳикматул айн”.

Соли ҳабдаҳум, “Алвуҷуду бадеҳиюн» аз “Ҳикматул айн”.

Соли ҳаждаҳум, “Ёман вафакано” аз Мулло Ҷалол.

Соли нуздаҳум, “Сатафтариққу” аз Мулло Ҷалол.

Охири соли нуздаҳум, “Иннамал аъмолу бин-ниёти» аз Саҳеҳи Бухорӣ, тафсири “Муаъввазатайн”-и Байзовӣ хонда хатми таҳсил мекунанд.

Чи тавре, ки аз тавзеҳи Фитрат бармеояд барномаи таълимии мадориси Бухорои шарифро таълими асарҳои зикргардида аксаран ташкил медод, вале фаранги пурсон мешавад, ки “китобҳои номбурдаро тамом мехонанд? Аз ҷавоби мударис маълум мегардад, ки “фақат ҳамон ҷумлаҳои” муайянгардидаро тулӣ як рӯз мехонданд. Як ҷумла хонда толибимон ба хондаи “ҳошия”[49] машғул мешуданд. Кулли ин абиёт ба забони арабӣ буда ва аксаран толибилмон онҳоро қори азёд мекардандy ба маънии онҳо сарфаҳм намерафтанд. Тай 20 сол муҳасилини мадориси Бухоро ба забони арабӣ таҳсил мекарданд, вале кам касоне аз онҳо бо ин забон ҳарф мезаданд, аксаран бо забони арабӣ ҳарф зада наметавонистанд. Муколамаи мулло ва фарҳангӣ нишон медиҳад, ки меъёри арабидонии толибилмони ин аст, ки китобҳои дарсии арабиро, ки худи онҳо дар замони муллобачагиашон дар назди устодҳо хонда буданд буда дар якшаб меҳнат карда ним саҳфа аз онҳоро мутолиа мекардаанд. Имрӯзҳо забон омӯзии муҳасилин тоҷик низ дар ин поя қарор дорад 10 сол забони руссӣ ва забонҳои дигари хориҷиро хонда як ҷумла бо ин забонҳо ронда наметавонанд. Аз ин рӯ методи таълими ин фанҳоро билкул дигар бояд, кард то ин ки дар баробари хондан хатмкунандагони мактабҳо, коллеҷҳо, донишкадаҳо ва донишгоҳо тавонанд озодона ҳарф бизананд.

Дар охир фарангӣ аз он ҳоле, ки Бухорои шариф гирифтор шудааст ҳасрат хурда ва илмро яке аз омилҳои асосии “ободии мулк аст, илм боиси тараққии миллат аст, вуҷудаш ваҳшнёни Амрикоро бад-ин пояи таоло ва бузургӣ расонида. Илм аст, ки адамаш мутамадйнони Эронзаминро ду аспа ба ҳазизи таназзул ва зиллат давонида. Илм аст, ки муште ҷазиранишнони англисро фармонравои Ҳинд, Миср, Балуҷистон, қисме аз Арабистон номутаммадинони русро молики рикоби муслимини тотор, қирғиз, Туркистон, Қафкоз намуда аст. То кай шумо мусулмонон барои изолаи ин дарди хонумонсуз тараддуде нанамуда, аз

---

[49] Ҳошия, яъне шарҳ-уш- шарҳ. Аз ин қарор, ки дар ҳар кадом аз китобҳои гуфтагиам, қариб 15 кас ҳошия бастаанд. Масалан, ҳошияҳое, ки дар шарҳи Мулло Ҷомӣ муттааллиқ аст: Абдулрафур, Исомиддин, Абдулҳаким Исматулло, Шайх Ҷалол, Мавлавӣ Шариф, Охундӣ Шайх Содиқ ва...

Дар Қутбӣ: Абдулҳаким, Мулло Аҳмад, Исом, Саид Шариф, Қулаҳмад ва чанди дигар.

Дар Ақоид: Хаёлӣ, Мулло Аҳмад, Абдулҳаким, Исомиддин, Мулло Қосими Ҳарпутӣ, Сарих ва бисёре ғайр аз Онҳо ва ҳоказо аз китобҳои боқимонда.

бечорагӣ набароед" ? [1.с. 17] Дар воқеъ имрӯз насли навраси Тоҷикистон ва умуман мамолики исломӣ бояд рӯ ба омӯзиши илм намоянду бо донишҳои муосир мусалаҳ гардида ва дар ҷаҳон мавқеъ ва мазалати фарҳангу тамаддуни хешро баланд бардоранд.

Ҳамин тариқ дар Мунозира Абдурауф Фитрат таълими мадрасаҳои Бухорои Шарифро зири мазамат қарор дода, зодагони Осиёи миёна ва умуман муслмононро ба омӯзиши илмҳои муосир, ки яке аз омилони асосии пешрафт мебошад талқин намуда ва баракати рушди ҷомеаро дар афзун будани олимон, муҳасилини ҳирфӣ, ки дар баробари донистани касби хеш донандаи як чанд зобонанд дидааст, ки айни замон ин масъала яке аз проблемаҳои доғи ҷомеаи муосири Тоҷикон ва мардуми мусулмони Осиёст.

**Адабиёт:**


1. Абдурауфи Фитрат. Мунозира. Душанбе. - 1992., - 19 с.
2. Гулаҳмадов Ш., Абдулвоҳидов А., Файзиев Б. Сотсиология. - Душанбе. 220 с.


## НИГОҲИ УСТОД АЙНӢ БА РӮЗГОР ВА ОСОРИ ШАМСИДДИНИ ШОҲИН


**Зебуннисо Ҳамроқулова**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**


Таҳқиқи илмии рӯзгор ва осори Шамсиддини Шоҳин, муайян намудани мақоми адабӣ ва саҳми Ӯ дар рушду камоли афкори бадеии адабиёти нимаи дуюми асри XIX, ки сарвари бузурги он Аҳмади Дониш аст, айни замон корест бисёр муҳим. Устод Айнӣ, ки дар ҳар мавриди муносиб аз Шоҳин ва эҷодиёти ӯ бо муҳаббати саршор ва эҳтироми баланд ёдоварӣ менамуд, девони ашъори ӯро дар ташаккули адабиёти нимаи дуюми асри XIX хеле барҷаста арзёбӣ мекунад. Дар "Намунаи адабиёти точик" ва "Ёддоштҳо" таваҷҷухи устодро бештар қисмати пурмоҷарову фоҷианоки Шоҳин чалб менамояд. Ӯ аз зиндангии носозгору нобасомони Шамсиддини Шоҳин бо ҳасрат ёд карда, ҳар куҷо тазкиранигорони замонасозро, "дар ҳаққи Шоҳин зулм кардаанд," [1.220]- гӯён таассуф мехӯрад. Шоҳин чун дар зиндагӣ аз рӯзгори нобасомон ва бекадриву носипосӣ бар фазлу камолаш маъюс мешавад, ба мукофоту эҳсони бериё баъд аз вафот умед мебандад. Дар ин бора дар мақтаи як ғазалаш овардааст:

**Пас аз вафоти ту, Шоҳин, суханварон сӯзанд,**
**Ба ҷойи шамъ туро бар сари мазор ангушт.**
**[1.284]**

Устод Айнӣ ин маънии байти Шоҳинро шарҳ дода, чунин менигорад: "Дарвоқеъ, Шоҳин баъд аз вафот ангуштнамон арбоби дониш шуд, на танҳо ангуштнамо шуд, ҳар аҳли фазле, ки қабри Шоҳинро ба ангушт ишора мекунад, аз ҳарорати таҳсину офарин ангушташ чун шамъи сари мазор мешавад. " [1.284]

Аз "Намунаи адабиёти тоҷик" маълум мегардад, ки устод Айнӣ зимни нигоштани ин асари безаволи худ девони Шоҳинро дар ихтиёр надоштааст, зеро маводи таҳқиқотии Ӯ асосан "аз як баёзи дастнавис"[1.223]ва аз тазкираи Садри Зиё дастрас ва истифода шудаанд. Устод Айнӣ бо вуҷуди девони Шоҳинро дарёфт накардан, кӮшидааст, намунаҳоро аз тамоми

эҷодиёти шоир оварда, назари худро иброз дорад. Маводи интихобнамудаи устод Айнӣ вазъи зиндагии шоир ва ҳаёти пурошӯбу пурихтилофи замони Манғитиёнро ифода месозад. Устод Айнӣ 7 ғазал. 1қасида, 3 рубоӣ намуна аз маснавии "Туҳфан дӮстон", намуна аз "Бадоеъ-ус-саноеь" ва аз тазкираи Муҳтарам қитъаи Идрисмахдум Роҷии Бухороиро дар таърихи фавти Шоҳин меорад:

**Сипехри камолот-Шоҳин, ки буд**
**Зи боби хирад мисраи интихоб,**
**Хаёлоти рангини Ӯ ҳар ки дид.**
**Бигуфт: Инна ҳаза лашайун уҳоб.**
**Ба ҳар лафз- лафзаш мазомини бикр,**
**Чу зебоарӮсе ба зери ниқоб...**

**[1. 223]**

Дар ҳақиқат, "Намунаи адабиёти точик" осори илмиву адабии фарҳанги тоҷиконро дар муддати зиёда аз ҳазор сол дар бар гирифта, ашъори бузургтарин шоирони ҳавзаи Мовароуннаҳрро муаррифӣ менамояд. Устод Лоҳутӣ, ки сарсухани ин асари бузург ба Ӯ дахл дорад, чунин сатрҳои пурмеҳрро бо ифтихор изҳор менамояд: "Ба фикри ман, "Намунаи адабиёти точик" беҳтарин намунаи сайри тараққии адабии тоҷикон аст. [1. 6] Устод Айнӣ барои ёфтани баъзе аз нусхаҳои хаттии шоирони тоҷик басо рӯзҳо, ки дар ба дару кӮча ба кӯча рафта, то онро ёфтаву ба даст оварда ва дар натиҷа заминаи ҳозире барои танқиду таҳлилоти адабии тоҷикон омода намуд". [1. 6]

Зимни таҳқиқи осори шоирони гузашта устод Айнӣ ҳаргиз назари танқидии худро маҳдуд накардааст. Ӯ нисбати ҳар як шоир ва эҷодиёти ӯ назари худро дақиқкорона баён мекунад, ки то ҳол ин нуктаҳо сармашқи кори ҳар муҳаққиқи адабиёт ва фарҳанг мебошад. Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ дар бораи аҳаммияти ин китоб чунин менигорад: "Адабиётшиносии тоҷик аз ҳамин асари ҷомен устод Айнӣ оғоз ёфт ва нахустин бор маҳз аз ҳамин асар робитаи ногусастании принсипҳои нави илмии мо бо муҳимтарин дастовардҳои адабиётшиносии классикии тоҷик аён гардид." [4. 195]

Дар "Намунаи адабиёти тоҷик" устод Айнӣ ба рӯзгор ва осори адибон бо диди танқидӣ ва биниши ҳунарӣ таваҷҷуҳ намуда, барои холисона ва вокеъбинона муаррифӣ намудани адибон ба эҷодиёти онҳо аз рӯи арзишҳои адабиётшиносии миллӣ назар мекунад. Дар баррасиҳои устод Айнӣ ҳунари суханварӣ чун меъёри асосии таҳқиқот ба эътибор гирифта шудааст. Ӯ ба шоироне, ки баҳри равнақу рушди фарҳанги мардум аз ҷоҳу ҷалоли сиёсии худ сарфи назар кардаанд, бо эҳтиром менигарад ва нисбати тазкиранигороне, ки ба хотири мақоми сиёсати дарбор аз баёни ҳақиқати воқеӣ канораҷӯӣ намудаанд, ҷавоб меҷӯяд. Зеро дар ҳақиқат бархе аз тазкиранависони гузашта ба хотири мавқеи сиёсӣ ва мазҳабии худ хунари суханваронро нодида гирифта, нисбати шоирони соҳибдевон ва суханвар ғаразнок ва ғайриодилона сухан кардаанд. Яке аз чунин шоироне, ки дар зери тозиёнаи сиёсати даврони тираи амирӣ умри ҷавони худро барбод додааст, Шамсиддин Шоҳин мебошад. Рӯзгори пурошӯби Шоҳин ва шеъри пурдарду армони ӯ таҷассумгари ҳунари баланди суханварии шоир ва ифодагари рӯҳи бешикасту бедори ӯ мебошанд, ки ҳамеша қалби пурормонашро ба фардои нек ва ҳатто сипосу қадршиносии баъди марг саршори умед мегардонид:

**Шеъри равони ман, ки пас аз марг ҳар ки дид,**
**Гӯяд: ҳазор раҳмати Ҳақ ба равони Ӯ.**
**Шоҳин, ки сити шаҳпари маънӣ ба арш бурд,**
**Дар пештоқи сидра сазад ошёни Ӯ.**

**[1. 219]**

Ҳамчунин устод Айнӣ намунаҳое аз ашъори шоир меорад, ки дар онхо аз мардуми носипос ва ғуломпеша шиква намуда, ба онҳо умед бастанро хатои маҳз мешуморад ва дар маснавии "Тухфаи дӯстон" изҳор менамояд:

**Аз ин қавм уммеди ёрӣ хатост,**
**Ки аз душман уммедворӣ хатост.**
**Аз ин фирқа доманкашон даргузар**
**Чу биншастӣ, аз фирқа афтӣ бадар.**

**[1. 201]**

Устод Айнӣ ба ин пораи шикоятомези маснавии "Туҳфаи дӯстон" баҳо дода, аҳаммияти ин гуна шеърҳоро дар оҳанги эътирозии шоир нисбати сиёсати давр меебинад: "Дар ин ашъор низ ҳадафи тирҳои обдори тез амир Абдулаҳад аст. Амир Абдулаҳад ҳар зулму ҷафое, ки дар ҳаққи Шоҳин кард ҳама ба либоси меҳрубонӣ ва тарбият буд." [1. 221]

Аз рӯзгори пурфоҷиаи Шоҳин устод Айнӣ хеле хуб огоҳ буд ва Ӯ дар "Намунаи адабиёти точик" ва "Ёддоштҳо"-яш шоирро чун суханвари мумтоз ва муборизи роҳи ҳақиқат ва озодӣ тасвир мекунад. Шоҳин умед бар он дошт, ки шояд бо панду насиҳат роҳҳои беҳтарини ҳукуматдорӣ ва адлу инсофро ба амир нишон медиҳад. Ва устод Айнӣ дар ин хусус чунин менигорад: "Бечора Шоҳин, ки дар тазкираҳо ва таъриххо воқеаи тарбият ва риоя кардани подшоҳону амирон, удабову шуароро дида буд, аз амири замони худаш хеле умедвориҳо дошт, чун якуми маъюс шуд, ҳасрати аҳди амир Музаффарро мехӯрд ва гумон мекард, ки Ӯ зинда мебуд ойини мулкдорӣ хубтар ва бозори фазлу камол гармтар мебуд" ..." [1.219]

**Дареғо, ки он шоҳи шаҳон намонд,**
**Ҷаҳон монд чун ҷисм, аз Ӯ ҷон намонд.**
**Аз ин бӯстон рахт барбаст гул,**
**В-аз ин шиша берун таровид мул.**

**[1. 219]**

Устод Айнӣ тазкиранигоронеро, ки дар ҳаққи бечора Шоҳин зулм кардаанд мавриди таъкид карор медиҳад. Ва онҳоро ба он гунаҳгор медонад, ки ба хотири сиёсати дарбор ва бо умеди мехрубониҳои султон ҳунари шоирии Шоҳинро надида, дар ҳаққи Ӯ бадгӮйиҳо намуданд. Масалан, Афзалмахдуми Пирмастӣ дар тазкираи худ "Афзал-ул-тазкор- фи-зикри-ш-шуаро-вал-ашъор" дар бораи Шоҳин чунин андешаҳои ғаразнок изҳор менамояд: "Аз он ҷо, ки абвоби тавақуддоти гуногуни хусравонӣ ҳамеша ба рӯяш боз буд ва маводи афзолаш рӯз ба рӯз меафзуд, кораш ба ҷое кашид, ки рутбаи камоли худро аз ҳама боло дид ва ба мазааи пастӣ ба пояе ки дошт, пошукрӣ чид..." [5. 38]

Шоҳин пеш аз қабули хизмати надимии амир, дар маҷлисҳои адабии шоирони озодфикри берун аз дарбор иштирок доштааст. Вале вақте ки Шоҳин мансаби надимии амирро қабул намуд, бо одамони озодфикри берун аз дарбор рафтуомад ва алоқаи дӯстӣ кардани Ӯро манъ кардаанд. Шоҳин инро як шакли ба зери назорати доимӣ нигоҳ доштани шоирони озодфикр медонист. Аз ин сабаб ҳам шоир рӯҳан дар тазъиқ буд ва ин ҳиссиёти худро дар шеъри "Шикоят ва тахассур" чунин тасвир кардааст:

**Ёди он шабҳо, ки аз гетӣ фароғат доштам,**
**Бо бутони тозарӮ то субҳ суҳбат доштам.**
**Дар тариқи лоуболӣ ҳам ниҳон ҳам ошкор**
**Бо қаландармашрабон тарҳи садоқат доштам.**

**[1. 10]**

Дар тамоми ашъори Шоҳин танқиду мазаммати нуқсонҳои давр, шикояту шикваҳои талх аз рӯзгори бемурувват садо дода, бо кинояву рамзҳои пӯшида камбудиҳои ҷомеа, разолату чаҳолат ва пасттинатин зимомдорони вақтро бо ҳаҷвҳои обдор фош мекунад.

Осори адабии Шамсиддин Шоҳин сафҳаи тобноке дар таърихи адабиёти тоҷик ба шумор меравад, ки беҳтарин анъанаҳои адабиёти ниёконро пайгирӣ намуда, гояҳои инсондӯстӣ, озодихоҳию адолатпарварӣ ва афкори равшанфикрони замонаашро дар шеърҳояш ифода намудааст.

**Адабиёт:**


1. Айнӣ Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик // Садриддин Айнӣ.- Душанбе, 2010-420сах.
2. Мирзозода Холик. Шамсиддин Шоҳин. // Холиқ Мирзозода - Душанбе, 1962-23сах.
3. Мирзозода Холик. Шоҳин. // Холик Мирзозода-Сталинобод, 1956-258 сах.
4. Мирзозода Холик. Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт // Холик Мирзозода- Душанбе, 1973-271 сах.
5. Сатторзода Абдунабӣ. Кухна ва нав // Абдунаби Сатторзода- Душанбе, 2004-256с.
6. Сайфуллоев А . Мактаби Айнӣ // А.Сайфуллоев - Душанбе, «Ирфон», 1978, саҳ. 336.
7. Ҳодизода Расул. Адабиёти точик дар нимаи дуюми асри XIX. // Расул Ҳодизода Душанбе, 1968-290 сах.


## ШАРҲИ БАЪЗЕ КАЛИМАҲОИ СЕРМАЪНО ДАР ЧАНД ҚАСОИДИ МАНУЧЕҲРИИ ДОМҒОНӢ

**Муслимзода Ҳ. А.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Манучехрии Домғонӣ аз намоёнтарин чеҳраҳои адабиёти асри X-XI-и форсу тоҷик маҳсуб ёфта, адабиёти ин давраро бе номи ин марди бузург дар қатори устодони беҳамтои ин давр Унсурӣ ва Фаррухӣ тасаввур кардан номумкин аст.

Аз мероси адабии Манучеҳрии Домғонӣ то замони мо ягона девони ашъор омада расида, ки ба қавли Ризоқулихони Ҳидоят “шунидам, ки гуфтаанд: сӣ ҳазор байт девон дошта» будааст, вале девони Манучеҳрӣ ҳамагӣ фарогири 2757 байт аст. Ин миқдор, албатта, ҳамаи эҷоди бадеии шоирро пурра фаро намегирад ва мурури айём навиштаҳои зиёди ӯро чун осори суханварони дигари форсу тоҷик ба нестӣ расондааст.

Дар хусуси арзишҳои адабиву илмии осори шоир таҳқиқоти назаррас сурат гирифта, ки бештари онҳо роҷеъ ба мафҳумҳои адабии осори шоиранд. Мо дар ин мақолаи худ кӯшидем аз ғановати шоирӣ, ҳунари суханофаринӣ ва услуби Манучеҳрӣ ҳарф занем, то хонандаро боз ҳам бештар бо сеҳри сухани ин бузургвор ошно созем. Бадин тартиб, дар нигоштаи мо ҷойгоҳи калимаҳои сермаъно дар қасоиди шоир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва, ба андешаи мо, баррасии ин паҳлуҳо яке аз ҷанбаҳои пурарзиши забонии осори гаронмояро метавонад

мушаххас созад. Чун сухан аз ғановати шоирӣ меравад, пеш аз ҳама, ба корбурду истифодаи луғоти пурмаънову каломи муассири шоир баҳо гузошта мешавад. Бешубҳа, сарчашмаи аввали шеър вожа, ё худ калима аст, ки ба василаи он каломи манзум муассиру хотирмон мегардад. Дар шеър калимоти маънидор дар либоси бадеӣ бо мафҳуми васеъ ифода ёфта, дар зеҳну назари шунаванда ва ба дилу эҳсоси хонанда ҷой мегирад, ки худ рисолати шеъру шоирӣ низ дар ҳамин аст.

Ҳодисаи сермаъноӣ, яъне дорои якчанд маъно будани калимаҳо, дар забон ҳодисаи маъмулу машҳур буда, дар ҷараёни рушди забон, тадриҷан дар натиҷаи инкишофи маънои аслӣ ва аввалаи калима ба вуҷуд меояд. Оид ба ин ҳодиса ҳанӯз донишмандони асримиёнаи мо Насируддини Тусӣ (асри XIII), Маҳмуди Омулӣ (асри XIV), Хоҷа Ҳасани Нисорӣ (асри XVI) ва мураттибони фарҳангҳои тафсирӣ таваҷҷуҳ намудаанд.

Дар низоми маъношиносии забон маъноҳо назар ба калимаҳо зиёданд, зеро қисми зиёди калимаҳои забон дорои бештар аз як маъно буда, мафҳумҳои гуногуни ашё, амал, аломат ва миқдорро ифода мекунанд.

Калимаҳои сермаъно паҳлуҳои гуногуни ҳодисаҳои воқеиро дар шакли як калима инъикос кунанд ҳам, ҳамаи он маъноҳо бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд ва ин хусусияти муҳимми калимаҳои сермаъно ба ҳисоб меравад [3, с.7-9]. Маъноҳои нав бо тобишҳои гуногун гирифтани вожаҳо бо матн алоқаи устувор дорад, азбаски ба қисми зиёди калимаҳо ҳодисаи сермаъноӣ хос аст, хусусиятҳои воҳидҳои луғавиро танҳо ҳангоми дар дохили матн омадани вожа метавонем дуруст шарҳу тавзеҳ диҳем ва намояндаи ҳар як забон танҳо бо кӯмаки маводу матн метавонад, дарк намояд, ки ин ё он вожа ба кадом маъно истеъмолу мавриди истифода қарор мегирад. Дар ҳақиқат, барои дуруст ва аниқу дақиқ муайян кардани маънои вожа, нақши матн ва маводи таҳлилӣ басо бузург мебошад. Роҳу воситаҳои сермаъно шудани калима, ки зикрашон рафт, сабабгори ба маъноҳои гуногуни ба ҳамдигар наздики калимаҳо мешаванд, ки маъноҳои дуюм, сеюм ва ғайра, маъноҳои маҷозӣ маҳсуб меёбанд.

Инкишофи маъно боиси сермаъношавии калимаҳо гардида, сермаъноӣ дар забонҳои қадима ва сарватманд, мисли забони тоҷикӣ, хосияти барҷастаи забонӣ аст, ки бештар хоси калимаҳои мустақилмаъноянд.

Калима бо тамоми маъноҳо ва тобишҳои маъноияш дар матни асари бадеӣ арзи ҳастӣ менамояд. Эҷодкор, соҳиб ва муҳофизатгари забон халқ аст ва ҳар калимаро дар маврид, шароит, мавқеаш дар асоси муносибати он бо чизи ифода мекардагиаш истифода намуда, бо он маъно ё маъноҳояш машҳур мегардонад. Адибон ва шоирони бузург забонро аз халқ омӮхта, боз ба воситаи осорашон ба халқ пешниҳод мекунанд.

Дар доираи як мақола, албатта, тамоми паҳлуҳои сермаъноии вожаҳои осори Манучеҳриро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додан ғайри имкон буда, ин ҷо интихобан баъзе аз ин гуна вожаҳо мавриди баррасӣ қарор дода мешавад:

Осмон:

То барояд лахт-лахт аз кӯҳ меғи моғгун,
Осмони осгун аз ранги ӯ гардад халанг [63].

ё

Намози шомгоҳӣ гашт софӣ,
Зи рӮйи осмон абри муаккан [87].

Осмон ба маънои фазои атрофии замин, ки ба назар кабудранги гунбазшакл мешавад, ифода ёфтааст.

Чуноне ки зикр кардем, ҳодисаи сермаъноӣ падидаи аҷибе дар луғатшиносист. Ҳ. Маҷидов мегӮяд, ки «як калима метавонад дар ифодаи якчанд мафҳум ба кор бурда шавад» [4, с. 6].

ГӮй: “Эй гузидаи малики ҳафт осмон!

Эй хусрави бузургу амири бузургвор” [40].

Дар ин байт калимаи осмон ба маънои тамоми дунё, ҳафт осмон, яъне тамоми ҳафт қабати олам, дунё омадааст.

Насриддини Тӯсӣ овардааст: “Гоҳ бошад, ки як лафз ба як маънӣ беш далолат накунад. Ва ҳамчунин гоҳ бувад, ки алфози бисёр ба як маънӣ ё зиёда аз як маънии мутақориб ё ғайримутақориб далолат кунад” [7, с. 8].

То малакро дар ҳиҷоби осмон бошад сукун,

То фалакро дар ғубори осмон бошад мадор [37].

Дар мисраи аввал вожаи осмон ба маънои сукун будан, даргузаштан, мурдан омадааст. Дар мисраи дуюм, дар ғубори осмон ба маънои тақдир, қисмат омадааст, яъне дар кашмакаши тақдиру қисмат, пойистон, мадор доштан.

РӮят аз гул дурҷ дорад, дурҷат аз анбар тароз,

Мушкат аз маҳ нофа дорад, моҳат аз мушк осмон [74].

Ифодаи моҳтоб аз мушк осмон доштан киноя аз рӮйю мӮйи маъшуқа, яъне моҳ-рӮй, мушк-мӮй, яъне рӮй моҳ ва моҳи ту осмони мушкини худро дорад, яъне мӮят гуфтан аст.

Моҳ:

Хуршедроситора басе ҳаст бар фалак,

Лекин ба моҳ боз диҳад нуру равшанӣ [144].

Дар ин байт маънои қамар, моҳтобро дорад.

Се моҳи шумурда набарад ному нишоншон,

Донад, ки бад-он хун набувад мард гирифтор [155].

Маънои як қисм аз 12 қисми солро дорад.

Бар сари ҳар наргисе моҳе тамом,

Шаш ситора бар канори ҳар маҳе [149].

Ифодаи моҳи тамом киноя аз қисмати марказии гули наргис ва шаш ситора, гулбаргҳои наргис аст.

Бар ду рухи ӯ рангаш моҳе бинигорад,

Уду баласон бӮяш дар мағз бикорад [156].

Мисли моҳ, киноя аз рухи ёр аст.

Сурати уву рухи зебои Ӯ,

Ҳаст чунон моҳи ду панҷу чаҳор [163].

Киноя аз рухи ёр, моҳи ду панҷу чаҳор моҳи дуҳафта, яъне 2*5=10+4=14 моҳи чаҳордаҳрӮзаро дар назар дорад.

Моҳи сешаба аз бари гардан бинигоранд

Аз ғолия, бе он ки ҳаме ғолия доранд [165].

Моҳи сешаба-моҳи акнун падид омада, моҳи нав, киноя аз рухи ёр

Гулнор чу Мирриху гули зард чу моҳ,

Шамшод чу зангору майи лаъл чу занг [172].

Дар ин байт намуди зоҳирӣ ва ранги гулро шоир ба моҳ ташбеҳ додааст.

Барги гули мувարради бишкуфтаи тарӣ,

Чун рӮйи дилрабои ман, он моҳи саътарӣ [183].

Моҳи давоӣ, киноя аз гиёҳи мисли моҳ ва давобахшанда

Пешат ба пойи сад санами чангсоз бод,
Душман-т солу моҳ ба гурму гудоз бод [186].

Моҳ ба маънои 1 қисм аз 12 қисми сол, дар ин байт солу моҳ ба маънои ҳамеша, доимо

Доғ:

Гули зарду гули дуру гули сурху гули насрин,
Зи дарду доғ додастанд моро хатти истиғно [123].

Ба маънои ҳасрат омадааст.

Бар дил дорад лола яке доғи сиёҳ,
Дорад саман андар занахаш симин чоҳ [172].

Дар байти боло калимаи доғ маънои нишона, пайро дорад

Ҳар чаковакро руста зи бари сар кулае,
Зоғ бо доғ гирифта ба яке кунҷ паноҳ [189].

Маънои ғам, сиёҳиро дорад.

Одам:

То-ш ба Ҳавво малакхисол ҳама ум,
То-ш ба Одам бузургвор ҳама ҷад (д) [23].

Ба маънои аввалин инсон аст.

Духтарони раз гуфтанд ки: мо бегунаҳем,
Мо тани хеш ба дасти банӣ одам наниҳем [198].

Ба маънои одамизод, тамоми одамони дунё

Бояд гуфт, ки сермаъношавӣ роҳу усулҳои худро дорад. “Муайян кардани роҳу усулҳои тавлиди маъноҳои ҷудогонаи занҷири калимаи сермаъно аз масъалаҳои муҳими ин мавзӯъ ҳисоб меёбад. Маъноҳои ҷудогонаи луғавӣ бо усулҳои ниҳоят гуногун пайдо мешаванд, ки дар байни онҳо маҷоз инкишофи тадриҷии ғайримаҷозӣ, таҷзияи маънои воҳиди фразеологӣ бо доираи амалиёти худ фарқ карда меистад” [5, с. 51].

Мавриди зикр аст, ки вожаҳои ифодагари узвҳои бадан бештар хосияти сермаъношавӣ доранд. Мусаллам аст, ки яке аз роҳҳои сермаъношавӣ маҷоз аст. Муҳаққиқ М. Саломов мегӯяд, ки “дар созмондиҳии маънои маҷозӣ нақши вожаҳои ифодагари аъзои бадан назаррас аст, зеро ин вожаҳо дар забон хеле серистеъмоланд” [8, с. 194].

Чунончи, вожаи сар:

Шукуфта лолаи нуъмон ба сони хубрухсорон,
Ба мушк андар зада дилҳо, ба хун андар зада сарҳо [3].

Қисми болои гулбаргҳои лолаву наргис. Ба сари хубрухсорон ва ҳурон монанд кардани лолаву наргис аст.

Забоншинос Ҳ. Маҷидов мегӯяд, ки “Маънои асосии калимаи сар “яке аз узвҳои бадан, ки аз гардан боло ҷойгир аст”, бо мафҳуми сар алоқамандии бевосита дорад ва аломатҳои мантиқиву шайъии ин мафҳумро низ як андоза инъикос кардааст. Дар он маъно шайъи мушаххасе бо аломатҳои назарраси мавқеи ҷойгиршавӣ, шакли зоҳирӣ , моҳияти ҷамъиятиаш акс ёфтааст. Маҳз ҳамин аломатҳо сабаб шудаанд, ки калимаи сар ба ҷузъ маънои асосии худ боз як қатор маъноҳои иловагиро ифода кунад. Дар ин маъноҳои иловагӣ маҳз ҳамон нишонаҳои мухталифи маънои асосӣ акс ёфтаанд” [5, с. 48-49].

Пупук пайке, нома зада андар сари хеш,
Нома гаҳ боз кунад, гаҳ шиканад бар шикано [1].

Сар ба маънои нӯг, қисмати болои гул.

Бувад сарв дар боғу дорад бути ман,
Ҳаме бар сари сарв боғе аниқо [6].

Сари сарв-боло, яъне маънои баландӣ ё болоро дорад.

Нимҷӯшида асир аз сари хум,

Дар кашидан, ки чунин аст савоб [7].

Қисми болоии шароб, ки дар хум мебошад, даҳони хум.

Усули дигари сермаъношавӣ инкишофи тадриҷии маъно мебошад. “Бо ин усул мафҳуми ифодакунандаи калима сифатан тағйир меёбад ва ба пояи нисбатан баландтаре ҷой мегирад. Табиист, ки мафҳумҳои бо ин роҳ ба тозагӣ ба вуҷуд омада боиси пайдоиши маъноҳои наве мегиранд, ки онҳо аз маъноҳои пешинаи калимаҳо ба куллӣ фарқ мекунанд. Чунин маъноҳо дар назар давоми мантиқии маъноҳои мавҷударо ташкил медиҳанд” [5, с. 48-49].

Чун давоте бусадинаст хуросонивор,

Боз карда сари ӯ лола ба тарфи чамано [2].

Сар ба маънии сарп”ш. Маънии байт: қисмати марказию дарунии лола мисли давоти садафин аст, ки сарпӯши ӯро лола ба тарафи чаман кушодааст, яъне гулбаргҳои лола чун сарпӯш сӯйи чаман кушода гардиданд.

Таҷзияи воҳиди фразеологӣ яке аз усулҳои мураккаб дар сермаъношавӣ маҳсуб меёбад. “Баъзан воҳиди фразеологӣ пароканда шуда, ба калимаҳои алоҳида ҷудо мешавад, ки ҳар яке аз таркиби он бо маънои тоза хориҷ мегардад. Дар натиҷаи чунин раванд калима ба маънои нав соҳиб мешавад” [5, с. 57].

Дар осори Манучеҳрии Домғонӣ ин ҳолатро дар мавриди калимаи даҳон воҳӮрдем.

Зеро ки гар обистани Марям ба даҳон шуд,

Ин духтари разро на лаб асту на даҳон аст [13].

Ба даҳон шудан, яъне дар мисраи якум вожаи даҳон ба маънои овоза шудан омадааст ва дар мисраи дуюм ба маънои лабу даҳон надоштани духтари раз-май аст.

Ба як байти мидҳат даҳонаш биёканд,

Ба ёқуту беҷодаву баҳрамонӣ [140].

Ифодаи даҳон биёкандан – киноя аз моту мабҳут кардан аст.

Усули дигари сермаъношавӣ ташбеҳ мебошад. “Ташбеҳ ҳамчун як навъи маҷози луғавӣ ба маънои нисбатан васеътаре ба кор бурда мешавад. Он на фақат шабоҳатро, ки аз унсурҳои доимии сохтораш аст, балки киноя, муболиға, иғроқ барин унсурҳои бадеии зиёди дигарро низ дар шакли шабоҳат таҷассум кардааст” [5, с. 52].

Лолаи розӣ шукуфта пеши барги ёсаман,

Чун даҳони буссадин дар гӯши симин гуфта роз [55].

Маҷозан қисми саркушодаи ҳар чизе. Шукуфта, во шудани гулбаргҳои лола назди барги гули ёсамин ба даҳони садафи назди симин ташбеҳ шудааст.

Ё:

Бидидам ба зери кулоҳаш фарох,

Даҳоневу зери даҳон ҳанҷаре [120].

Савсан сурин зи байрами кухлӣ кунад ҳаме,

Насрин даҳон зи дурри муназзад кунад ҳаме [136].

Ба маънои қисми болоии гули насрин аст.

Вожаи лаб:

ГӮйӣ аз ду лаби ман бӮса тақозо чӣ кунӣ,

Вомхоҳӣ набувад, к-Ӯ ба тақозо нашавад [33].

Ҳар, ки сабуҳӣ кунад бо дили хуррам бувад,

Бо ду лаби мушкбӮй, бо ду рухи ҳури ъин [179].

ба маънои узви бадан.

Вақти саҳаргаҳ куланг таъбияе сохтаст,

В-аз лаби дарёи Ҳинд то Хазорон тохтаст [180].

Ба маънои канор

Ба такопӯйи саҳоб ояд аз ҷадда ҳаме.

Ба лаби боғ, кунад дар салаби боғ нигоҳ [190].

Канор, сар, даромади боғ.

Бар гирифт аз лаби раф симин ҷомеро,

Бар лаби ҷом нигорид ғуломеро [206].

Канораи болои раф, ҷом

Сумани сурх ба сони ду лаби тутии нар,

Ки забонаш бувад аз зарри зада дар даҳано [1].

Гулбаргҳои гули суман ба лаби тутӣ, зардии қисми миёнаи он ба забон ва қисми саркушодаи он ба даҳон ташбеҳ шудааст.

Дилам, эй дӯст, ту донӣ, ки ҳавои ту кунад,

Лаби ман хидмати хоки кафи пойи ту кунад [27].

Лаби ман хидмати хоки кафи пойи ту кунад ба маънои 1. бӮсидани хоки кафи пойи касе; 2. Васф намудан ва ситоиш кардан.

Тавре аз таҳлилу баррасӣ бармеояд, сермаъношавии вожаҳои ифодагари узви бадани инсон бо роҳи маҷоз ва навъҳои он хеле зиёд ба чашм мерасад. Забоншинос Б. Камолиддинов меорад, ки "Ифодаҳои маҷозӣ дар забони тоҷикӣ дар заминаи монандии зоҳирӣ ё ботинии зинда тасвир ёфтани ашёҳои беҷон бо ёрии санъатҳои ташбеҳ, истиора ва ташхис ба вуҷуд меояд" [1, с. 69].

Вобаста ба ин масъала М. Саломов ду ҷанбаи инкишофи маънoии калимаҳоро тавассути маҷоз қайд мекунад:

1. Мафҳумҳои беҷон чун мафҳумҳои ҷондор зоҳир меёбанд;

2.Баъзе вожаҳои ҷондор хусусияти вожаҳои беҷонро касб менамоянд [ниг.: 8, с. 192-193].

Дар осори Манучеҳрӣ гурӯҳи калимаҳои мавриди назар ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маъноҳои маҷозӣ омадаанд.

Ду зулфаш ду шабу ду холи мушкин

Зилом андар зилом андар зилом аст [12].

Ба маънои мӮйи дар канори ду бари рӮй фаромада.

Чу аз зулфи шаб боз шуд тобҳо,

ФурӮ мурд қиндили меҳробҳо [5].

Торикии шаб.

Зулфи бунафша бибӮй, лаъли хуҷаста бибӮс,

Дасти чағона бигир, пеши чамона бихам [70].

Ба маънои гулбарги бунафша.

Дар муайян намудани маъноҳои вожаҳои сермаъно матн нақши басо калон дорад. Дар мисолҳое, ки мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, аксарияти усулҳои сермаъношавӣ ба мушоҳида мерасанд. Сабабҳои бо усулҳои гуногун маъноҳои бештарро ифода кардани калимаҳоро муҳаққиқони соҳа чун Ҳ. Маҷидов, Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев М. Саломов ва дигарон таҳлил ва муайян намудаанд, ки вобаста ба равиши баррасии мавзӯъ онҳоро зикр кардем. Дар осори Манучеҳрӣ калимаҳо бо тамоми ҷилоҳои маъноияшон арзи ҳастӣ менамоянд ва аз устоди бузурги сухан ва хушсалиқа будани муаллифашон дарак медиҳанд.

Ҳамин тариқ, вожаҳои бо чандин маъноҳои гуногуну мухталиф дар осори Манучеҳрӣ хеле зиёд корбаст гардида, ба чашм назаррасанд. Интихоби вожа, дарки тобишҳои нозуки маъно ва обуранги услубии вожаҳо яке аз паҳлуҳои муҳимми сабки нигориш буда, ба масъалаи сермаъноии вожаҳо алоқаманд мебошанд. Аз ин лиҳоз, фасоҳату балоғати сухан аз бисёр ҷиҳат ба дараҷаи дурусти истеъмоли вожаҳои сермаъно вобаста аст. Барои ифодаи мафҳум, мақсад ва андешаи худ интихоби вожа ё ибораю таркиби беҳтарин ҳунар мебошад.

**Адабиёт:**


1. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим \ Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. - 186 с.
2. Қосимова, М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 9-10). Қисми 1./ М. Н. Қосимова –Душанбе, 2003. - 490 с.
3. Маҷидов, Ҳ. Сермаъноии луғавӣ / Ҳ. Маҷидов // Маърифат, 1997, № 9-12.– С.7–9.
4. Маҷидов, Ҳ. Ифодаи мафҳум ва ном бо калима / Ҳ. Маҷидов // Маърифат, 1998, № 5. – С. 6-8.
5. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1.–Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов, – Душанбе, 2007. - 243 с.
6. Муҳаммад Авфии Бухороӣ «Лубоб-ул-албоб».\ Теҳрон – 1310, ҷ. 2. С – 29.
7. Насруддини ТӮсӣ. Асос-ул-иқтибос. / ТӮсӣ Насриддин. – Теҳрон, 1323 ҳ. С. 25 – 26.
8. Саломов, М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷикӣ / М. Саломов. – Душанбе: Пойтахт, 2017. – 266 с.
9. Манучеҳрии Домғонӣ. Девон. Бо эҳтимоми дуктур Саидмуҳаммад Дабири Саёқӣ. – Теҳрон, 1390-и ш. – 421 с.


## ҚАЙДҲОИ КӮТОҲ АНДАР МУАРРИФИИ ЯК АСАРИ НАВИ ОЛИМИ НУКТАСАНҶ АНЗУРАТИ МАЛИКЗОД


**Носиров Сабур**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**


Китоби “Дирӯз ва имрӯзи адабиёти тоҷик” (-Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2024. – 224 с.) баъди “Садриддин Айнӣ. Мактубҳо” (-Душанбе: Меҳроҷ-Граф, 2023. - 664 с.), “Абӯшакури Балхӣ” (-Душанбе: Дониш, 2023. – 90 с.) ва “«Кироми Бухорӣ. Девон” (-Душанбе: Дониш, 2023. – 90 с.) чаҳорум китобест, ки адабиётшиноси нуктасанҷ Анзурати Маликзод бо имзои мубораки худ ба ин хоксор эҳдо намудаанд. Саодати доштани китобҳои ин олими варзида ва инсони асил ба ин хоксор тавассути эҳтиром ва ихлосу иродати бепоёне, ки нисбаташон дорам, даст додааст.

Дар китоби мавриди назар мунтахаби мақолаҳои дар солҳои гуногун навиштаи муаллиф фароҳам оварда шудаанд ва он аз ду бахш иборат аст: бахши аввал доир ба адабиёти гузашта ва бахши дуюм доир ба адабиёти муосир. Бахши аввал 12 ва бахши дуюм 11 мақоларо фаро гирифтааст.

Ба ду бахш ҷудо шудани маҷмуи мақолаҳои Анзурати Маликзод баёнгари он аст, ки ҳамчун адабиётшинос доираи фаъолияти илмии ӯ васеъ аст ва ба соҳаҳои гуногуни илми адабиётшиносӣ, аз ҷумла адабиёти классикӣ ва намояндагони маъруфи он ва равандҳои адабиёти муосир ва эҷодиёти адибони ҷудогона дахл менамояд.

Вале ошноӣ бо маҷмуаи мавриди назар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки соҳаи асосии таҳқиқи Анзурати Маликзод адабиёти классикӣ ва намояндагони маъруфи он аст. Аз 12 мақолаи бахши аввали китоб 3 мақола таҳти унвонҳои "Рӯдакӣ ва Шаҳиди Балхӣ", "Шеъри Шаҳид дар тарозуи накди сухансанҷон" ва "Шаҳиди Балхӣ шоири маъниҳои рангин" ба шахсият ва шеъри яке аз шоирони тавонои ҳамасри Устод Рӯдакӣ – Шаҳиди Балхӣ бахшида шудааст.

Зимнан хотиррасон менамоем, ки Анзурати Маликзод бо номи «"Абӯшакури Балхӣ" рисолае ҳам дорад, ки ба рӯзгор ва осори яке аз чеҳраҳои дигари адабиёти аҳди Сомонӣ, ҳамасри дигари Одамушшуаро – Абӯшакури Балхӣ ихтисос дода шудааст.

Лозим ба зикр аст, ки забони тамоми мақолаҳои маҷмуаи мавриди назар равону шево буда, бо услуби хубӣ илмӣ иншо гардидаанд ва муҳаққик зимни таҳлили ҳар як масъалаи мавриди баҳс аз сарчашма ва маъхазҳои фаровони илмии гузашта ва имрӯза фаровон истифода намудааст ва мулоҳизаву мушоҳидаҳояш ҳамеша асосноку маътамаданд.

Шоистаи зикр аст, ки Анзурати Маликзод сабки хосаи нигориши илмии худро дорад. Мақолаҳои ӯ калонҳаҷм нестанд ва дар онҳо суханҳои зиёдатӣ ва ҷумлаҳои берабту бемавридро пайдо намудан амри маҳол аст. Асосҳои илмии ҳар мақолааш пуркувват аст ва ҳамвора кӯшидааст, ки вобаста ба масъалаи мавриди омӯзишаш сухани тозае гӯяд.

Ҷасорати илмии олими нуктасанҷ Анзурати Маликзорд низ шоистаи таҳсин аст. Ӯ дар таълифоти худ бо риояи одоб ҷо-ҷо бо адабиётшиносони маъруф ба баҳс ворид мешавад ё доир ба ин ё он масъала дар баробари сухани онон сухани худашро мегӯяд. Масалан, дар марсияи ба Шаҳиди Балхӣ бахшидаи Устод Рӯдакӣ «Аз шумори ду чашм як тан кам» гуфтани Устод Рӯдакиро, ки адабиётшиноси маъруфи тоҷик Холиқ Мирзозода ишора ба кӯр будани чашми Шаҳид донистааст, Анзурати Маликзод носаҳеҳ ва «аз асли матлаби шеър комилан дур» медонад ва қайд мекунад, ки "... дар ҳеҷ сарчашмаи дигаре аз як чашм маҳрум будан ва ё нобино будани ин шоир зикр нагардидааст" [1. 21].

Ё худ, дар ҷойи дигар Анзурати Маликзод бо адабиётшиноси бузурги Ҳинд Шиблии Нуъмонӣ ва донишманди номдори Эрон Абдулҳусайни Зарринкуб, ки дар заминаи байтҳое аз "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ шоири шаҳири асри X Дақиқии Балхиро ба бадномиву бадахлоқӣ мутаҳҳам донистаанд, ба баҳс ворид мешавад ва натиҷагириҳои онҳоро нодуруст фаҳмидани андешаҳои Фирдавсӣ ва дур рафтан аз аслу моҳияти гуфтаҳои ӯ арзёбӣ менамояд [1. 43].

Аз мутолиаи ин асар бармеояд, ки Анзурати Маликзод суханшинос ба маънии томи ин вожа аст. Ӯ дар аксари мақолаҳояш, ки ба пажуҳиши осори намояндагони адабиёти гузашта ва имрӯзаи тоҷику форс бахшидааст, дар баробари масъалаҳои сирф адабиётшиносӣ ба масъалаҳои марбут ба забон низ дахл намудааст.

Барои банда ҳамчун як тан муҳаққиқи риштаи лаҳҷашиносии илми забоншиносии тоҷик ҳамин нукта ҷолиб аст, ки Анзурати Маликзод ҳар ҷое дар бораи забони шеъри ин ё он намояндаи адабиёти классикӣ ё муосир сухан кардааст, бою рангинӣ ва зебогиву дилнишинии забони шоиронро ба истифодаашон аз унсурҳои забони халқ вобаста донистааст.

Чунончи, мавсуф дар бораи забон ва таркиби луғавии ҳамасрони Рӯдакӣ изҳори андеша намуда, қайд мекунад, ки «"... онон тавассути истифодаи васеъ аз забони гуфтори мардум, имконоти ин забонро боз ҳам васеътар ва доираи корбурди калимоти онро бо такя кардан ба забони нобӣ мардуми бумӣ на танҳо бештар намуданд, балки инчунин барои ба ҳайси забони дувуми ислом шинохта шудани он мусоидат намуданд" [1. 26].

Ё ҷойи дигар дар бораи забони рубоиёти Маҳастӣ изҳори назар намуда, гӯшнавозу дилангез будани онҳоро ба истифодаи мавридшиносонаи унсурҳои забони халқ, хусусан калимаву таъбирҳои содаи забони гуфтории мардум алоқаманд медонад » [1. 96-97].

Зимнан, дар зербоби «Забон ва сабки баёни Абӯшакури Балхӣ»-и рисолаи «Абӯшакури Балхӣ» ҳам Анзурати Маликзод дар бораи вижагиҳои забони ин шоир ва донишманди маъруф ибрози назар намуда, истифодаи вожагону таъбирҳои содаву осонфаҳмро боиси дилнишин гардидани ашъори ӯ медонад ва аз сурудаҳои шоир вожаҳое чун *хидкамон, деҳу, фалода, хир, мӯлиш, аврандидан, пурмангала, фарошта, оранҷ, сукунҷида, турунҷида, барҳанҷидан, кулҷ, курён, ситод, пасодаст, кобук, корбишул, гусорда, оголидан, мустаманд, таҳак, алфанҷидан, латанбар, сапӯзкор, чахмоқ, гуворанда, гувориш, нухроз, ҷавоз, ғалбакан, жожс, ҳож, фарахша, ҳарева, заранг, зугол, алфахтан, фарнос, шанг, пажогин, охшиҷ, котон, пингон, тангон, фалохун, зағора, ниёба, фағ, фағфур, фағфора, зираксор, бахнона, паҳнона, дижбароз, халах, гармосанг, кайфар, сатӣ, жӣ, шикӯҳ* ва монанди инҳоро мисол оварда, таъкид менамояд, ки аксари онҳо ба шарофати ашъори шоир умри дубора ёфтаанд [2. 48].

Дар зимн мехоҳем ёдрас шавем, ки Анзурати Маликзод ба маҷмуаи ашъори ин ҷониб таҳти унвони «Намаки ишқ» низ пешгуфтор навиштааст ва он ҷо ҳам ба масъалаи истифодаи унсурҳои забони халқ дар ашъори ин маҷмуа таваҷҷуҳи махсус зохир намудааст.

Ҳамин тариқ, китоби адабиётшиноси борикбин Анзурати Маликзод таҳти унвони "Дирӯз ва имрӯзи адабиёти тоҷик" асари арзишманд аст ва умедворем, ки он мавриди таваҷҷуҳ ва истиқболи гарми аҳли илми суханшиносӣ ва дӯстдорони адабиёти оламшумули тоҷик қарор гирад.

**Адабиёт:**


1. Анзурати Маликзод. Дирӯз ва имрӯзи адабиёти тоҷик. -Душанбе: Меҳроҷ—граф, 2024. - 224 с.
2. Анзурати Маликзод. Садриддин Айнӣ. Мактубҳо. -Душанбе: Меҳроҷ-Граф, 2023. - 664 с.
3. Анзурати Маликзод. Абӯшакури Балхӣ. -Душанбе: Дониш, 2023. – 90 с.
4. Анзурати Маликзод. Кироми Бухорӣ. Девон. -Душанбе: Дониш, 2023. – 90 с.
5. Носиров С.М. Намаки ишқ. –Душанбе: Эр-граф, 2023. -112 с.


## АНДЕШАҲОИ БАШАРДӮСТИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ


**Нурова К.А.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**


Абдураҳмони Ҷомӣ аз ситорагони тобноки осмони шеър аст, ки дар тӯли асрҳо бо нури хираду маърифат роҳи ҳаёти мардумони зиёдеро мунаввар месозанд. Осори фаровону рангини адабиву илмии ӯ соҳаҳои гуногунро фаро гирифта, аз вусъати дониш ва паҳнои назари шоир ва мутафаккири бузург гувоҳӣ медиҳад. Шоир тақрибан дар ҳамаи анвоъ ва мавзуоти маъмули адабӣ асар офаридааст. Дар асарҳои ӯ масъалаҳои гуногуни ҳаёт пайваста бо эҳсосу андешаҳои баланд бозтоб ёфтаанд.

Яке аз суннатҳо, ки дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ чун хатти зарин ба назар мерасад, андешаву эҳсосоти башардӯстӣ мебошад. Таҷаллии ин андешаву эҳсосотро ҳам дар ашъори ғиноии шоир, амсоли ғазалу қасида, таркиббанду тарҷеъбанд, рубоиву қитъаҳо ва ҳам дар маснавиҳои бузурги "Ҳафт авранг" ва асари мансури "Баҳористон" метавон мушоҳида кард.

Дар маркази ҳамаи офаридаҳои Ҷомӣ низ инсон қарор дорад. Ӯ ҳам мисли Рӯдакиву Фирдавсӣ, Носири Хусраву Умари Хайём, Саноиву Аттор, Саъдиву Ҳофиз ва дигар суханварони маъруф бузургии инсонро ситоиш карда, орзуву омол, андешаву эҳсос, мақсаду маром ва ормонҳои ӯро ба қалам додааст. Ӯ низ милси гузаштагон ҳадафи асосии инсонро дар зиндагӣ анҷоми кори нек, гузоштани осори хуб медонад:

Сафҳаи даҳр бувад дафтари умри ҳама халқ,
Инчунин гуфт хирадманд, ки андеша гумошт.
Хуррам он кас, ки бар ин дафтари пок аз ҳама ҳарф,
Рақами хайр кашиду асари хайр гузошт.

[1,24]

Аз нигоҳи Ҷомӣ чунин инсон худ аз худ ва ногаҳон падид намеояд.

Барои ташаккули инсон қабл аз ҳама омӯхтани илму дониш зарур аст:

Нахуст аз илму дониш баҳравар шав,
Зи ҷаҳлободи нодонӣ бадар шав !

[1,24]

Барои ба даст овардани илму дониш кӯшишу талош ва заҳмати пайваста лозим аст. Аз ин рӯ инсон вақтро бояд ғанимат донад ва онро барои омӯзиши илму дониш сарф намояд. Вале илму дониши андухтаи инсон вақте арзиш пайдо мекунад, ки дар амал татбиқ шавад, мушкилеро дар зиндагӣ ҳал созад ва барои пешрафти ҷомеа хидмат намояд:

Илм чу донӣ, зи амал сар мапеч,
Дониши бекор наярзад ба ҳеҷ.

[1,16]

Аз ашъори шоир ба аҳли ҳунар робитаву пайвастагии қавӣ доштани ӯро метавон пай бурд. Тавре ки аз шарҳи ҳоли шоир маълум мегардад, ӯ ҳангоми зиндагӣ дар Самарқанд бо ҷараёни нақшбандияи тасаввуф ошноӣ ва гаравиш пайдо мекунад. Ин маслак аз ҷараёнҳои дигари тасаввуф пеш аз ҳама бо он тафовут дошт, ки бештар ба кору меҳнат ва аҳли пешаву ҳунар такя мекард. Шоири асосии ин маслак "Дил ба ёру даст ба кор" низ аз марому ҳадафи маслаки мазкур далолат менамояд. Дарвоқеъ ҳамин мароми меҳнатдӯстӣ ва эҳтироми аҳли ҳунар боис гардидаанд, ки Ҷомӣ пас аз баргаштан ба Ҳирот ба таври ҷиддӣ ба тарғибу ташвиқи маслаки мазкур машғул шуда, муддатҳо сарварии ин маслакро дар Хуросон ба уҳда гирифт. Ӯ ҳамчунин ба баррасии назариву амалии ин маслак пардохта, дар ин замина низ чандин асар офридааст, ки "Нафаҳот-ул-унс" намунаи барҷастаи онҳо мебошад. Дар ин тазкира ӯ роҷеъ ба аҳволу осори беш аз 600 тан аз аҳли тасаввуф иттилоъ додааст. Дар зимни баёни аҳволи шайхону сӯфиёни маъруф низ ӯ ба ишғоли онҳо ба пешаҳои гуногун ишораҳо кардааст.

Мароми башардӯстиву меҳнатдӯстии маслаки мазкур ба осори дигари шоир низ асар гузоштааст. Масалан, ӯ дар маснавии ирфонии "Саломон ва Абсол" тавассути симоҳои тасаввуфӣ андешаҳои баланди инсондӯстиро баён намудааст. Дар маснавии "Хиradномаи Искандарӣ" шоир ҷамъияти хаёлиеро тасвир мекунад, ки дар он ҳама озоду мусовӣ мебошанд. Ӯ дар ин маснавӣ орзу ва омоли мардумро бо тасвири шаҳри афсонавие ба қалам додааст.

Ҷомӣ ҳатто дар осори диниву тасаввуфии худ бештар ба масоили башардӯстиву инсонпарварӣ таваҷҷуҳ доштааст. Бинобар ин наметавон ба баҳои зидду нақизе, ки донишманди маъруфи рус И.С.Брагинский ба ӯ додааст, розӣ шуд: "Ҷомӣ инсони некхоҳтарин

буд. Дар айни замон, ки ӯ мубаллиғи ғояҳои башардӯстӣ буд, дар осори худ тухми тарёи диниро мекошт" [4,35]. Мутаассифона, барои исботи ин иддао далеле оварда нашудааст. Ошноӣ бо осори Ҷомӣ на танҳо иддаои мазкурро таъйид намекунад, балки баръакс мухолифи хурофоту риёкории шайхону зоҳидон будани шоирро нишон медиҳад.

Дар осори Ҷомӣ ҳам дар ғазалу қитъаҳо ва ҳам дар маснавиҳову осори мансураш танқиду мазаммати сӯфиёну шайхони риёкор хеле зиёд ба назар мерасад, ки ин ҷо бо зикри чанд намуна иктифо мешавад. Аз ҷумла ғазале, ки бо матлаъи зер оғоз меёбад, саросар ба мазаммати сахти шайхоне, ки бо ҳар васила мардумро фиреб медиҳанд, ихтисос дода шудааст:

Фиғон зи аблаҳии ин харони бедуму гӯш,
Ки ҷумла шайхтарош омаданду шайхфурӯш.

Танқиди сӯфиёну зоҳидони табаҳкор, ки дар замони шоир зиёд будаанд, дар осори дигари шоир низ фаровон аст. Дар маснавии "Силсилатуззаҳаб" шоир ҳатто фасли алоҳидае "Дар мазаммати сӯфинамоёни зоҳиророй ва маънигузоронисуратпирой" ҷудо намуда, риёкориву мардумфиребии онҳоро ошкор намудааст:

Ҳазар аз сӯфиёни шаҳру диёр,
Ҳама номардуманду мардумхор...

Дар "Баҳористон" низ зимни ҳикояте ҳамин матлабро боз такрор ва таъкид намудааст:

Адлу инсоф дон, на куфру на дин,
Он чи дар ҳифзи мулк даркор аст.
Адли бедин низоми оламро,
Беҳтар аз зулми шаҳи диндор аст.

Панду андарз дар адабиёти тоҷику форс дорои суннати хеле ғанӣ ва қадимӣ буда, ба хусус, дар давраи тоисломӣ ривоҷи зиёд доштааст. Идома ва ҷамъбасти он суннатро дар "Шоҳнома"- Фирдавсӣ метавон мушоҳида кард. Пандномаи Бузургмеҳр, ки Фирдавсӣ хеле батафсил овардааст, далели барҷастаи он аст. Ҷомӣ низ ин суннати бостонии фарҳангиро идома дода ба ҳадди имкон расондааст. Панду ардарзҳои шоир хеле рангин буда, ҷанбаҳои гуногуни ҳаётро фаро мегиранд. Масалан, омӯзиши ҳунарро тарғиб намуда, онро аз зар авлотар медонад:

Дар ҳунар кӯш, ки зар чизе нест,
Ганҷи зар пеши ҳунар чизе нест.

Ба ин тартиб панду андарзҳои шоир тамоми паҳлуҳои асосии зиндагии инсонро дар бар мегиранд. Риштае, ки он ҳамаи дурру марворидҳои панду насиҳатии шоирро ба ҳам мепайванданд, ҳамон андешаву мароми башардӯстӣ аст. Зеро шоир ба ҳар мавзуе мурур кунад, инсон ва халқро дар мадди назар дорад. Чунин панду андарзҳои ҳакимонаи шоир на танҳо арзиши волои умумибашарӣ доранд, балки аҳамияти бузурги ҷовидонӣ дошта, дар ҳамаи давру замонҳо ба дардҳои маънавии инсоният шифо мебахшанд.

**Адабиёт:**

1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Нафаҳот -ул-унс мин ҳазарот-ул-қудс. - Теҳрон, 1370.- С. 608.
2. Брагинский И.С. из истории таджикско- персидской литературы. - Москва: Наука, 1970.
3. Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ. Маснавии "Ҳафт авранг". Ҷилди аввал. Муқаддима аз Аълохон Афсаҳзод. Зери назари Дафтари нашри мероси мактуб. - Теҳрон : Маркази мутолеоти эронӣ, 1378. - 912 с.

# ЭФФЕКТИВНЫЕ МЕТОДЫ ИЗУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

**Рахимова К. Д.**
**Технологический университет Таджикистана**

Цель изучения любого предмета - вооружить студентов системой научных знаний, отражающих ту или иную сторону реальной действительности, и на их основе отношения человека к окружающему миру. Только овладевая знаниями и применяя их в практической деятельности, человек приобретает умения и навыки самостоятельного суждения и действия [3]. Иностранный язык играет большую роль в решении задач воспитания молодежи в духе взаимопонимания и дружбы между народами, знакомит студентам с жизнью народов других стран, их традициями и культурой. Необходимо, что студенты осознали значение иностранных языков для лучшего овладения профессией [3].

Английский-самый распространённый язык в сети интернета. В сфере бизнеса, науки и техники, информационных технологий, медицины и образования самые свежие публикации размещаются на англоязычных сайтах, а затем на остальных. Наибольшее количество книг по бизнесу изданы на английском языке, при этом они доступны в сети Интернет, бесплатно или по низкой цене.

В современном мире тенденции таковы, что преподаватель английского языка уже не является главным источником знаний. Благодаря сети Интернет, мы имеем доступ к бесконечному числу образовательных ресурсов в свободном доступе. К ним относятся: электронные учебники для самостоятельного изучения английского языка, видеоуроки для учащихся любого уровня знаний, фильмы и сериалы на английском языке с русскими субтитрами, приложения на смартфонах, позволяющие учить английский в любое время, английские книги, игры и так долее. Также многие сегодня используют социальные сети с целю повысить свой уровень английского языка посредством общения (переписка или видеозвонки) с носителями языка.

Однако такое количество полезных ресурсов для самостоятельного изучения какого-либо предмета не всегда сказывается положительно на результате. Для того, чтобы овладеть желаемыми знаниями, человек должен обладать определёнными личностными качествами, без которых процесс изучения может затянуться на долгие годы, а то и вовсе остановиться [6].

В настоящее время человеку английский язык необходим как воздух. Для работы, учёбы, поездок, общения с друзьями, расширения кругозора и просто для полноценной жизни. Впрочем, только в последние годы его изучение по-настощему актуально. Английский язык имеет все условия, чтобы стать обязательным для изучения каждым человеком. Знание английского языка – сильный показатель многих важных качеств человека. Если человек хочет быть конкурентоспособным, то ему нужно обязательно выделять время для занятий английского языка. С каждым днем английский все больше нужен в нашей жизни. В настоящее время, просто невозможно представить выпускника университета, не знающего хотя бы основы английского. А знание иностранного языка дает шанс более быстрого карьерного роста. Знание английского представляет все более весомую роль к адаптации каждого человека к современным мировым требованиям и дает огромное преимущество во многих сферах жизни тем людям, которые его изучили в качестве иностранного [7].

Изучение английского языка имеет важное познавательное значение для любого специалиста и ученого. Ведь им очень важно знать достижения во всех областях жизни и не только в своей стране, но и за рубежом. Незнание того, что делается за рубежом, значительно

снижает кругозор специалиста - он отстаёт, теряет свою квалификацию. А то специалист, который сможет прочитать нужный ему журнал или специальную книгу на иностранном языке, сумеет глубже понять и разобраться в написанном. Кроме того, многие наши специалисты едут за границу знакомиться с научными достижениями, с новой техникой. Много иностранных специалистов приезжают в нашу страну. Они посещают наши учреждения предприятия, знакомяться с нашими достижениями. Чаще всего они пользуются услугами переводчиков, которые недостаточно разбираются в сложных вопросах науки и техники [1].

В процессе обучения иностранному языку у будущих специалистов, наряду с овладением компонентами языка, особое место занимают профессиональное лексика и специальные термины. Более того, регулярное обогащение и расширение словарного запаса студентов является одной из важнейших задач обучения иностранному языку в неязыковых вузах. В последние десятилетия активное изучение иностранных языков порождает увлеченную заинтересованность. В связи с этим, отмечается возрастающая роль иностранных языков в качестве инструмента влияния на действия и мышление людей. В тесной взаимосвязи с происходящей глобализацией отдельных государств и всего общества в целом, радикально изменилась роль иностранного языка в системе обучения, из обычного дополнительного предмета он превратился, не только в основной элемент современной системе образования, но и способ достижения целей [5].

Общение на иностранных языках в широком смысле - это базовое способности общения на родном языке другой страны, возможность взаимопонимания иностранных граждан и выражение своих мыслей им, определение понятий, мыслей, передача фактов и мнений не только в устной, но и в письменной форме в соответствии с пожеланиями или потребностями человека. Коммуникации с людьми на иностранных языках требуют присутствие таких качеств, как терпение и межкультурное понимание. Необходимые качества для этого заключаются в способности различать устные сообщения, начинать, поддерживать и завершать беседы, а также читать, воспроизводить и создавать информационные тексты в соответствии с желаниями собеседника [2]. При желании изучать английский язык для начала необходимо научиться использовать должным образом теоретическую базу, далее развивать и совершенствовать свои коммуникативные навыки, постоянно в течении всей жизни.

Из всего вышеперечисленного можно сделать аргументированный вывод, что каждому человеку, который хочет хороший карьерный рост, расширить границы своего общения, получать свежую информацию из первоисточников, открыть новые жизненные перспективы и в конце- концов разнообразить свою жизнь и сделать ее более интересной, изучение английского языка в 21 веке просто необходимо [7].

**Литература:**

1. Дворяткин М.Г. Пути повышения интереса учащихся на уроках английского языка. - Душанбе, 1985. - 40 с.

2. Научно методический журнал Русский язык и литература в школах Таджикистана. - Душанбе, июль-август №4 (307), 2019. - 80 с.

3. Петрова И.И. Педагогические основы межпредметных связей. - Москва, Высшая школа, 1985. - 78 с.

4. Ушинский К.Д. Избранные педагогические сочинения. Т.11Учпедгиз. Москва 1939.- 300 с.

5. Электронный учебно-методический комплекс. Общее языкознание для специальности 1-21 06 01-01 «Современные иностранные языки (преподавание)». Копач О.И.. Минск 2017. - С.125.

6. Никитина Ю. А. Эффективные методы самостоятельного изучения английского языка. -Минск, Научная статья. - 2020. - С. 42.

7. Клишина Е.В. Английский язык - так ли он нужен? -Научная публикация. - 2020.

## БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ЭЛИТАИ СИЁСӢ

**Сайдуллаева Г. Р.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Таҷриба ва амалияи сиёсии ҷаҳони муосир моҳияти масъалаи элитизми сиёсиро ниҳоят муҳим мегардонад, аз ин рӯ, мавқеъ ва нақши он дар ҷомеа яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсатшиносӣ ва таҳқиқоти фалсафӣ боқӣ мемонад.

Элитиаи сиёсӣ як ҷузъиёти ҳатмии низоми сиёсии ҷомеа буда, ки тибқи он иштироки табақаҳои васеи аҳолӣ дар идоракунии давлат номатлуб ва ғайриимкон аст, на танҳо мавҷуд буд, балки аз марҳилаҳои аввали ҷомеаи башарӣ вуҷуд дошт ва то замони муосир, вуҷуд дорад. Дар ин робита, ақидаи Г.Моска дар бораи он, ки «таълимоте, ки дар тамоми ҷомеаҳо, ки ба сатҳи муайяни рушд ва фарҳанг расидаанд, роҳбарии сиёсӣ ба маънои васеъ... аз ҷониби як синфи махсус, яъне ақаллияти муташаккил амалӣ мешавад, хеле қадим аст, нисбат ба ақидаи баъзе ҷонибдорони он» [6, 157].

Тибқи шарҳи истилоҳ “элита” гуруҳи одамоне мебошанд, ки қисми зиёди захираҳои моддӣ, рамзӣ ва сиёсии ҷомеаро назорат мекунад. Онҳо дар ҷомеа мақоми баландро ишғол намуда, дорои қудрат ҳастанд, ки тибқи тавсиф мақоми муқарраршуда аз рӯи қобилияти қабули қарор ё аз рӯи хислатҳои худ мавқеи муайянро ишғол мекунанд, дорои моликият ва эътибори олӣ мебошанд». Дар ҳоле, ки худи истилоҳи «элитаи сиёсӣ» хеле дертар пайдо шуда бошад ҳам, дар доираи назарияҳои гуногуни иҷтимоӣ-фалсафӣ муносибатҳо ва мафҳумҳои элитӣ дар давраи дигаргуниҳои куллии иҷтимоии асрҳои 19-20 ташаккул ёфта, васеъ паҳн гардиданд.

Аз замонхои кадим ба акаллият ва аксарият таксим шудани ҷомеа хос буд. Мафҳуми «ақаллият» дар илми сиёсӣ бо мафҳуму ибораҳои гуногун шарҳ дода мешавад: аристократия, ақаллияти ҳукмрон ё бартаридошта, олигархӣ ё корпоративӣ, бюрократӣ ва ҳатто ҳукумати демократии чанд нафар. Ақаллиятро элитаи ҳукмрон низ меноманд.

Асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши элитаи сиёсӣ бо ҷанбаҳои гуногуни консептуалӣ зуд мукаммалгашта, ки дар асоси онҳо қонуниятҳои тағирёбии элитаи сиёсӣ, муайян намудани тамоюлҳои мавҷудият ва фаъолияти онҳо, дарки дараҷаи муттасилии рушди онҳо, тадқиқи алоқамандии миқдорӣ ва сифатии хусусиятҳои «замонавӣ» элита имконпазир мегардад.

Барои омӯзиши ҳамаҷонибаи элитизми сиёсӣ дар таърихи таълимоти сиёсӣ ба таври муфассал таҳаввулоти ин падидаро пайгирӣ кардан муҳим аст.

Аз давраҳои қадим сар карда то назарияҳои замони муосир масъалаи элитаи сиёсиро дақиқ омӯхтан имконпазир аст. Андешаҳо оид дар ҷомеа мавқеи гуногунро ишғол кардани одамон аз давраи парокандашавии сохти қабилавӣ пайдо шуданд. Гуруҳи одамонро акаллияти идоракунанда ва аксарияти итоаткунанда номидаанд, ки бо мафҳуму ибораҳои гуногун ифода мешуданд. Ба ақидаи онҳо ҷомеа ба болоиҳо ва поёниҳо, ашрофзодагон ва мардуми одӣ ҷудо мешавад. Мутобиқитарин ифодаи ин андешаҳо дар навиштаҳои Конфутсий инъикос ёфтааст. Ӯ яке аз аввалинҳо шуда дар ҷомеа ба истилоҳ «мардони ашроф» (элитаи ҳукмрон), ки дар асоси риояи аҳкоми ахлоқӣ ба ҷомеа ҳукмронӣ мекардаанд ва «пастиён»-ро, ки бешубҳа ба онҳо итоат мекарданд, фарқ кард. Файласуфи Юнони кадим Афлотун дар сари давлат шахсеро медид, ки аз чихати баъзе хислатхо аз дигарон болотар — файласуф-аристократӣ доно буд, Арасту бошад, дар навбати худ таснифи шаклхои хокимиятро пешниход кардааст.

Дар асрҳои миёна тасдиқи ақидаи сарчашмаи муқаддасӣ доштани қудрат хусусияти қаҳрамонии даври қадимро иваз кард. Баъдтар пайдоиши илоҳии намояндагони қудратро инсонгароӣ иваз менамояд. Дар Замони Эҳё моҳияти шахсии дорои қудрат бо ақл ва иродаи қавӣ инъикос гардид. Дар ин давра барҷастатарин идеолог ва сиёсатмадор Николо Макиавелли таваҷҷӯҳро ба масъалаи марбут ба шахсият дар низоми ҳокимият ҷалб кард. Ӯ элитизми сиёсиро ба таври куллӣ дигар муаррифӣ менамояд, зеро мазмуни муосири сиёсат аз ақидаҳои Ӯ оғоз мешавад. Ҳамин тариқ, худомарказияти асримиёнагиро инсонмарказияти замони Эҳё иваз мекунад. Дар ин ҷо одами соҳибихтиёр, ки дорои ақли комилан мустақил, фаъол ва дорои иродаи озодшуда аст, ҷомеаро идора мекунад. Ба ин давра рушди афкори инсонпарварӣ хос буд, аммо рушди умумии фарҳанг бо «шикори бузурги ҷодугарон», яъне бо эътиқод ба воқеияти бадӣ ҳамзист буд.

Макиавелли фаъолияти ҳокимони замони худро, манфиату ормонҳои онҳоро таҳлил намуда, андешаҳои нави элитаизми сиёсиро пешниҳод мекунад. Вай ба истилоҳи хеле мухимми хаёти чамъиятй — “низоъ (конфликт)” ишора кард. Ба андешаи Макиавелли, дар давлат низоъ пайваста вуҷуд дорад, ки асосан дар байни ҷомеа ва шахсони идоракунанда ба миён меояд. Охиринҳо ташнаи ҳукмронии бемаҳдуд буда, қудратро бо роҳи маккорона ноил мешаванд[4].

Ақидаи Макиавелли дар бораи иваз кардани ахлоқ бо дониши арзишӣ, сохтори ҳокимият, ки қисми намояндагони синфи ҳукмрон ба "шерҳо" шабеҳ шуда, садоқат ба давлат доранд, муҳофизакоранд, барои расидан ба ҳадафҳои худ истифодаи тамоми воситаҳоро пеша мекунанд ва "рӯбоҳҳо" - маккор, найрангбоз, навсозон, хеле аслӣ аст. Вилфредо Парето баъдтар барои таҳияи назарияи «муомилоти элита» аз тасвирҳои шер ва рӯбоҳ истифода кард.

Дертар тарафдорони консерватизми романтикӣ, ки ба идеализм ва фалсафаи теологӣ такя мекарданд, назарияи волюнтарии инкишофи таърихро идома медоданд. Онҳо дорои чунин ақида буданд, ки таърих натиҷаи фвъолияти шахсиятҳои бузург аст. Ин ақида ба намояндагони ин равия Т.Карлейл ва Р.В.Эмерсон тааллуқ дорад.

Ва, нихоят саҳми М.Веберро дар тахлили рохбарии сиёсӣ қайд кардан зарур аст. Чунон, ки М.Вебер дуруст гуфтааст: “Барои миллати бузург бадтар чизе нест, агар ба он ақаллияти аз ҷиҳати сиёсӣ бесавод рохбарӣ кунад” [2].

Бинобар сабаби махдуд будани донишҳо ақидаҳо оид ба элита дар боло зикршуда ягон асоси ҷиддии назариявиро нагирифтаанд.

Ба инкишофи назарияҳои марбут ба элита акидахои равшанфикрони Фаронса Т.Гоббс ва Л.Монтеске таъсири калон расониданд. Тафсири ҳолати воқеӣ аз ҷониби идеологҳои равшанфикр ба таври гуногун, аз ҷумла чун омили ҳатмӣ, табиӣ, барои инсоният зарур

пешниҳод мешавад. Ҷомеа бояд бешубҳа ба ақаллиятҳо, яъне ба шахсони қудратманд итоат кунад. Макомоти давлатӣ бояд сиёсат ва идеологияро ба таври возеҳ назорат кунанд, омма ва ҳизбҳоро идора ва ҳамоҳанг созанд.

Низоми назарияҳои ташаккули элитаҳои ғарбиро мафҳумҳо ва самтҳои хеле мухталиф ифода мекунанд: назарияи элитаи ягона, назарияи плюралистӣ ва назарияи элитизми демократӣ (Ҷ. Хигли, Р. Миллс, Р. Дал, В. Хофман, Т. Дай, Л. Х. Зиглер ва ғ.).

Сиёсатшиноси амрикоӣ Ҷ. Ҳигли қайд мекунад, ки элитаҳо "қабулкунандагони асосии тасмимҳо... инҳо шахсони алоҳида ва гурӯҳҳое мебошанд, ки потенсиали муташаккил барои таъсиррасонии мунтазам ва дорои қувва ба қарорҳои сиёсӣ доранд".

Асосгузорони мафҳуми илмии элитаҳо ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳимтарини сиёсатшиносии муосир, ки институтсионализатсияи он дар ибтидои асри XX сурат гирифтааст, бешубҳа намояндагони барҷастаи афкори сиёсии Аврупо Г.Моска, В.Парето ва Р.Михелс мебошанд. Онҳо намояндагони мактаби элитизми сиёсии макиавелӣ мебошанд, зеро маҳз Н.Макиавелли сиёсатро ҳамчун як соҳаи мустақили ҷомеа баррасӣ намуда, соҳаи воқеи иҷтимоӣ номид.

Назарияи онҳо, ки дар сиёсатшиносии муосир ҳамчун мактаби классикӣ ё "макиавеллӣ" муаррифӣ шудааст, асоси таҳқиқоти муосири элитизм мебошад. Онҳо ба таври махсус принсипҳои бунёдии назарияи илмии элитаро таҳия намуда, дар шакли низоми муайяни муқаррарот оид ба он ақаллияти ҷомеа, ки дорои миқдори зиёди сифатҳо, арзишҳо ва афзалиятҳои зарурӣ аст, мавқеъи бонуфузтаринро дар низоми ҷомеа ишғол мекунанд, муайян карданд.

Ҷомеашиносони итолиёвӣ Г.Моска ва В.Парето асосгузорони назарияи муосири функсионалистии элитаҳо мебошанд. Намояндагони мактаби макиавелӣ элитаи ҳукмрон ва ғайриҳукмронро муайян намуда, принсипҳои ташаккули элитаро муайян карданд. Мувофики назарияи классикии элитаи сиёсй дар зери хар гуна шакли хокимият акаллият, ки В.Парето онхоро “элита” ва Г.Моска “синфи сиёсӣ” [7] меномиданд, бар синфҳои “ғайрикобилияти идоракунӣ” роҳбарӣ мекунад.

Моска кӯшиш мекард, ки ногузирии ҳар як ҷамъият, ки ба ду гуруҳи нобаробар аз ҷиҳати мавқеъ ва накши ичтимоӣ таксим мешавад, шарҳ диҳад. Вай дар асари худ “Асосҳои сиёсатшиносӣ” навиштааст: “Дар ҳама ҷомеаҳо, ки ба қадри кофӣ мутараққӣ ва ба пояи тамаддун расидаанд, то ҷомеаҳои равшанфикрон ва тавоно, ду табақаи одамон вуҷуд дорад: синфи ҳокимон ва. Ҷомеа бо кушиши синфи аввалин <...> танзим гашта, онро <...> тавассути воситахои моддӣ дастгирӣ барои кобили хаёт будани организми сиёсӣ зарур аст, таъмин менамояд” [7,187-198].

Ба назарияи Вилфредо Парето бошад прагматизм хос аст. Ӯ мафҳуми элитаро дар асараш “Рисолаи ҷомеашиносии умумӣ” баён намудааст. «”Таърихи башарият, — гуфт ӯ, — таърихи доимии тағйир ёфтани элитаҳо мебошад: баъзеҳо дорои мавқеи баланд мешаванд, баъзеҳо мавқеи пастро соҳиб мешаванд”. В.Парето, мисли Моска боварии комил дошт, ки “ҷаҳонро ҳамеша ақаллияти интихобшуда – элитаи дорои сифатҳои махсуси равонии ирсӣ ва иҷтимоӣ (тавассути тарбия ва маърифат) идора мекард ва бояд идора кунад”. Дар асари зикршуда ӯ қайд кардааст; “Ба баъзе аз муҳаққиқон писанд аст ё не, ҷомеаҳо якхела нестанд ва фардҳо аз ҷиҳати ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва зеҳнӣ гуногунанд” [8]. “Ғояи асосии истилоҳи “элита”, — таъкид намуд В. Парето, — ифодаи шахсиятҳои дорои хислатҳои зеҳнӣ, ма қобилиятҳои гуногун мебошад.

Дар инкишофи назарияи элитаи сиёсӣ Р.Михелс (1876-1936) саҳми арзанда гузоштааст. Ӯ менависад, ки дар натиҷаи муттаҳид гаштани ҳокимият дар дасти як гуруҳ одамон

“бюрократияи олӣ” ташаккул меёбад, ки он ҳокимияти баргузидаи ҷомеа аст. Михелс ба қобилиятҳои ташкилотчигӣ ва воситаҳои сохторҳои расмӣ, ки ба фаъолияти элита таъсир мерасонад, диққати махсус зоҳир менамояд. Ӯ ба хулосае омад, ки ба худи сохтори иҷтимоии ҷомеа элита зарур аст, ки он аз рӯи қонуниятҳои махсус барқарор мешавад. Дар натиҷа ин гурӯҳ ба доро шудани ҳамагуна имкониятҳо ноил гашта, барои идора кардан, соҳиб шудани маълумоти баланди касбӣ ҳеҷ маҳдудияте надоранд.

Роберт Михелс, мисли Г.Моска ва В.Парето, таъкид мекард, ки демократияи ҳақиқӣ — на бевосита, балки демократияи намояндагӣ — дар дохили худ ибтидои олигархизмро дар бар мегирад. Акидаи ӯ оид ба ташаккули элита дар асари асосиаш «Социологияи ҳизби сиёсӣ дар демократия» (1911) ифода ёфтааст. Вай исбот кард, ки олигархия шакли ногузири калони чамъиятӣ мебошад. Ба ақидаи Михелс, элита - ақаллияти фаъол, ки омма ба он эътиқод дорад , маҳсули демократия аст, худро ҳифз мекунад ва суботро ба даст меорад. Ин мавқеъ дар "қонуни оҳанини тамоюлҳои олигархӣ", ки ӯ таҳия кардааст, инъикос ёфтааст, ки ба Михелс шӯҳрати ҷаҳонӣ овард.

К.Маркс ва Ф.Энгельс ба материализми таърихӣ ва муносибатҳои синфӣ такя намуда, назарияи элитизми классикиро, ки таърихи чамъиятхое, ки то имруз вучуд доштанд таърихи муборизаи элитаҳо номида мавриди танқид қарор карданд.

Марксизм меъёрхои инкишофи низоми сиёсиро бо таъмини ҳукмронии шакли коллективии моликият, гегемонизми синфи коргар ва роли роҳбарикунандаи ҳизби коммунистӣ алоқаманд мекунад. Риояи ин принсипҳои баҳодиҳии вокеияти сиёсӣ имкон медиҳад, ки дар бораи бартарӣ доштани демократия аз тоталитаризм, ё марксизм — социализм бар капитализм сухан ронем.

Элитаи сиёсӣ дар ҷомеаи муосир вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад, ки шарҳи онҳо аз рӯи хусусияти гуногуни субъектҳо, соҳаҳои фаъолият ва ҳадафҳои бадастомада анҷом дода мешаванд. Вобаста ба хусусияти субъекти ҳукмрон вазифаҳои идоранамоӣ, тобеият, сафарбарнамоӣ ва ҳамгироиро чудо мекунанд. Дар соҳаҳои гуногун дорандагони ҳокимияти сиёсӣ метавонанд нчунин вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангиро иҷро намуда, дар идоракунии ҷомеа, тақсимоти неъматҳои моддӣ барои аъзоёни ҷомеа, истеҳсол ва пахн кардани арзишҳо, идеяҳо ва меъёрҳо саҳмгузор бошанд.

Назарияҳои дар боло зикршудаи элитаи сиёсӣ дар асоси таҳлил ва пажӯҳиши ҷомеаҳои устувор таҳия гардидаанд. Бисёре аз сиёсатшиносон бар ин ақидаанд, ки ин таърифҳо барои на ҳама ҷомеаҳо мувофиқанд. Хусусияти хоси чунин ҷомеаҳо тағироти куллӣ дар арзишҳои иҷтимоӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, ба назари мо, ҳанӮз ҳам муқаррароти асосии назарияҳои классикии элитизм ва инчунин принсипҳои бунёдии назарияҳои муосири Ғарбро ба воқеияти низоми сиёсии тоҷик татбиқ кардан мумкин аст, зеро қолабҳои рушди ҷомеаҳои муосир ва нақши элитаи сиёсӣ дар онҳо якхелаанд. Ин барои элитаи сиёсӣ муҳим аст, зеро тағир додани режими сиёсӣ, новобаста аз он, ки он чӣ гуна шакл дорад - инқилобӣ ё эволютсионӣ, ҳамеша бо тағирот дар элитаи сиёсӣ ҳамроҳ мешавад. Ташаккули элита бояд ба самти демократикони равона шавад. Аммо хусусияти нокифояи демократии ин раванд ва нигоҳ доштани анъанаҳои шакли пӮшидаи ташаккули элита боиси кам шудани меъёрҳои ташаккули онҳо мегардад.

Ҳамин тарик, элитизми ҷомеаи муосир вокеияти объективӣ буда бе он фаъолияти низоми сиёсиро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ягона алтернативаи элитизми сиёсӣ худидоракунии чамъиятӣ аст, аммо дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеаи башарӣ худидоракунии мардум аз воқеият бештар орзуи ҷолиб, идеал, утопия мебошад.

Аз ин рӮ, имрӮз барои ташаккул ва рушди давлати демократӣ мисли Тоҷикистон на аз байн бурдани элитизми сиёсӣ, балки ҳал намудани масъалаи ҷалб намудани элитаи сиёси, муассир ва муфиди барои ҷомеа, саривақт навсозии сифатии он, пешгирии тамоюли бегонагӣ аз мардум ва табдил шудан ба табақаи имтиёзноки ҳокими пӮшида хеле муҳим аст. Дар акси ҳол, сухан дар бораи зарурати таъсиси ниҳодҳои мувофиқ меравад, ки самаранокии элитаи сиёсӣ ва назорати онро бар ҷомеа таъмин кунанд.

**Адабиёт:**


1. Антология мировой политической мысли. В 5 т. М., - 1997.
2. Ашин Г. Смена элит // Общественные науки и современность. - 1995. - № 1.
3. Ашин Г., Охотский Е. Курс элитологии. – М.: ЗАО "Спортакадемпресс", 1999. Ашин Г. Формы рекрутирования политических элит // ОНС. - 1998. - № 3. Властвующая элита / Пер. с англ. - М.: Иностранная литература, 1959.
4. Макиавелли Н. Государь. - М., - 2005.
5. Миллс Р. Господствующий класс. М., 1957;
6. Моска Г. Происхождение доктрины политического класса и причины, которые препятствовали ее распространению //Личность. Культура. Общество.-2003.-Т. V.- Вып. 1-2 (15-16). - С. 157.
7. Сайдуллаева Г.Р. Особенности трансформации политической элиты Таджикистана [Текст] // Вестник ТУТ 2 (27). – Душанбе : Бахманруд, 2016. - С. 167–177.
8. Сайдуллаева, Г. Р. Роль политической элиты Таджикистана в становлении государства [Текст] // Актуальные проблемы развития современного государства. (Материалы республиканской научно-теоретической конференции, 2018). - С. 49-67.
9. Сотсиология. Л., 2009, с. 46


# АЛГОРИТМЫ МАШИННОГО ПЕРЕВОДА И АВТОМАТИЧЕСКОЙ ТРАНСЛИТЕРАЦИИ РУССКОГО ЯЗЫКА


**Таирова Д.Р.**
**Технологический университет Таджикистана.**


## Введение

Машинный перевод и автоматическая транслитерация являются важными компонентами обработки естественного языка (NLP). Эти технологии активно используются в различных областях, от международного общения до анализа текстов на разных языках. В последние годы алгоритмы машинного перевода достигли значительных успехов благодаря развитию нейросетевых моделей и методов глубокого обучения. В этой работе рассматриваются основные подходы к машинному переводу и транслитерации, а также их особенности для русского языка.

## 1. Алгоритмы машинного перевода

Машинный перевод (МП) представляет собой автоматический процесс перевода текста с одного языка на другой с помощью вычислительных технологий. Существует несколько типов алгоритмов, используемых для машинного перевода.

1.1. ***Статистический машинный перевод (SMT) -*** основан на статистическом анализе больших объемов текстов. Примером такого подхода является алгоритм IBM Model, который анализирует пары предложений на разных языках и строит модели на основе вероятности словосочетаний.

1.2. ***Нейронный машинный перевод (NMT) -*** современный подход, который использует нейросетевые архитектуры, такие как рекуррентные нейронные сети (RNN) и трансформеры. Примером является модель Google Translate, основанная на нейросетях. Нейронные модели более эффективно обрабатывают контекст и способны генерировать более точные и естественные переводы.

1.3. ***Перевод на основе правил –*** один из ранних подходов к машинному переводу, который использует грамматические и синтаксические правила для перевода текста. Хотя этот метод был эффективен в некоторых случаях, он требует большого объема правил и не всегда может точно передать контекст.

1.4. ***Гибридные подходы –*** объединяют элементы статистического и нейронного перевода с использованием правил. Эти системы могут комбинировать лучшие качества разных подходов и обеспечивать более точный перевод.

## 2. Технологии и платформы для машинного перевода на русский язык

Существует множество платформ и инструментов для перевода текстов на русский язык. Среди них можно выделить следующие:

2.1. Google Translate - одна из самых популярных платформ для машинного перевода. Использует нейронные сети и постоянно обновляется для улучшения качества перевода, включая поддержку русского языка.

2.2. Яндекс.Переводчик - сервис, разработанный компанией Яндекс, который активно использует методы нейронного перевода и поддерживает перевод между русским и множеством других языков.

2.3. DeepL - платформа, предоставляющая высококачественный перевод с использованием нейросетевых технологий. Несмотря на отсутствие полного охвата языков, DeepL обеспечивает более точные переводы по сравнению с другими сервисами.

2.4. Microsoft Translator - сервис от Microsoft, использующий нейронные сети и поддерживающий русский язык. Также предоставляет API для интеграции в различные приложения.

## 3. Алгоритмы автоматической транслитерации

Автоматическая транслитерация – это процесс преобразования текста с одного алфавита в другой без перевода содержания. Этот процесс особенно важен для перевода имен, географических названий, а также технических терминов.

3.1. Транслитерация с помощью словарей и правил – один из самых старых методов, основанный на сопоставлении символов из одного алфавита с символами другого. Однако этот метод имеет ограниченную применимость, поскольку не всегда может учесть все особенности произношения.

3.2. Транслитерация на основе машинного обучения – более современные подходы используют методы машинного обучения, которые позволяют создавать модели, учитывающие контекст и правила произношения, а также адаптироваться к различным типам текста (например, к именам собственным, названиям брендов и т. д.).

3.3. Системы автоматической транслитерации – существуют различные онлайн-сервисы и инструменты для транслитерации русского текста в латиницу, такие как Google Input Tools и Яндекс.Переводчик. Они обеспечивают транслитерацию на основе грамматических и фонетических правил.

**4. Применение машинного перевода и транслитерации**

Машинный перевод и транслитерация имеют широкое применение в разных областях.

4.1. Международное общение – для людей, не владеющих иностранными языками, машинный перевод становится неотъемлемым инструментом для общения с носителями других языков. Например, туристы могут использовать мобильные приложения для перевода разговоров в реальном времени.

4.2. Перевод научных и технических текстов – многие исследования и работы публикуются на иностранных языках, и перевод научных материалов с русского на другие языки и наоборот является важной частью научной деятельности.

4.3. Обработка данных и анализ текстов – в области биг дата и анализа текстов машинный перевод помогает автоматически переводить большое количество информации на разные языки, а транслитерация используется для корректного представления имен собственных в разных языках.

5. Перспективы развития алгоритмов машинного перевода и транслитерации Алгоритмы машинного перевода и транслитерации продолжают развиваться. В ближайшие годы можно ожидать дальнейшего улучшения качества перевода, включая более точную передачу контекста и адаптацию к различным языковым ситуациям. Также ожидается развитие гибридных систем, которые будут комбинировать преимущества различных подходов для получения наилучших результатов.

**Заключение**. Алгоритмы машинного перевода и автоматической транслитерации продолжают эволюционировать и играют важную роль в современном мире, обеспечивая коммуникацию между людьми разных языков и культур. В будущем можно ожидать дальнейшего совершенствования этих технологий, что сделает их еще более доступными и точными.

**Литература:**

1. Koehn, P. Statistical Machine Translation. - Cambridge University Press, - 2009.

2. Vaswani, A., Shazeer, N., Parmar, N., et al. Attention is All You Need. - NIPS, - 2017.

3. Назаров, Р. С. Использование средств информационнокоммуникационных технологий в обучении иностранным языкам / Р. С. Назаров, Х. А. Эвазов, Ф. Нурулло // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2010. – № 2. – С. 16-22. – EDN XIDKYV.

4. Назаров, Р. С. Машинный перевод: современное состояние и перспективы // Труды Технологического университета Таджикистана, выпуск X. – 2004. – С. 55-58.

5. Назаров, Р. С. О системах машинного перевода и принципе их работы // Труды Технологического университета Таджикистана, выпуск XI. – 2005. – С. 14-22.

6. Назаров, Р. С. Об основных понятиях и технологиях компьютерной лингвистики и обработки естественного языка // Труды Технологического университета Таджикистана, выпуск XI. – 2005. – С. 9-14.

7. Назарзода, Р. С. Омодасозии мутахассисони соҳаи коркард ва таҳлили додаҳо - тақозои ҷаҳони муосир / Р. С. Назарзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2023. – No. 3(48). – P. 137-143. – EDN: CTEFYX.

**ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ,ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ДАР ШАРОИТИ ГАРМШАВИИ ИҚЛИМ ВА ОБШАВИИ ПИРЯХҲО**

**Ҷӯраев Р.З., [1]Дилангези Р.**
**[1]Коллеҷи давлатии тиббии ш. Душанбе**

Ҷомеаи башарӣ ҳамасола санаи 21- Мартро ҳамчун «РӮзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»- дар саросари ҷаҳон таҷлил менамояд.

Ҳадаф аз таҷлил, андешидани чораҳои мушаххас барои ҳадафманду самаранок мавриди истифода қарор додани захираҳои обӣ, дарки муҳими ҳифзи захираҳои он, бо обӣ нушокӣ таъмин намудани аҳолии сайёра ва мутаваҷҷеҳ сохтани андешаи ҷомеаи башарӣ ҷиҳати коҳиш ёфтани захираҳои он дар шароити тағйирёбии иқлим, гармшавии муҳити зист ва бошиддат обшавии пиряхҳо мебошад.

Зеро масъалаи оби нушокӣ ва коҳиш ёфтани сарчашмаҳои он, имрузҳо боиси нигаронии мардуми сайёра гардидааст, ки тибқи хулосаҳои коршиносони соҳа гумон меравад, ки то «соли 2050 тақрибан 48% аҳолии сайёра дар 48- кишвари ҷаҳон аз дастёби ба оби нушокӣ танқиси хоханд кашид» [1, с.2]. Чунин ҳолат албатта зарурати ҳифзу ҳадафманд ва самаранок истифода бурдани захираҳои оби нушокиро ба миён мегузорад.

Мубрамияти масъалаи мазкурро ба инобат гирифта, ҳануз соли 2002 СММ, яке аз воситаҳои расидан ба «Рушди ҳазорсола»-ро дар баробари «коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, ҳифзи саломатӣ, истифодаи оқилонаи об ва таъмини аҳолии сайёра бо оби нушокӣ» эътироф кардааст [2,с.36].

Об асоси мавҷудияти ҳаёт буда, пайдоиши75% набототу мавҷудоти зинда ба он марбут буда, 65% организми инсонро ташкил медиҳад, ки дар шинохту шарҳ ва тавсифи он дар осори мутафаккирони даврони гуногун ҳамчун нодиртарин муъҷизаи ҳаёт дар тавлиду зиндагии башар, ба сифати падидаи муққадасу пок парастиш ёфта, онро гавҳари ноёб ва гаронбаҳои табиат таҷассум ёфтааст.

Дар афкори маънавии инсоният бошад дар баробари хоку ҳаво ва оташ, об низ ҳамчун нахустасос, ҷавҳари пайдоиши олам (Фалес) тавсиф шудааст.

Дар баробари ин, таърихи инсоният собит намудааст, ки гаҳвораҳои тамаддуни башарӣ, кишвару шаҳрҳои ободдар макони бунёд меёфтанд, ки иқлиму ҳавои мусоид барои ҳаёт доштанду аз обу ғизои фаровон ва заминҳои ҳосилхез бархурдор буданд. Ба андешаи А. Ҷомӣ "Бухоро ва Самарқанд дар маҳалли ҷойгиршавии об, дар соҳили дарёҳои серобу водиҳои ҳосилхези Ому( Ҷайҳун) ва Сир(Сайҳун) бунёд шудаанд" [3,с.154].

Бояд зикр намуд, ки об ва иқлим бо ҳам робитаи ногусустанӣ доранд, зеро тағйирёбии иқлим таъсири худро ба ҳаёти мо тавассути об ва захираҳои оби мерасонад.

Аз ин лиҳоз, дар шароити кунунӣ вобаста бо тағйирёбии иқлим, гармшавии сайёра, ҷараёни босуръати обшавии пиряхҳо идома дорад, ки боиси коҳиш ёфтани захираҳои оби нӮшоки гардида, масъалаи конеъ гардонидани талаботу дастрасии аҳолии сайёраро ба захираҳои обӣ ба масъалаи муҳими ҳастӣ табдил додааст.

Мубрамияти ин масъала вобаста ба он мебошад, ки таҳдидҳои нави глобалӣ аз ҷумла истихроҷи бемайлони газҳои гармхонавӣ ба ивазшавии қабати азонии ҳаво расонида, боиси гармшавӣ ва тағйирёбии иқлими сайёра, обшавии пиряхҳо, дигаргун гардидани муҳити зист, коҳиш ёфтани захираҳои оби тоза, ба биёбону хушкиҳо мубаддал гардидани заминҳои ҳосилхезу ҷангалзорҳо оварда, талаботи аҳолиро ба оби тозаи ошомиданӣ дучанд гардонидааст.

Воқеияти масъала, аз кулли давлатҳо ва ҳар як сокини сайёра ҳадафманд, сарфакорона истифода бурдан ва ҳифз кардани захираҳои обро тақозо намуда, ҷомеа ҷаҳониро хушдор месозад, ки баҳри ҳимояи муҳити зист, таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди устувор ва ҳифзи захираҳои оби ошомиданӣ муносибати некбинона дошта бошад.

Агар тамоюлҳои зикргардида вусъат ёбанд, на танҳо хавфи ба миён омадани "буҳрони об", балки метавонанд боиси тундӣ ва рақобати шадид миёни кишварҳои дорои дарёҳои фаромарзӣ гарданд.

Ин раванд аз як ҷониб бо афзоиши босуръати аҳолӣ, афзун гардидани талабот ба оби нушокӣ, инкишофи саноату кишварзӣ ва ғайри оқилона истифода бурдани захираҳои об вобаста бошад, аз ҷониби дигар бо падидаҳои табиӣ ва антропогенӣ вобастагӣ доранд, ки ҳадафманд ва самаранок истифода бурдани захираҳои обро, имрӯз ба масъалаи сарнавиштсозу аввалиндараҷа на танҳо барои кишварҳо балки барои ҳар як фарди сайёра табдил додааст.

"Бояд психология афкори умум дар тақдири об, тақдири кишварро бинад, аз ин лиҳоз об на танҳо манбаи рушд, балки объекти ифтихори миллӣ эътироф гардад"[ 4,с.42].

Чунин хулоса бармеояд, ки кишварҳои ҷаҳонро мебояд, ки ба масъалаи об на танҳо ҳамчун воситаи рушди ояндаи кишвари худ, балки чун сарвати гаронбаҳои табиӣ ва сарчашмаи ҳаёт назар карда, ҳифз ва ҳадафманд истифода бурдани онро ба вазифаи муҳими стратегӣ табдил диҳанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари кӯҳсор буда, дар минтақаи субтропики Нимкураи Шимолӣ ҷойгир буда, аз нигоҳи иқлим ва мавқеи ҷуғрофӣ дар Осиёи Марказӣ дар маркази минтақаи яхбандӣ қарор дошта, ҳамчун саргаҳи тавлиди об эътироф гардида, аз лиҳози захираҳои оби нушокӣ сарватманд буда, сарчашмаҳои он аз оби пиряххо, кулҳо, дарёҳо, обанборҳо ва обҳои зеризаминӣ маншаъ мегирад.

Аз ин ҳисоб Тоҷикистон дар миқёси ИДМ баъд аз Россия ҷойи дуюм, дар миқёси Осиёи Марказӣ ҷойи якум ва аз ҳисоби захираҳои оби ширини ошомиданӣ дар даҳгонаи аввали ҷаҳон ҷойгузин мебошад.

Муҳимтарин захираи обҳои Тоҷикистон аз ҳисоби пиряххо сарчашма мегиранд, ки шумораи онҳо зиёда аз 1400 ададро ташкил дода, масоҳати умумии онҳо ба 11146 км$^2$ баробар буда, 8% ҳудуди ҷумҳуриро фаро мегиранд.

Калонтарин пиряххои Тоҷикистон Федченко мебошад, ки 77 км дарозӣ, 3-4 км паҳноӣ, 1-км ғафсӣ, пиряхиГрум- Грижмайло 37км дарозӣ,142,9км$^2$ масоҳат, пиряхи Бивачний 28 км дарозӣ,37,1 км$^2$ масоҳат, пиряхи Гармо 30 кмдарозӣ,114,6км$^2$ масоҳат, пиряхи Зарафшон26,5 км дарозӣ ва 132,6км$^2$ ташкил медиҳад [5,с.61].

Мутаассифона, аз шумораи умумии пиряххои мавҷудаи ҷумҳурӣ дар натиҷаи тағйиёбии иқлим, гармшавии глобалии сайёра ва таъсирҳои антропогенӣ беш аз 1400 пирях ба нести расидааст.

Дигар манбаи муҳими захираҳои оби нӯшокии Тоҷикистон аз ҳисоби оби дарёҳо сарчашма мегиранд, ки шумораи онҳо 947- то буда, дарозиаашон аз 10- то 3000 км-ро ташкил медиҳанд.

Бузургтарин дарёҳои Тоҷикистон дарёи Панҷ, Вахш, Сир, Зарафшон, Кофарниҳон ва Бартанг мебошанд, ки дар давоми сол аз онҳо беш аз 600 млрд. м$^2$ об ҷорӣ мешаванд. Агар дар давлатҳои Осиёи Марказӣ захираҳои обҳои ҷоришаванда ба « ҳисоби миёнаи солона ба 115 млрд.м$^2$ баробар бошад, аз ин нишодод "64 млрд.м$^2$ он ба Тоҷикистон тааллуқ дорад, ки 55,4% обҳои ҷоришавандаи Осиёи Марказиро ташкил медиҳад"[6,с.4]

Сарчашмаи дигари захираҳои оби Тоҷикистонро кулҳо, ки шумораи онҳо 1300 ададро бо захираи 46,3км$^3$, обанборҳо бо ҳаҷми умумии1 5,344 км$^3$ ва обҳои зеризаминӣ ташкил медиҳанд.

Дарвоқеъ Чумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои васеи оби ошомиданӣ буда, дар миқёси ҷаҳон ва минтақа мавқеи асосиро ишғол намояд ҳам, вале сатҳи коҳиш ёфтани захираҳои онро эҳсос мегардад, ки ҳатто қисме аз аҳолии минтақаҳои гуногуни кишвар аз дастёбӣ ба оби нушокӣ баҳравар нестанд.

Вобаста ба масъалаи мазкур чунин фарзия ҷой дорад, ки то соли 2050 ҳаҷми обҳои ҷоришавандаи Амударё аз 10% то 15%, ва Сирдарё аз 6% то 10% коҳиш меёбанд, ё маҳдудияти боришоти барф дар даҳ соли охир боиси коҳиш ёфтани захираи оби ҳавзаи дарёҳои Вахш 58%,Зарафшон 64%, Панҷ 53%, Варзоб 67%- гардидааст, [ 7,с.35], ки ин раванд боиси ташвиш ва нигаронӣ мебошад.

Бинобар ин бояд дар ҷумҳурӣ роҳҳои истифодаи ҳадафманду самаранок ва муносибати эҳтиёткоронаро бо захираҳои об васеъ ҷорӣ карда шаванд.

Масъалаи мазкур барои Тоҷикистон бо назардошти маҳдуд будани дигар намуди захираҳои табиии аз қабили нафту газ масъалаи мубрам ҳисобида шуда, истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ба сифати стратегияи муҳими кишвар маҳсуб ёфта, ба ҷавҳари сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар табдил ёфтааст.

Аз ин лиҳоз Ҳукумати ҷумҳурӣ бо мақсади таъмин намудани аҳолӣ бо оби тозаи нушокӣ, ҳадафманд ва сарфакорона истифода бурдани он чораҳои мушаххас андешида, дар ин самт санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқии танзимкунандаро қабул намудааст.

Аз ҷумла, Стратегияи миллии об аз соли 2006, Консепсия оид ба истифодабарии оқилона ва ҳифзи захираҳои об дар Тоҷикистон, аз соли 2000, Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим (то соли 2030), Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2002 , Қонун дар бораи таъмин бо оби нушокӣ, Қонун дар бораи ҳифзи муҳити зист аз соли 2011, Барномаи беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо оби тозаи нушокӣ барои солҳои 2008-2020 ва ғайраҳо мебошанд.

ИмрӮзҳо бошад, Барномаи ислоҳоти соҳаи об барои солҳои 2016-2025,дар кишвар идома доранд.

Бо вуҷуди ин кишвари мо аз тағйирёбии иқлим ва гармшавии сайёра дар канор нест, ҳарчанд ин тағйирпазирӣ берун аз ҳудуди Тоҷикистон сурат гирад, лекин оқибати нигароникунандаи он дар дохили кишвар аллакай назаррас мебошад.

Бояд зикр намуд, ки роҷеъ ба масъалаи тағйирёбии иқлим ва гармшавии сайёра андешаҳои гуногун вуҷуд дорад, бархе аз муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки ин раванди даврӣ ва қонунии таҳаввули сайёраи замин буда, бархи дигар ин равандро бо омилҳои антропогенӣ нисбат медиҳанд.

Ба андешаи мо ин раванд бештар хусусияти антропогениро дорост, пас кадом омилҳои боиси чунин бӯҳрон гардидаанд.

Мо чунин мешуморем, ки ба яке аз масъалаҳои глобалии ҷаҳони муосир мубаддал гардидани масъалаи об вобаста ба инкишофи саноат, , мавҷудияти бешумори корхонаҳои саноатӣ, истифодаи воситаҳои нақлиёти истифодакунандаи сӯзишворӣ, сӯзонидани маҳсулоти нафтӣ, ангиштӣ, истифодаи зиёди нуриҳои минералии кимиёвӣ, хусусан нитрогениву фосфорӣ ва гайраҳо мебошад.

Омилҳои мазкур боиси афзоиши истихроҷи газҳои гулхонавию гармхонавӣ, зиёд гардиданипартовҳои оксиди карбону метан, нитрогену азон дар атмосфера гардида, шиддати

нурафкании офтобро афзуда, барои тағйирёбии иқлим ва баландшавии ҳарорати ҳаво мусоидат менамоянд.

“Маҳз неругоҳҳои барқии ангиштӣ,воситаҳои нақлиёт, корхонаҳои саноатӣ, истеҳсоли металлургияи ранга ва сиёҳ ифлоскунандаи атмосфера мебошанд, ки ҳар сол то 22 млрд тонна гази турш ва то 250 млн тонна гази метан, миқдори зиёди оксиди сулфур, оксиди оҳан,фтору симобро ба мӮҳит хориҷ менамоянд”[ 8,с.5].

Бояд зикр намуд, ки Тоҷикистон аз ҳисоби нишондиҳандаи партовҳои газҳои гулхонавию гармхонавӣ дар ҷаҳон мавқеи 109-ро ишғол менамояд, ки ба ҳар сари аҳолӣ дар “Туркманистон 8-тонна, Узбекистон 5- тонна, Қазоқистон 8-тонна ва Тоҷикистон 1- тонна рост меояд” [ 9,с.18] ин нишондиҳандаи камтарини партовҳои гази гулхонаӣ дар ҷаҳон ва минтақа буда саҳми муносиби Тоҷикистон дар беҳдошти муҳити зист дар минтақа ва ҷаҳон мебошад.

Яке аз масъалаи асосии нигароникунандаи тағйирпазирии иқлим ин мавҷудияти ҷангҳо дар байни давлатҳо, озмоиш ва истифодаи яроқҳои ҳаставӣ, кимиёвӣ ва биологии ҳарбӣ мебошанд, ки натанҳо боиси заҳролудшавии замин, балки қабатҳои атмосфера мегарданд, ба шумор меравад.

Раванди тағйирёбии иқлим дар баробари омилҳои антропогенӣ бо омилҳои табии аз қабили: ҳодисаҳои селу обхезӣ, тӯфонҳои баҳрӣ, сухтори ҷангалзорҳо, баландшави сатҳи обҳои зеризаминӣ, коҳиш ёфтани боришоти барфу борон, ки боиси хушксолӣ ва биёбоншавии замин мегарданд, ба шумор меравад.

Сабабу омилҳои табии ва антропогении зикргардида на танҳо раванди тағйирёбии иқлиму гармшавии сайёраро, балки ҷараёни босуръати обшавии пиряхҳо, коҳиш ёфтани ҳаҷми онҳоро дар ҷаҳон ва Тоҷикистон бемайлон тезонида, боиси коста гардидани захираҳои оби нушокӣ ва ташвиши инсоният гардидаанд.

Мусаллам аст, ки манбаъҳои оби софи нушокӣ дар шароити кӯҳсор сарчашма гирифта, ба боришоти барфу борон, иқлими муътадил ва ҳолати пиряхҳо вобастагӣ доранд.

Хусусан пиряхҳо захираи асосии обҳои тоза дар сайёра, аз ҷумла дар Тоҷикистон маҳсуб меёбанд.

Пиряхҳо ҳамеша об мешуданд, вале имрӯз ин раванд беш аз ҳарвақта босуръат характери глобалиро касб намудааст.

Мувофиқи андешаи олимон ва коршиносони соҳа яхпораи аз ҳама азими Антарктида бо ҳисоби муосир то 90-метр ба об табдил ёфтааст, чунин раванд дар уқёнуси яхбастаи Шимолӣ, дар манотиқи кӮҳсор, аз ҷумла дар қаторкӯҳҳои Ҳимолой ба мушоҳида мерасанд, ки тибқи пешгӮиҳо то соли 2060 аз 2/3 ин пиряхҳо об мешаванд.

Лозим ба ёдоварист, ки пиряххҳои Ҳимолой манбаи 7- дарёи бузурги Осиё буда, зиёда аз 2 млрд. аҳолиро бо оби тозаи нушокӣ таъмин менамоянд.

Чунин ҷараёни босуръати обшавии пиряхҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба назар мерасанд. Мувофиқи натиҷаҳои пауҳиши олимони соҳа муайян шудааст, ки « қисми поёнии пиряхи Федченко аз соли 1976 то соли 1991 то 15 метр коҳиш ёфта, ғафсиааш, ки то соли 1979 ба 40-50 метр баробар буд, дар соли 1998 ба 20-25 метр расидааст», ё майдони пиряхи №583 ҳавзаи дарёи Мурғоб агар то “соли 1976 ба миқдори 0,17км$^2$ коҳиш ёфта бошад, пас ин нишондод дар соли 2018 ба 0,28км$^2$ расидааст[ 10,с,62].

Аз ин лиҳоз дар натиҷаи тағйирёбии иқлим, гармшавии муҳити зист дар Тоҷикистон раванди босуръати обшавии пиряхҳо идома дорад, ки танҳо дар 50-соли охир беш аз 1400 пирях пурра об шуда, андозаи умумии онҳо тақрибан сеяк баробар коҳиш ёфтааст, ки метавонад пайомадҳои ниҳоят вазнинро дар тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳим ба бор оварад.

Яке аз пайёмадҳо, боиси бухори зиёди об, намнок шудани атмосфера гардида, ба боришоти зиёд, обхезӣ, тундбодҳои баҳрӣ, гирдобҳо, лаппишҳои баҳрӣ ва зери об мондани захираҳои арзишманди хушкӣ, заминҳои ҳосилхез, аз байн рафтани ҳайвоноту наботот гардида, ба аҳолии кишварҳои назди баҳрӣ хатар эчод менамоянд.

Пайёмади вазнини обшавии пиряххо ба гармшавии обҳои уқёнусҳо ва бедоршавии бактерияҳову вирусҳои барои саломатӣ зарарнок оварда, ба саломатии инсонз арари ҷиддӣ расонида, ҳатто боиси марги нафарони гирифтори бемории дилу роҳҳои нафас мешаванд.

Ниёзмандии рӯзафзуни аҳолии сайёраро ба оби нӯшокӣ, Тоҷикистон ба инобат гирифта, ҷиҳати дарёфти роҳҳои ҳалли масъалаи марбут ба тағйирёбии иқлим, гармшавии муҳит, обшавии пиряхҳо, коҳиш ёфтани захираҳои оби нӮшокӣ дар шароити кунунӣ пайваста талош варзида, масъалаи мазкурро ба меҳвари асосии сиёсати дохилӣ ва "сиёсати дарҳои кушод»-и худ табдил дода, "дипломатияи об"-ро воситаи воқеии ҳалли мушкилот дар ин самт дониста, давлатҳоро ба ҳамкории судманд даъват менамояд.

Аз ин лиҳоз Тоҷикистон тавассути татбиқи пайгиронаи сиёсати "дарҳои кушод" ва "дипломатияи об" дар асоси риояи меъёрҳои байналхалқӣ обро ҳамчун воситаи расидан ба "Рушди ҳазорсола" ва рушди устувори худ қабул намуда, тавонист дар баррасӣ ва ҳалли мушкилоти глобалӣ саҳми босазо гузошта, ҳамчун кишвари ташабускор, пешбар дар ҳалли масоили мубрами ҷаҳонӣ, аз қабили ҳимояи муҳити зист, тағйирёбии иқлим, ҳифзи пиряхҳо, ҳадафманд истифода бурдани захираҳои оби нӮшокӣ эътироф гардида, ҳамкориҳои судмандро бо дигар давлатҳо ба роҳ монад.

Дар ин замина, ҳанӯз соли 1992 бо ташабусси байналмилалии Тоҷикистон рӯзи 22-декабр "Рӯзи байналмилалии захираҳои об", соли 2003 эълон гардидани "Соли байналмилалии оби тоза», солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии фаъолияти "Об барои ҳаёт», соли 2013 эълон гардидани "Соли байналмилалии ҳамкориҳои об", солҳои 2018-2028 эълон гардидани қатъномаи Даҳсолаи байналмилалии "Об барои рушди устувор" баромад намудааст.

Хусусан соли 2025 аз ҷониби СММ бо ташабусси Тоҷикистон эълон гардидани "Соли ҳимояи пиряхҳо" далели нуфӯзи байналмилалии кишвари мо буда, саҳми босазои Тоҷикистон дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои глобалии сайёра мебошад.

Мақсад аз пешниҳоду ташабусҳо, ҳушдор додани ҷомеаи ҷаҳонӣ аз мушкилот ҷойдошта дар самти мазкур буда, фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати анҷом додани чораҳои зарурӣ, қабули санадҳои сатҳи минтақавию байналмилалӣ барои ҳадафманду судманд истифода намудани захираҳои оби нӯшокӣ, таъмини аҳолии сайёра бо оби тоза, дар шароити тағйирёбии иқлим, гармшавии муҳит ва обшавии бошиддати пиряхҳо ва даъвати ҷомеаи ҷаҳонӣ баҳри ҳамкории густурда мебошад.

Зеро ин иқдому ташабусҳо на танҳо хусусияти соҳавию минтақавӣ, балки ҷанбаҳои муҳими инсондӮстӣ, аҳамияти байналмилалӣ дошта, барои таъмини ҳамзистиву муттаҳидии сокинони сайёра бахри пешгирӣ ва бартарафсозии таҳдиди мазкур нигаронида шудааст.

Нисбат ба нақши Тоҷикистон ва ташабусҳои он дар арсаи байналхалқӣ дар масъалаи ҳимояи муҳити зист, оқилона ва ҳадафманд истифода бурдани захираҳои об дабири кулли СММ А. Гутериш қайд намудааст, ки "Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар истифодаи самаранок, ва оқилонаи захираҳои обӣ намуна аст. Хеле муҳим аст, киҷомеаи байналмилалӣ аз ин усули истифода сабақ биомӯзад, ба он пайрав ва пуштибон бошад".

Мавриди зикр аст, ки Тоҷикистон вобаста ба истифодаи оқилонаи захираҳои об, пешгирии гармшавии иқлим, обшавии пиряххоро дар баробари ба меҳвари сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи обии худ табдил додан, дар сиёсати дохилии худ низ ба ин масъала таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, бахри самаранок истифода бурдани захираҳои об, пешгирии ифлосшавии

манбаъҳои он, беҳтар гардонидани сифати об ва дастрасии аҳолӣ ба оби нӮшокӣ дар қатори қабули санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқӣ, чораҳои мушаххас андешида, онҳоро роҳандозӣ намуда истодааст.

Аз ҷумла "Стратегияи миллӣ оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим" қабул карда шудааст, ки идомаи муқовимат ба ин падидаҳои номатлуб буда, мақсади асосии он ҷамъоварии маълумот, омода намудани барномаҳо, дарёфти маблағ аз фондҳои байналмилалӣ, сарфи онҳо баҳри беҳдошти минтақаҳои осебпазири ҷумҳурӣ аз таҳдидҳои зикргардида мебошад.

Имрӯз дар доираи стратегияи миллӣ якчанд фондҳо, аз ҷумла: "Фонди иқлими сабз", "Фонди тағйирёбии иқлим", "Фонди экологии глобалӣ" амал намуда истодаанд,ки метавонанд сатҳи мушкилоти ҷойдоштаро коҳиш диҳанд.

Вобаста ба ҳифзи пиряхҳо, торафт вусъат ёфтани обшавӣ ва таҳдиди оқибати онро ба назар гирифта, Тоҷикистон ҳанӯз соли 2009 "Барномаи давлатии омӯзиш ва ҳифзи пиряххоро дар Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030" қабул намуда, баҳри амалисозии барномаи мазкур дар назди Академияи Миллии илмҳои ҷумҳурӣ "Маркази омӯзиши пиряхҳо»- ро таъсис дода, баҳри роҳандозии барномаи мазкур аз ҳисоби фондҳои дохилӣ 25 млн. 367ҳ. ва аз Бонки Осиёии Рушд 10 млн доллари амрикоӣ ҷудо карда шудааст.

Ё баҳри беҳдошти сифати об, таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ, таъмиру азнавсозӣ намудани таҳҷизотҳои обтаъминкунӣ, бо технологияи муосир таҳҷизонидани соҳа дар солҳои охир ба миқдори 1 млрд.700 млн. доллари амрикоӣ маблағ сарф карда шудааст.

Масъалаи дигаре, ки имрӮз боиси нигаронӣ гардидааст, ин масъалаи оби дарёҳои фаромарзӣ, тақсимоти обҳои мавсимӣ, ки метавонад боиси бархурди манфиатҳо дар байни давлатҳо гардад, ки зарурати идораи муштарак ва истифодаи оқилонаи онҳоро ба миён мегузорад.

Зеро бо сабаи коҳиш ёфтани захираҳои обӣ дар "Осиёи Марказӣ масъалаи ҳалли оби дарёҳои сарҳадгузар, идораву истифодаи онҳо ба масъалаи баҳси рӯз табдил ёфта истодааст"[ 11,с.246]

Таърих гувоҳ аст, ки бисёре аз масъалаҳои баҳснок дар мавриди истифода ва тақсимоти обҳои сарҳадгузар дар байни давлатҳо бо роҳи, ҳамкорӣ, муколамаи маслиҳатомез ҳалли худро ёфта, ҷонибҳоро ба сулҳ, муттаҳидӣ, ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ овардаанд. Масалан: "баҳси дарёи Меконг дар байни давлатҳоиКамбоҷа, Лаос, Тайланд,ва Ветнам, дарёи Урдун дар байни Исроил ва Урдун ё Бунёди байналмилалии Наҷоти Арал" мисолҳое мебошанд, ки бо дарки тафоҳуми давлатҳо ҳалли худро ёфтаанд.

Хулоса, баҳри бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта дар самти ҳимояи муҳити зист, ҳадафманд ва босамар истифода намудани захираҳои оби нӯшокӣ, дар шароити тағйирёбии иқлим, гармшавии сайёра ва обшавии пиряхҳо амалӣ намудани чорабиниҳои зеринро дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатҳо дар мавриди мазкур зарур дониста мешаванд:

- талаботҳои санадҳои байналмилалӣ, қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ- ҳуқуқие, ки дар самти мазкур қабул ва эътироф гардидаанд, риоя ва иҷро карда шаванд;
- масъалаи мазкур дар рӮзномаи фаъолияти СММ ва кулли давлатҳо ба сифати масъалаи бунёдӣ эътироф ва қабул гардида, ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангӣ дошта бошанд;
- бояд механизми самараноку пайгиронаи иҷрои уҳдадориҳои байни давлатҳо риоя ва дуруст ба роҳ монда шуда, баҳри татбиқи онҳо захираҳои иқтисодӣ, молиявӣ, ва зеҳнӣ истифода шуда, ҳаҷми маблағгузориҳо дар ин самт афзоиш дода шаванд;
- ҷиҳати назорати татбиқи иҷрои уҳдадориҳо пайваста конфронсҳо ва ҳамоишҳои СММ ва дар байни давлатҳо мунтазам доир карда шаванд;

- ҷиҳати коҳиш додани тағйирёбии иқлим, ҳифзи пиряххо ва захираҳои оби нӮшокӣ бояд истихроҷи газҳои гулхонавию гармхонавӣ, партовҳои ҷаҳонии оксиди карбон ва дигар маводҳои захролудкунандаи муҳит коҳиш дода шаванд;, ( Созишномаи соли 1997 Киото ва конфронси Париж соли 2018 меъёрро барои кишварҳои саноати муайян намудааст).

- вобаста ба риоя нанамудан ва ё дағалона вайрон намудани меъёрҳои қабулгардида, қоидаҳои муҳити зист, сарфакорона, ғайри мақсаднок истифода бурдан, ё ифлос намудани мӮҳиту манбаъҳои обӣ ҷаримабандӣ ва ситонидани зарар ба роҳ монда шавад;

- дар идора, тақсимот ва истифодаи ҳавзаҳои обии байналмилалӣ бояд принсипҳои нави муносибатҳо дар байни давлатҳо ба роҳ монда шаванд, хусусан масъалаи тақсимот ва истифодаи обҳои дарёҳои фаромарзӣ на чун сарчашмаи низоъ, балки ҳамчун воситаи ҳамкорӣ ва рушди босуботи давлатҳо бояд арзёби шаванд;

- беҳтар намудани сифати об, ҳадафманд ва самаранок истифода бурдани обҳои руйизаминӣ ва зеризаминӣ ба роҳ монда шаванд;

- бештар намудани тобовариву устуворӣ, мутобиқшавӣ ба иқлим, коҳиш додани сатҳи вобастагии ҳаёти инсон ба воқеаҳои ғайри чашмдошт аз қабили обхезӣ, хушксолӣ, камобӣ ва дигар таҳдидҳои вобаста ба обу иқлим;

- аз нав покиза намудан ва қобили истеъмол гардонидани обҳои истифодашуда барои он минтақаҳое, ки аз дастрасӣ ба об танқисӣ мекашанд;

- ба роҳ мондани системаҳои мушоҳидавӣ, пешгӯиҳои воқеъбинона роҷеъ ба масъалаҳои тағйироти муҳит, коҳиш ёфтани захираҳои обӣ, сифати об, бо далелҳои илмӣ ва иттиоллоти расмӣ таъмин намудани аҳолӣ;

- андешидани тадбирҳои мушаххас оид ба пешгирии сарфаи об тавассути тармим ва навсозиҳои шабакаҳои обтаъминкунӣ ва обтақсимкунӣ, ворид намудани технологияҳои нави обёрӣ, ба роҳ мондани парвариши зироатҳои камистеъмолкунандаи об ва ба гармиву хушксолӣ тобовар;

- фароҳам овардани шароити мусоид баҳри баланд бардоштани сатҳ ва сифати маърифат ва тарбияи экологии шаҳрвандон, муносибати бошууронаи онҳо нисбат ба муҳити зист, оқилона истифода бурдани сарватҳои табиии, тақвият додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати ҳимояи набототу ҳайвонот;

- бунёд ва аз нав барқарор намудани ҷангалу бешазорҳо дар минтақаҳои шаклгирии дарёҳо, кабудизоркунӣ, шинонидани дарахтон, пешгирии сӯхтори ҷангалзорҳо ва дигар офатҳои табиии;

- баҳри амали намудани уҳдадориҳо ва чорабиниҳои зерин "Рӯзномаи амал оид ба захираҳои обӣ", платформаи "Раванди оби Душанбе" ҳамчун замина пайгирӣ ва васеъ истифода шаванд.

Ҷомеаи башарӣ бояд хуб эҳсос намояд, ки пеши роҳи тағйирёбии иқлим, гармшавии муҳит, обшавии пиряххо ва коҳиш ёфтани захираҳои обиро метавон бо кушиши дастаҷамъонаи кулли давлатҳо, миллатҳо ва ҳатто ҳар як фарди солимақл метавон пешгирӣ намуд.

Агар мо ҳоҳем, ки ояндаи ҳаётро таъмин намоем, бояд сайёраи худро аз таҳдидҳои муосир наҷот диҳем, ба табиат, мӮҳити зист бошуурона ва ғамхорона муносибат намоем.

**Адабиёт:**

1. Амирзода О., Курбон Н. Захираҳои обӣ// нашри махсус бахшида ба Конференсяи Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи миёнамӮҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028, Ню Йорк, 22-24.03.2023.-С4.

2. Доклад ООН о развитии человека «Что кроется за нехваткой воды: Власть, бедность и глобальных кризис водных ресурсов. - М., - 2006. - С.36.

3. Донбаева Г.Ч. Устойчивое и интегрированное управление водных ресурсов// Вестник Киргизского национального университета имени Ж. Баласагына, 2012. Спец. вып.-С.246

4. Изменение климата и водные проблемы Центральной Азии. Учебный курс. ЮНЕП и wwF. Москва- Бишкек, 2006. - С.35.

5. Конвенция ООН об изменения климата// URL. httr / president. /ti /node / 2418.ъ

6. Курбонов Н.Б., Маджиди М., Пиров А.У. Репрезентативный анализ состояния ледников бассейна реки Вахш на период 1956-2021гг. - С-61.

7. Қурбон Н. Тағйирёбии иқлим: назарҳо оид ба сабабҳо// Баҳори Аҷам. №3,(543).-С.5.

8. Курбонов Н.Б.,Восидов Ф.К.,Мирзохонова С.А. Процесс деградации ледников в условиях современного изменения климата // Наука и инновация. Серия геологических и технических наук, 2019. №2. - С.62.

9. Мирзоев А. Аҳмад Махдуми Дониш ва гузориши обёрии Осиёи Миёна // Шарқи Сурх. 1962, №5.-С.154.

10. Мирзозода З.А. Позиция Республики Таджикистан в решении проблем воды и крупных запасов гидроэнергетики// Специальный выпуск, посвященный Конференции ООН по среднесрочному обзору целей Международного десятилетия действий «Вода для устойчивого развития, 2018-2028 годы», НЮ Йорк.22-24.03.2023.-С.18.

11. Самсонов А.Л. Мировые воды//Экология и жизнь, 2006. №5.-С.42.

## ТАЪСИРИ ҲИКОЯҲОИ ЧЕХОВ БА АДАБИЁТИ ТОҶИК

**Ҷӯраева С.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Тарҷумаи адабиёти бадеӣ яке аз воситаи муҳимтарини робитаи адабии халқҳои гуногун ва сарчашмаи муҳимтарини муҳити адабӣ ба ҳисоб меравад. Ин таҷриба аз замони ташаккули тафаккури эҷодии одамон ба вуҷуд омада, имрӯз яке аз васоити пайдоиш ва ташаккули адабиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон осори тарҷума метавонад як роҳи тарғиб ва муаррифгари халқу миллатҳои соҳибтамаддун бошад, ки инро дар таърихи адабиёти ниёгон хеҷ ба мушоҳида гирифта наметавонем. Агар заминаи муҳими адабиёти гузашта намебуд, тоҷикон то ин дараҷа дар тарғиб ва тафсири дини мубини Ислом иқдом наменамуданд.

Агар саҳифаҳои таърихи ниёгонро варақгардон намоем, ба мо намоён мешавад, ки гузаштагони пурифтихори мо то кадом дараҷа дар пешрафти фарҳанги қавму миллатҳои дигар саҳм гузоштаанд. Муносибати Мавлоно, Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ бозгӯи муносибати адабиёти бузурги форсӣ ва адабиёти туркзабон метавон қаламдод намуд. Вале ин раванди баҳрабардорӣ то арафаи Инқилоби Октябр идома ёфт, вале чун дар сарзамини Осиёи Миёна адабиёти аврупоӣ, хосатан фарҳанги бузурги рус роҳ пайдо кард, дар татбиқи он дар муҳити Аморати Бухоро заминаи фарҳангии мардумони маҳаллӣ, хоса тоҷикон имконият пайдо намуданд.

Гарчанде дар ин раванд адабиёти рус ба василаи тарҷумаҳои туркию тоторӣ аҳамият пайдо карда бошад ҳам, вале суханварони он рӯз бо таҷрибаи аз фарҳанги ниёгони худ андӯхтаро истифода намуда, арзишҳои адабиёти аврупоиро истиқбол менамуданд. Сафарҳои расмии мутафаккири бузурги фарҳанги ниёгон Аҳмади Дониш бар он овард, ки ӯ аз муҳити илмию фарҳангии Петербург ба ҳайрат монд ва бо тамоми вуҷуд кӯшиш намуд, ки ин гуна пешравиҳоро дар Бухорои худ бубинад. Аз ҳамин рӯ, Аҳмади Дониш омилҳои пешрафти Петербурги подшоҳиро дар ҳаёти солими илму фарҳангии ин сарзамин эҳсос намуд.

Шояд Аҳмади Дониш ҳамин сафарҳои омили муҳимтарини рӯ овардани Бухорои амирӣ ба муҳити пешрафтаи фарҳанги Аврупо гардида бошад. Равияи бузурги маорифпарварӣ, ки ба пайдоиши мактабҳои нави таълимӣ ва тарҷумаи осори адибони русро асос гузошт, дар саргаҳи он Аҳмади Дониш қарор дошт. Пайдоиши матбуоти нави тоҷикӣ, мактабҳои усули нав, тарҷумаи осори адибони рус заминаи худро аз даврони маорифпарварӣ пайдо мекарданд. Завлонаҳои оҳанини фарҳанги шахшудаи асримиёнагиро маҳз ҷараёни маорифпарварӣ баршикаста, моро ба дунёи Ғарб роҳ кушод. Ҳатто дини мубини Ислом, ки аз маҳдудиятҳои мазҳабию гурӯҳӣ монда буд, муҳити фарҳангии пешқадам дини мубини Исломро аз қафомондагию пасмондагӣ раҳо бахшид.

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ин муносибатҳо хусусияти нав пайдо карда, адибону нависандагони маҳаллиро маҷбур намуд, ки ба адабиёти Аврупо ва арзишҳои он бештар таваҷҷуҳ намоянд. Матбуоти тоҷик ва нашрияҳои нав омода буданд, ки намунаи адабиёти рус ва Аврупоиро дар саҳифаҳои худ ҷой дода, дастраси мардум созанд. Саромади адабиёту фарҳанги тоҷик дар ибтидои асри XX устод Айнӣ омӯхтани забон ва адабиёти русро ба миён мегузорад ва ин равандро дар “Ёддоштҳо”-и худ таъкид менамояд ва Раҳим Ҳошим ин вазъро хеле хуб ба мушоҳида гирифта чунин менигорад: Устод Айнӣ дар “Ёддоштҳо”-и худ воқеаи барои омӯхтани забони русӣ ба тарзи “Таҳзиб-ус-сибён” порчаҳои манзум тартиб додани худаш ва рафиқаш Пиракро нақл мекунад ва ба воситаи ин эпизоди майда ана ҳамин майлу рағбати ҷавононро ба донистани забони русӣ нишон додан мехоҳад” [4, с.41]. Вале ин гуна майлу рағбат ба фарҳанги рус ҳаргиз осон дар Бухорои амирӣ роҳ намеёфт ва ба кӯшишҳои аҳли қалам амир ва пайравонаш монеаҳои зиёде эҷод менамуд. Аҳмади Дониш, Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шоҳин, Ҳайрат ва даҳҳо чунин равшанфикрони адолатпарвар барои ба вуҷуд овардани муҳити солими илму адаб ва рӯ овардан ба илмҳои табииро муҳим ва зарур арзёбӣ менамуданд. Мутаассифона, ин кӯшишҳо дар муҳити шаҳрҳои Самарқанду Бухоро маҳдуд шуда, ба ёфтани ин андешаҳо ба қисматҳои аморат талош надоштанд.

Бо вуҷуди ин, адабиёти бузурги Аврупо тавассути матбуоти Қрим, Кавқоз, Туркия ва Тотористон боз ҳам бештар паҳн гардид, ки ин дар ташаккули тарҷумаи асарҳои адибони рус, ба монанди Л.Н. Толстой, А.П. Чехов, Н.В. Гогол ва А.С. Пушкин нақши муҳим дошт. Рӯҳияи бедорӣ ва адолатҷӯии қаҳрамонҳои асарҳои ин адибон тадриҷан дар раванди эҷоди адибони тоҷик таъсир гузошт. Дар матбуоти солҳои 20-30-юми қарни XX, нависандагони оянда, ба монанди С.Айнӣ, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Ҳ. Карим, П. Сулаймонӣ, А. Ҳамдӣ ва А. Мунзим ба тарҷумаи асарҳои адибони рус шурӯъ карданд. Ба ин тартиб, тарҷумаи осори адабиёти рус барои адибони тоҷик як мактаби бузурги омӯзиш гардид.

Суоле ба миён меояд, ки кадом омилҳо боис шуданд, ки адабиёти рус дар байни хонандагони тоҷик зудтар ва фаъолтар қабул гардид. Албатта, ин масъала асосан ба омили сиёсӣ дар даврони Шуравӣ марбут аст, ки дар ин бора баҳс ва шубҳае вуҷуд надорад. Зеро Ҳукумати он вақт тарғиби адабиёти русро ҳамчун як қисми муҳимми сиёсати фарҳангии худ қабул карда буд ва адибони тамоми халқҳо ва миллатҳоро ба тарҷумаи адабиёти рус ҷалб мекард. Дар байни адибоне, ки мавриди таваҷҷуҳи нависандагони тоҷик қарор дода шуда

буданд, адибоне мебинем, ки бидуни сиёсати давр ба ин маърака роҳ ёфта буданд. Масалан, А.М.Горкий шояд борҳо ба адабиёти тоҷик тарҷума шуда бошад, вале А.П. Чехов бо он сабку услуби нигориш танҳо дар нимаи дуюми солҳои 30-юми асри XX ба адабиёти тоҷик роҳ пайдо кард. Ин гувоҳ бар он аст, ки на ҳама нависандагони рус дар партави сиёсати вақт ба адабиёти халқҳои шуравӣ роҳ ёфта бошанд. Ба назари мо, А.П.Чехов шояд ягона нависандаест, ки бо роҳи худ, бидуни дахолати сиёсӣ ба адабиёти тоҷик мавриди истиқбол пайдо карда бошад.

Омили дигаре, ки адабиёти рус тезтар ба фарҳанги тоҷикӣ роҳ пайдо намуд, ин буд, ки дар ин замон бо сарварии устод Айнӣ забони тоҷикӣ аз калимоти туркию ибороти арабию бегона тоза карда шуда, устод Айнӣ дар тамоми асарҳо ва мақолаҳои худ ба принсипи соданависӣ содиқ буда, онро пайгирона таъқиб мекард. Устод Айнӣ дар "Қамар" ном романи нависандаи франсавӣ Фердинанд Дюшен, ки соли 1928 аз узбекӣ тарҷума кардааст, дар бораи содда шудани таҳрир таҷрибаи наве карда калимаҳои халқӣ, ба истилоҳи онрӯза таъбирҳои "кӯчагӣ"-и то он дам дар адабиёт номустамалро кор мефармоянд ва онро дар муқаддима махсусан қайд карда мегӯяд, ки: "Бо хоҳиши баъзе коркунони нашриёти тоҷикӣ дар забони ин ҳикоя як қадар таъбирҳои кӯчагӣ дароварда шуд, ки ин як таҷриба аст. Агар оммаи хонандагон ин корро хуш қабул кунанд, баъд аз ин дар баъзе ҳикояҳо ин равиш риоя карда хоҳад шуд, вагарна ин ҳикоя дар ин боб аввалин ва охирин хоҳад буд. Ба ҳар ҳол дар ин бора диққат кардан, изҳори фикр намудани хонандагон матлуб аст" [4, с. 34] Устод Айнӣ масъалаи содданависиро дар мақолаи "Забони тоҷикӣ", соли 1928 дар шумораҳои 11-12-и маҷаллаи "Раҳбари дониш" ба миён гузошта буд.

А.П. Чехов гарчанде дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар муҳити адабии Русия хеле соҳибном гашта буд, вале ҳукумати он рӯзи шуравӣ осори ӯро камтар эътибор медод. Дар муддати қариб 100 соли аввалин тарҷумаи ҳикояи "Хоб меояд" (тарҷумаи Т.Самадӣ) доир ба А.П. Чехов як мақолаи профессор Ҳ.Шодиқулов "Пушкини насри рус" [9, с. 5-22] ва рисолаи илмии "Чехов ва адабиёти тоҷик"-и профессор Ҷ. Саъдуллоев [5, с. 126] дигар пажӯҳиши муҳимеро ба мушоҳида намегирем.

Ҳамин тариқ, А.П. Чехов аз соли 1934 ба адабиёти тоҷик бо тарҷумаи ҳикояи "Хоб меояд" бо қалами Т. Самадӣ ва ҳикояи "Ғусса" -и Ҷ. Икромӣ роҳ меёбад [8]. Чаро тарҷумаи ҳикояҳои А.П. Чехов то солҳои 80уми қарни XX ба адабиёти тоҷик ин қадар коҳилона ба роҳ монда мешавад, гарчанде баъзе драмаҳои нависанда дар театрҳои Тоҷикистон намоиш дода шаванд ҳам, вале матни тарҷумаи онҳо дар ягон нашрияҳо чоп намешаванд. Яъне А.П. Чехов ва осори ӯ ба тарзи "каҷ дору марез" ба муҳити адабию фарҳангии мо тоҷикон татбиқ мегардад. Таваҷҷуҳ ба ҳикояҳои ӯ дар Тоҷикистони шуравӣ хеле зиёд мегардид ва аҳли илму адабро лозим омад, ки тарҷумаи густурдаи осори нависандаро ба роҳ монанд. Яке аз муҳаққиқони осори нависанда, профессор Ҳамроқул Шодиқулов руҳияи он замони Тоҷикистонро дар назар дошта, таваҷҷуҳи аҳли суханро нисбати осори А.П. Чехов чунин менигорад: "Дар мисоли эҷодиёти бадеии вай (Чехов дар назар аст.- С.Ҷ.) гуфтан метавон, ки классики адабиёти реалистии рус Антон Павлович Чехов дар таърихи тамаддуни башарӣ ҳамчун устоди беҳамтои жанрҳои хурди насри бадеӣ ва нигорандаи навовар дар драматургия шинохта шудааст" [9, с. 8]. Модоме, ки А.П. Чехов чунин эътибори баландро дар фазои илму адабӣ соҳибӣ дошт, пас чаро эҷодиёти ӯ дар марказҳои илму адаб нуфузе надоштанд. Ҳамроқул Шодиқулов кӯшиш намудааст ин вазъро эҳсос намуда, ба ин муаммо баъзе мушоҳидаҳои худро баён намояд: "Ҳикоя ва новелла дар эҷодиёти ӯ чи ба эътибори шакл ва чи аз лиҳози дар онҳо ғунҷоиш дода тавонистани муҳимтарин воқеаву ҳодисаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва маишии охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба қуллаҳои олии камолоти жанрию

бадеӣ бардошта шудаанд. Айни ҳамин натиҷаро аз мутолиа ва тамошои намоишномаҳо дар асоси песаҳои ӯ низ ҳосил кардан мумкин аст” [9, с. 8]. Дар ҳақиқат, ҳикояҳои А.П.Чехов аз лиҳози шакл ва мазмун дар адабиёти ҷаҳони имрӯз нав ва таҷрибаи тозаи эҷодӣ мебошанд. Ин масъала мавриди баҳси мо қарор надорад, худи нависанда ҳамин вижагии эҷодиёти худро дар назар дошта, менигорад: “Муъҷазбаёнӣ хоҳари истеъдод аст” [7, С. 3]. Пас, бо кадом сабаб А.П.Чехов ба замони шуравӣ камтар мутобиқат пайдо намуд. Боз барои ба ин савол ҷавоб пайдо намудан ба нигоштаҳои профессор Ҳамроқул Шодиқулов рӯ меорем, ки хеле дақиқ ва равшан осори нависандаро баррасӣ намуда, ба чунин хулоса меояд, ки қобили эътибор мебошад: “Қувваи реализми эҷодиёти А.П. Чеховро ҳамбастагии навиштаҳои вай бо ҳаёти воқеӣ ташкил медиҳад. Вобаста ба шароити зиндагӣ ва бо тақозои давр нависанда баъзан пардапӯшона ва дигар ҳолатҳо ошкоро, аммо ҳамеша бо воситаҳои тавонои реалистӣ характерҳои типӣ офаридааст” [7, с. 3]. Чехов бо ҳикояҳои мухтасар, ки дар заминаи воқеаҳои ҷолиби зиндагии мардум ба вуҷуд омадаанд, мехост характери мардуми русро тағйир диҳад. Вале сиёсати замони шуравӣ дар зери мафҳуми “одами нав” наслеро ба вуҷуд овардан мехост, ки аз изҳори фикру ақоиди шахсӣ худдорӣ кунад, бар зидди зулму таадӣ муқобилият накунад, рафтори озодона зоҳир накунад, аз дину мазҳаб ва арзишҳои миллӣ бархурдор набошад. А.П. Чехов ин гуна матлаби ғайриинсониро қабул надошт, зеро дар замони ӯ то ҳол мардуми рус дар фазои маҳдудиятҳои озодии инсон зиндагӣ доштанд. А.П. Чехов дар ҳикояи “Зани давофурӯш” ҳаёти занеро дар маркази таваҷҷуҳ қарор медиҳад, ки ӯ аз ҳама арзишҳои инсонӣ ва озодӣ маҳрум буда, барои ҷомеаи онрӯзаи рус бо ҳамон руҳияи пасмондагӣ монда бошад. Шавҳари ӯ ба ин зани зебо ва меҳрубон умуман назаре эҳтиром надорад ва мардуми атроф мекӯшанд зебоии ӯро чун василаи хушҳолӣ истифода бурда бошанд. Ба воситати ин ҳикоя ҷомеаи бемори русро нишон дода, роҳҳои онро аз ин вазъи ҳақорат танҳо дар озодии занҳо мебинад.

Ҳикояи дигари нависанда “Беҷуръат” унвон дорад, ки дар он муносибати ҷомеаи сармоядорро бо табақаи муҳими ҷомеа – муаллим нишон медиҳад. Муаллими хусусиро бояд хуҷаин ҳаққи моҳонаашро диҳад. Муаллим табақаи бепаноҳ ва таҳқиршудаи ҷомеаи худхоҳ мавриди таҳқири хуҷаин қарор мегирад ва ба ҷои моҳонаи муаллимро додан камбудиҳои муаллимро баён намуда, ӯро қарздор мекунад. Муаллим ба ҷойи эътироз танҳо гиря мекунад ва муттакое надорад. Хуҷаин аз ин азоби руҳии муаллим ба шавқ меояд ва боз аз ин рафтори худ пушаймон шуда, тасмими худро дигар мекунад. Хулосаи ҳикоя хеле ҷолиб аст ва овардани онро дар ин ҷо лозим медонем “Аммо то ин ҳадд оҷиз будан магар мумкин аст? Чиро шумо эътироз намекунед? Аз чӣ сокитед? Магар мумкин аст, ки дар ин дунё дандон тез накарду забони талх ёд нагирифт? Магар мумкин аст, ки ин қадар беҷуръату бечора бошед? ...

...Ман аз пайи ӯ нигаристаму андешидам: дар ин дунё мо зӯргуфтану қудратнамоӣ кардан чӣ ҳад саҳлу сода аст” [7, с. 20].

Дар ҳикояи “Шартбандӣ” нависанда масъалаи ҷазо барои ҷинояткорнро мавриди баҳс мегузорад ва ба хулоса меояд, ки ба хотири ҷони одам шариф будан аз ҷазои ҳукми қатл ҳабси абадӣ мувофиқтар меҳисобад. Ва ё дар ҳикояи “Марги чиновник” вобастагии мансабдоронро ба курсии мансаб нишон дода, бо ин васила ҷомеаи мансабпарапсти Русияи подшоҳиро мавриди танқид қарор медиҳад.

Ин гуна тарзи тасвирро А.П. Чехов ба хотири тағйири характери куҳнашуда ва пӯсидаи ҷомеаи Русияи подшоҳӣ пеша мекунад ва мехоҳад халқи азизашро дар радифи мардумони озод бинад. Дар адабиёти тоҷик чунин тарзи тасвирро мо дар романи “Ҳайҷо”-и Урун Кӯҳзод мебинем, ки дар он нависанда вазъи халқи тоҷикро аз замони сулолаи манғитиён тасвир карда, аз хислатҳои мансабпарастӣ, дурӯягӣ, беҷуръатии мардум ба дод омада, дар назди мардум

масъала мегузорад, ки бояд мо “характери миллӣ”-ро тағйир диҳем, вагарна ин руҳияи зулмпарастии мо аз насл ба насл хоҳад гузашт.

Тарҷумаи ҳикояҳои А.П. Чехов дар се марҳила ба забони тоҷикӣ сурат гирифтааст. Аз солҳои 30-юм то охири солҳои 80-уми асри XX осори А.П Чехов хеле ноаён ва бидуни ягон дастури расмӣ сурат гирифтааст. Дар солҳои 80-ум осори нависанда дар чаҳор ҷилд аз чоп баромада, таваҷҷуҳи аҳли мутолиаро ба худ кашид. Вале забони тарҷумаҳои ин давра ба таҳрир ва ҳатто баъзе ҳикояҳо ба тарҷумаи такрорӣ эҳтиёҷ доштанд. Соли 2021 тарҷумон Обид Шукурзода панҷоҳ ҳикояи А.П. Чеховро тарҷума намуд, ки аз лиҳози фаҳмидани моҳияти ҳикояҳо ва забони равон ва фаҳмо аз тарҷумаи солҳои қаблӣ фарқ мекунад. Хосатан, лаҳзаҳои гуфтугӯи қаҳрамонҳо бо лаҳҷаи тоҷикии кӯҳистонӣ таҳия намуда, матнро ҷолибтар ва ба фаҳмиши хонандаи тоҷик наздиктар намудааст. Баррасӣ ва пажуҳиши марҳилаҳои тарҷумаи осори А.П.Чехов дар оянда мавриди омӯзиши мо қарор хоҳад гирифт ва дар ин ҷо мутолааи мо дар бобати вижагиҳои осори А.П. Чехов дар оянда ба таври густурда қарор хоҳад гирифт.

**Адабиёт:**


1. Арбузов А.Н. Особенности творчества Салтыкова-Щедрина / А.Н. Арбузов. - М.: Наука, 2001. - 254 с.
2. Баранова Л.М. Характеристика прозы русского писателя / Л.М. Баранова. - М.: Наука, 2006. - 243 с.
3. Микоян И.Р. Характеристика творчества русского писателя / И.Р. Микоян. - М.: Наука, 2007. - 287 с.
4. Раҳим Ҳошим. Сухан аз устодон ва дӯстон.- Душанбе: Ирфон, 1983.- С.41
5. Саъдуллоев Ҷ. Чехов ва адабиёти тоҷик.-Душанбе: Ирфон, 1986.ғ 126 саҳ.
6. Хусейнов А.Р. Особенности развития перевода в Таджикистане / А.Р. Хусейнов. - Душанбе: Ирфон, 1977. - 176 с.
7. Чехов А.П. Панҷоҳ ҳикоя.- Душанбе: Меҳроҷ Граф, 2021.- С.3.
8. Чехов А.П. Хоб меояд (тарҷумаи Т. Самадӣ). - Барои адабиёти сотсиалистӣ. № 1, 1934. - А.П. Чехов Ғусса (тарҷумаи Ҷ. Икромӣ)-. Барои адабиёти сотсиалистӣ, № 2.-1935.
9. Шодиқулов Ҳ. Пушкини насри рус. - Дар китоби А.П. Чехов. Асарҳои мунтахаб. - Душанбе: Ирфон. - С. 5-22.
10. Юсупов М.Р. Сравнение творчества Салтыкова-Щедрина с таджикскими писателями / М.Р. Юсупов // Памир. - 2008. - № 5. - С.45-48.


## ҲАВАСМАНДКУНИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ


**Шамсова Б. К.**

**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**


Ҳавасмандкунии донишҷӯён ба омӯзиши забони англисӣ дарк кардани он аст, ки забони англисӣ барои рушди шахсӣ ва миллӣ, инчунин барои тамосҳои байналмиллалӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон зарур аст. Робитаи касбӣ, равандҳои шинохтан, тафаккур ва коммуникатсия мафҳумҳои калидии воқеияти муосир мебошанд.

Дар мақола кӯшиши баррасии масъалаи ташкили дурусти раванди таълими забони хориҷӣ бо мақсади додани мавзӯъ ба сикли иҷтимоию башардӯстонаи самти касбӣ, ки бе омӯзиши лексикаи касбӣ, албатта, истилоҳот имконнопазир аст, ки бешубҳа дар рушди қобилияти коммуникативии забонҳои хориҷӣ нақши муҳим мебозад.

Бо салоҳияти коммуникатсионии хориҷӣ мо на танҳо донистани сатҳи асосии забони хориҷӣ, қобилият ва малакаи истифодаи он, балки дониши донишҷӯёнро бо истилоҳоти касбӣ, ки салоҳияти забонӣ ҳамчун ҷузъи коммуникативӣ, инчунин дониш дар бораи ҷомеа ва қонунҳо дар бораи забонро, ки мустақиман ба оянда вобастаанд, дарк мекунем. касб, яъне. салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ. Ҳамин тавр, омӯзиши забони хориҷӣ ба ташаккули сатҳи касбӣ, маърифатӣ ва фарҳангии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Ҳангоми ташаккули мундариҷаи маҷмуи таълимӣ барои забонҳои хориҷӣ, муаллим дар асоси ихтисоси донишҷӯён мавзӯъҳои модулҳои барномаи таълимӣ, матнҳои матниро (аслан мутобиқ карда нашудааст ё қисман барои таълим мутобиқ карда шудааст), инчунин маводи аудио ва видео интихоб мекунад. Ба назар гирифтани муносибатҳои байниминтақавӣ барои муаллим як дараҷа муҳим аст, ки дар натиҷаи он малака ва қобилиятҳои курсантҳо ҳангоми рушди қобилияти коммуникатсионии забонҳои хориҷӣ ба ҳолатҳои шабеҳи фаъолияти касбӣ нигаронидашуда гузаронида мешаванд.

Донишҷӯён бояд қобилияти истифода бурдани дониш ва малакаҳои забоншиносӣ, гуфторӣ ва фарҳангии фарогирро дар ҳолатҳои мухталифи нутқ ва касбии истифодаи терминологияи касбӣ дар соҳаи муайяни дониш истифода баранд. Омӯзиш ва ҷамъбасти ин истилоҳ ҳавасмандии маърифатӣ ва амалии донишҷӯёнро барои омӯхтани забони хориҷӣ меафзояд.

Дар доираи таълими забони хориҷӣ, бо назардошти самти касбӣ ва ихтисоси донишҷӯён, луғати ҳадди аққали истилоҳиро барои онҳо лозим аст, ки барои кор бо матнҳои ихтисос заруранд, то бо фаҳмидан ва гирифтани иттилооти зарурӣ. Ин ҷо бояд ба чунин хусусияти истилоҳ ба мисли систематизм, ки системаи мафҳумҳои соҳаи ҳуқуқии донишро ифода мекунад, рӯ оварем. Донишҷӯён бояд зарурати таснифи мафҳумҳоро шарҳ диҳанд ва хусусиятҳои онҳоро таъкид кунанд. Ҳангоми ташаккул додани ҳадди аққали истилоҳӣ барои донишҷӯён, омӯзиши истилоҳҳоро мутобиқи иртиботи онҳо ба гурӯҳи мушаххаси семантикӣ зарур аст. Ҳамин тавр, дар асоси мавзӯҳои омӯхташуда, мо силсилаи семантикии зеринро ҷудо карда метавонем: намудҳои ҷиноятҳо, номи ҷинояткорон, намудҳои ҷазоҳо, истилоҳҳое, ки амалҳои мурофиавӣ, иштирокчиёни мурофиа ва ғ. Донишҷӯёнро барои мустақилона тақсим кардани рӯйхати истилоҳҳо ба гурӯҳҳо (синфҳо) ва муайян кардани ин силсилаи семантикӣ даъват кардан мумкин аст.

Дар заминаи омӯзиши маърифатӣ, ки яке аз технологияҳои муассири педагогӣ эътироф шудааст, қобилияти зеҳнии донишҷӯён пеш аз ҳама бояд рушд ёбад. Донишҷӯён бояд мустақилона дониши нав гиранд, онҳоро бо системаи мавҷуда ҳамгиро кунанд ва онҳоро дар ҳолатҳои нави касбӣ татбиқ кунанд.

Дар ибтидо, таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои забоншиносӣ ба омӯзиши хондани матнҳои махсус нигаронида шудааст. Ба таври анъанавӣ ба тарҷума - нутқи мураккаби фаъолияти забоншиносии инсон, омӯзиши хусусиятҳои услуби илмӣ ва таълими истилоҳот, ки зери ягон матни илмӣ ва махсус қарор доранд, диққати махсус дода мешавад.

Аз ин рӯ, диққати камтар бояд дод (ба рушди маҳорати суханронии муоширати касбӣ. Донишҷӯён бояд луғати кофиро азхуд кунанд ва онро дар марҳилаи дарк кардани 0 ва таҳия кардани матни худ истифода баранд. Усули коммуникатсионӣ барои мақсадҳои таълими муошират бо забони хориҷӣ беҳтар аст. Дар асоси видеоҳо, матнҳо ё вазъиятҳои омӯзишӣ,

омӯзгор дар ҳолати душворӣ ҳамчун нозир дар кори донишҷӯён амал мекунад ва вазифаи вай фароҳам овардани шароити мусоид барои муоширати донишҷӯён баҳри ноил шудан ба ҳадафҳо мебошад.Муаллим бояд вазъиятҳои коммуникативии таълимиро дар доираи касбӣ эҷод кунад. фаъолияти донишҷӯён ва ҳавасманд кардани донишҷӯён ба муоширати шифоҳӣ.

«Забони хориҷӣ чун фанни таълимӣ барои васеъ гардонидани донишу ҷаҳонбинии хонандагон кумаки хубе мерасонад. Дар ҷараёни омӯзиши забонҳои хориҷӣ толибилмон бо нозукиҳои забони омӯхташаванда аз наздик ошно гашта, махсусиятгҳои ин забонро омӯхта, монандиву тафовути забони хориҷӣ ва забони модариашонро ба хубӣ дарк мекунанд», омадааст дар барнома доир ба забонҳои хориҷӣ барои мактабҳои миёна.

Дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ барои мутахассисони оянда ҳангоми азхукунии сохтори забон (фонетика, грамматика), лексика (луғат) нақши муҳим мебозад. Гузашта аз ин, ғанигардонӣ ва густариши мунтазами фонди луғавии донишҷӯён яке аз муҳимтарин вазифаҳои таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ ба шумор мешавад. Масъалаи таълими лексикаи (луғати) забони хориҷӣ аз ҷониби бисёр муҳаққиқони сатҳи ҷаҳонӣ аз қабили Н.В. Баграмова, Б.В. Беляев, В.А. Бухбиндер, В.Н. Вагнер, Н.И. Гез, Ю.В. Гнаткевич, П.Б. Бурвич, П. Национ, Р. Оксфорд, Е.И. Пассов, И.В. Раҳманов, С. Торнбери Ч.Ф. Шатилов, С. Зиммерман ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар самти таҳқиқи лексика, истилоҳоти соҳаҳои гуногун олимони тоҷик Ҳоҷиматова Г.М., Т.В.Гусейнова, И.Х.Каримова, М. Лутфуллоев, С.Э. Негматов, Ф. Шарифзода, С. Шербоев, У.Р. Юлдошев ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд. Дар солҳои охир таваҷҷӯҳ ба ин масъала афзудааст, ки инро пайдоиши таҳқиқоти нав (Л.А. Милованова, А.Н. Шамов ва ғ.) тасдиқ мекунанд. Бовуҷуди ин ҳама, пешрафти илм, технологияҳои инноватсионӣ ва талаботҳои нав нисбат ба мутахассисони оянда сари масъалаи мазкур мебояд корҳои зиёдеро анҷом дод.

Таҳлилҳои вазъи кунунии таълими забонҳои хориҷӣ нишон медиҳанд, ки танҳо аз худ кардани маҷмуи луғатҳо ба донишҷӯён имкон намедиҳад, ки салоҳияти зарурии коммуникативии забонҳои хориҷиашонро пурра ташаккул диҳанд. Яке аз сабабҳои асосии суст будани азхудкунии лексика ва ғанигардонии фонди луғавии донишҷӯён аз забони хориҷӣ, ба назари мо, коркарди нокифояи баъзе масъалаҳои методикаи таълими забони хориҷӣ мебошад. Яке аз масъалаҳои мубрами методикаи таълим рушди малакаҳои лексикӣ ва таҳияи системаи машқҳо вобаста ба омӯзиши лексика ба шумор меравад.

Бидуни донистани грамматика муошират кардан душвор аст, аммо бидуни донистани калимаю ибораҳои зарурӣ муошират кардан ғайриимкон аст, мо наметавонем ибораҳои ибтидоиро ифода кунед ва фаҳмем. Муваффақияти омӯзиш аз ҳаҷми фонди луғавӣ вобастагӣ дорад: ҳар қадар ки донишҷӯ калимаҳои зиёдро донад, ҳамон қадар андешаҳои худро дақиқ ва возеҳ баён карда, ба муваффақиятҳои касбӣ ноил мегардад [9, с. 74].

Ҳамин тариқ, метавон ба хелосае омад, ки масъала ва мушкилоти ташаккули салоҳияти ба лексикаи касбӣ нигаронидашуда пурра ҳал нашудаанд. Дар робита ба ин, фазои таҳсилот ба таври возеҳ муайян мекунад, ки методикаи ташаккули салоҳияти ба лексикаи касбии донишҷӯён нигаронидашуда такмил мехоҳад. Олимону муҳаққиқони самти методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар ҷустуҷӯи воситаҳо, методҳо ва равишҳои наву муассир, барои ҳалли он мушкилоте, ки ҷомеа муайян кардааст, кӯшишҳои зиёдро ба харҷ медиҳанд. Аҳамияти тадқиқот дар ин самт инчунин бо он шарҳ дода мешавад, ки ҳалли дигар масъалаҳои мубрами таълими забони хориҷӣ мустақиман аз муваффақияти ташаккули малака ва маҳорати лексикӣ вобаста аст.

Барои касе пӯшида нест, ки донишҷӯён бо сатҳи дониши забонии гуногун ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дохил мешаванд. Бовуҷуди ин гуногунсатҳӣ омӯзгорро

зарур аст, ки дар баробари луғатҳои умумӣ истифодашаванда, ҳадди ақали лексикаи истилоҳоти касбии донишҷӯёнро муайян намуда, барои азхудкунӣ ба онҳо пешниҳод созад. Илова бар ин, қобилияти донишҷӯён, вақти барои омӯзиш ҷудошуда ва ҳавасмандгардонии донишҷӯёро ба омӯзиши забони хориҷӣ набояд фаромӯш сохт. Агар маводи таълимӣ, аз ҷумла калимаю ибораҳои нав ва истилоҳоти касбӣ барои донишҷӯ ҷолиб бошад, пас ин кор муваффақияти ӯро дар азхудкунии малакаҳои нутқии забони хориҷӣ таъмин месозад.

Дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани омӯзиши забони хориҷӣ дар факултетҳои самти иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифаи ниҳоят муҳим буда, аз омӯзгор масъулияти калонро талаб менамояд. Дар як муддати кӯтоҳ ба донишҷӯён бо забони хориҷӣ на танҳо озод ҳарф задан, балки дар самти ихтисосашон, касби ояндаашон муошират кардан ва истифода карда тавонистани истилоҳоти соҳаи иқтисодро таълим додан кори осон нест. Барои ин мо бояд ба ин масъала эҷодкорона, бо истифода аз методҳои муосири таълими забонҳои хориҷӣ муносибат кунем. Сарфи назар аз он, ки имрӯз донистани забони хориҷӣ барои мутахассисони тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон ҳам нуфузи калон дорад ва ҳам талаботи зарурӣ ба ҳисоб меравад, таваҷҷӯҳи донишҷӯён ба омӯзиши он ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Вобаста ба мушкилоти мазкур омилҳои зиёде метавон пеш овард, ки яке аз онҳоро интихоб ва истифодаи методҳои муосири таълим ҳисобидан мумкин аст. Ҳангоми таълими забонҳои хориҷӣ интихоби маводи таълимӣ, истифодаи методҳои муосир ва воситаҳои таълимӣ нақши муҳим мебозанд. Натиҷаи омӯзиш аз он вобаста аст, ки дарс чӣ гуна ташкил карда мешавад ва чӣ гуна донишҷӯён дар дарсҳои забони хориҷӣ ҳавасмандию фаъолиятнокӣ зоҳир менамоянд.

Дар марҳилаи пешрафтаи омӯзиш, вақте ки донишҷӯён ба хондани адабиёти аслӣ аз рӯи ихтисоси худ мегузаранд, маводи аудиоӣ ва видеоиро гӯш мекунанд ё дар машғулиятҳо дар ягон фаъолияти таълимӣ иштирок мекунанд, пас ба луғат ва истилоҳоти касбӣ ниёз пайдо мешавад. Ҳангоми интихоби истилоҳот, саъй кардан лозим аст, ки лексика истилоҳҳои асосии соҳаи касбиро дар бар гирад. Дар мавриди таҳқиқи мо, истилоҳҳои иқтисодӣ, ки на танҳо дар соҳаи иқтисод, балки дар дигар соҳаҳо низ васеъ истифода мешаванд, бояд ба донишҷӯёни ин ихтисосҳо ба таври зарурӣ таълим дода шаванд. Васеъшавии пайвастаи фонди луғавӣ бо хондан ва иҷрои машқҳои фаровон асос меёбад, ки такрори луғатҳои навро таъмин мекунанд. Барои мақсадҳои методологӣ чаҳорчӯбаи муҳимтарин маводи лексикии забони хориҷиро, ки ба минимумҳои лексикӣ дохил карда шудааст ва аҳамияти коммуникативии омӯзиши ҳамаи донишҷӯёнро муайян мекунад, зарур аст. Ҳадди ақали лексикӣ, ба монанди ҳама гуна ҳадди ақали забонӣ, бояд як падидаи системавӣ бошад, ки дар он саъю кӯшиши ҳадди аксар тамаркуз карда шавад ва ҳарчи бештар машқҳо иҷро карда шаванд.

Шумораи тадқиқотҳои методӣ, ки ба интихоби воҳидҳои лексикии таълими забонҳои хориҷӣ ва муайян кардани меъёрҳои интихоб бахшида шудаанд, хеле зиёданд. Ба таври муфассал дар ин самт И.В. Раҳмонов, И.М. Берман, В.А. Бухбиндер, Б.А. Лапидус, А.А. Миролюбов ва дигарон тадқиқотҳои зиёд гузаронидаанд.

Имрӯзҳо технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳамчун яке аз воситаҳои пурқудрати таълимӣ, назорат ва идоракунии раванди таълим ҳисобида мешаванд. Захираҳои интернетӣ воситаи шиносоӣ бо фарҳанги дигар кишварҳо ва халқиятҳо, муошират, гирифтани маълумот, пайгирии ахбори иқтисодӣ ва сиёсии ҷаҳон ба шумор меравад.

Дурнамои истифодаи технологияҳои интернетӣ имрӯз хеле васеъ аст. Ин метавонад:

- мукотиба бо сокинони кишварҳои англисзабон тавассути почтаи электронӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои таълимӣ;

- иштирок дар конфронсҳои байналмилалии интернетӣ, семинару вебинарҳо ва дигар лоиҳаҳои шабакавии ба ин монанд;
- эҷодкорӣ ва ҷойгиркунии маводҳои таълимӣ, натиҷаи иҷрои супоришҳо дар сомонаҳои таълимӣ, пешниҳоди презентатсияҳо, ки метавонанд фаъолияти якҷоя бо муаллим ва донишҷӯ бошад.

Илова бар ин, мубодилаи афкор, мубодилаи таҷрибаҳо ва маводҳои таълимӣ байни омӯзгорону донишҷӯёни кишварҳои гуногун имконпазир аст.

Вазифаҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ аз инҳо иборатанд:

- фароҳам овардани шароит барои рушди эҷодӣ ва малакаҳои нутқӣ бо забони англисӣ;
- ҳамгироии шаклҳо ва стратегияҳои гуногуни таълимӣ, ки ба рушди фаъолияти мустақили маърифатӣ дар ҷараёни кори инфиродӣ ва гурӯҳии донишҷӯён нигаронида шудаанд;
- баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва таъмини ҳавасмандкунӣ дар раванди таълим.

Ҳамин тариқ, бояд қайд кард, ки технологияҳои инноватсионӣ раванди таълими забони хориҷиро дар донишгоҳ хеле ғанӣ мегардонанд. Ҷараёни якранги раванди таълим бо ҷустуҷӯи эҷодии зеҳнӣ иваз карда мешавад, ки дар ҷараёни он як шахсияти ҳамаҷониба ташаккулёфта тарбия меёбад. Фаъолнокӣ ва мақсаднокии раванди таълим, ки ба худомӯзӣ ва рушди доимӣ нигаронида шудааст, ки ҳадафи ниҳоии модели омӯзиши фаъол мебошад.

Курси "Забони хориҷӣ"-ро, ки дар факултаҳои иқтисодӣ таълим дода мешавад, бо назардошти ҷузъиётҳои зерин таҳия кардан лозим аст:

- талаботи иҷтимоӣ дар дохили кишвар ва ҷаҳон;
- барномаи таълимӣ ва барномаҳои кории омӯзгор;
- хусусиятҳои инфиродии донишҷӯён;
- сатҳи омодагӣ, хусусиятҳои рушди рӯҳию равонии донишҷӯён.

Пас аз хатми омӯзиши курси "Забони хориҷӣ" донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ бояд дорои донишу малака ва маҳоратҳои зерин гардад:

- бо забони хориҷӣ андешаҳои худро озод баён карда, бо дигарон дар мавзӯъҳои гуногун, аз ҷумла соҳаи тахассусӣ мубоҳисаҳо анҷом диҳанд;
- дар бораи психологияи муоширати корӣ тасаввурот дошта, дар гуфтушунидҳои корӣ ин донишҳоро истифода барад;
- малакаҳои гузаронидани мукотибаи корӣ ва хусусиятҳои тарҷумаи ҳуҷҷатҳои иқтисодӣ ба забони хориҷӣ;
- истилоҳот, мафҳумҳо ва категорияҳои махсуси иқтисодиро донанд ва истифода баранд, дар бораи мушкилоти асосии иқтисод бо забони хориҷӣ мулоҳиза карда тавонанд.

Мувофиқи тарзу усул ва методҳои овардашуда донишҷӯён мебояд бо салоҳиятҳои лингвистӣ-коммуникатсионӣ, лингвистӣ-фарҳангӣ, салоҳиятҳои касбӣ мусаллаҳ карда шуда, маҳорати истифодаи истилоҳоти касбии донишҷӯён рушд дода шавад.

Бе донистани асосҳои назариявӣ омӯзиши забони хориҷӣ ғайриимкон аст. Дарки пайдоиши он, донистани фонетика, грамматика, синтаксис, лексикология, илова бар ин, донистани фарҳанг, анъанаҳо, таърихи мардуми англисзабон, сохтори давлат ва бисёр чизҳои дигар ба донишҷӯ як тасвири комилро инъикос намуда, чанд салоҳияти онҳоро рушд медиҳад.

Хонанда метавонад худаш дар ин ё он маҳфил иштирок кунад. Муаллим бояд иштироки хонандаро дар корҳои беруназсинфӣ фаъол созад;

Фарқияти дуюм реҷа (регламент) мебошад.

Ҳамин тавр, мо бояд баҳри беҳтар шудани раванди забономӯзии хонандагон тавассути корҳои беруназсинфӣ, рушд бахшидани фаъолияти созмонҳои талабагӣ ва ташкили амалҳои дидактигӣ кӯшиши бештар намоем. Тавре ки мегӯянд: «Live and learn», яъне:

Аз гаҳвора то ба гур дониш биҷӯ!

**Адабиёт:**


1. Азимов Э. Г., Щукин А. Н., Новый словарь методических терминов и понятий (теория и практика обучения языкам). – М.: Издательство ИКАР, 2009. – 448 с.
2. Алексеева Л.М. Проблемы термина и терминообразования: учебное пособие по спецкурсу. – Пермь: Пермский университет, 1998. – 120 с.
3. Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014
4. Гринев-Гриневич С.В. Терминоведение: учебное пособие. М.: Академия, 2008. – 304 с.
5. Назаров, Р. С. Использование средств информационнокоммуникационных технологий в обучении иностранным языкам / Р. С. Назаров, Х. А. Эвазов, Ф. Нурулло // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2010. – № 2. – С. 16-22. – EDN: XIDKYV.


## THE ROLE OF SOCIOLINGUISTICS IN UNDERSTANDING LANGUAGE AND SOCIETY

**Shamirova S.Sh.**
**Technological University of Tajikistan**

Sociolinguistics is an interdisciplinary field that explores the relationship between language and social factors. It investigates how social identity, culture and societal structures influence the way people use language. This article explores key sociolinguistic concepts and how they shape our understanding of communication in social diverse social contexts. Sociolinguistics is the study of how language interacts with society, considering factors such as social class, ethnicity, gender, and the context in which language is used.

Importance of Sociolinguistics: This branch of linguistics offers valuable insights into the dynamics of social interaction, power relations, identity, and cultural practices through language.

Purpose of the Article: This article aims to explore how sociolinguistic factors shape language use and how language, in turn, influences social structures and relationships.

Language and Social Identity

One of the core principles of sociolinguistics is that language is an integral part of social identity. Peoples language choices –accent, dialect, vocabulary and syntax-reflect their social backgrounds, including ethnicity, gender and class. Sociolinguistics examine how individuals use language to align themselves with particular social groups, or to distance themselves from others. The concept of code switching- shifting between languages or dialects depending on social context –is a prime example of how language and identity are intertwined.

Language Variation and Social Class

Sociolinguistics also looks at language variation, which refers to the differences in language use among different social groups. These variation can be seen across regional dialects , sociolects and even registers. For example, the way the people speak in urban versus rural areas or how working class uses language differently from the upper class, reveals much about social stratification. This leads to the study of sociolinguistic markers, which are features of speech that indicate social class, education or social prestige.

Language, Gender and Power

Another significant area within sociolinguistics is the study of language and gender. Research has shown that men and women tend to use language differently, with women often being more polite and men more direct. However, gendered language is not fixed, it can be influenced by social norms and expectations. Furthermore, the way language is used can reinforce or challenge power structures, with men often having more linguistic authority in practical societies.

Language in Multicultural Societies

In multilingual and multicultural societies, sociolinguistics plays a crucial role in understanding how different language communities coexist. Issues like language policy, language rights and linguistic diversity become important in such context. For instance, how do minority language survive in countries where a dominant language is spoken? And how does language shape perceptions of social inclusion or exclusion?

Language and Social Change

Language is not static ,it involves alongside social, cultural and political shifts. Social change can be reflected in language in various ways- through the emergence of new words, shift in meaning, changes in pronunciations and alterations in grammar. On the flip side, language can also be catalyst for social changes by challenging existing norms and creating new ways for people to express identity, solidarity or resistance.

One example of this is gendered language. Terms like «They» as a singular pronoun or a whispered adoption of gender-neutral job titles (e.g., ”firefighter” instead of “fireman”), reflect broader societal changes toward gender exclusivity. Similarly, the rise of language activism around terms like “Latinx” instead of “Latino/Latina” changes traditional gender binaries in Spanish speaking communities.

Social media has also a pivotal role in language in language change, particularly in how youth culture impact language. The use of hashtags, emojis and viral slang terms

Sociolinguistics is also concerned with how language reflects and drives social change. The evolution of language is influenced by shifting social attitudes, technology and globalization. New slang terms, Internet language and social media communication are prime examples of how language adapts to new social realities.

Sociolinguistic offers valuable insights in to the dynamic relationship between language and society. By examining how language reflects social identities, structure and power dynamics, sociolinguistics helps us understand the complexities of communication in divers, evolving societies. It also underscores the importance of for both social cohesion and social change.

**Key Concepts in Sociolinguistics**

1. Variation in Language: This refers to how language differs based on social factors, including regional dialects, socio-economic status, ethnicity, and education level.

• Dialects and Accents: The ways in which people speak differently in different geographical locations, reflecting historical, social, and cultural divisions.

• Code-Switching: The practice of shifting between languages or dialects depending on the social context or conversational partner.

• Language Registers: Variations in language use based on the formality or informality of a situation (e.g., academic language, colloquial speech).

2. Language and Identity: Language plays a significant role in the construction of personal and group identities. It can signal ethnic, gender, or social class identity.

• Ethno linguistic Identity: The relationship between language and ethnicity, and how language can reflect a person's cultural heritage.

• Gender and Language: Examining how language reflects and perpetuates gender roles and stereotypes.

3. Power and Language: Language can be used as a tool of power and control in various social settings, such as political discourse, media, and education.

• Language and Social Stratification: The way language can indicate social class differences, with certain forms of speech associated with higher or lower status.

• Language in Politics: How language is used in political discourse to persuade, manipulate, and control public opinion. Sociolinguistic Studies and Real-World Examples

• Labov's Study of Social Stratification in New York City: William Labov's famous research on language variation in New York City demonstrates how speech patterns vary according to social class, with higher classes using more prestigious speech forms.

• The Linguistic Landscape: The use of language in public signage, advertisements, and other written forms in public spaces can reveal much about a society's linguistic diversity and social values.

• The Role of Media in Shaping Language: Media, including television, films, and social media, not only reflects but also shapes the way people use language. The portrayal of certain accents, dialects, and language forms can influence public perceptions of social groups. Language Policies and Sociolinguistics

• Multilingualism and Language Policy: Many societies are multilingual, and sociolinguistics studies how language policies shape educational systems, national identity, and cultural integration.

• Official Languages: The debate over the selection of official languages in multilingual countries, and how such decisions affect social cohesion and equality.

**Conclusion**

• Summary of Key Points: Sociolinguistics helps us understand the complex relationship between language and society, revealing how language reflects social structures, identities, and power dynamics.

• Future Directions: As societies continue to evolve, sociolinguistics will remain a crucial tool for examining language's role in shaping human interactions, cultural exchanges, and social progress.

• The Ongoing Relevance of Sociolinguistics: The study of sociolinguistics remains vital in a world where issues of inequality, globalization, and identity are increasingly important.

**Additional Resources**

• Key sociolinguistic studies (e.g., Labov's research, Trudgill's work on dialects)

• Recommended readings: Language in Society by sociolinguists such as Edward Sapir, William Labov, and Deborah Tannen.

Ба матбаа 22.04.2025 супорида шуд. Чопаш 15.04.2025 ба имзо расид.

Андозаи 62x84 1/16. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ.
Ҳуруфи Times New Roman Tj. Адади нашр 100 нусха.